ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

ТДУ:*330+338(575,3)*
ТБК:*65.01+65.5(2Т)*
О-*42*

Бо ҳуқуқи дастнавис

ОДИНАЗОДА КОМРОН САИДАБРОР

ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР АЛОҚАМАНДӢ БО РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))

Мушовири илмӣ:
д.и.и., дотсент Асрорзода У.С.

Душанбе – 2025

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ.....4

МУҚАДДИМА…….....5

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР.....18

1.1. Консепсияҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва танзими давлатии он дар шароити муосир.....18

1.2. Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи самаранокии танзими бозори меҳнат дар алоқамандии равандҳои муҳоҷират…….....52

1.3. Асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.....73

БОБИ 2. МОНИТОРИНГИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....91

2.1. Таҳлили вазъи муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати танзими он дар шароити муосир…….....91

2.2. Муаммоҳои асосии рушд наёфтани бозори меҳнат 121

2.3. Таҷрибаи хориҷии танзими давлатии бозори меҳнат ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……..…….....144

БОБИ 3. АЛОҚАМАНДИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....179

3.1. Такмили консепсияҳои назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои он.....179

3.2. Омилҳои асосии коҳишёбии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон….....219

3.3. Механизми таъсири давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон.....251

БОБИ 4. ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУҲОҶИРАТ, ҶАҲОНИШАВӢ ВА РАҚАМИКУНОНӢ.....277

4.1. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими муҳоҷират ва бозори меҳнат дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон.....277
4.2. Нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират.....285
4.3. Истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо 293
БОБИ 5. САМТҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ КОҲИШЁБИИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ.....303
5.1. Модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон….....303
5.2. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ…….....332
5.3. Роҳҳои асосии такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..…….....339
ХУЛОСА…….…….....360
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.....368
РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.……..…….....374

Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

- КОА НП ҶТ– Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;
- ИА – Иттиҳоди Аврупо;
- ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;
- СБМ – Созмони Байналмилалии Меҳнат;
- ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;
- СММ – Созмони Милали Муттаҳид;
- ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ;
- ХБА – Хазинаи Байналмилалии Асъор;
- ФР – Федератсияи Россия;
- ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- НТҶ – Ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ;
- ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ;
- СМХ – Сармоягузори мустақими хориҷӣ;
- АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ФҶИ – Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ;
- МОИ – Минтақаи озоди иқтисодӣ;

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Гузариш аз низоми нақшавии танзимкунӣ ба бозорӣ ба тағйироти куллӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатии бо равандҳои муҳоҷират алоқамандбуда ва ташаккулёбии низоми нави идоракунии ин равандҳо оварда.

Вобаста ба ин, зарурияти таҳқиқи равишҳои асосии назариявӣ оид ба амалнамоии бозори меҳнат ва муҳоҷират, мафҳуми категориявии он аз нуқтаи назари илмии нав ва таҳдидҳои гуногуни муосири бекорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқаманд мебошад. Гузашта аз ин, таъмини шуғли пурмаҳсул яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Танзими бозори меҳнат як унсури калидии сиёсати иқтисодии давлатӣ ба шумор меравад, ки дорои хусусияти мураккаб ва бисёрсамта мебошад. Он на танҳо танзими масоили марбут ба шуғли аҳолиро дар бар мегирад, балки бо равандҳои дигари иқтисодӣ, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, зич алоқаманд аст. Дар ин замина, ташаккули низоми муассири танзими бозори меҳнат тақозо мекунад, ки механизми мукаммали идоракунии давлатӣ бо дарназардошти қонуниятҳои иқтисодӣ ва истифодаи абзорҳои мухталифи институтсионалӣ, танзимгарӣ ва барномавӣ амалӣ гардад. Истифодаи самараноки чунин механизм имкон медиҳад, ки сатҳи шуғли аҳолӣ ба таври устувор беҳтар гардида, дар қабули қарорҳои стратегӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои таъмини суботи бозори меҳнат ва коҳиши бекорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Тадбирҳои мазкур на танҳо ба коҳиш додани бекорӣ ва таъмини шуғли устувор, балки ба эҷоди фазои мусоиди иқтисодӣ, ки рушди устувори ҷомеаро таъмин менамояд, равона шудаанд.

Вобаста ба муҳимияти масъалаи шуғли аҳолӣ, бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои хеш ва паёмҳои ҳамасолаи худ ба маҷлиси олӣ фикру андешаҳои

хешро баён намудаанд. Аз ҷумла, дар паёми солонаашон соли 2021 Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки "... Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад" [3]. Инчунин, дар Паёми навбатиашон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 - юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси олӣ, қайд намуданд, ки "... Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст" [4].

Аз нигоҳи назариявӣ, муайяннамоии нақши давлат дар иқтисод ва тарзи дахолати он ба равандҳои иқтисодӣ метавонад бар пояи асосҳои гуногун ва мактабҳои мухталифи иқтисодӣ ташаккул ёбад. Назарияҳои гуногун сатҳи иштироки давлатро дар танзими иқтисодиёт бо роҳу усулҳои мухталиф муайян мекунанд, ки аз дахолати ҳадди ақал то идоракунии фаъолона ва сиёсати иқтисодии ҳадафмандро дар бар мегирад. Аз як тараф, шахсони тарафдори ин равишҳо бар онанд, ки дахолати давлат барои таъмини мувозинат ва тартиботи бозори озод, ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва пешгирии тағйироти манфӣ дар натиҷаи фаъолияти бемаҳдуди бахши хусусӣ зарур аст. Аз ҷониби дигар, мунақидони ин назария бар онанд, ки дахолати давлат ба иқтисод метавонад самаранокии бозорро коҳиш дода, рушди табиии онро маҳдуд созад. Ба назари онҳо, механизмҳои бозорӣ худ метавонанд мувозинати заруриро таъмин намуда, боиси самаранокии бештар ва тақсими оқилонаи захираҳо гарданд.

Ҳар як аз ин гурӯҳҳо бо асосҳо ва мантиқҳои муфассал ба дурустии мавқеи худ исбот мекунанд, ки натиҷаҳои гуногун дар миқёси давлат ва иқтисод нишон медиҳанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи назарияи классикӣ ва кейнсионӣ ва баъдан неоклассикӣ, неокенсианӣ, институтсионалӣ ва монетарӣ меравад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявии татбиқи намудҳои гуногуни сиёсати давлатӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро маҳз тавассути таҳлили амиқи ин заминаҳо имкон фароҳам меояд, ки самтҳо ва механизмҳои муассири танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда шаванд. Маҳз,

ин зарурат ва мубрамияти масъала ба интихоби мавзӯи диссертатсионӣ замина гузошт ва зарурати омӯзиши илмии он ба таври амиқ ва мукаммалро муайян намуд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Нақши назаррасро дар ташаккулёбии асосҳои назарияи танзими давлатии бозори меҳнат классикони иқтисод ба монанди: А. Смит, Д. Рикардо, Ж. Б. Сэй, К. Маркс, У. Петти, неоклассикон: А. Лаффер, А. Маршалл, А. Риз, А. Люис, А. Пигу, Валрас, Ҷ. Б. Кларк, М. Фелдштейн, Р. Холл, ва ғайра., кейнсианиҳо: – Ҷ. М. Кейнс, П. Самуэлсон, Х. Ламперт, институтсионалистон: Ҷ. Гэлбрейт, Ҷ. Данлоп, Ҷ. Коммонс, Т. Веблен гузоштаанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки таҳқиқотҳои А. Бобоев, А. В. Котов, А. Г. Хоҷибоев, А. Қ. Комилов, А. П. Рикова, В. М. Ибрагимов, Г. Г. Коробова, Г. Н. Зокиров, Д. С. Амонова, З. Султонов, З. А. Раҳимов, И. Лалбеков, И. В. Ларионова, И. С. Шамсов, И. Х. Давлатов, Л. Г. Ефимова, М.К. Кабутов, М. Ш. Маҳмадбеков, Н. Ашуров, Н. Б. Глушкова, Н. К. Қаюмов, О.И. Лаврушина, П. Ш. Ҳакимов, Р. Улмасов, Р. К. Раҳимов, Р. Т. Ризоқулов, С.Ҷ. Комилов, С. И. Исломов, Т. Ҷ. Усманова, Ф. С. Исломов, Х. У. Умаров, Д.Б. Қодирзода, Т. Б. Ғаниев ва дигарон ба ташаккулёбии бозори меҳнат дар шароити иқтисоди гузариш бахшида шудаанд.

Як қатор ҷанбаҳои раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба монанди: Бобоҷонов Р. М., Бобоев К. Б., Ванкевич Е. В., Искандаров О. А., Искандаров Х. Х., Калинина И. А., Калтаева С. А., Киршин И. А., Масленников В. В., Маҳмадбеков М. Ш., Олимов М. А., Пулатов П. А., Саъдуллозода Н., Султонов З. С., Усманова Т.Ҷ., Улмасов Р., Умаров Ҳ., Шеров Ш. С. ва дигарон дарҷ гардидаст.

Новобаста ба таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳо як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубрами он вобаста ба мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити шиддатгирии раванди муҳоҷират ва бо баҳодиҳии таъсири он ба некуаҳволии аҳолӣ ва баробарнамоии таносуби арза ва тақозо ба қувваи корӣ дар шароити муҳоҷирати меҳнатии озод то андозаи

пурра омӯхта нашудаанд. Асосноккунии назариявӣ, равишҳои методологӣ ва коркарди механизми мутобиқсозии фишангҳои давлатӣ ва бозории танзими бозори меҳнат дар шароити ҷой доштани муҳоҷират аз назари олимон каме дур мондаанд.

Зарурати ҳалли масъалаҳои боло зикршуда дар марҳилаи муосири рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи муҳоҷирати оммавии аҳолӣ бозбинии танзими бозори меҳнат ва муҳоҷиратро дар шароити либерализатсияи иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани сифати қувваи корӣ тақозо менамояд. Ҳамин тавр, аҳамияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои болозикршуда, инчунин зарурати ҷӯстҷӯи роҳҳои мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат ба интихоби мавзуи диссертатсия ва мақсаду вазифаҳои он сабаб гардид.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи барномаҳои пешгӯии давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 коркард шудааст. Ҳамзамон, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 алоқаманд мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории ДБССТ барои солҳои 2021-2025 алоқаманд мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти мазкур асосноккунии равишҳои консептуалӣ оид ба ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити мушкилгардии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Ин ҳадаф бо таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими бозори меҳнат ва мутобиқ намудани он ба талаботи муҳити иҷтимоию иқтисодии кишвар пайваст мебошад. Дар доираи ин мақсад, тадқиқот ба таҳлили омилҳои муассир,

ташаккули роҳҳои мутобиқшавӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои мукаммалсозии сиёсати меҳнат нигаронида шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади мазкур вазифаҳои мазкур гузошта, ҳал карда шудаанд:

- таҳқиқ намудани асосҳои назариявии ташаккулёбии низоми танзими бозори меҳнат дар асоси таҳаввулоти муқаррароти консептуалӣ;
- омӯзиши таҷрибаи хориҷии танзими давлатии бозори меҳнат ва муҳоҷират ва коркарди равишҳои методологии истифодаи он дар ҷумҳурӣ дар шароити равандҳои мавҷудаи муҳоҷирати қувваи корӣ;
- арзёбии вазъи муосир ва асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба равандҳои муҳоҷират;
- муайян намудани омилҳои ташаккулёбии тақозо ва арза дар шароити зиёд будани қувваи корӣ;
- муайян намудани самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси расмикунонии бозори ғайрирасмии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ошкор намудани тамоюлҳои муосири муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ва мушкилоти самтгирии он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили таъсири ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ ба раванди танзими давлатии бозори меҳнат ва истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ;
- пешниҳод намудани роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешниҳод намудани амсиали ягонаи таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба мукаммалгардонии механизми бозорӣ ва танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот. Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дар раванди мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат ба вуҷудоянда мебошад.

Фарзияи таҳқиқот дар чунин пешниҳод зоҳир мегардад, ки мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат ба идоракунии самараноки раванди муҳоҷират мусоидат менамояд, ки барои таъмини мувозинати байни арза ва тақозо дар бозори меҳнат мусоидат намуда, ба камшавии сатҳи бекорӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ шароит фароҳам меорад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳқиқоти илмии классикони илми иқтисодӣ ва намояндагони муосири он, таҳлили амиқи онҳо оид ба масъалаи ташаккулёбӣ, рушд ва мукаммалгардонии идоракунии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират ташкил додаанд. Дар рафти таҳқиқот асарҳои иқтисодшиносони ватанӣ оид ба танзими бозори меҳнат, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва семинарҳо, Интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда кор усулҳои зерини таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳаввулотӣ ва институтсионалӣ, усулҳои таҳлили таърихӣ ва мантиқӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, усулҳои таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ-оморӣ, усули системавӣ ва амсоли он истифода шудаанд. Истифодаи ин усулҳо имкон дод, ки мавқеи муносибатҳои меҳнатӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори меҳнат, дар бозори миллӣ, инчунин муайян намудани тамоюл, хусусиятҳои рушди он бо назардошти равандҳои муҳоҷират ва механизми танзими он муайян карда шавад.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқот санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агентиҳои шуғл ва амсоли он истифода шуданд. Дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилӣ ва ҷамъбастии таҳқиқоти хориҷию ватанӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти илмӣ дар пояи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020-2025 таҳия гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар таҳия ва такмили асосҳои консептуалии танзими бозори меҳнат ифода меёбад, ки бо дарназардошти таъсири афзоишёбандаи равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса пайдо мекунад. Дар доираи таҳқиқот, равишҳои нави илмӣ барои ташаккули низоми муассири танзими давлатии бозори меҳнат пешниҳод гардида, моделҳо ва меъёрҳои мутобиқсозӣ ба воқеияти иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳия шудаанд, ки метавонанд дар рушди минбаъдаи сиёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва коҳиш додани таъсири манфии муҳоҷират саҳми назаррас гузоранд. Таҳқиқот равишҳои нави илмӣ ва амалӣ барои танзими бозори меҳнатро пешниҳод менамояд, ки ҷавобгӯ ба шароит ва талаботи муосири иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ошкор менамоянд инҳо мебошанд:

1. Асосҳои назриявии танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси рушди консепсияҳои алоқамандии усулҳои давлатӣ ва бозории танзими он таҳқиқ шуда, мафҳуми нави сиёсати танзими давлатии бозори меҳнат ҳамчун маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бо истифодаи усулҳо ва воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ комуникатсионӣ алоқаманд буда, бо назардошти равандҳои муҳоҷират ба таъмини рушди муътадили бозори меҳнат,

баландбардории дараҷаи шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ равона шудааст, пешниҳод шудааст.

2. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатии бозори меҳнат амсилаи мувофиқати усулҳои бозорӣ ва давлатии бозори меҳнат бо назардошти равандҳои муҳоҷират пешниҳод карда шуд. Дар асоси коркарди равишҳои методӣ оид ба таҳқиқи бозори меҳнат, хусусиятҳои модели аврупоӣ, осиёӣ, амрикоӣ ва англо-саксионӣ ошкор карда шуд. Ҷанбаҳои алоҳидаи амалигардонии таҷрибаи институтсионалии давлатҳои баррасишаванда ба сифати тадбирҳои иловагӣ дар соҳаи шуғл ҷудо карда шудаанд, ки ба пастшавии шиддатнокӣ дар бозори меҳнат оварда мерасонанд.

3. Вазъи муосири бозори меҳнат ва тамоюлҳои асосии рушди он дар заминаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ асоснок гардида, омилҳои таъсиргузор ба рушди бозори меҳнат аз дидгоҳи равиши институтсионалӣ арзёбӣ шудаанд. Дар натиҷа, зиддиятҳое муайян гардиданд, ки раванди ташаккул ва густариши шуғли самаранокро халалдор менамоянд. Бо дарназардошти ин мушкилот, тадбирҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ барои такмил ва баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии шуғли аҳолӣ пешниҳод шудаанд, ки дар онҳо таҷрибаи муассири кишварҳои хориҷӣ низ ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин тадбирҳо метавонанд заминаи устувор барои таҳияи сиёсати босамари шуғл ва коҳиши сатҳи бекорӣ дар шароити муосири Тоҷикистон фароҳам оваранд.

4. Динамикаи ташаккулёбии арза ва тақозо дар бозори меҳнат дар шароити барзиёдии қувваи корӣ таҳлил карда шуда, сабабҳои фарқияти назаррас дар байни арза ва тақозои қувваи корӣ ошкор карда шуд ва зарурати ташкили шуғли фарогир дар асоси ҷорӣ намудани корхонаҳои нав дар истеҳсолот дар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар асоснок карда шуд.

5. Самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнат нисбат ба равандҳои расмикунонии бозори ғайрирасмии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии маҷмуи тадбирҳо дар соҳаи шуғл тавассути мукаммалгардонии сиёсати андозбандӣ, баландбардории сифати низоми маориф, инчунин ҷори намудани низоми дуалии таълим муайян карда шудааст.

Механизми танзими шуғли ғайрирасмӣ дар асоси равишҳои нарм ва сахт нисбат ба шуғли ғарирасмӣ пешниҳод гардидаанд.

6. Тамоюлҳои муосири раванди муҳоҷирати аҳолӣ ошкор кардашуда, самтҳои он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, механизми иқтисодии самаранокии равандҳои муҳоҷират дар асоси баландбардоштани такмили ихтисоси муҳоҷирон, баландбардории касбияти онҳо, модернизатсияи раванди таълим дар кишвар, баландбардории самаранокии фаъолияти агентиҳои давлтӣ, хадамоти шуғл ва муҳоҷират пешниҳод карда шуд.

7. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо асоснок гардидаанд.

8. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси баҳодиҳии иҷтимоӣ-иқтисодии оқибатҳои муҳоҷират, мақсаднок ҷойгирнамоии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, сиёсати танзими муҳоҷират, нақши он дар афзоиши некуаҳволии аҳолӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин таъмини музди кори арзанда муайян карда шуд.

9. Модели ягонаи таъмини вазъи мувозинат дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси коркарди механизми мутобиқати бозори меҳнат ва бозори таҳсилот дар раванди омодасозии қувваи корӣ ва рафъи номувозинатӣ дар бозори меҳнат, пешниҳод карда шуд, ки ба наздикшавии мувозинат байни арза ва тақозо дар бозори меҳнат мусоидат менамояд.

10. Тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба мукаммалгардонии механизми танзими давлатии бозори меҳнат дар самти вусъатбахшии таъминоти институтсионалии он, диверсификатсияи иқтисоди кишвар бо мақсади таъмини шуғли самаранок, беҳтарсозии муҳити корӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, мукаммалгардонии низоми ҳуқуқӣ, ташкил ва таъминоти иқтисодии низоми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст намудани шиддат дар бозори меҳнат пешниҳод карда шуд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– асосҳои назариявии танзими давлатии бозори меҳнат бо дарназардошти таҳаввулоти таърихӣ ва такомули консепсияҳои муосири ҳамгироии усулҳои давлатӣ ва бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар заминаи ин таҳлил таърифи муаллифии танзими давлатии бозори меҳнат ҳамчун низоми институтсионалӣ ва иқтисодии ҳамоҳангсози манфиатҳои ҷомеа, давлат ва бозор пешниҳод гардидааст;

– бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи танзими давлатии бозори меҳнат, модели мутобиқати он дар шароити равандҳои афзоишёбандаи муҳоҷират таҳия ва пешниҳод гардида, хусусиятҳои мутобиқсозии сиёсати меҳнат ба шароити миллӣ дар он инъикос ёфтаанд;

– вазъи муосири бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои таҳлили муосири иқтисодӣ ва арзёбии институтсионалӣ таҳқиқ шуда, мухолифат ва зиддиятҳое, ки ба ташаккул ва рушди шуғли самаранок ва устувор монеа эҷод мекунанд, ошкор гардида, замина барои пешниҳоди тадбирҳои ислоҳотӣ фароҳам оварда шудааст;

– динамикаи ташаккулёбии арза ва тақозо дар бозори меҳнат дар шароити барзиёдии қувваи корӣ таҳқиқ шуда, сабабҳои номувофиқати назаррас байни арза ва тақозои қувваи корӣ ошкор шуда, зарурияти шуғли фарогир асоснок карда шудааст;

– самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси расмигардонии бозори ғайирасмии меҳнат муқаррар карда шуда, механизми танзими шуғли ғайирасмӣ дар бозори меҳнат пешниҳод гардидааст;

– тамоюлҳои муосири муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ошкор карда шуда, хусусиятҳои самтивазкунии он муайян ва роҳҳои иқтисодии мукаммалгардонии самаранокии равандҳои муҳоҷират пешниҳод карда шудаанд;

– таъсири ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ ба раванди танзими давлатии бозори меҳнат ва истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ муайян карда шудааст;

– роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд;

– модели ягонаи таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ба коркарди роҳҳои мутобиқати бозори меҳнат ва бозори таҳсилот дар омодасозии қувваи корӣ асос ёфтааст;

– тавсияҳои илмию методӣ оид ба мукаммалгардонии танзими бозори меҳнат, назарияи шуғл, назарияи танзими муҳоҷират ва тараққиёти иқтисодӣ пешниҳод карда шуда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд мавзуи мубоҳисаи олимон ва таҳқиқгарон барои рушди минбаъдаи назарияи танзими давлатӣ ва бозории бозори меҳнат, назарияи шуғл, назарияи танзими муҳоҷират ва тараққиёти иқтисодиёт бошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар асосноккунии самтҳои афзалиятнок, вазифа ва тадбирҳо оид ба мукаммалгардонии усулҳои танзими давлатии бозори меҳнат ва ташкили шуғли фарогир саҳмгузор мебошанд.

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия метавонанд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар сатҳи агентӣ оид ба меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳо барои беҳтарсозии танзими раванди шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, афзоиши самаранокии бозори меҳнат бо назардошти коҳиши шуғли ғайрирасмӣ ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба равандҳои муҳоҷират, баланд бардоштани сифати қувваи корӣ, таъмини шароити мусоид барои шуғл ва муҳоҷират дар доираи ҳавасмандгардонии шуғли фарогир мавриди истифода қарор гиранд.

Маводи таҳқиқотро, инчунин метавон дар раванди таълим ва бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисон дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират, дар раванди таълим ҳангоми тадриси фанҳои «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёти шуғл», «Идоракунии кормандон» ва амсоли онҳо истифода бурд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ

(иқтисоди сиёсӣ)): 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; иқтисодиёти захираҳо (бозори сармоя, меҳнат ва молия); қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ-давлатӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи ташкили бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; ҳамбастагии некуаҳволии шахсӣ ва ҷамъиятӣ: 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи инкишофи иқтисодӣ: 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ, мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии илмии довталаб. Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснокшуда, аз ҷониби муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқи асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии бозори меҳнат анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, таҳқиқи мустақилонаи муаллиф дар бозори меҳнат гузаронидашуда, ба анҷом расидааст.

Бар замми ин, иштироки шахсии довталаб ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳо дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, сохторбандӣ, тафсир, таҳлил ва системакунонӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи маводи таҳқиқоти илмӣ дар мукаммалгардонии механизми танзими бозори меҳнат ва нашри 23 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 монография марбут ба проблемаи таҳқиқшаванда иборат мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввари Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, дар конференсияҳои байналмилалӣ (2015-2024) маърӯза карда шудаанд.

Муқаррароти ҷудогонаи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, дар фаъолияти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои ҷудогонаи он, Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шуданд ва тасдиқ гардиданд. (Санади татбиқ аз 26.09.2024с №3-1402). Инчунин, маводи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода шудаанд (Санади татбиқ аз 20. 08. 2024с. №02/45).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот зиёда аз 51 асари илмӣ, аз ҷумла 50 мақолаи илмиро ба табъ расонидааст, ки 23 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор шудаанд. Бар замми ин, муаллиф 3 монография оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда чоп кардааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор дар 418 саҳифа, 32 ҷадвал, 18 расм ва 8 диаграмма оварда шудааст. Рӯйхати адабиёт истифодагардида 350 номгӯйро дар бар мегирад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

1.1. Консепсияҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва танзими давлатии он дар шароити муосир

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ яке аз принсипҳои муҳим, ин таъмини аҳолии қобили меҳнат бо шуғл буда, айни ҳол, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти сатҳи баланди бекорӣ рӯ ба рӯ мебошад. Барои ҳалли масъалаи мазкур пеш аз ҳама самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатии мавҷудаи кишвар зарур арзёбӣ мегардад. Бояд қайд кард, ки масоили таъмини шуғли пурмаҳсул яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар мебошад. Бо ҳамин мақсад, имрӯзҳо дар сатҳи давлат як қатор ҳуҷҷатҳое қабул гардидаанд, ки бевосита инкишофи соҳаи мазкурро таъмин мекунад. Ба ғайр аз ин, масоили методологии таҳқиқи бозори меҳнат аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ сол то сол дар ҳоли инкишоф аст.

Бояд қайд намоем, ки бозори меҳанат барпокунандаи муносибатҳои меҳнатӣ байни корфармо ва коргар мебошад ва маҳз асоси даромади хоҷагии хонаводагӣ аз он сарчашма мегирад. Мафҳуми «бозори меҳнат», сохтор ва доираи фарогирии он яке аз мавзӯъҳои муҳими баҳси илмӣ дар илми иқтисод ба шумор меравад, ки дар он то ба имрӯз ақидаҳои гуногун ва равишҳои таҳлилӣ вуҷуд доранд. Олимони соҳаи иқтисод дар доираи мактабҳои назариявии мухталиф ба омӯзиши бозори меҳнат аз дидгоҳҳои гуногун рӯ оварда, кӯшиш намудаанд, ки асосҳои илмии ташаккул, фаъолияти самаранок ва танзими ҳуқуқии онро муайян намоянд. Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар ин самт, то ҳол масъалаҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ, хусусан ҷараёни бастани шартномаҳо байни корманд ва корфармо, хусусиятҳои ҳуқуқии он ва таъмини шароити одилонаи меҳнат, ҳамчун масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии ҳалталаб боқӣ мемонанд.

Дар ин замина, таъмини ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва уҳдадориҳои корфармоён нисбат ба кормандон, ки бояд ба принсипҳои адолат, баробарӣ ва самаранокии ҳуқуқӣ асос ёбанд, дар бисёре аз кишварҳо ба мавзӯи баррасии густардаи сиёсати иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Ин масъала дар шароити гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ, ки бо тағйироти куллӣ дар сохтор ва механизмҳои хоҷагидорӣ ҳамроҳ буд, аҳамияти дучанд касб намуд. Тағйирот дар муносибатҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла, дар муносибатҳои меҳнатӣ, на танҳо ба равандҳои иқтисодӣ, балки ба вазъи иҷтимоии ҷомеа низ таъсири амиқ расонида, як қатор мушкилоти нав ва зиддиятҳои қаблиро ошкор кардааст. Ҳамин тавр, омӯзиши амиқи назариявию методологии бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун як вазифаи муҳими илмӣ боқӣ мемонад.

Дар доираи ҳалли масъалаҳои танзими бозори меҳнат аз ҷониби давлат, зарурати омӯзиш ва таҳлили амиқи назарияҳои иқтисодӣ, ки ба категорияҳои шуғл, бекорӣ ва бозори меҳнат дахл доранд, барҷаста мегардад. Ин равиш на танҳо ба такмили фаҳмиши мавҷуда, балки ба таҳияи асосҳои илмии нав, ки ба шароити муосир мутобиқ карда шудаанд, мусоидат менамояд. Дар таҳияи назарияи омӯзиши категорияҳои номбурда мактабҳои иқтисодӣ саҳми гуногун гузоштаанд.

Дар иқтисодиёт як қатор истилоҳот ва фаҳмишҳоро оид ба бозори меҳнат вохӯрдан мумкин аст. Адам Смит, асосгузори мактаби иқтисоди сиёсии англис, дар асари бунёдии худ «Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» (1776) асосҳои назарияи иқтисодиро бо истифода аз механизмҳои бозорӣ ба низом даровард ва ба рушди илми иқтисод замина гузошт. Ӯ боварӣ дошт, ки «... меҳнат манбаи аслии сарват аст ва на танҳо кишоварзӣ, балки тамоми намудҳои меҳнат, ки дар истеҳсоли молу хизматрасониҳо иштирок мекунанд, нақши калидӣ мебозанд» [232]. Ба ақидаи ӯ, тақсими меҳнат ва ихтисоси он дар бахшҳои гуногуни истеҳсолот, омилҳои асосии рушди иқтисодӣ ба шумор мераванд. Смит таъкид намуд, ки бозори озод ва рақобати солим дар асоси «дасти ноаён» метавонанд истеҳсолотро самаранок идора намуда, шукуфоии

умумиро таъмин намоянд. Ӯ инчунин ҳамкории байни бахшҳои гуногуни иқтисодиро ҳамчун омили муҳим барои рушди устувори ҷомеа арзёбӣ кардааст.

Ба ақидаи А.Смит «дар шароити бозор ва рақобати озод дасти ноаён тавозунро дар ҷомеа таъмин мекунад, яъне агар талабот ва пешниҳод мувозинат дошта бошанд, пас шуғли пурра таъмин карда мешавад» [232**].** А. Смит бар ин назар аст, ки агар талабот ва пешниҳод дар бозор ба мувозинат расанд, дар натиҷа сатҳи баланди шуғл ба вуҷуд меояд ва тамоми захираҳои меҳнатӣ ба кор ҷалб мегарданд. Яъне, «дасти ноаён» воситаи табииест, ки ба воситаи он иқтисоди озод метавонад тавозун, самаранокӣ ва шуғли пуррaро таъмин намояд. Ба назари инҷониб, бозори меҳнат яке аз унсурҳои калидии иқтисоди ҷаҳонӣ ва иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Ин бозор маконе аст, ки дар он меҳнат ҳамчун яке аз муҳимтарин фишангҳои рушди иқтисодӣ ба хариду фурӯш гузошта мешавад.

Дар қатори дигар омилҳои иқтисодӣ, меҳнат шакли ягона дорад ва дар ин ҷабҳа нодиртарин унсур маҳсуб меёбад. « ... Олимони барҷаста, намояндагони мактаби классикони иқтисоди сиёсӣ, А. Смит чунин мешумориданд, ки моли дар бозор мавриди баррасӣ буда, ин меҳнат аст, ки нархи табиӣ ва бозории худро дорад» [232].

Дар асри XIX олими иқтисодшиноси немис Карл Маркс дар асари безаволи худ «Капитал» ба таври боварибахш нишон дод, ки «моли воқеӣ меҳнат нест, балки қувваи корӣ мебошад» [120]. Ин нуқтаи назари К. Маркс шаҳодати он аст, ки дар асри XIX иқтисодшиноси немис ӯ дар асари машҳури худ «Капитал» ба таври муфассал ва бо далелҳои назариявӣ нишон дод, ки асоси муносибатҳои истеҳсолӣ ва манбаи аслии арзиш дар ҷомеаи капиталистӣ на худи меҳнат, балки қувваи корӣ мебошад. Қувваи корӣ дар фаҳмиши Марксӣ қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии инсон барои анҷом додани меҳнат аст, ки ҳамчун мол дар бозор фурӯхта мешавад. К. Маркс байни ду мафҳум - «меҳнат» ва «қувваи корӣ» фарқ мегузорад. Меҳнат - ин амали воқеии кор кардан аст, яъне фаъолияти амалӣ дар раванди истеҳсол. Вале қувваи корӣ - ин қобилият ё иқтидори инсон барои анҷом додани он меҳнат аст, ки онро коргар ба

сармоядор мефурӯшад. Дар бозори меҳнат, сармоядор на худи меҳнатро, балки қувваи кориро мехарад. Тибқи таҳлили К. Маркс, сармоядор қувваи кории коргарро мехарад ва онро дар раванди истеҳсол истифода мебарад, то арзиши иловагӣ (яъне фоида) ба даст оварад. Қувваи корӣ нисбат ба арзиши худ арзиши бештар ба вуҷуд меорад - ин аст асоси истисмори капиталистӣ. Аз ҳамин сабаб, К. Маркс бо далелҳои назариявӣ ва эмпирикӣ исбот мекунад, ки мол дар бозори меҳнат қувваи корӣ аст, на худи меҳнат, ва маҳз тавассути фурӯши он коргар ба муносибатҳои истисморӣ ҷалб мешавад. Яъне, дар замони капитализм меҳнат фурӯхта намешавад - қобилияти кор кардан, яъне қувваи корӣ моле мебошад, ки вориди муомила мегардад. Ин таҳлил асоси назарияи арзиши К. Марксро ташкил медиҳад ва ба таври амиқ механизми тавлиди фоида ва истисмори меҳнатро дар низоми капиталистӣ ифшо мекунад.

Дар раванди илмӣ коркард намудани консепсияҳо роҷеъ ба таҳқиқоти бозори меҳнат яке аз унсурҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Масъалаи методологии таҳқиқи бозори меҳнат дар асари бисёр олимони ватаниву хориҷӣ инъикос гардида, якчанд диду ҳадафҳои калидӣ пешниҳод гардидаанд.

Равишҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва шуғл аз нигоҳи намояндагони мактабҳои классикӣ баррасӣ гардидаанд. Дар ибтидо назарияи бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ бо номҳои муассисон ва бунёдгузорони назарияи меҳнатии арзиш - У. Петти, А. Смит, Д. Риккардо, мутааллиқ мебошанд. Аз нигоҳи илмӣ асосгузорони иқтисоди сиёсии классикӣ «дар замоне ташаккул ёфта буданд, ки рақобати озод вуҷуд дошт ва низоми иқтисодиёти бозорӣ муайян ва буҳронҳои иқтисодиро аз сар нагузаронида буд» [139, С. 334-338]. Ақидаи мазкур ба таври мухтасар ба он ишора мекунад, ки равишҳои омӯзиши бозори меҳнат ва шуғл дар марҳалаи ташаккули иқтисоди классикӣ, аз нуқтаи назари намояндагони барҷастаи он дар заминаи воқеиятҳои иқтисодии замони худ асос ёфтаанд. Дар он давра, бозорҳо нисбатан озод буданд, рақобат маҳдудият надошт ва давлат ба равандҳои иқтисодӣ кам дахолат мекард. Маҳз дар чунин шароит назарияи меҳнатии арзиш ҳамчун яке аз пояҳои асосии таҳлили иқтисодӣ пайдо шуд. Аз дидгоҳи классикон, бозори

меҳнат низ ба мисли дигар бозорҳо бо механизмҳои талабот ва пешниҳод танзим мешавад. А. Смит бовар дошт, ки музди меҳнатро бозор ба таври табиӣ муайян мекунад, яъне агар пешниҳоди қувваи корӣ зиёд бошад, музд поин меравад ва агар талабот ба он бештар шавад - музд боло меравад. Ин танзим тавассути «дасти ноаён» сурат мегирад. У. Петтӣ, ки яке аз аввалин иқтисодшиносони системавӣ ба шумор меравад, меҳнатро ченаки арзиш медонист ва талош мекард арзиши маҳсулотро бо вақти кории барои истеҳсоли он зарур муайян намояд. Д. Риккардо бошад, бо таҳлили амиқи худ дар бораи тақсимоти даромад байни коргарон, сармоядорон ва заминдорҳо нақши меҳнатро дар тавлиди арзиш амиқтар кард. Аммо, тавре ишора шудааст, ин таҳлилҳо дар марҳалае анҷом ёфтанд, ки иқтисоди бозорӣ ба таври мукаммал ташаккул наёфта буд ва ҳанӯз буҳронҳои системавии капитализм, ки баъдтар аз ҷониби К.Маркс ва дигарон таҳлил шуданд, ба вуҷуд наомада буданд. Ин нуқта муҳим аст, зеро маънии онро дорад, ки дидгоҳи классикон нисбат ба бозори меҳнат бештар идеалистӣ ва нормативӣ буд, яъне онҳо ба самаранокии худтанзимкунандаи бозор бовар доштанд ва таъсири муносибатҳои нобаробар ва истисморро камтар ба назар мегирифтанд. Бо ин ҳисоб, равишҳои классикон барои таҳлили ибтидоии бозори меҳнат ва ташаккули назарияи арзиш аҳамияти таърихӣ доранд, аммо онҳо танҳо як зинаи аввали таҳаввулоти минбаъдаи назариявӣ ба шумор мераванд, ки баъдан бо дидгоҳҳои марксистӣ, неоклассикӣ ва институционалӣ такмил дода шуданд.

А. Смит бар он назар буд, ки меҳнат на танҳо манбаи аслии сарват, балки заминаи асосии ташаккули назарияи меҳнатии арзиш мебошад. Вай инчунин назарияи бозори меҳнатро таҳия намуда, муқаррарот ва ғояҳои он, аз ҷумла назарияи музди меҳнат, шуғл ва бекориро барои замони худ шарҳ дод, ки то ҳол барои таҳлил ва фаҳмиши равандҳои иқтисодӣ аҳамияти худро гум накардаанд [208, с 90-93].

Рушди назарияи меҳнатии арзиш ба ташаккули заминаи назариявии таҳқиқоти марбут ба бозори меҳнат мусоидат намуда, як қатор мафҳумҳо ва категорияҳои калидиро дар доираи иқтисодиёт ворид кард, ки то ба имрӯз дар

таҳлили равандҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ аҳаммияти илмию амалӣ доранд. Дар маркази ин назария, тавре ки К. Маркс таъкид мекунад, меҳнат ҳамчун манбаи асосии арзиш қарор дорад ва бозори меҳнат ҳамчун фазое тасвир мешавад, ки дар он коргар на худи меҳнат, балки қувваи кории худро ҳамчун мол ба фурӯш мегузорад [123]. Арзиши қувваи корӣ, ба андешаи К. Маркс, аз миқдори вақти меҳнати зарурӣ барои такрористеҳсоли он вобаста буда, равандҳои истеҳсол ва муносибатҳои истеҳсолӣ ҳамчун пояи ташаккули арзиши изофа ва табақабандии иҷтимоӣ баромад мекунанд.

Дар муқоиса бо ин равиш, мактаби неоклассикӣ дар таҳлили бозори меҳнат ба дигар пояҳо такя мекунад. Дар ин мактаб, ки намояндагони он муҳаққиқоне чун А. Маршалл, Ҷ.Б. Кларк, А. Пигу, Л. Валрас, М. Фелдштейн ва дигарон мебошанд, меҳнат на ҳамчун манбаи ягонаи арзиш, балки ҳамчун яке аз омилҳои истеҳсолот баррасӣ мегардад. Мувофиқи ин дидгоҳ, арзиши мол на аз рӯи меҳнати сарфшуда, балки бо назардошти саҳми ҳама омилҳои истеҳсол - меҳнат, сармоя ва замин муайян карда мешавад. Дар доираи назарияи неоклассикӣ, бозори меҳнат ҳамчун як сохтори мутавозин ва худтанзимкунанда тасвир ёфта, мафҳумҳои пешниҳоди меҳнат, нархи меҳнат (музд) ва манфиатҳои тарафҳо ба таври равшан тадқиқ мешаванд.

Бояд гуфт, ки муқоисаи ду равиши асосии таҳлили бозори меҳнат мактабҳои классикӣ ва неоклассикӣ нишон медиҳад, ки ҳар кадоми онҳо ба тарзи худ дар ташаккули фаҳмиши муосир оид ба бозори меҳнат саҳм гузошта, заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи механизмҳои танзими бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ ва сиёсати шуғл фароҳам овардаанд. Неоклассикҳо бозори меҳнатро ҳамчун як омили истеҳсолот маънидод мекунанд, меҳнат мол аст, бозор объекти хариду фурӯш мебошад. Нархи меҳнат дар асоси ҳамкории талабот муайян карда мешавад, таъминот ва худи меҳнат якхела ва тақсимнашаванда аст.

«Асосгузори мактаби неоклассикӣ, иқтисоддони маъруфи англис Алфред Маршалл (1842–1924), бо омезиши назарияи фоиданокии ҳадди ақал ва назарияи харочоти истеҳсолӣ ба натиҷа расид, ки талабот ва пешниҳод ба

муайян кардани нарх таъсир мерасонанд» [139, с 334-338]. А. Маршалл асосҳои таҳлили талаботро таҳия намуда, тавассути таҳқиқоти худ заминаҳои илмиеро гузошт, ки бо онҳо метавон муҳити бозорро беҳтар дарк кард. Ӯ инчунин консепсияи меҳнат ва пешниҳоди онро ҳамчун ҷузъи муҳими талабот дар бозор таҳия намуда, вобастагии байни талабот, пешниҳод ва имкониятҳоро равшан намуд. Ин таҳлилҳо дарки амиқтари муносибатҳои бозорӣ ва нархгузориро таъмин карданд, ки дар таҳқиқоти муосири иқтисодӣ мавқеи муҳим доранд.

Ҳамзамон, А. Маршалл чандирии талабот ба меҳнат, «номуайянии бозори меҳнатро муайян намуда, табиати рақобатпазирӣ дар бозор ва номукаммалии бозори меҳнатро асоснок кард. Ба ақида ва боварии А. Маршалл низоми бозор истифодаи пурраи захираҳоро, аз ҷумла шумораи коргарон ва зарурати танзими давлатии шуғлро сарфи назар мекунад. Ин андеша то солҳои 30-юми асри XX дар байни иқтисоддонон вуҷуд дошт» [139, с 334-338].

«Дар солҳои 30 - юми асри гузашта дар иқтисодиёт мушкилоти зиёд пайдо гардида, истеҳсолот дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо коҳиш ёфта, сатҳи бекорӣ ба 25% расид ва даромади воқеии аҳолӣ то ба 60% коҳиш ёфт» [139, с 334-338]. Дар сатҳи бекории оммавӣ баҳсҳо мешуд, ки ин мушкилотро аз ҳисоби кам кардани музди меҳнат бартараф кардан мумкин аст. Дар ин мубоҳисот таъсири афзояндаро назарияи пешниҳоднамудаи Ҷ. Кейнс ба даст меорад, ки ба зарурати дахолати давлат ба танзими иқтисод барои ноил шудан ба таъмини пурраи шуғл такя мекард.

Намояндагони мактаби кейнсгароҳо бозори меҳнатро шакли ғайрифаъол меҳисобиданд. Ба андешаи онҳо ин чунин низоми омориест, ки дар он нархи меҳнат қатъиян собит карда намешавад. Аз ҷумла, Ҷ. Кейнс ва пайравони ӯ чунин меҳисобиданд, ки «механизми кафолати шуғл бо пуррагӣ ва сабабҳои бекорӣ дар он аст, ки ҳамоҳангӣ дар қабули қарорҳои асосии иқтисодӣ дар бораи пасандозҳо ва сармоягузорӣ вуҷуд надорад» [94, с 78].

Омилҳои таъсиргузор ба таъмини шуғл дар доираи консепсияи кейнсионӣ ба он асос меёбанд, ки давлат бояд нақши фаъолро дар ташаккули талаботи умумӣ ва рушди иқтисодӣ ичро намояд, ки яке аз воситаҳои муҳими он вусъат

бахшидани сармоягузории давлатӣ маҳсуб меёбад. Ба андешаи Ҷ. Кейнс, маҳз норасоии талаботи самаранок дар иқтисоди бозорӣ ба таври объективӣ ба поёнравии сатҳи истеҳсол ва зиёдшавии бекорӣ меорад, бинобар ин, давлат бо истифода аз механизмҳои фискалӣ ва сармоягузории ҳадафманд метавонад раванди иқтисодиро фаъол созад ва ба таҳкими шуғл мусоидат намояд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амалии кишварҳои пешрафта дар миёнаи асри XX нишон дод, ки чунин усулҳои танзими давлатӣ дар муқобили мушкилоти сохтории бозори меҳнат ва буҳронҳои нав рӯ ба рӯ оварданд. Аз ҷумла, агар дар солҳои 60-уми асри XX сатҳи бекорӣ дар ин кишварҳо дар сатҳи нисбатан паст 3 - 4% қарор дошт, пас дар солҳои 80 - 90 он ба марзи 6 - 8% расид [202], ки далели ноустувории механизмҳои пешниҳодшудаи кейнсионистӣ дар муҳити тағйирёбандаи иқтисодӣ мебошад.

Дар чунин шароит, таваҷҷуҳи ҷомеаи иқтисодшиносӣ ба равишҳои нави таҳлил равона гардид ва консепсияи монетаристӣ, ки ҳанӯз дар солҳои 1950 - ум аз ҷониби М. Фридман ва пайравонаш пешниҳод гардида буд, мавқеи хосса пайдо кард. Аз дидгоҳи монетаристҳо, махсусан М. Фридман ва Э. Фелпс ҷоизадорони А. Нобел дар бахши иқтисод механизми худи бозор, ба вижа низоми озоди нарх, қобилияти худтанзимкунии иқтисодро доро аст ва сатҳи «оқилонаи» шуғл маҳз дар доираи чунин муҳит муайян мегардад [266]. Ба назари онҳо, дахолати ҳадии давлатӣ метавонад танҳо таъсири муваққатӣ дошта бошад ва наметавонад сатҳи табиии бекориро барҳам диҳад. Аз ин рӯ, баҳси назариявии миёни кейнсионистҳо ва монетаристҳо дар масъалаи танзими шуғл ва сатҳи бекорӣ, то имрӯз ҳам аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад ва дар таҳияи стратегияи сиёсати давлатии меҳнат дар кишварҳои рушдёбанда, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ бояд бо назардошти шароити миллӣ ва хусусиятҳои сохтории бозори меҳнат дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор гирад.

Монетаристҳо бар он ақидаанд, ки «... сохтори нархҳо барои меҳнат тамоюлҳои афзоиши якҷонибаи сатҳи музди меҳнат ба ҳисоб меравад « [139, с 334-338].

Гурӯҳи дуюми намояндагони равияи монетаристӣ бозори меҳнатро на ҳамчун сохтори мукаммал ва ба таври автоматикӣ мутавозиншаванда, балки ҳамчун низоме мешиносанд, ки қодир аст дар шароити иқтисоди бозорӣ сатҳи муайяни бекорӣ ва мувозинати дохилиро нигоҳ дорад, ки ба шароити воқеии бозор мувофиқат менамояд [139, с. 334–338]. Ба андешаи онҳо, ин мувозинат дар асоси таносуби воқеии пешниҳоди қувваи корӣ ва талабот ба он ташаккул ёфта, бо назардошти сохтор ва динамикаи бозорҳои марбут, аз ҷумла бозори маҳсулот ва хизматрасонӣ, шакл мегирад. Монетаристҳо таъкид менамоянд, ки барои ноил шудан ба мувозинати бозор ва афзоиши сатҳи шуғл, истифодаи воситаҳои самараноки сиёсати пулӣ (монетарӣ) зарур аст. Аз ҷумла, тавассути танзими меъёрҳои қарздиҳӣ, идоракунии ҳаҷми пул дар муомилот ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, давлат метавонад ба таври ғайримустақим ба ташаккули сатҳи шуғл таъсир расонад. Ба ин тартиб, дар шароити монетарӣ, зиёд шудани пешниҳод ва гардиши маблағҳо дар иқтисод метавонад ба рушди фаъолияти истеҳсолӣ, афзоиши талабот ба қувваи корӣ ва дар ниҳоят коҳиши сатҳи бекорӣ мусоидат намояд.

Муҳимтар аз ҳама, дар доираи ин модел, мафҳуми «сатҳи табиӣ» ҳамчун ҳолати тавозуни устувори бозори меҳнат қабул мегардад, ки дар он тамоми равандҳои бозорӣ дар ҳолати оптималӣ қарор доранд ва бекорӣ танҳо дар доираи хусусиятҳои сохторӣ ва ихтиёрии бозор вуҷуд дорад. Ба гуфтаи намояндагони ин равиш, дахолати аз ҳад зиёди давлатӣ ба бозори меҳнат ва талош барои нигоҳ доштани сатҳи бекорӣ дар зинаи паст метавонад оқибатҳои номатлуб, аз ҷумла бесуботии молиявӣ ва нобаробарии бозорӣ ба бор оварад. Аз ин рӯ, онҳо сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнатро бештар ҳамчун механизми мусоидаткунанда мебинанд, на ҳамчун абзори танзими мустақими нишондиҳандаҳои бозор. Ҳамин тариқ, назари монетаристҳо ба бозори меҳнат ба самаранокии воситаҳои иқтисодии худтанзимкунии бозор такя намуда, дар ҳалли мушкилоти бекорӣ ва ташаккули сиёсати меҳнатӣ бештар ба механизмҳои бозорӣ ва танзими пулӣ авлавият медиҳанд.

Дар илми иқтисодӣ мутобиқати назарияи кейнсианӣ дар доираи синтези неоклассикӣ, ки кейнсианизм ҳамчун як ҳолати махсус баррасӣ карда мешавад, охири солҳои 40-уми асри гузашта оғоз гардидаааст. Дар маҷмуъ «намояндагони синтези неоклассикӣ (Ҳ. Ламперт, П. Самуэлсон 1915-2009), Д. Хикс) (1904-1989) чунин мешуморанд, ки иқтисод, ба истиснои ҳолатҳои махсус, низоми мувозинат мебошад ва онро назарияи Кейнсианӣ тавсиф мекунад. Моҳияти консепсия синтези неоклассикӣ аз синтези ғояҳои макроиқтисодии классикон иборат мебошад, таҳлили макроиқтисодии кейнсианизм дар якҷоягӣ бо сиёсати молиявию пулӣ, иқтисодиёт имкон медиҳад, ки ҳатто дар сурати коҳиш, мувозинатро ба сатҳи шуғли баланд барқарор кунад. Вазифаи асосии синтези неоклассикӣ дарёфти оптималӣ мебошад, ки омӯзиши омилҳои худтанзимкунии бозорро бо устувории таъсири давлат ба иқтисодиёт ифода месозад» [139, с 334-338].

«Аз солҳои 1960 – 70-ум вобаста ба мушкилоти бозори меҳнат, назарияи иқтисодии институтсионалӣ, ки низоми иқтисодиро баррасӣ мекунад, фаъолона омӯхта мешавад. Ба гуфтаи институтсионалистон (Т. Веблен (1857-1929), Ҷ. Данлоп (1840-1921), Ҷ. Коммонс (1862-1945), Ҷ. Гэлбрейт (1908-2006) бозори меҳнат майдоне ба ҳисоб меравад, ки гуфтушунид байни соҳибкорон ва кормандон ва тавсифи қоидаҳои рафтор дар он ҷо ташкил карда мешавад» [139, с 334-338]. Тадқиқоти институтсионалистӣ ба таҳлили таъсир равона шудааст. Институтҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар бозори меҳнат, таҳлили касбӣ ва истеҳсолӣ, фарқият дар сохтори қувваи корӣ ва мутаносибан, дар сатҳи музди меҳнат равона гардидааст. Мақсади асосии ин назария зарурати тақвияти назорати иҷтимоӣ аз болои иқтисодиёт мебошад.

Ба ақидаи П.Э. Шлеудер «хусусиятҳои таҳқиқи бозори меҳнат дар он таҷассум меёбад, ки коркарди методологии он дар асоси қонуниятҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шавад» [280]. Ба назари мо, ақидаи П.Э. Шлейдер дар бораи таҳқиқи бозори меҳнат ин аст, ки омӯзиши самараноки ин бозор бояд на бо истифодаи роҳу равишҳои тасодуфӣ ё фақат таҷрибавӣ, балки бар пояи қонуниятҳои умумии иқтисодӣ анҷом дода шавад. Яъне, методологияи таҳқиқ

яъне маҷмӯи усулҳо, равишҳо ва принсипҳои таҳлил бояд бо назардошти он қонуниятҳо ва равандҳое таҳия гардад, ки ба ҳамаи ҷанбаҳои низоми иқтисодӣ хосанд ва бо хусусиятҳои бозори меҳнат ҳамоҳанг бошанд. Ин ба маънои он аст, ки бозори меҳнат бояд ҳамчун як ҷузъи мутаҳаррики системаи иқтисодӣ таҳлил шавад. Масалан, талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, муайяншавии музди меҳнат, сатҳи шуғл ва бекорӣ ҳама бояд дар заминаи қонунҳои умумии иқтисод, монанди қонуни арзиш, қонуни талабот ва пешниҳод, қонуни бозтавлид ва тақсимоти даромад таҳқиқ шаванд. Бо ин гуфта, П.Э. Шлейдер таъкид мекунад, ки таҳлили бозори меҳнат на танҳо бояд ба маълумоти оморӣ ва тавсифии вазъ асос ёбад, балки бояд дар чаҳорчӯби назарияҳои муътамади илмӣ ва бо истифода аз усулҳои таҳлилӣ, моделсозӣ ва назариявии муосир амалӣ гардад. Танҳо дар ин сурат мо метавонем на танҳо вазъи бозорро фаҳмем, балки сабабу оқибатҳои равандҳои он ва роҳҳои самараноки танзими шуғл ва сиёсати меҳнатиро низ муайян кунем. Ҳамин тавр, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки П.Э. Шлейдер бар он аст, ки хусусияти хоси таҳқиқи бозори меҳнат дар илмӣ будани равиши он таҷассум меёбад ва ин таҳқиқ бояд бар асоси қонуниятҳои объективии иқтисод ба роҳ монда шавад, то хулосаҳои гирифташуда дорои асоси назариявӣ ва аҳамияти амалӣ бошанд.

Ванкевича Е. В. ба он андешааст, ки «банақшагирии теъдоди кадрҳо, вобаста ба талаботи бозори меҳнат, асоси методологии таҳқиқи онро самаранок мегардонад» [46]. Ақидаи Е.В. Ванкевич бар ин аст, ки таҳқиқи самараноки бозори меҳнат бояд бо банақшагирии кадрҳо робитаи мустақим дошта бошад. Ба ибораи дигар, вақте ки шумора ва сохтори кадрҳо (яъне мутахассисон, коргарон ва кормандон) бо эҳтиёҷоти воқеии бозори меҳнат мувофиқат мекунанд, таҳқиқи ин бозор на танҳо илмӣ, балки амалӣ ва ҳадафманд мегардад. Ин андеша бар пояи он асос меёбад, ки бозори меҳнат як низоми мураккаб аст, ки дар он талабот ба кадрҳо (аз ҷониби корфармоён) ва пешниҳод (аз ҷониби аҳолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар таъминкунандагони нерӯи корӣ) ҳамеша тағйир меёбанд. Агар банақшагирии кадрҳо беэътино ба ин равандҳо сурат гирад, натиҷа метавонанд номувозинат бошад: норасоии

мутахассисон дар як соҳа ва изофагии онҳо дар соҳаи дигар. Аз ин рӯ, Е.В. Ванкевич ба зарурати якҷо кардани ду ҷанба таҳқиқи илмии бозори меҳнат ва банақшагирии кадрҳо таъкид мекунад. Агар таҳқиқ бо таҳлили воқеии талаботи бозор ва дурнамои рушди иқтисодӣ пайваст карда шавад, ин ба муассисаҳои таълимӣ, сохторҳои идоракунии меҳнат ва сиёсати шуғл имконият медиҳад, ки кадрҳоро бо назардошти эҳтиёҷоти воқеии бозор омода кунанд. Ҳамин тавр, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ба андешаи Е.В. Ванкевич, танҳо дар шароити банақшагирии кадрҳо дар асоси талаботи бозори меҳнат бо истифода аз усулҳои таҳлили муосир, пешгӯии равандҳо ва ҳамоҳангсозии сиёсати таҳсилот бо эҳтиёҷоти иқтисодӣ метавон методологияи таҳқиқи бозори меҳнатро самаранок ва воқеӣ сохт.

Ба андешаи Лунева Н.К., «барои таҳқиқи методологии бозори меҳнат, муҳимтарин ҷанбаи аввалини он таҳияи меъёрҳои ҳуқуқии созгор ва муосир мебошад, ки метавонанд асоси назорати самараноки соҳа ва рушди ин бозорро ташкил диҳанд» [208]. Вай бар он аст, ки ин меъёрҳо бояд на танҳо доираи ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатиро муайян кунанд, балки инчунин имкониятҳои рушди муносибатҳои меҳнатиро дар шароити муосири иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба назар гиранд. Бо дарназардошти ин меъёрҳо, ниҳодҳои соҳавӣ вазифадоранд, ки барномаҳои амалии худро барои ба роҳ мондани фаъолияти самаранок ва рушди неруи корӣ таҳия ва қабул намоянд.

Таҳлили вазъи бозори меҳнат дар даҳ соли охир аз он шаҳодат медиҳад, ки масоили бозори меҳнат дорои аҳаммияти ҳаётан муҳимми иҷтимоии муосир ба ҳисоб меравад. Масъалаи вазъи шуғли аҳолӣ, бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои охир ба яке аз мушкилоти муҳим ва мубрами Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ин масъала пайваста таҳти таваҷҷуҳи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, барои ҳалли он тадбирҳои гуногун андешида мешаванд. « ... Рушди иқтисодӣ, беҳсозии бозори меҳнат ва идораи муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошанд, ки ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави

корӣ ва таъмини шароити муносиби меҳнат равона шудаанд». Ба ин ҷанбаи сиёсати дохилии ҷумҳурӣ Президенти кишвар таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намудааст.

Масъалаҳои таҳқиқоти бозори меҳнат имрӯз бояд дар доираи ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ ва корпоративӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ нигаронида шавад, ки бо ташаккули модели нави бозори меҳнат алоқаманданд.

Масъалаҳои таҳқиқи бозори меҳнат низ дар назарияи марксистӣ ҷойгоҳи хеле муҳимро ишғол мекунанд. Тибқи назарияи К. Маркс, коргари кироя меҳнати худро дар бозори меҳнат мефурӯшад ва тавассути он иқтисодиёти хоҷагии хонаводагиро таъмин месозад [123].

Сиёсати давлатии танзими бозори меҳнат ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки ҳадафи он ташкил ва идораи равандҳои такористеҳсолӣ, мубодила ва истифодаи самараноки қувваи корӣ дар ҷомеа мебошад. Ин сиёсат ба фароҳам овардани шароити мусоид барои шуғли аҳолӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити кории муносиб ва мутобиқсозии пешниҳоди қувваи корӣ ба талаботи бозор нигаронида шудааст. Тавассути чораҳои танзимӣ, давлат имконияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пешбурди рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Тибқи гуфтаҳои иқтисодшиносон Э.С. Вакуленко ва Е.Т., Гурвич «яке аз хусусиятҳои асосии бозори меҳнат, ин қобилияти мутобиқати иқтисодиётро дар маҷмуъ ба омилҳои беруна ва дохилӣ муайян карда, вобастагии шуғл (бекорӣ) ва музди меҳнат дар сатҳи фаъолияти иқтисодӣ мебошад» [45, с 25].

Намояндагони барҷастаи мактаби классикии назарияи иқтисодӣ, А.Смит ва Д. Рикардо, масъалаҳои марбут ба бозори меҳнат ва роҳҳои ҳалли онро аз нуқтаи назари иқтисоди бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор доданд. Онҳо чунин мешумурданд, ки бозори меҳнатро метавон тавассути таъмини шуғли пурра тавсиф кард, ки ин ҳолат ба истифодаи самараноки қувваи корӣ ва эҷоди рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ба ақидаи онҳо, мувозинат дар бозори меҳнат тавассути амал кардани қонунҳои иқтисодии талабот ва пешниҳод ба даст

оварда мешавад, ки дар натиҷа ҳадди аксар шуғл ва тақсими одилонаи захираҳои меҳнатиро таъмин мекунад.

Бекориро неоклассикҳо ҳамчун набудани хоҳиши дар бозори меҳнат дар асоси таносуби талабот ва пешниҳод фурӯхтани меҳнати худ шарҳ доданд. Бояд қайд кард, ки то имрӯз ин нуқтаи назар дар илм ҳукмфармост, ки танзими давлатӣ барои таъмини шуғли пурра зарур нест.

Равиши марксистӣ ба он асос ёфтааст, ки рушди бозори меҳнат дар натиҷаи фурӯш ва хариди қувваи корӣ ба амал меояд, ки истеҳсоли маҳсулотро таъмин мекунад ва арзиши он аз арзиши қувваи корӣ зиёдтар аст. Дар ин ҳолат, сухан дар бораи ба даст овардани арзиши изофа дар асоси афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва кам кардани хароҷот тавассути ҷорӣ намудани дастовардҳои гуногуни техникӣ ва технологӣ меравад, яъне дар ин сурат рушди пешрафти техникӣ, озодии меҳнат мушоҳида мешавад.

Ҷ. Кейнс, дар асари худ « ... Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул (1936), илова ба муносибати нав нисбат ба таҳлили шуғл ва сабабҳои бекорӣ, исбот кард, ки «иқтисоди муосири бозорӣ механизми худтанзимкунӣ надорад, яъне вобаста ба барқароркунии автоматикии мувозинат дар иқтисодиёт танзими давлатии иқтисод зарур аст» [94, с 74]. Ҷ.М. Кейнс дар асари машҳури худ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» (1936) ба таври асоснок назари иқтисодшиносони классикиро дар бораи қобилияти худтанзимкунии бозори меҳнат ва иқтисоди бозорӣ зери шубҳа бурд. Ба андешаи ӯ, иқтисоди бозории муосир, бар хилофи гуфтаи классикон, дорои механизми автоматикии барқарорсозии мувозинат нест ва бинобар ин, бе дахолати фаъолонаи давлат наметавонад ба таври устувор сатҳи баланди шуғл ва рушди иқтисодиро нигоҳ дорад. Ҷ.М. Кейнс бар он назар аст, ки дар шароити буҳронҳои иқтисодӣ, талаботи умумӣ метавонад коҳиш ёбад, ки он боиси пастшавии истеҳсол, афзоиши бекорӣ ва паст гардидани иқтисодӣ мегардад. Дар чунин вазъ, бозор наметавонад ба таври худкор мувозинатро барқарор кунад, зеро даромад ва хароҷоти ҷомеа коҳиш меёбад ва истеҳсолкунандагон ҳавасмандии кам барои васеъ кардани фаъолият доранд. Ин дар ҳолест, ки назарияи классикӣ чунин

мешуморид, ки бозор тавассути танзими музди меҳнат ва нархҳо мувозинатро худ барқарор мекунад. Ҷ.М. Кейнс исбот мекунад, ки маҳз дар чунин шароити рукуд давлат бояд дахолати фаъолона анҷом диҳад аз ҷумла бо афзоиши хароҷоти буҷетӣ, ташкили ҷойҳои нави кор, танзими меъёри фоиз, васеъ намудани сармоягузорӣ ва татбиқи сиёсати пулию молиявии фаъол. Ба ин васила, талаботи умумӣ метавонад устувор шавад ва сатҳи шуғл афзоиш ёбад. Ҳамин тавр, Ҷ.М. Кейнс бо пешниҳоди назарияи худ на танҳо сабабҳои асосии бекорӣ ва ноустувории иқтисодро шарҳ медиҳад, балки зарурати дахолати давлатро ҳамчун омили муҳими таҳкими тавозун ва таъмини шуғли пурра асоснок менамояд. Маҳз ба ҳамин хотир, андешаи ӯ дар бораи набудани механизми худтанзимкунии иқтисоди бозорӣ яке аз нуқтаҳои гардишии рушди назарияи иқтисодӣ дар асри XX ба ҳисоб меравад.

Механизми танзими бозори меҳнат маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ҳадафи он беҳтар намудани вазъи шуғл ва рушди имкониятҳои иқтисодӣ мебошад. Ин механизм афзоиши имтиёзҳои иҷтимоӣ, пешниҳоди субсидияҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташкили корҳои ҷамъиятӣ ва дигар чорабиниҳоро фаро мегирад. Илова бар ин, тағйири сиёсати фискалӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонӣ тавассути коҳиш додани андозҳо барои субъектҳои истеҳсолӣ, ба рушди истеҳсолот ва афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд. Ин тадбирҳо на танҳо барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ, балки барои тақвияти рушди устувори иқтисодӣ низ замина мегузоранд.

Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза барои Тоҷикистон истифодаи мафҳуми кейнсианӣ қобили қабул аст.

Дар доираи муносибати институтсионалӣ Т. Веблен, Ҷ. Гэлбрайт ҳангоми таҳлили шуғл ва бекорӣ ҷанбаҳои гуногуни падидаҳои мазкур ба назар гирифта мешаванд, ки дар зери фарқиятҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва соҳавии сохтор аз қувваи корӣ ва сатҳи музди меҳнат ташаккул меёбанд [48]. Ҳалли мушкилоти шуғлро тавассути ислоҳоти институтсионалӣ, ки ба танзими ин омилҳо равона шудаанд, ба бозори мувозинат баровардан мумкин аст.

Ж-Б. Сэй « ... қонуне пешниҳод намуд, ки мувофиқи он, бозор дар шароити озод ва бидуни дахолат, мубодилаи маҳсулот ба маҳсулот ба таври худкор боиси мувозинати хариду фурӯш мегардад». Аз ин рӯ, ӯ итминон дошт, ки муҳити бозор барои рушди равандҳои иқтисодӣ ва таъмини арзиши оптималии маҳсулот муфид ва самаранок мебошад.

Намояндагони консепсияи неоклассикӣ Ҷ. Перри, М. Фелдстайн, Р. Ҳолл зикр карданд, ки «нархи меҳнат вобаста ба талаботи он дар бозори меҳнат кам мешавад» [262].

Тибқи таълимоти Ҷ.М. Кейнс, «бозори меҳнат ҳамчун бозори номутаносибии доимии фундаменталӣ маънидод мешавад. Мувофиқи назарияи ӯ дар соҳаи шуғл, дар назди психологияи ҳукмфармои ҷомеа сатҳи истеҳсолот ва шуғл дар маҷмуъ аз рӯйи ҳаҷми сармоягузорӣ муайян карда мешавад» [94, с 74].

Р.Ҷ. Эренберг ва Р.С. Смит муайян мекунанд, ки «омӯзиши бозори меҳнат бо таҳлили талабот ва пешниҳод оғоз ва хотима меёбад ва ҳамагуна натиҷаи фаъолияти бозори меҳнат ҳамеша ба ин ё он дараҷа аз ин ҷузъҳо ва ҳамкории онҳо вобаста аст» [282].

Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозори меҳнат ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки дар он равандҳои хариду фурӯши қувваи корӣ - яке аз муҳимтарин ва асоситарин захираҳои инсонӣ - амалӣ мегарданд. Бозори меҳнат фазоеро ташкил медиҳад, ки дар он талабот ва пешниҳоди меҳнат ба ҳам пайваста, ба ташаккули нарх, шароит ва имкониятҳои шуғл таъсир мерасонад. Ин бозор на танҳо воситаи таъмини шуғл ва манбаи даромади шахсони алоҳида мебошад, балки омили муҳими рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ низ ба ҳисоб меравад. Он дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои корфармоён ва кормандон, таҳкими шароити мусоиди корӣ, эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва ташаккули иқтисоди рақобатпазир нақши калидӣ мебозад. Илова бар ин, бозори меҳнат имконият медиҳад, ки захираҳои инсонӣ самаранок тақсим ва истифода шаванд, ки ин ба беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди умумии ҷомеа мусоидат мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, тафсири Ю.П. Кокин ва П. Шлендер боиси тавақҷуҳ мебошад, ки онҳо мегӯянд, ки «бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии харидорон ва фурӯшандагон нисбат ба шароити шуғл ва истифодаи қувваи корӣ мебошад. Моҳияти муносибатҳо ин ифода, муносибати марбут ба табодули қувваи кории амалкунанда ба воситаҳои рӯзгузаронӣ, яъне музди воқеӣ мебошад (музди меҳнати номиналӣ бо назардошти нархи молҳое, ки дар воситаҳои рӯзгор ифода ёфтаанд)» [99].

Маҳфуми бозори меҳнатро метавон дар ду шакл - маҳдуд ва васеъ - шарҳ дод. Дар маънои маҳдуд, он ҳамкории байни талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он мебошад, ки дар ҷараёни ин ҳамкорӣ нархи меҳнат (маош) муқаррар мешавад. Илова бар ин, дар ин раванд шароити иҷтимоию иқтисодии меҳнат, аз ҷумла сатҳи шуғл, меъёрҳои музди меҳнат ва мувозинат байни пешниҳоди қувваи корӣ ва имкониятҳои мавҷуда муайян мегардад. Ин фаҳмиш бештар ба таносуби бозории байни корфармоён ва кормандон равона шудааст, ки механизми асосии ташаккули бозори меҳнатро ташаккул медиҳад.

Бозори меҳнат ба маънои васеъ «системаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ байни корфармоён ё иттиҳодияҳои онҳо ва коргарон (ё намояндагони онҳо) бо иштироки ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ вобаста ба шуғл, музди меҳнат ва шароити меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ» [98] ба вуҷуд меояд.

Таърифи мукаммали бозори меҳнат ба назари мо, аз ҷониби А. И. Рофе оварда шудааст: «Бозори меҳнат, ин пеш аз ҳама, системаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки бо ҷалб ва таъминоти меҳнат алоқаманданд, яъне бо хариду фурӯши он, инчунин ин соҳаи шуғл мебошад, ки дар он харидорон ва фурӯшандагони маҳсулоти мушаххас - меҳнат, ҳамкорӣ мекунанд ва дар ниҳоят, ин механизмест, ки мувофиқати нархҳо ва шароити меҳнати байни корфармоён ва кормандонро таъмин мекунад» [218]. Таърифи ба ин монандро муҳаққиқон Базилова М. Н. ва Бендар Л. ва дигарон пешниҳод намудаанд [98].

Иқтисодшиносони ватанӣ дар рушди назарияи бозори меҳнат саҳми назаррас гузоштанд. Ҳамин тариқ, мафҳуми пурра аз ҷониби Д. Б. Қодиров, И.

А. Ашмаров, С. Ҷ. Комилов пешниҳод шудааст. Ба ақидаи онҳо, «бозори меҳнат ин як системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки сатҳи рушд ва тавозуни ба дастовардаро, барои як давраи муайян манфиатҳои байни неруҳои дар бозор мавҷудбуда соҳибкорон, кормандон ва давлат инъикос мекунад» [82].

« ... Онҳо дуруст таъкид менамоянд, ки бозори меҳнат ҳамчун як соҳаи муҳими иқтисодӣ барои ташаккули талабот ва пешниҳод ба нерӯи корӣ амал мекунад. Дар маънои маҳдуд, бозори меҳнат макон ё фазои иқтисодист, ки дар он корфармоён ва қувваи корӣ (фурӯшандагони меҳнат) ба ҳам меоянд ва дар асоси шартномаҳо ва созишномаҳо муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунанд» [267]. Ин раванд на танҳо бо муқаррар шудани музди меҳнат ва шароити корӣ маҳдуд мешавад, балки инчунин ба ҳифзи иҷтимоии кормандон, таъмини ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва танзими талаботи бозорӣ таъсир мерасонад.

Ғоибназаров С. М. қайд мекунад, ки «бозори меҳнат бояд ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ нисбат ба истифодаи қувваи кории коргар дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ баррасӣ карда шавад» [58].

Ба маънои васеътари ин мафҳум, бозори меҳнат на танҳо як механизми иқтисодӣ, балки низоми мураккаби муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Он «маҷмӯи қоидаҳо, меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба танзими такрористеҳсол, тақсимот ва истифодаи самараноки қувваи корӣ равона шудаанд» [135].

Дар ин доира, бозори меҳнат на танҳо ба мувофиқати байни талабот ва пешниҳоди меҳнат таъсир мерасонад, балки шароити ҳуқуқии шуғл, кафолатҳои иҷтимоӣ, низоми музди меҳнат, муҳофизати ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва таъмини устувории шуғлро низ фаро мегирад. Ин муносибатҳо дар сатҳҳои гуногун – аз сиёсати давлатӣ ва танзими бозорӣ то сатҳи ҳамкориҳои байни корфармо ва кормандон – амал мекунанд. Дар натиҷа, бозори меҳнат ҳамчун як унсури калидии низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа хизмат мекунад, ки ба рушди устувор ва тавозуни иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Ба маънои маҳдуд мафҳуми мазкур, «бозори меҳнат ин низоми муносибатҳои байни корфармоён - соҳибони воситаҳои истеҳсолот ва коргарони кироя - соҳибони меҳнат дар робита ба қонеъ кардани талаботи собиқ ба меҳнати кироя ҳамчун омили истеҳсолот ва охирин барои шуғл ҳамчун манбаи сатҳи зиндагӣ дониста мешавад. Дар натиҷа, муносибатҳои иқтисодии шуғл, тамоюлҳо ва самтҳои рушд ба амал меоянд, ки аксаран динамикаи бозори меҳнати миллӣ, инчунин дараҷаи ҳамгироии онро ба бозори меҳнати байналмилалӣ муайян мекунанд» [58].

Набиева Л.Х. «зимни баррасии самтҳои асосии танзими давлатии бозори меҳнат қайд мекунад, ки бозори меҳнат ҷузъи мураккабтарини иқтисоди бозорӣ мебошад, иқтисоди бозорӣ бошад, падидаҳои бештари иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро инъикос мекунад» [144].

Дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ мафҳуми «бозори меҳнат» бо равишҳо ва таърифҳои гуногун тавсиф ёфтааст, ки ин гуногунандешӣ аз таъсири омилҳои назариявӣ, таҷрибаи иқтисоди миллӣ, инчунин дидгоҳҳои таҳлилгарон бармеояд. Бархе аз муҳаққиқон бозори меҳнатро ҳамчун фазои иқтисодие муайян мекунанд, ки дар он пешниҳоди қувваи корӣ ва талаботи корфармоён вохӯрда, дар натиҷаи таъсири мутақобилаи онҳо нархи меҳнат (музди меҳнат) ташаккул меёбад. Ин равиш бештар ба назарияи неоклассикӣ такя мекунад ва бозори меҳнатро ҳамчун зерхиссаи бозори умумии мол ва хизматрасонӣ маънидод менамояд.

Дар баробари ин, иқтисоддонҳо бозори меҳнатро на танҳо як механизми иқтисодӣ, балки низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ медонанд, ки дар он раванди такрористеҳсоли қувваи корӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, дастрасӣ ба шуғл, муносибатҳои шартномавӣ, шароити кор ва ҳифзи иҷтимоии кормандон танзим мегардад. Дар чунин таҳлил, бозори меҳнат ҳамчун арсаи мутазодди манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо назардошти омилҳои сиёсию институтсионалӣ низ арзёбӣ мешавад.

Илова бар ин, дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ бозори меҳнат бештар ҳамчун ҷузъи системаи бозори меҳнати байналмилалӣ баррасӣ мегардад.

Равандҳои глобализатсия, афзоиши мобилии қувваи корӣ, тавсеаи технологияҳои рақамӣ ва рушди ҳамкориҳои трансмиллӣ ба тағйири мазмун ва функсияҳои бозори меҳнат мусоидат кардаанд. Дар чунин шароит, бозори меҳнат бо муҳити берунаи ҷаҳонӣ пайвасти зич пайдо мекунад, ки на танҳо ба мутавозинсозии дохилии қувваи корӣ, балки ба шаклгирии низоми нави ҳаракати меҳнат дар сатҳи минтақавӣ ва глобалӣ таъсир мерасонад. Бояд гуфт, ки, тафсири мафҳуми «бозори меҳнат» вобаста ба равиши назариявӣ ва доираи таҳлилӣ фарқ мекунад, ки ҳар яке паҳлуҳои муайян ва муҳимтарини ин падидаи иҷтимоию иқтисодиро бозтоб медиҳад. Ин гуногунандешӣ барои таҳияи назарияи мукаммал ва низоми самараноки танзими бозори меҳнат аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳамаи намудҳои бозори меҳнатро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард: бозори меҳнати беруна ва бозори меҳнати дохилӣ.

«Бозори меҳнати беруна бо ҳаракати озоди қувваи корӣ байни корхонаҳо ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт тавсиф мешавад. Дар ин бозори рақобатпазир, кормандон метавонанд бо хоҳиш ё эҳтиёҷоти худ ҷойи кориро тағйир дода, ба ташкилот ё ширкатҳои дигар гузаранд» [135]. Ин гуна ҳаракатҳо одатан бо нигоҳ доштани ихтисос ва малакаҳои касбӣ анҷом мешаванд, ки дар натиҷа бозор имкониятҳои васеъ барои рушди касбӣ ва беҳтар кардани шароити меҳнат фароҳам меорад.

Бозори меҳнати дохилӣ (пӯшида), баръакс, дар доираи як корхона ё сохтор амал мекунад. Дар ин навъи бозор, ҳаракати кормандон асосан дар дохили ташкилот сурат мегирад ва имкониятҳои касбӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи тахассус, таҷриба ва собиқаи корӣ таъмин мешаванд. Ин бозор бештар ба ташкилотҳое хос аст, ки сиёсати кадрии устувор доранд ва афзалиятро ба рушди дохилии кормандон медиҳанд.

Таҳлили таърифҳои гуногуни мафҳуми «бозори меҳнат» нишон медиҳад, ки онҳо зиддият надошта, балки якдигарро пурра мекунанд. Ҳар як таъриф ҷанбаи мухталифи бозори меҳнатро равшан намуда, зарурати баррасии ҳамаҷонибаи ин мафҳуми иқтисодиро таъкид мекунад.

Бояд қайд намоем, ки ин масъала дар доираи олимони тоҷик низ зери омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Усманова Т. Ҷ. қайд менамояд, ки «Танзими бозори меҳнат бояд ба таъминии ҳадди аксар, бо ҷойи кор таъмин шудан ё беҳтар кардани вазъи онҳое, ки аллакай кор ёфтаанд, равона карда шавад» [255].

Ба андешаи У.У. Раҳмонов «Зимни ҳалли масъалаи ташаккул додани механизмҳои самарабахши танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, дахолати мақомотои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои миёнараву тиҷоратӣ, вазъияти бозори меҳнатро дар мамлакат бояд ба назар гиранд» [213]. Мо бо ақидаи муаллиф пурра розӣ буда наметавонем, зеро имрӯз раванди муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар давлатҳо ба тавре роҳандозӣ гардидааст, ки танзими давлатӣ онро пурра фарогир нест. Мақомоти давлатӣ дар хориҷи кишвар ҳаракати қувваи кориро идора ва ба танзим дароварда наметавонанд.

Саломова Г.Г. чунин мешуморад, ки «дар таҳиясозии нақшаи солонаи шуғл танзими давлатӣ ва коркарди методологӣ муассиртарин давраи ҳаётии бозори меҳнат мебошанд» [226].

Ҷонмамадов Ш.Б. чунин зикр менамояд, ки «Асоси ташкили бозори меҳнатро омӯзиш ва таҳқиқи он ташкил медиҳад ва фишанги муҳимтарини он коркарди консепсияҳои методологӣ мебошад» [64].

Ба ақидаи А.А. Ҷураева бошад, «унсури муҳимми бозори меҳнат ин худи меҳнат мебошад ва предмети онро услубҳои методологӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, қонуниятҳои бозори меҳнат бояд талаботи онро низ мушаххас гардонад» [65]. Ақидаи А.А. Ҷураева таъкид мекунад, ки дар таҳқиқи бозори меҳнат, меҳнат ҳамчун як унсури марказӣ ва муҳим бояд дар меҳвари таҳлил қарор гирад. Яъне, на танҳо равандҳои марбут ба шуғл, бекорӣ ё музди меҳнат, балки худи меҳнат ҳамчун раванди иҷтимоию иқтисодӣ бояд ҳамчун ҷузъи асосии сохтори бозор фаҳмида шавад. Меҳнат дар ин маврид на танҳо амали ҷисмонӣ ё зеҳнии инсон дар раванди истеҳсол, балки низ як молест, ки хусусиятҳои хоси худро дорад он бо қобилияти инсонӣ, ҳавасмандии дохилӣ, шароити иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ пайваст аст. Аз ин рӯ, таҳқиқи бозори меҳнат наметавонад

аз омӯзиши методологӣ ва назариявии худи меҳнат ҷудо бошад. А.А. Ҷураева ишора мекунад, ки предмети бозори меҳнат ин на танҳо мубодилаи қувваи корӣ, балки маҷмӯи равандҳо ва омилҳое мебошад, ки меҳнатро ҳамчун унсури иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд. Ба ин хотир, методологияи омӯзиши бозори меҳнат бояд равишҳоеро дар бар гирад, ки тавонад махсусиятҳои меҳнат, муҳити иҷтимоӣ, динамикаи бозор ва таъсири давлатро таҳлил намояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, мо ба хулоса омадем, ки қонуниятҳои бозори меҳнат, яъне равандҳо ва алоқаҳои устувор дар он, бояд бо талаботи худи меҳнат ва хусусиятҳои он мувофиқат дошта бошанд. Масалан, талаботи бозор ба кадрҳои соҳибихтисос, сатҳи ҳавасмандии коргар, муҳити солими меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоӣ ҳамаи ин бояд ҳангоми муайян кардани қонуниятҳо ва модели бозори меҳнат ба инобат гирифта шаванд. Хулоса, андешаи А.А. Ҷураева бар он асос меёбад, ки меҳнат ҳамчун як унсури фаъол ва марказии бозори меҳнат бояд дар таҳқиқот ба таври методологӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад ва қонуниятҳои бозор бояд маҳз ба ҳамин меҳвар мутобиқ карда шаванд, то таҳлил дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ гардад.

Комилов С. Ҷ. бар он ақида аст, ки «омӯзиши тақозои бозори меҳнат бояд дар асоси навовариҳо ба роҳ монда шавад. Инноватсия метавонад поягузори асосии таҳқиқотии бозори меҳнат гардад»[103]. Муаллифон ақидаҳои худро дар асоси омӯзиши бозори меҳнат пешниҳод намудаанд, аммо ба назари мо, ақидаи Ҷураева А. А. дақиқтар мебошад, зеро бозори меҳнат бидуни меҳнат ва барандаи меҳнат, арзаю тақозо ба меҳнат фаъолият карда наметавонад. Ҳама гуна бозор, аз ҷумла бозори меҳнат низ дорои объект ва субъект мебошад, ки бидуни мавҷудияти онҳо бозор амал намекунад.

Дар асоси тафсирҳои дар боло овардашудаи консепсияи иқтисодии васеъ хусусиятҳои хоси онро қайд мекунем:

1. Маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ - ин ҷанба ҳамаи равандҳои марбут ба фурӯш ва хариди қувваи корӣ, ҷалби он ба бозори меҳнат ва идоракунии муносибатҳои байни кормандон, корфармоён ва давлатро дар бар мегирад. Муҳимтарин унсурҳои он чунинанд:

- муносибатҳои байни кормандон (соҳибони меҳнат) ва корфармоён (соҳибкорон ва давлат) дар ҷараёни қабули коргарон ва тақсимоти нерӯи корӣ;

- ҷойгиркунии коргарон дар системаҳои тақсимоти меҳнат ва истифодаи самараноки онҳо;

- назорати ҳаракати қувваи корӣ дар иқтисодиёт ва раванди такристехҳсолии ҷамъиятӣ;

- муносибатҳои байни корфармоён ва коргарон бо иштироки давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба кор қабул, музди меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи меҳнат;

- муайянсозии нархи меҳнат дар асоси таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод;

- табодули қобилияти кории кормандон ба шакли муодили пулии он (маош);

- такристехҳсоли қувваи корӣ, ки дар бар мегирад омӯзиш, тайёрии касбӣ ва истифодаи нерӯи меҳнатӣ дар ҷараёни рушди иқтисодӣ.

2. Механизми иҷтимоию иқтисодии бозори меҳнат - ин механизми танзимкунанда маҷмӯи муносибатҳои байни одамонро дар такристехҳсоли нерӯи меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ инъикос мекунад.

3. Маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ байни корманд ва корфармо - ин ҷанба тамоми равандҳои ҳамкорӣ байни коргарон ва корфармоёнро дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти меҳнатӣ фаро мегирад. Дар ин равандҳо масъалаҳои музди меҳнат, шароити кор, ҳифзи меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ ва рушду пешрафти касбӣ баррасӣ мешаванд.

4. Меъёрҳо ва институтҳои иҷтимоии бозори меҳнат - меъёрҳо ва институтҳои иҷтимоӣ такристехҳсоли қувваи кориро таъмин намуда, истифода ва мубодилаи онро дар асоси таносуби талабот ва пешниҳод ба роҳ мемонанд. Ин ҷанба бо чунин унсурҳо тавсиф карда мешавад:

- муайян кардани нархи меҳнат ва шароити шуғл бо назардошти талаботи бозорӣ;

- муносибатҳои байни корфармоён, иттиҳодияҳои касбӣ ва давлат дар танзими бозори меҳнат;
- системаи кафолатҳои иҷтимоӣ барои муҳофизати ҳуқуқҳои кормандон.

Тавозуни бозори меҳнатро байни талабот ба қувваи корӣ (Nd) ва пешниҳоди меҳнат (Ns), инчунин тавассути сиёсати фаъоли давлатӣ оид ба зиёд кардани шуғл ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, барномаҳои таълимӣ оид ба таълим ва такмили ихтисоси коргарон ва мутахассисон, нигоҳ доштан мумкин аст.

Таъмини қувваи корӣ, ки субъектҳои он хонаводаҳо мебошанд, ба андозаи музди кор мутаносиби мустақим доранд.

Вобаста ба ин, тадқиқоти махсус имкон медиҳад, ки масъалаи кафолатҳои иҷтимоии шуғл ба даст оварда шавад. Намояндагони мактаби институтсионалӣ боварӣ доранд, ки мушкилот дар соҳаҳои шуғлро метавон тавассути ислоҳоти гуногуни институтсионалӣ ҳал кард, ки он асосан рафтори субъектҳоро дар бозори меҳнат муайян мекунад [49].

Давлат дар бозори меҳнат субъектҳои талаботро муайян мекунад ва пешниҳоди меҳнат бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

1. Арзиши музди воқеӣ, яъне таносуби музди меҳнати воқеӣ ва ҳаҷми арзаи меҳнат мустақиман аст. Музди меҳнат ҳар қадар зиёд бошад, пешниҳоди меҳнат низ ҳамон қадар зиёд мешавад. Ҳамчунин, ҳар қадаре ки сифати кор, дараҷаи тахассус ва тафаккури эҷодӣ баландтар бошад, сифати маҳсулот ва сатҳи навовариҳои онҳо баландтар хоҳад шуд.

2. ***Стратегияи кироя*** (ҷалби қувваи корӣ) яке аз унсурҳои калидии бозори меҳнат мебошад, ки дар он корфармоён барои пайдо ва ҷалби кормандон бо малакаҳои зарурӣ тадбирҳои мушаххас меандешанд.

3. ***Вақт*** - як омили муҳими таъсиррасон ба бозорҳои молҳо ва хидматҳо мебошад, ки таҳти ду таъсир қарор дорад – самараи ҷойивазкунӣ ва самараи даромад. Самараи ҷойивазкунӣ маъзаратҳои эҳтимолии дигар имкониятҳои истифодаи вақтро нишон медиҳад, ки дар натиҷаи интихоби муайян барои фаъолияти меҳнатӣ ё истироҳатӣ дар амал меоянд. Самараи даромад, аз ҷониби

дигар, даромадҳои ба дастомада ва аздастрафтаро дар назар мегирад, ки метавонад дар сурати интихоби интихоботи кори бештар ё истироҳат бошад. Вақт ҳамчун як захира маҳдуд, дар интихоби байни вақти корӣ ва вақти шахсӣ ба назар гирифта мешавад, ки боиси таъсир ба қарорҳои иқтисодӣ ва даромадҳо мегардад.

Талаботи куллӣ ба неруи корӣ дар иқтисоди миллӣ як ҷузъи муҳим аст, ки аз маҷмӯи тақозои бахши хусусӣ ва давлатии иқтисод ташкил мешавад. Категорияи талабот ба меҳнат ҳамчун асос ва шарти танзими давлатии бозори меҳнат, шуғл ва бекорӣ хизмат мекунад.

Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи таъминот бо қувваи корӣ метавон ҳамчун сохтори мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ бо як қатор хусусиятҳои хос ва нишондиҳандаҳои оморӣ таҳлил намуд, ки дар маҷмӯъ, самаранокии фаъолияти он ва устувории иҷтимоиро зери таъсир қарор медиҳанд.

Аввалан, сатҳи баланди таваллуд ва ҳиссаи зиёди аҳолии қобили меҳнат (аз нигоҳи сохтори синнусолӣ) дар кишвар боиси ташаккули фишори барзиёд ба бозори меҳнат мегардад, ки ин ба баланд шудани дараҷаи рақобат барои ҷойҳои маҳдуди корӣ мусоидат мекунад ва афзоиши эҳтимолии бекорӣ ва шуғли ғайрирасмиро дар пай дорад.

Дуюм, мутавозин нигоҳ доштани бозори меҳнат асосан тавассути муҳоҷирати муваққатии меҳнатӣ, бахусус ба Федератсияи Россия ва кишварҳои дигар, таъмин мегардад, ки ин раванд хусусияти муваққатӣ дошта, наметавонад ҳамчун механизми устувори танзим баромад кунад.

Сеюм, сатҳи пасти самаранокии истифодаи неруи меҳнатӣ дар иқтисоди миллӣ, ки аз нарасидани истеҳсолоти технологӣ ва таҷзияи сохтории шуғл бармеояд, ба коҳиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва самаранокии умумии фаъолияти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Чаҳорум, нишондиҳандаҳои баланди бекории пинҳонӣ ва воқеӣ, ки аз камбуди ҷойҳои расмии кор ва номутобиқати талаботу пешниҳоди бозори

меҳнат шаҳодат медиҳанд, аз нокифоя будани сиёсати ташкили шуғл ва камбуди сармоягузорӣ ба соҳаҳои корофаринӣ дарак медиҳанд.

Панҷум, сатҳи пасти музди меҳнат, ки мувофиқи маълумоти расмӣ тақрибан 140,1 доллари ИМА дар як моҳро ташкил медиҳад, нишондиҳандаи возеҳи пастии даромадҳо ва қобилияти маҳдуди аҳолӣ дар қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосии худ мебошад, ки дар навбати худ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва камшавии ҳавасмандии иштирок дар бозори меҳнат мусоидат мекунад. Дар ниҳоят, сатҳи пасти фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, ки бо нишондиҳандаҳои пасти иштироки занон, ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир дар бозори меҳнат тавсиф мешавад, низ ба бозсозии иқтисодӣ ва тавсеаи фаъолияти меҳнатӣ монеа эҷод мекунад. Ҳамаи ин омилҳо ниёз ба таҳияи стратегияи комплексии давлатии танзими бозори меҳнатро, ки ба таҳкими қобилияти рақобатии қувваи корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли расмӣ ва диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ равона шудааст, афзун менамояд.

Тамоюли асосии рушди бозори меҳнат дар Тоҷикистон коҳиши мунтазами талабот ба қувваи корӣ мебошад. « ... Ин раванд метавонад боиси кам шудани музди меҳнат гардад, зеро ҳар қадаре ки талабот ба меҳнат камтар ва сифати он пасттар бошад, музди меҳнат низ коҳиш меёбад».

Аз нигоҳи мо, бозори меҳнат ба ду самт тақсим мешавад: бозори меҳнати давлатӣ ва бозори меҳнати ғайридавлатӣ.

Бозори меҳнатии давлатӣ - механизми танзими раванди пардохти музди меҳнат ва шароити меҳнатро омода менамояд, ки кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ, «инчунин такрористеҳсол ва тақсимоти қувваи корӣ, тайёр намудани мутахассисон ва бозомӯзии мутахассисони соҳибихтисос, таъмини шуғли аҳолӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатиро бо назардошти амали қонуни талабот ва пешниҳод таъмин менамояд» [29].

Ин механизм бо мақсади беҳтар кардани вазъи шуғл ва ҳифзи ҳуқуқи коргарон таҳия шуда, барои таъмини ба эътидол овардани бозори меҳнат ва мусоидат ба таъмини шуғл ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвар таъсиргузор аст.

Бозори меҳнатӣ ғайридавлатӣ - механизмҳо ва муҳити байни коргарон (соҳибони меҳнат), соҳибкорон (корфармоён) хариду фурӯш (киро) -и меҳнат, музди меҳнат мебошад.

Дар асоси таърифҳои боло таърифи бозори меҳнатро пешниҳод менамоем, ки нисбат ба таърифҳои мавҷуда мукаммал ва бартарии он чунин аст:

Бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ё ҷойе дар назар дошта мешавад, ки дар он субъектҳои иқтисодӣ дар асоси қонунҳои бозорӣ, унсурҳои таркибии он, яъне арзаю тақозои меҳнат муносибатҳои меҳнатиро ба роҳ монда, амалиётҳои барои тарафҳо муфидро анҷом медиҳанд.

Бозори меҳнат - механизми мубодилаи қувваи корӣ ба музди муайян ва шароити кор мебошад.

Фурӯшандагони (соҳибони) меҳнат ва харидорон (соҳибкорон, ҳукумат) сатҳи бозорро ба таври возеҳ муайян мекунанд.

Бозори меҳнат равандҳои такрористеҳсолӣ, тақсимоти меҳнат, таълим ва бозомӯзии коргарони ихтисоснокро фаро мегирад.

Бояд қайд намуд, ки бозори меҳнат яке аз ниҳодҳои муҳимтарини рушди муосири иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳама кишварҳои ҷаҳон яке аз вазифаҳои муҳим дар бозор, ин таъмини рушди мутавозуни арза ва тақозои қуваи корӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Таҳлили вазъи бозори меҳнат дар даҳ соли охир аз он шаҳодат медиҳад, ки масоили бозори меҳнат дорои аҳаммияти ҳаётан муҳимми иҷтимоии муосир ба ҳисоб рафта, вазъи шуғли аҳолӣ, бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба сатҳи ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ ва корпоративӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ мебошад, ки бо ташаккули модели нави бозори меҳнат алоқаманданд.

2. Дар асоси таҳқиқи равишҳои назариявӣ ва методологӣ мафҳуми бозори меҳнатро бо маънои васеъ, ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла

меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқии таъминкунандаи раванди такрористеҳсоли муқаррарӣ - самаранокии истифодаи қувваи корӣ ҷамъият ва маънои маҳдуд ҳамчун низоми муносибатҳои байни корфармоён оид ба қонеъ кардани талаботи кормандони кироя нисбат ба шуғл бо мақсади ҳифзи сатҳи зиндагӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

3. Хусусиятҳои асосии танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат вобаста ба ҳаракати қувваи коргарӣ байни корхонаҳо, дараҷаи рақобатпазирии кормандон, имконияти воридшавии субъектҳои нав ва сатҳу сифати тақозо ва арза ба қувваи коргарӣ ошкор карда шудаанд.

4. Дар бозори меҳнат фаъолияти субъектҳои муайянкунандаи тақозо ва арза ба як қатор омилҳо, аз қабили арзиши музди меҳнати воқеӣ, стратегияи кироя ва вақт алоқаманд аст.

5. Бозори меҳнатро дар ду самт гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: бозори меҳнати давлатӣ ва бозори меҳнати ғайридавлатӣ. «Бозори меҳнати давлатӣ – механизми танзими раванди пардохти музди меҳнат ва шароити меҳнатро омода менамояд, кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин такрористеҳсол ва тақсимоти қувваи корӣ, тайёр намудани мутахассисон ва бозомӯзии кадрҳо, таъмини шуғли аҳолӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатиро бо назардошти амали қонуни талабот ва пешниҳод таъмин менамояд. Бозори меҳнати ғайридавлатӣ - механизмҳо ва муҳити байни коргарон (соҳибони меҳнат), соҳибкорон (корфармоён) хариду фурӯш (киро) -и меҳнат, музди меҳнат мебошад» [150].

«Танзими бозори меҳнат як системаи мураккаби тадбирҳо мебошад, ки на танҳо соҳаи шуғл, балки тамоми унсурҳои низоми иқтисодии ҷомеаро фаро мегирад. Инчунин, қарорҳо, ки дар сатҳҳои гуногун қабул мешаванд ва ба эътидол овардани бозори меҳнат равона шудаанд, дар механизми танзим нақши муҳим доранд. Танзими бозори меҳнат бояд ҳамчун маҷмӯи вазифаҳои идоракунӣ ва тадбирҳои махсуси давлатӣ, ки бо мақсади таъмин кардани мувозинат ва устувории талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат амалӣ мегарданд, баррасӣ шавад» [38]. Ин танзимот бояд ба эҷоди шартҳои мусоид барои рушди неруи корӣ, ҳимояи ҳуқуқи меҳнатӣ, ва таъмини самаранокии

бозори меҳнат кӯмак кунад. «Механизми танзими бозори меҳнат, ҳамчун як ҷузъи механизми умумии танзими иқтисодӣ, инчунин як навъ «механизми тавозун» мебошад, ки дар он давлат вазифадор аст, ки ба тамоми низоми иқтисодӣ, аз ҷумла бозори меҳнат, таъсир расонад» [38].

Бо мақсади танзими бозори меҳнат, давлат қоидаҳои танзим ва муносибатҳо байни кормандон ва корфармоёнро муайян мекунад, ки барои дуруст ба роҳ мондани равандҳои шуғл, баланд бардоштани самаранокии кор ва таъмини мушкилоти иқтисодии марбут ба шуғл зарур мебошанд. Ин тадбирҳо барои эътидол овардан ва рушд ёфтани бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

Иштироки давлат метавонад барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва таъмини ҳуқуқҳои коргарон муҳим бошад, ки бо мақсади коҳиш додани бекорӣ, баланд бардоштани шуғл ва ҳифзи иҷтимоии коргарон мусоидат мекунад. Аммо, дахолати доимии давлат метавонад боиси эҷоди монеаҳои маҳдудкунандаи озодии бозор, кам кардани самаранокии иқтисодӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба пастравии сатҳи шуғл ва нақзи принсипҳои бозор шудан метавонад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии дахолат ва хидматҳои давлат бо муҳити бозори меҳнат ва муносибатҳо бо маҳдудиятҳои дуруст ва мақсаднок, барои натиҷаҳои мусбати иқтисодӣ зарур аст.

Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқоти иқтисодшиносон ва муҳаққиқони соҳаи сиёсати шуғл, мавқеи бештар асосёфта ва илмӣ он аст, ки самаранокии танзими бозори меҳнат дар натиҷаи ҳамбастагии дуҷонибаи механизмҳои танзими давлатӣ ва худтанзимкунии бозорӣ таъмин мегардад. Маҳз тавозуни дуруст миёни дахолати мақсадноки давлат ва фаъолияти озоди бозорӣ шароити мусоиди ташаккули бозори меҳнати устувор, самарабахш ва иҷтимоӣ-адолатмандро фароҳам меорад. Дар ин замина, вазифаи калидии танзими давлатии бозори меҳнат на танҳо ба таъмини шуғли пурсамар ва пурмаҳсул равона шудааст, балки ба тақсимоти оқилона ва ҳадафмандонаи захираҳои меҳнатӣ аз рӯи намудҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодӣ, таъмини кафолатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, инчунин таҳкими механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқии иштирокчиёни бозор мусоидат менамояд.

Бо ибораи дигар, танзими давлатӣ бояд муҳити институтсионалиро барои рушди худтанзимкунии бозор фароҳам овард, дар ҳолатҳои зарурӣ воситаҳои стабилизатсионӣ ва ислоҳкунандаро ба кор барад. Ин равиши омехта (гибридӣ), ки дар он давлат нақши шарик, роҳнамо ва кафилро бар дӯш мегирад, вале рақобат, ташаббуси хусусӣ ва реаксияи бозорӣ низ нигоҳ дошта мешаванд дар амалияи кишварҳои муваффақ ҳамчун модели муассири идоракунии бозори меҳнат эътироф шудааст.

Мақсади асосии усулҳои маъмурӣ - таъмини назорат ва тартибот дар фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад, ки бо ёрии чораҳои манъкунӣ ва иҷозатдиҳӣ метавонад ба эҷоди шартҳои мувофиқ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар кӯмак кунад. Усулҳои маъмурӣ қисми таркибии фаъолияти иқтисодӣ ва танзими бозори меҳнат мебошанд.

«Дар навбати худ, усулҳои иқтисодӣ бояд иқтисодеро ба вуҷуд оранд, ки ҳавасмандгардонии иштирокчиёни бозори меҳнат ва ба ин васила танзим кардани онҳо барои ноил шудан ба шуғли таъсирбахшро таъмин намояд» [38].

Дар раванди таҳлилҳо таснифи усулҳо ва воситаҳои асосии механизми танзими давлатии бозори меҳнатро пешниҳод мекунем (расми 1.1.1.).

Чунонки аз расми 1.1.1. бармеояд, воситаҳои танзими бозори меҳнат ҳам мустақим ва ҳам ғайримустақим мебошанд. «Бо таъсир расонидан ба бозори меҳнат, онҳо инчунин ба бозорҳои дигар, аз ҷумла, бозорҳои молӣ, молиявӣ, амволи ғайриманқул ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Масалан, тавассути маблағгузории корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ фаъолият мекунанд, давлат кӯшиш мекунад, ки иқтидори истеҳсолӣ, автоматикунонӣ ва механиконидани раванди истеҳсолотро баланд бардорад. Инчунин, тавассути ҷорӣ кардани технологияҳои нави истеҳсолот, чораҳои ҳифзи муҳити зист ва дигар тадбирҳои муҳим, давлат барои рушди иқтисодӣ ва таҳкимбахшии соҳаҳо кӯмак мекунад» [38]. Дар ҳамин замина, ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди соҳаҳо ба як мақсади муҳим табдил меёбад, ки бо мусоидат ба рушди истеҳсолот ва шуғли аҳолӣ, ҳамзамон бо таъмини рушди устувори иқтисод мусоидат мекунад.

«Ин таъсирот боиси таҳкими ва рушди корхонаҳо, беҳтар шудани шароити истеҳсолӣ ва афзоиши истеҳсолот мегардад, ки дар натиҷа, имкониятҳои шуғл ва ҷойҳои кории нав ба вуҷуд меоянд. Давлат, аз ин рӯ, бо истифода аз чунин воситаҳо, на танҳо бозори меҳнат, балки тамоми низоми иқтисодӣ ва бозорҳои алоқамандаро ба рушди устувор ва самарабахши иқтисод барқарор мекунад» [38].



Расми 1.1. 1. - Таснифи усулҳо ва воситаҳои асосии танзими давлатии бозори меҳнат.

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, тавассути низоми хариди давлатӣ талабот ба меҳнат, хусусан дар он намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки фармоишҳои давлатиро қабул мекунанд, меафзояд.

Ҳангоми татбиқи чунин сиёсати танзимӣ, давлат бо фароҳам овардани шароити мувофиқ барои рушд ва фаъолият дар бахшҳои муҳими иқтисодиёт, ба ҳисобгирии эҳтиёҷоти бозор ва истифодаи захираҳои меҳнатии самарабахш кӯмак мекунад. Усулҳои ташкил, ки давлат татбиқ мекунад, барои фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ барои ҳамаи иштирокчиёни бозори меҳнат зарур аст. Ин усулҳо бояд ба баланд бардоштани иқтидори иқтисодии ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ, тақсимоти оқилонаи захираҳои меҳнат ва ҳавасмандгардонии шуғл мусоидат намоянд.

«Воситаҳои асосии ин гурӯҳ аз муайян намудани самтҳои рушди ҳудудӣ, пешгӯии бозори меҳнат, ташкили кори хадамоти шуғли аҳолӣ, корҳои роҳнамоии касбӣ ва ғайра иборатанд. Таҳия ва татбиқи воситаҳои мазкур ба зиммаи мақомоти давлатии ҳар як сохтор вогузор карда мешавад. Меъёрҳои қонунгузорӣ дар механизми давлатии танзими бозори меҳнат нақши назаррас доранд. Сиёсати давлат ҳамеша чун анъана ба қонунгузорӣ такя мекунад ва татбиқи меъёрию ҳуқуқӣ дорад, зеро барои фаъолияти самараноки бозор, санадҳои қонунгузорӣ, меъёрҳо ва қоидаҳое лозиманд, ки муносибати субъектҳои бозори меҳнатро ба таври равшан ба танзим медароранд» [38].

Танзими муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳое ба ҳисоб мераванд, ки бо онҳо бевосита алоқаманданд. «Самаранокии бозори меҳнат бидуни фароҳам овардани шароити мувофиқи иқтисодӣ, сиёсати фаъоли шуғл, таҳия ва татбиқи самараноки барномаҳои минтақавӣ оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ, барномаҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии коргарони зиёдатӣ ва ғайра имконнопазир аст» [149].

Танзим ва иттилоот барои муносибатҳои мутақобили меҳнатӣ ва рушди бозори меҳнат ба ин васила бо истифода аз воситаҳои муосир ва сохторҳои давлатӣ ба таври самарабахш ташкил карда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло механизми муосири танзими давлатии бозори меҳнат маҷмуи усулҳои маъмурӣ, иқтисодӣ, қонунгузорӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ мебошад.

Дар асоси таҳлил ва синтези таърифҳои овардашуда, таърифи зеринро дар бораи мафҳуми бозори меҳнат пешниҳод мекунем: Бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ё ҷойе дар назар дошта мешавад, ки дар он субъектҳои иқтисодӣ дар асоси қонунҳои бозорӣ, унсурҳои таркибии, он яъне арзаю тақозои меҳнат муносибатҳои меҳнатиро ба роҳ монда, амалиётҳои барои тарафҳо муфидро анҷом медиҳанд.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, таҳлили консепсияҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва танзими давлатии он нишон медиҳад, ки:

1. Идоракунии бозори меҳнат як раванди мураккаб ва бисёрҷониба мебошад, ки на танҳо ба соҳаи шуғл, балки ба тамоми низоми иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Механизми танзими давлатӣ бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ шароити мусоидро барои рушди устувор ва самараноки шуғл таъмин менамояд. Он барои ташаккули муносибатҳои меҳнатии мутавозин ва мутобиқсозии талабот ва пешниҳоди ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад. Тадбирҳои танзимӣ метавонанд сатҳи шуғлро ба таври назаррас тағйир дода, бо роҳандозии қарорҳои идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун вазъи бозори меҳнатро ба эътидол оваранд.

2. Идоракунии бозори меҳнат бояд ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ баррасӣ шавад, ки ҳадафи асосии он таъмини мувозинати байни талабот ва пешниҳоди меҳнат мебошад. Давлат ҳамчун субъекти калидии танзими бозори меҳнат масъули ташаккули механизмҳои муассир барои баланд бардоштани сатҳи шуғл ва кам кардани бекорӣ мебошад.

3. Дар асоси таҳлили назарияҳои анъанавӣ ва муосири шуғл, зарурати танзими давлатии бозори меҳнат асоснок карда шуда, ҷанбаҳои гуногуни рушди таърихии ин раванд таҳқиқ гардидаанд. Ҳамзамон, усулҳои илмӣ ва

методологии татбиқи сиёсати танзими шаффоф ва самараноки муносибатҳои меҳнатӣ пешниҳод гардидаанд.

4. Ҳадафи стратегии танзими давлатии бозори меҳнат дар он ифода меёбад, ки шароити устувор, самаранок ва баробарҳуқуқи шуғли аҳолӣ таъмин карда шавад. Ин ҳадаф на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон мусоидат менамояд, балки воситаи муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ низ маҳсуб меёбад. Дар ин раванд, тавассути такмили сохтори соҳаҳои иқтисодиёт, таҳкими рақобатпазирии институтҳои бозори меҳнат ва истифодаи мақсадноки захираҳои инсонӣ, самаранокии умумии низоми иқтисодӣ афзоиш меёбад.

5. Механизми танзими давлатии бозори меҳнат на танҳо ба таносуби байни пешниҳод ва талаботи қувваи корӣ нигаронида шудааст, балки кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатиро низ таъмин мекунад. Он шароити ташаккули муҳити меҳнатии устувор, ҳавасмандкунанда ва барқароркунандаи адолати иҷтимоиро фароҳам оварда, бо ин васила ба устувории бозори меҳнат ва коҳиши сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд. Чорабиниҳои муассири идоракунӣ ва танзим дар ин соҳа, аз қабили таҳияи барномаҳои шуғли аҳолӣ, ҳавасмандгардонии корфармоён, таъмини бозомӯзии кадрҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои калидӣ барои рушди бозори меҳнат ва ҳифзи манфиатҳои дуҷонибаи кормандону корфармоён ба шумор мераванд. Дар маҷмӯъ, танзими оқилонаи давлатии бозори меҳнат воситаи муҳими расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

1.2. Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи самаранокии танзими бозори меҳнат дар алоқамандии равандҳои муҳоҷират

Вазъи имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ, ки зери таъсири омилҳои зиёди системавӣ ва буҳрони такроршаванда қарор дорад, зарурати бознигарии ҷиддии сиёсати шуғл ва таҳкими механизмҳои танзими бозори меҳнатро ба миён

гузоштааст. Яке аз масъалаҳои калидии ин марҳила таъмини фаъолияти самараноки бозори меҳнат ҳамчун шарти устувори рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳост. Ин мушкилот на танҳо хусусияти фаврӣ дорад, балки бо дурнамои стратегӣ низ алоқаман аст, зеро рақобатпазирӣ дар шароити ҷаҳонишавии баъдииндустриалӣ, пеш аз ҳама, ба сатҳи таҳия ва истифодаи захираҳои инсонӣ такя мекунад [208, с 90-93]. Тавре, ки таъкид мегардад, бозори меҳнат на танҳо фазои харидуфурӯши қувваи корӣ, балки механизми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки қобилияти инсонро фаъол месозад, ташаккул ва рушди касбӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии шахсро ҳавасманд менамояд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти илмӣ оид ба бозори меҳнат дар доираи илмҳои иқтисодӣ таърихи тӯлонӣ дошта, аз асри XVIII то имрӯз, бо тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ ва назариявӣ, доимо рушд ёфтаанд.

Дар шароити муосир, ду равияи назариявии бонуфуз мактаби классикии нав ва нео-институтсионализм, консепсияҳои алтернативӣ ва дар айни замон, мукаммали таҳлили бозори меҳнатро пешниҳод менамоянд. Мактаби классикии нав, ки ба механизми худтанзимкунандаи бозор ва таъсири озоди қонунҳои талабот ва пешниҳод такя мекунад, бозори меҳнатро ҳамчун сохтори мутавозин тасвир менамояд, ки тавассути тағйирёбии музди меҳнат тавоноии мутобиқ шуданро ба тағйироти дохилӣ ва беруна дорад.

Дар муқобил, мактаби нео-институтсионалӣ ба маҳдудиятҳои сохторӣ, омилҳои институтсионалӣ, таъсири қонунгузорӣ, муқаррароти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва интизориҳои рафторӣ диққати аввалиндараҷа медиҳад. Аз ин дидгоҳ, бозори меҳнат ҳамчун муҳити институтсионалӣ шинохта мешавад, ки дар он рафтори иштирокчиён зери таъсири қоидаҳо ва механизмҳои ғайрибозорӣ ташаккул меёбад. Нео-институтсионалистон нишон медиҳанд, ки маҳз ин омилҳо манбаи ихтилоф, номувозинат ва душвориҳои муосир дар бозори меҳнат мебошанд.

Муқоисаи ин ду равиш имконият медиҳад, ки дар таҳияи сиёсатҳои танзими бозори меҳнат ҳамзамон ба самаранокии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои

дорои иқтисоди бозори гузариш, татбиқи равиши интегратсионӣ, ки омезиши самтҳои классикӣ ва институтсионалиро дар бар гирад, метавонад ҷавобгӯи манфиатҳои стратегии рушди бозори меҳнат бошад.

Таҳлили неоклассикӣ, ки ҳамчун яке аз ҷараёнҳои бунёдии назарияи иқтисод дар асри XX эътироф мегардад, бар асоси як қатор фарзияҳои методологияи устувор гардидааст, ки онҳо ба принсипҳои модели иқтисоди бозорӣ ва рафтори оқилонаи субъектҳо такя мекунанд. Ин равиш ҷанбаи абстрактии назарияи иқтисодро ташаккул дода, равандҳои бозорӣ ва алоқаҳои байни субъектҳои иқтисодиро дар доираи низоми мутавозин тавсиф менамояд.

1. Субъектҳои асосии иқтисодӣ дар маркази таҳлили неоклассикӣ се гурӯҳи асосии агентҳо қарор доранд: хонавода (ё шахси инфиродӣ), корхона (ё ширкат) ва давлат. Ҳар як гурӯҳ бо иҷрои вазифаи муайян дар системаи иқтисодӣ муаррифӣ мегардад. Масалан, хонавода ҳамчун таъминкунандаи қувваи корӣ ва истеъмолкунанда баромад мекунад; корхона истеҳсол ва пешниҳоди молу хизматрасониро анҷом медиҳад; давлат бошад, нақши танзимгар ва таъминкунандаи низомҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро мебозад. Рафтори ҳар як субъект бо ҳадафи ба даст овардани манфиати максимумӣ фоида, коммуналӣ ё устувории макроиқтисодӣ асоснок карда мешавад.

2. Маҳдудияти захираҳо ва имкониятҳо, яке аз фарзияҳои калидии неоклассикӣ маҳдудияти захираҳои истеҳсолот ва қобилиятҳои инсонӣ мебошад. Ин ғоя, ки сарчашмаи он аз назарияи рентаи тафриқавии Д. Рикардо сарчашма мегирад, дар неоклассика шакли нави таҳлилро касб кардааст. Аз дидгоҳи неоклассикон, маҳдудиятҳо нисбӣ мебошанд ва ба сатҳи эҳтиёҷот ва имконоти технологӣ вобастаанд. Дар ин замина, моделҳои неоклассикӣ ба фарзияи бозори комилан рақобатӣ такя мекунанд, ки дар он тамоми молу хизматрасониҳо ва захираҳо (меҳнат, сармоя, замин) ивазшавандаи комил дониста мешаванд.

3. Ивазшавии комил ва мувозинати бозорӣ - яке аз хусусиятҳои методологии неоклассика фарз кардани имкони ивазшавии пурраи молҳо ва захираҳо бо хатари минималӣ мебошад. Ин фарзия имкон медиҳад, ки модели

назариявии бозорҳои рақобатӣ ҳамчун низомҳои мувозинсоз ва худтанзимкунанда таҳия шаванд. Дар ин равиш, мувозинати бозорӣ ҳамчун ҳолати табиӣ ва устувори иқтисод тасвир мешавад, ки дар он нархҳо тамоми иттилооти заруриро дар бар мегиранд ва роҳнамо барои қабули қарорҳо аз ҷониби субъектҳо мешаванд.

4. Яке аз пояҳои методологӣ ва назариявии мактаби неоклассикӣ назарияи омилҳои истеҳсолот ба ҳисоб меравад, ки дар доираи он иқтисоди бозорӣ ҳамчун низоми мутавозини худтанзимшаванда баррасӣ мешавад. Дар доираи ин назария, истеҳсоли маҳсулот натиҷаи ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи чор омил меҳнат, сармоя, замин ва қобилияти соҳибкорӣ мебошад. Баръакси дидгоҳҳои мактабҳои классикӣ ва марксистӣ, ки ба меҳнат ҳамчун манбаи ягонаи арзиш ва истеҳсолот аҳамияти афзалиятнок медоданд, мактаби неоклассикӣ таъкид мекунад, ки ҳар яке аз омилҳои мазкур дар таъмини натиҷаи ниҳоии истеҳсолот нақши баробар ва ҷудонашаванда доранд. Дар ин росто, меҳнат ҳамчун қувваи кории инсонӣ, сармоя ҳамчун маҷмӯи воситаҳои истеҳсолот ва захираҳои молиявӣ, замин ҳамчун захираи табиӣ ва қобилияти соҳибкорӣ ҳамчун иқтидори ташкилию идоракунӣ ва инноватсионӣ баррасӣ мешаванд. Маҳз ҳамгироии самараноки ҳамаи ин омилҳо ба ташаккули модели самарабахши истифодаи захираҳо, таъмини ҳосилнокии баланд ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат менамояд. Назарияи омилҳои истеҳсолот дар неоклассика бо истифода аз моделҳои математикӣ ва таҳлили ҳадди маржиналӣ (маржалӣ), аз ҷумла тавассути функсияҳои истеҳсолот, нақши ҳар як омилро дар ҳаҷм ва сохтори маҳсулоти ниҳоӣ муайян мекунад. Ин равиш ба иқтисодшиносон имконият медиҳад, ки муносибати мутавозинро дар истифодаи захираҳо ба даст оваранд ва барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла сиёсати меҳнат, сармоягузорӣ ва андоз, асосҳои таҳлилӣ ва амалӣ пешниҳод намоянд. Назарияи неоклассикӣ ба таҳкими самаранокии иқтисодӣ тавассути оптимизатсияи истифодаи омилҳои истеҳсолот, таъсиси муҳити рақобатӣ ва таъмини мувозинати бозорӣ равона гардида, ба сифати заминаи муҳими таҳлили сиёсати иқтисодии муосир хизмат мекунад.

5. Хоҳиши ба ҳадди аксар расонидани фоида, яъне мавқеъ дар бораи хоҳиши ба ҳадди аксар расонидани фоидаро ба таври возеҳ дар назарияи А. Смит пайдо кардан мумкин аст. Тибқи назарияи «одами иқтисодӣ» ҳар як фард кӯшиш мекунад, ки натиҷаи фаъолияти худро бо ҳисси худҳифзнамоӣ ба ҳадди аксар расонад.

Аз нигоҳи неоклассикҳо, инсон ҳамеша дар ҷустуҷӯи беҳтарин роҳи истифодаи имкониятҳои маҳдуди худ қарор дорад ва барои расидан ба натиҷаи беҳтар кӯшиш мекунад. Муваффақият дар ҳар соҳа, ба гуфтаи «А. Смит, ба дараҷаи такмили қобилият ва самаранокии шахс вобаста аст. Аз ин рӯ, одамон дар рақобат қарор мегиранд, чунки ҳамаи онҳо як ҳадаф доранд ба даст овардани натиҷаи хубтар бо истифодаи захираҳои маҳдуд. Ҳар шахс бояд интихоб кунад чӣ гуна ва барои чӣ захираҳояшро истифода барад. Интихоб бояд оқилона бошад, яъне фоидааш аз хароҷот бештар бошад» [208, с 90-93]..

Ин рафтори оқилонаи инсон, ки ба таври назариявӣ дар асоси муқоисаи имкониятҳо сурат мегирад, асоси назарияи неоклассикӣ ба шумор меравад. Маҳз ҳамин тарзи фикрронии иқтисодӣ боис мешавад, ки иқтисод бо воситаи бозор худ танзим мешавад. Неоклассикҳо бар он ақидаанд, ки аксари масъалаҳои иқтисодӣ бо воситаи бозор, яъне тавассути таъриф ва пешниҳоди озод, ҳал мешаванд ва барои ин, дахолати давлат зиёд лозим нест.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки «иқтисоди классикӣ ва неоклассикӣ дар байни падидаҳои иқтисодӣ робитаҳои бунёдӣ барқарор кардаанд. Хулосаҳои неоклассикӣ бо дараҷаи баланди абстраксия хосанд, ки сабаби асосии интиқод аз неоинститутсионализм гардидааст. Ҳамзамон, неоинститутсионализм баъзе усулҳои методологии неоклассикиро дар самти танзими бозори меҳнат қабул мекунад, вале дар шакли тағйирёфта» [208, с 90-93].

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми арзёбии методологияи таҳқиқи бозори меҳнат ба қобилияти маърифатӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Қобилиятҳои маърифатии инсон, ҳамчун яке аз омилҳое баромад мекунанд, ки имкониятҳои интихоби оқилонаро маҳдуд мекунанд.

Грановеттер М. чунин мешуморад, ки «рафтор ва манфиатҳо... бо муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ чунон маҳдуд шудаанд, ки кӯшиши мустақил нишон додани онҳо хатои сахт мебуд» [61].

Бо мақсади доштани фазо барои фиреб, корфармо қасдан шартномаро нопурра месозад. «Корманд низ метавонад аз он манфиат гирад. Исбот кардани хунукназарӣ нисбат ба фаъолият аз ҷониби ҳарду тараф хеле душвор аст, ҳатто агар дар шартнома барои он ҷазо пешбинӣ шуда бошад. Дар натиҷа рафтори созишкорона ташаккул меёбад, яъне рафторе, ки ба гирифтани фоидаи яктарафа нигаронида шудааст. Мавҷудияти рафтори созишкорона мониторинги иҷрои шартҳои шартномаро тақозо мекунад ва ин дар навбати худ бо як намуди махсуси хароҷот – хароҷоти муомилот алоқаманд аст» [208, с 90-93].

Ҳамин тариқ, «неоинститутсионализм методологияи неоклассикиро аз нигоҳи интиқодӣ таҳлил намуда, онро тағйир дода, дараҷаи аз ҳад зиёди абстрактии равишҳои неоклассикиро бартараф мекунад, ки ин имкон медиҳад, хулосаҳо ва тавсияҳои судманд барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ таҳия карда шаванд» [208, с 90-93].

«Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ҷаҳон дарки сиёсати бо кор таъмин намудани аҳолӣ ҳамчун воситаи пурратар ба амал баровардани неруи меҳнатӣ ва зеҳнии аҳолӣ ба вуҷуд омада, ёрӣ ба бекорон танҳо порчае аз ин сиёсат дониста мешавад» [36].

Бояд қайд кард, ки барномаҳои фаъоли шуғли аҳолӣ нақши муҳим дар ҳалли вазифаҳои сиёсати шуғл мебозанд. Ин барномаҳо ба истифодаи самараноки неруи корӣ ва таъмини шуғли устувор бо роҳи татбиқи тадбирҳо барои рушди ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани малака ва касбомӯзии аҳолӣ, инчунин кӯмак ба афроди ҷустуҷӯкунандагон барои пайдо кардани ҷойи кор, равона шудаанд. Сиёсати фаъоли бозори меҳнат, ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ, ки барои танзими равандҳои шуғл ва рушди бозори меҳнат ба кор бурда мешаванд, ба таври гуногун тафсир мешаванд. Чандин тафсирҳо дар бораи сиёсати фаъоли бозори меҳнат мавҷуд аст, ки ҳар як мувофиқи таҳлили иқтисодию иҷтимоии кишвари муайян таҳия ва амалӣ мешавад. Бо

дарназардошти мазмуни худ, барномаҳои фаъоли шуғли аҳолӣ маҷмӯи тадбирҳои мақсаднокеро дар бар мегиранд, ки ба баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, кам кардани бекорӣ, махсусан шаклҳои фриксионӣ ва сохтории он ва таҳкими қобилияти рақобатпазирии қувваи корӣ равона шудаанд. Ин барномаҳо ба шаҳрвандон имконият медиҳанд, ки ба таври муассир ва зудтар ба бозори меҳнат ворид шаванд, малакаҳои заруриро касб намоянд ва ба ҷойҳои кории мувофиқ дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар расми 1.2.1 шаклҳои гуногуни барномаҳои фаъоли шуғли аҳолӣ, ки дар бозори меҳнат амалӣ мегарданд, тасвир ёфтаанд. Инҳо метавонанд омӯзиши касбӣ ва бозомӯзӣ, машваратҳои касбӣ, миёнаравии шуғл, ташкили ҷойҳои нави кор, дастгирии соҳибкории хурд, инчунин ҷалби гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир ба бозори меҳнатро дар бар гиранд. Муҳим аст, ки ҳар як навъи чунин барномаҳо тавассути каналҳои муайян ва механизмҳои татбиқи махсус, ки ба шароити миллии бозори меҳнат мутобиқ шудаанд, амалӣ карда шаванд. Таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ нишон медиҳанд, ки сиёсати фаъоли бозори меҳнат метавонад ҳамчун «стабилизатори автоматӣ» амал намояд. Яъне, дар шароити бӯҳронҳои иқтисодӣ ва тағйироти ногаҳонии бозор, чунин барномаҳо бо роҳи ҳифзи шуғл ва мутобиқсозии қувваи корӣ метавонанд таъсири манфии равандҳои макроиқтисодиро коҳиш дода, суботи иҷтимоӣ ва иқтисодиро таъмин намоянд. Дар ин росто, татбиқи самараноки барномаҳои фаъоли шуғл на танҳо ҳамчун абзори сиёсати иҷтимоӣ, балки ҳамчун унсури муҳими идоракунии иқтисодӣ ва афзоиши устувори иқтидори инсонии кишвар арзёбӣ мегардад.



Расми 1.2.1. - Муаррифии барномаҳои фаъоли дар бозори меҳнат амалишаванда.
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [229]

Ба ин маънӣ, дар як тараф, баъзе олимон бар ин бовараанд, ки барномаҳои фаъол метавонанд боиси кам кардани мушкилоти шуғл, баланд бардоштани малакаи касбӣ ва мувофиқат ба талаботҳои бозори меҳнат шаванд. Аммо, дар тарафи дигар, баъзе таҳлилгарон ҳанӯз шубҳа доранд дар бораи самаранокии онҳо ва онро бо шароити иқтисодии мураккаб ва тағйирёбии шиддати талабот дар бозори меҳнат мансуб медонанд.

Барномаҳои фаъол ба таври умум барои беҳтар кардани вазъи шуғл ва кам кардани бекорӣ дар назар гирифта мешаванд, вале чунки онҳо вобаста ба шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва географӣ амалӣ мешаванд, натиҷаҳои онҳо ҳамеша яксон нестанд. Ҳар як барнома метавонад таъсироти гуногун дар сатҳи микро ва макро дошта бошад, ки ин таҳлили самаранокии онҳоро мураккаб мекунад.

«Одатан, таҳлили макроиқтисодии сиёсати бозори меҳнат бо истифода аз дастгоҳи каҷхаттаи Филипс, каҷхаттаи Беверич ва моделҳои Лайард-Никелл гузаронида мешуд» [229]. Моделҳои мазкур барои таҳлил кардани таъсири сиёсати шуғл ва бозори меҳнат дар сатҳи макроиқтисодӣ, ки ба унсурҳои ба ҳам пайвастшудаи иқтисод, монанди сатҳи бекорӣ, афзоиши иқтисодӣ ва нархи меҳнат таъсир мерасонанд, кӯмак мекунанд. Таҳлили самаранокии барномаҳои шуғл ва бозори меҳнат аз ин роҳ имкон медиҳад, ки ба таври муассир сиёсати

шуғл ва амалишавии барномаҳо барои кам кардани бекорӣ ва ҳавасманд кардани шуғл дар бозори меҳнат таҳия ва амалӣ карда шаванд.

Самаранокии барномаҳои фаъоли давлатӣ дар бозори меҳнат асосан дар кишварҳои пешрафта ва дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш аз ҷониби муаллифони маъруфи хориҷӣ таҳлил карда шудаанд, ба монанди Ҷ. Хекман, Х. Ишимара, П. Тодд, Ҷ. Клюве, Х. Леманн ва К. Шмит, Ҷ. Хоули, Д. Кард, А. Вебер ва дигарон. Ин муҳаққиқон усулҳо ва моделҳои гуногуни арзёбӣ кардани самаранокии барномаҳои шуғл ва бозори меҳнатро пешниҳод карда, таъсири онҳо ба сатҳи бекорӣ, шуғл ва рушди иқтисоди кишварҳоро таҳлил кардаанд.

Дар баробари ин, дар давлатҳои ИДМ кӯшишҳо барои арзёбии самаранокии барномаҳои фаъол дар бозори меҳнат ҳанӯз каманд. Аммо, баъзе корҳои муҳиму муфид дар ин соҳа аз ҷониби муҳаққиқон ва олимон дар кишварҳои ИДМ анҷом шудаанд. Масалан, корҳои Ниворожкина Л. ва Ахмедов А.А., Денисова И., Қодирзода Д.Б., Умаров Ҳ., Комилов С.Ҷ., Кошонова М. ва дигарон дар заминаи таҳлили самаранокии барномаҳои фаъол дар бозори меҳнат муҳим мебошанд. Ин таҳқиқотҳо ба таҳияи усулҳои маҳаллӣ ва мутобиқсозии барномаҳои байналмилалӣ ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои ИДМ мусоидат мекунанд.

Дар амалияи байналмилалӣ, технологияҳои арзёбии самаранокии барномаҳои шуғли фаъол на танҳо муқоисаи нишондиҳандаҳои шуғли аҳолӣ, балки инчунин таҳлил ва муқоиса кардани рушди касбии минбаъдаи ду гурӯҳи бекоронро дар бар мегиранд. Ин гурӯҳҳо бо ҷинс, синну сол, маълумот ва касби якхела ҷудо карда мешаванд: онҳое, ки дар ин ё он барномаи мушаххас иштирок кардаанд ва онҳое, ки иштирок накардаанд.

Мақсади чунин таҳлил ин аст, ки фарқияти натиҷаҳои шуғл ва рушди касбии иштирокчиёни барномаҳои фаъол ва ғайри иштирокчиёнро муайян карда, самаранокии барномаҳоро ба таври амиқ ва дуруст баҳогузорӣ намояд. Ин фарқиятҳо кӯмак мекунанд, ки дарк карда шавад, ки чӣ гуна барномаҳои мушаххас метавонанд ба беҳтар шудани имкониятҳои шуғл ва рушди касбии шаҳрвандон, ки бекор буданд, таъсир расонанд.

«Баррасии равишҳои тадқиқотчиёни рус ба арзёбии самаранокии барномаҳои сиёсати шуғл пешниҳод мекунад, ки С.Н. Смирнов тавсия медиҳад самараи иҷтимоии иқтисодии сиёсати бо кор таъмин кардани минтақа бо истифодаи як қатор нишондиҳандаҳое, ки дар ҳисоботи ҷории оморӣ мавҷуданд, муайян карда шавад. Вақте ки барои самаранокии иҷтимоӣ пешниҳод мешавад, таносуби шумораи бекороне, ки дар давоми давраи тақвимӣ бо ҳама сабабҳо аз рӯйхат гирифта шудаанд, ба шумораи бекорон дар охири давраи тақвимӣ арзёбӣ карда шавад» [229].

Аммо, «истифодаи ин методологияи баҳодиҳӣ бо чанд мушкилоти баҳснок рӯбарӯ мешавад: аввлан, вақте ки нишондоди мазкур афзоиш ёбад, имкони афзоиши бекорӣ низ вуҷуд дорад, ки метавонад натиҷаҳои барномаҳоро ноқис кунад» [229]. Дуюм, «арзёбии самаранокии сиёсати шуғл танҳо бо такя ба нишондиҳандаҳои хадамоти шуғли аҳолӣ, ки таъсири дигар омилҳои иҷтимоии иқтисодӣва омилҳои минтақавӣ ё кишвари муайянро нодида мегиранд, ба хатогӣ мебарад. Ба ҳамин хотир, баҳодиҳии дуруст ва самараноки барномаҳо бояд омилҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар гирад, ки нақши муҳими паст кардани сатҳи бекорӣ ва беҳтар кардани шуғлро дар ҷомеа муайян мекунад».

Идомаи мантиқии усули пешниҳодкардаи С.Н. Смирнов дар арзёбии самаранокии барномаҳои бозори меҳнат дар он ифода меёбад, ки барои баҳо додан ба самаранокии иқтисодии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ на танҳо арзёбии хароҷот, балки таҳлили таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои воқеии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарур аст. Яъне, баҳодиҳӣ бояд фарогири мутобиқати байни воситаҳои ҷудогардида ва натиҷаҳои бадастомада бошад, ки ин имкони муайян кардани фоидаи соф ё самараи холисро фароҳам меорад.

Самаранокии иқтисодии сиёсати шуғл (СИСШ) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{СИСШ} = \frac{\text{ХБ}}{\text{СҶСШ}}, \quad (1.1)$$

ки дар он:

- **ХБ –** ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетӣ барои татбиқи сиёсати шуғл дар давраи ҳисоботӣ (одатан дар соли тақвимӣ);
- **СҶСШ –** самарабахшии ҷамъиятии сиёсати шуғл, ки ҳамчун коэффитсиенти таъсири иҷтимоию иқтисодии барномаҳои амалӣ дар соҳаи шуғл муайян мегардад;
- **СИСШ –** самараи иқтисодии умумии сиёсат дар сатҳи минтақа (ё кишвар) дар ҳамон давраи ҳисоботӣ.

Нишондиҳандаҳои СҶСШ хусусияти нисбӣ дошта, аз сатҳи коҳиши бекорӣ, баландшавии ҳаҷми истеҳсолот ва даромади аҳолӣ таъсир мегирад ва чун воҳиди шартишудаи самаранокии иҷтимоӣ қабул мешавад. Аз ин рӯ, зиёдшавии СҶСШ ва пастшавии ХБ ба беҳтар шудани самаранокии иқтисодии умумии сиёсат далолат мекунад.

Барои таҳлили мӯҳтавои сиёсати шуғл ва арзёбии самараи холиси он, усули муқоисавии «таъсири холис» (net impact) истифода мешавад, ки тавассути он муайян мегардад, то чӣ андоза натиҷаҳои мусбат афзоиши шуғл, камшавии бекорӣ, баландшавии даромад бевосита натиҷаи татбиқи барнома буда, на ҳодисаи тасодуфӣ ё таъсири дигар омилҳо. Ин усул имконият медиҳад, ки барномаҳои воқеан муассир аз тадбирҳои камсамара фарқ карда шаванд ва барои сиёсати оянда таҷрибаи беҳтарин интихоб гардад. Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки методи пешниҳодкардаи С.Н. Смирнов бо истифода аз нишондиҳандаҳои ҳисобӣ ва таҳлили муфассал на танҳо имкони муайян кардани самаранокии буҷетӣ, балки таъсири стратегӣ ва иҷтимоии сиёсати давлатии шуғлро дар сатҳи минтақа ё кишвар фароҳам месозад.

Консепсияи консептуалии самаранокӣ дар ин контекст ин аст, ки он таносуби натиҷаи муфидро дар муқоиса бо захираҳои сарфшуда муайян мекунад. Дар ин ҷо, ба назар гирифта мешаванд омилҳое, ки таъсири барномаҳои шуғли фаъолро бо роҳи ҳисоб кардани нишондодҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ муайян мекунанд.

Ин равишҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки барои муайян кардани самаранокии барномаҳо, бояд нишондиҳандаҳои дақиқ ва ҳамаҷониба, ки

метавонанд натиҷаҳои ҳар як барномаро ба таври объективӣ арзёбӣ кунанд, истифода шаванд. Ин маънӣ, ки арзёбӣ на танҳо ба маблағгузорӣ ва сарфҳои моддӣ, балки ба таъсироти дарозмуддат ва иҷтимоӣ, ки барномаҳо доранд, нигаронида мешавад.

«Мутобиқи равишҳои анъанавии баҳодиҳии самаранокии сиёсати шуғл, барномаҳои дахлдор он вақт самаранок арзёбӣ мешаванд, ки тавонанд давраи миёни ба қайд гирифтани шахс ҳамчун бекор ва ҷалб намудани ӯ ба фаъолияти меҳнатиро ба таври назаррас кӯтоҳ кунанд» [229]. Дар робита ба фаъолияти Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранокии барномаҳои амалӣшаванда, ба таври ғайримустақим, тавассути нишондиҳандае чен карда мешавад, ки ҳиссаи шаҳрвандони воқеан бо ҷойи кор таъминшудаи аз ҷониби ин ниҳод роҳнамоишударо инъикос мекунад. Ин нишондиҳанда имкони баҳо додани сатҳи таъсирнокии барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғлро фароҳам оварда, дар айни замон, ба таври мӯътамад нишон медиҳад, ки то чӣ андоза механизмҳои мавҷуда дар самти паст кардани сатҳи бекорӣ ва афзоиши сатҳи шуғли расмӣ коршоям мебошанд.

Дуюм, натиҷаи ниҳоии барнома ҳамзамон натиҷаи амали як қатор омилҳо мебошад, ки метавонанд ба самаранокии он таъсири мустақим ё ғайримустақим расонанд. Барои беҳтар фаҳмидани натиҷаҳои ниҳоии барномаҳо, муҳим аст, ки ҳамаи ин омилҳо ба таври ҳамоҳанг ва дар якҷоягӣ арзёбӣ шаванд. Шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ метавонанд ба имкониятҳои амалӣ шудани барномаҳо таъсир расонанд, дар ҳоле ки хусусиятҳои шахсии иштирокчиён, аз қабили сатҳи тахассус, қобилият ва ҳавасмандӣ низ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар воқеъ, самаранокии барномаҳо на танҳо ба ташкили ҷойи кор, балки ба таъсири умумии иҷтимоии сиёсати шуғл вобаста аст, ки аз аҳволи иқтисодӣ ва вазъияти иҷтимоии кишвар таъсир мепазирад.

Сеюм, дар арзёбии хароҷот ва фоидаи татбиқи барномаҳои фаъол норавшанӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, ҳамаи натиҷаҳои татбиқи барномаҳои

фаъоли бозори меҳнатро аз нуқтаи назари андозагирӣ метавон ба якчанд гурӯҳи асосӣ ҷамъбаст кард:

1. Натиҷаҳои ченшаванда (ба осонӣ арзёбишаванда): Масалан, «коҳиш додани сатҳ ва давомнокии бекорӣ, шиддатнокии бозори меҳнат, кам кардани хароҷоти кумакпулӣ, кам кардани хароҷот барои дарёфти кори мувофиқ, афзоиши шумораи шаҳрвандони бо кор таъминшуда пас аз иштирок дар барнома, кам шудани шумораи бекорон, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, афзудани шумораи худмашғулшавандаҳо ва ғайра» [229]. Ин натиҷаҳо метавонанд мустақиман ва бо нишондиҳандаҳои оморӣ арзёбӣ шаванд, ки барои баҳодиҳӣ ва таҳлили самаранокии барномаҳои шуғл кӯмак мерасонанд.

2. Сустченшаванда ё ғайримустақим: Масалан, «коҳиш додани табъизи гендерӣ дар бозори меҳнат, рушди сармояи инсонӣ, талафоти бори фавтида, таъсири иваз кардани маҳали кор ва ҷойивазкунӣ, таъсири ҷустуҷӯи кор, таъсири иштироки қувваи корӣ, таъсир ба маҳсулнокӣ, таъсир ба сиёсатҳои дигар ва ғ.» [229]. Натиҷаҳои ғайримустақим, ки метавонанд таъсири дарозмуддат ва хати маънавӣ дошта бошанд, ба якчанд омили иқтисодӣ ва иҷтимоии бо ҳам пайваст шаванд. Аз ин рӯ, арзёбии онҳо бо усулҳои кӯмакии таҳлили мураккабтар, ба монанди таҳлили амалӣ ва таҳлили омориву иҷтимоӣ талаб мекунад.

3. Номаълум (васеъ кардани малакаҳои «фасеҳ»-и кормандон ва ғайра): Самаранокии барномаҳои шуғл на танҳо дар кам кардани бекорӣ ва таъмин кардани ҷойҳои корӣ, балки дар васеъ кардани малакаҳои касбии кормандон ва баланд бардоштани қобилиятҳои онҳо низ ифода меёбад. « ... Масалан, барномаҳои омӯзиш ва такмили малакаҳои «фасеҳ» ё дигар курсҳои касбӣ метавонанд барои меҳнаткашон имконият фароҳам оранд, ки ба бозорҳои меҳнати нав ворид шаванд. Аммо, арзёбии самаранокии ин барномаҳо ва таъсири онҳо ба қавӣ кардани малакаҳои кормандон дар амалия ва аз нуқтаи назарии иқтисодӣ мушкил аст».

4. Яке аз мушкилоти муҳими баҳодиҳии сиёсати шуғл ва барномаҳои мусоидат ба он, ин ғайриимкон будани арзёбии ягона ва ҳамзамон дар ду сатҳ

макро ва микро мебошад. Таҳлили адабиёти илмии муосир нишон медиҳад, ки арзёбии самаранокии барномаҳо дар сатҳи макроиқтисодӣ, ки асосан ба модели мувозинати умумӣ такя мекунад, нисбатан камтар истифода мешавад ва маъмул нест. Дар ҳамин ҳол, таҳлили таъсири барномаҳо дар сатҳи микро яъне дар сатҳи фардӣ ё гурӯҳҳои мушаххаси аҳолӣ бештар дар амалия татбиқ мегардад, зеро он бо истифодаи маълумоти мушаххас ва натиҷаҳои инфиродӣ иҷрошаванда аст. Сабаби асосии чунин вазъият дар он аст, ки дар сатҳи микро таҳлил ба воситаи нишондиҳандаҳои равшан, монанди мӯҳлати бекорӣ, тағйири даромад, ё сатҳи шуғл пас аз иштирок дар барнома сурат мегирад ва таъсири барнома ба афроди мушаххас бо усулҳои қиёсӣ ё зидқиёсӣ чен карда мешавад. Дар сатҳи макро, арзёбии ҳамзамони ҳамаи омилҳои иқтисодӣ монанди вазъи бозори меҳнат, сатҳи умумии шуғл, афзоиши ММД, талаботи умумӣ ба меҳнат ва равандҳои демографӣ кори хеле мураккаб буда, ба омилҳои зиёди беруна ва тағйирёбанда вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дар амал аксаран ҳар ду сатҳ алоҳида баррасӣ мешаванд: сатҳи микро барои муайян кардани таъсири бевоситаи барнома ба иштирокчиён ва гурӯҳҳои аҳолии осебпазир, ва сатҳи макро барои дарки умумии таъсири сиёсати шуғл ба иқтисоди миллӣ. Аммо, маҳз набудани механизми якҷояи арзёбии ҳамзамони ин ду сатҳ монеаи ҷиддӣ дар таҳияи сиёсати муассири меҳнат ва арзёбии натиҷавии барномаҳо мебошад.

5. Натиҷаи «парокандагӣ» бо мурури замон ва таъсири таъхирнопазир: Баъзе барномаҳои фаъол метавонанд бо натиҷаҳои манфӣ ё ночиз шуруъ шаванд, аммо бо мурури замон ва таъсири таъхирнопазир натиҷаҳои мусбат хоҳанд дошт. Аз таҳлили натиҷаҳои татбиқи методологияи мавҷудаи арзёбии самаранокии барномаҳои фаъол дар хориҷи кишвар бармеояд, ки арзёбии самаранокии дарозмуддат метавонад нисбат ба кӯтоҳмуддат мусоидтар бошад. Ҳамин тариқ, барномаҳое, ки дар аввал натиҷаҳои манфӣ ё ночиз доштаанд, баъд аз як сол ё баъд аз 2-3 сол метавонанд барои иштирокчиён ва бозорҳои меҳнатӣ натиҷаҳои мусбат диҳанд, ки махсусан ба беҳтар шудани вазъи шуғл ва ҷои кор рабт доранд.

6. Коркарди нокифояи усулу воситаҳои муайян кардани самаранокӣ, набудани маълумотҳои зарурии оморӣ: Мушкилот дар таҳияи усулҳои дуруст ва воситаҳои муносиб барои муайян кардани самаранокии барномаҳо метавонад ба паст шудани сифати арзёбӣ ва натиҷаҳои бадастомада сабаб гардад. Дар айни замон, набудани маълумоти оморӣ ва манбаъҳои дуруст барои баҳодиҳӣ на танҳо самаранокии шуғл, балки вазъи умумии бозори меҳнат метавонад таъсир кунад.

7. Баррасии барномаҳои фаъол дар бозори меҳнат ва арзёбии самаранокии онҳо, як қатор мушкилот ва мавзуъҳои баҳсбарангезро, махсусан дар таҳқиқоти макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ, ба вуҷуд меорад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои бо захираҳои маҳдуд, барномаҳои машваратии касбӣ ва хадамоти иттилоотӣ самараноктар мебошанд. Ин барномаҳо метавонанд ба шахсони ҷустуҷӯкунанда барои пайдо кардани ҷойи кор кӯмак расонанд ва дар ҳолати маҳдудияти захираҳо, онҳо роҳҳои босамар барои эҷоди ҷойҳои корӣ ва рушди маҳалҳои иқтисодӣ ба шумор мераванд. «Самаранокии барномаҳои гуногуни мусоидат ба шуғл дар байни гурӯҳҳои гуногуни кишварҳо фарқ мекунад, вале барномаҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ, ки барои ёрии дарёфти ҷои кор пешниҳод мешаванд, таъсироти мусбат ба бор меоранд» [229].

Барои баҳо додан ба самаранокии барномаҳои сиёсати шуғли аҳолӣ, муҳим аст, ки аввалан, афзалиятҳо ва ҳадафҳои дуруст интихоб шаванд, ки бояд эҳтиёҷот ва шароити бозори меҳнатро инъикос кунанд. Дуюм, меъёрҳои самаранокӣ, ки метавонанд иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва интегралӣ бошанд, бояд муайян карда шаванд. Ин меъёрҳо бояд ба таваҷҷуҳ ба таъсири дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати барномаҳо муайян шаванд. Сеюм, усулҳои мувофиқ барои расидан ба мақсад бояд интихоб шаванд, ки дар бар мегиранд усулҳои самаранок ва амалии татбиқ барои беҳтар кардани натиҷаҳо.

Дар сатҳи микро, таъсири самаранокии барномаҳо барои шахсони мушаххас, ки дар барномаҳо иштирок мекунанд, чен карда мешавад. Барномаҳо дар сурате самаранок ҳисобида мешаванд, ки пас аз анҷоми онҳо мақом ва

даромади шахсони воқеӣ беҳтар шаванд. Ин равиш барои таҳқиқи самаранокии барномаҳои шуғл ва пешниҳоди сиёсати муассир барои кам кардани бекорӣ кӯмак мекунад.

Баррасии самаранокии барномаҳо дар сатҳи макро бештар ба таъсири онҳо барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва умумии ҷомеа нигаронида шудааст. Ин шомили таҳлили таъсироти ивазкунӣ, ҷойивазкунӣ ва таъсири ҷустуҷӯи кор аст. Ҳамчунин, технологияҳои профилактикӣ барои бозори меҳнат, махсусан дар кишварҳои дар ҳолати гузариш қарор дошта, як самти нави таҳқиқот мебошанд. Ҳамзамон, барои таҳлили самаранокии ин барномаҳо, муқоиса бо дигар барномаҳои шуғл ва арзёбии ҳамаҷонибаи он зарур аст.

«Барои арзёбии самаранокии барномаҳо, на танҳо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, балки нишондодҳои иҷтимоии марбут ба тағйироти бозори меҳнат дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Ин нишондиҳандаҳо метавонанд барои фаҳмидани таъсири барномаҳо дар дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат кӯмак расонанд. Маълумоти оморӣ барои таҳлили фаврии ин нишондиҳандаҳо зарур аст, ки барои ин ҷамъоварии мунтазами маълумот дар доираи омори расмӣ ва муқоиса бо нишондиҳандаҳои дигар ҷузъи муҳимтарини арзёбӣ мебошанд « [229].

Ин барои муайян кардани самаранокии истифодаи захираҳо ва таъсири иқтисодӣ ва иҷтимоии барномаҳо хеле муҳим аст. Арзёбии самаранокии барномаҳо инчунин бояд ба ченкунии таъсироти макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ, ки ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-демографӣ таъсир мерасонанд, таваҷҷуҳ кунад. Ба ин маънӣ, таъсироти барномаҳо бояд дар контексти мувозинати бозори меҳнат ва дар дурустӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо дар сатҳҳои гуногуни иқтисод ва ҷомеа арзёбӣ шаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии молиявии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ инҳоянд:

1. Ҳиссаи хароҷот барои сиёсати шуғли аҳолӣ дар ММД: Ин нишондиҳанда, ҳиссаи хароҷотро барои татбиқи сиёсати шуғл дар маҷмуи маҳсулоти дохилии умумӣ (ММД) мерасонад. Он барои баҳо додан ба ҳиссаи

маблағҳо, ки давлат барои барномаҳои шуғл ва беҳтар кардани вазъи бозори меҳнат сарф мекунад, кӯмак мекунад.

2. Ҳиссаи хароҷот барои сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ дар сохтори хароҷот оид ба татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ: Ин нишондиҳанда кӯмак мекунад, ки муайян кунем, чӣ миқдор аз ҳамаи хароҷоти татбиқи сиёсати шуғл барои барномаҳои фаъол, аз қабили такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва кӯмакрасонӣ дар ҷустуҷӯи ҷойи кор сарф мешавад.

3. Хароҷоти сиёсати давлатии шуғл ба як нафар бекор: Ин нишондиҳанда ҳар як нафар бекорро, ки дар барномаҳои шуғл иштирок мекунад, барои татбиқи сиёсати шуғл ва дигар барномаҳои дастгирӣ харида мешавад. Он кӯмак мекунад, ки самаранокии истифодаи захираҳои молиявии давлат барои барномаҳои шуғл ва афзоиши шуғлро таҳлил кунем.

Ин нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии самаранокии сармоягузориҳо дар соҳаи шуғл ва мавқеи сиёсати шуғли аҳолӣ дар иқтисоди миллӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Самаранокии барномаҳои сиёсати фаъоли шуғл низ вобаста ба ҳаҷм ва шакли маблағгузорӣ метавонад фарқ кунад. Арзёбии самаранокии барномаҳои сиёсати фаъол, ба беҳтар шудани сифати сохтори чунин барномаҳо, муайян намудани самтҳои мушкили татбиқи онҳо, инчунин муайян кардани самтҳои сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар ин равиш, муҳим аст, ки ба назар гирифта шавад, ки сиёсати фаъоли шуғл дар бозори меҳнат наметавонад ҳамчун «ҷонишин»-и дигар тадбирҳои танзими бозори меҳнат амал кунад; онҳо бояд якдигарро пурра кунанд, то шуғли пурра ва муассир ба даст оранд.

Имконияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба мутахассисони соҳибихтисос дар шаҳрҳои ба истеҳсоли як намуди маҳсулот махсусгардонидашуда бештар ба беҳтар шудани фаъолияти бозори меҳнат вобаста аст. Ин маънои онро дорад, ки муваффақияти барномаҳои шуғл дар сатҳи макро ва микро метавонанд тавассути таҳлили бозори меҳнат ва талабот ба мутахассисони ҳунарӣ ва касбӣ беҳтар карда шаванд.

Мувофиқи таснифоти мавҷудаи усулҳои таҳлил аз рӯйи объектҳои назорат, усулҳои муосири таҳлили бозори меҳнатро метавон ба гурӯҳҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тақсим кард, ки дар он бозори меҳнат ҳамчун як низоми омӯхташаванда қарор медиҳад. Пешниҳод шудааст, ки усулҳои муосири тадқиқот дар ин самт аз рӯйи усулҳои таҳлили бозори меҳнат тасниф карда шаванд.

Усулҳои дар боло зикршуда аслан асбобҳои таҳлилӣ мебошанд, ки чун қоида, дар марҳилаҳои муайяни тадқиқот барои мақсадҳои зерин истифода мешаванд:

а) коркарди ибтидоии иттилооти ҷамъшуда (тафтиш, гурӯҳбандӣ, системасозӣ): ин марҳила ба таҳлили иттилоот ва омода кардани он барои омӯзиш ва истифода дар таҳлили амиқ нигаронида шудааст;

б) омӯхтани ҳолат ва қонуниятҳои инкишофи объекти таҳқиқшаванда: тафсили таҳлили дастрасии ҷараёни инкишофи бозори меҳнат ва омилҳои таъсиргузор ба он;

в) муайян кардани таъсири омилҳо ба нишондиҳандаи натиҷабахш: ин метавонад кӯмак кунад дар муайян кардани омилҳои таъсиррасон ба сатҳи шуғл, бекорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои муҳим;

г) ҳисоб кардани захираҳои истифоданашуда ва ояндадор барои фаъолияти низоми омӯхташаванда (назоратшаванда): таъсироти ояндаи татбиқи барномаҳои шуғл ва эҳтимолан захираҳои нақшавӣ барои барномаҳои дигари шуғл;

д) умумӣ гардонидани натиҷаҳои таҳлил ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи фаъолияти низоми омӯхташаванда (назоратшаванда): шуморакунии натиҷаҳо ва арзёбии самаранокии барномаҳо дар маҷмуъ, ки метавонад ба таҳия ва амалисозии сиёсати шуғл дар оянда кӯмак кунад;

е) умумӣ гардонидани натиҷаҳои таҳлил ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи фаъолияти низоми омӯхташаванда (назоратшаванда).

Ин усулҳо барои таҳлили самаранокии барномаҳои шуғл, ки ба беҳтар кардани вазъи бозори меҳнат ва рушди устувори иқтисод мусоидат мекунанд, хеле муҳим мебошанд.

Ҷадвали 1.2.1.- Таснифи усулҳои таҳлили бозори меҳнат

Усулҳо		
Муқоисавӣ	Омилӣ	Ташхисӣ
Усули гузаронидани таҳлил		
Усулҳои анъанавӣ (оморӣ)	Усулҳои таҳлили омилҳои стохастикӣ	Усулҳои муайян кардани хусусияти вайронкунии равандҳо дар асоси аломатҳои маъмулӣ
1. Муқоиса	1. Таҳлили коррелятсиявӣ	Таҳлили комплексӣ
2. Арзишҳои нисбӣ ва миёна	2. Таҳлили дисперсионӣ	
3. Графикӣ		
4. Гурӯҳбандӣ		
5. Мувозинатӣ		

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [74].

Истифодаи усулҳои таҳлилии мавҷуда бо ҳам алоқаманданд буда, ин ё он усулҳои муайян аз мақсад ва амиқии таҳлил, объекти омӯзиш ва имкониятҳои (техникӣ, иттилоотӣ, молиявӣ) иҷрои ҳисобҳо вобаста аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ як қатор методологияи нав низ ҳангомои ташхиси бозори миллии меҳнат вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт ва рақмишавии равандҳои алоҳида дар бозори меҳнат таҳия гардиданд.

Дар доираи ин бархӯрд пешниҳод мешавад, ки арзёбӣ аз рӯйи ду нишондиҳанда мураккаб: тағйирпазирӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ анҷом дода шавад.

Ҷадвали 1.2.2. – Индикаторҳо, усулҳо ва нишондиҳандаҳои ташхиси бозори миллии меҳнат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Параметрҳои ҷузъӣ	Усулҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбӣ
ПАРАМЕТРИ «ЧАНДИРӢ»	
Чандирии берунӣ	Усулҳо: таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили муқоисавӣ, пурсиши экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: сатҳи ҳаракати бозори миллии меҳнат, сатҳи шуғл ва бекорӣ; зершохисҳои нишондиҳандаи бозори меҳнат, Шохиси рақобатпазирии глобалӣ
Чандирии дохилӣ	Усулҳо: таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили муқоисавӣ, пурсиши экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: саҳмияҳои шуғли ғайрирасмӣ, мустақилона, кори нопурра, зершохисҳои нишондиҳандаи «бозори меҳнат», Шохиси глобалии рақобатпазирӣ
Чандирии рақамӣ	Усулҳо: таҳияи фарзияи илмӣ, моделсозии математикӣ, тадқиқоти сотсиологӣ, пурсиши экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: шумораи кормандон, ҳаҷми фурӯш, арзиши иловашуда дар соҳаи маҳсулоти рақамӣ, ҳиссаи коргароне, ки аз ТИК истифода мебаранд
Пардохти чандиронаи музди меҳнат	Усулҳо: таҳлили системавӣ, миқдорӣ ва сифатӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили муқоисавӣ. Нишондиҳандаҳо: динамикаи музди миёнаи моҳона, меъёри соатбайъ, зериндекси индикатори «бозори меҳнат»-и Шохиси глобалии рақобатпазирӣ
ПАРАМЕТРИ «ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ»	
Нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ	Усулҳо: системавӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо, тадқиқоти сотсиологӣ ва экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: гардиши меҳнат, фарогирии коргарон бо шартномаҳои коллективӣ, зершохисҳои нишондиҳандаҳои «бозори меҳнат», «муассисаҳо»-и Шохиси глобалии рақобатпазирӣ.
Дастгирии шуғл	Усулҳо: системавӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсиши экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: мавҷудияти ҷойҳои корӣ, шумораи шуғлҳо
Кафолати пардохти музди меҳнат	Усулҳо: таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо, тадқиқоти сотсиологӣ, тадқиқоти экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: қарз аз пардохти музди меҳнат, зершохисҳои нишондиҳандаи «муассиса»-и Шохиси глобалии рақобатпазирӣ
Муҳити муштарак	Усулҳо: тадқиқоти сотсиологӣ ва экспертӣ. Нишондиҳандаҳо: сатҳи дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоии инфиродӣ.

Сарчашма таҳияи муаллиф дар асоси [134]

Дар раванди таҳияи тадбирҳо оид ба идоракунии муносиби равандҳои бозор, бахусус бозори меҳнат, таҳияи усулҳои нави арзёбии самаранокии фаъолияти объекти омӯзиш ва воситаҳои он вазифаи асосӣ мебошад. Арзёбии

вазъи бозори меҳнат аз рӯйи натиҷаҳои усулҳо ва тадқиқотҳои инфиродӣ хеле душвор аст ва метавонад боис ба тафсири хато гардад.

Арзёбии бисёрҷанбаи сатҳи инкишофи бозори меҳнат дар асоси муайян намудани хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии вазъи он имконпазир аст. Барои таҳлил ва арзёбии муносиби бозори меҳнат истифодаи равиши системавӣ умедбахш буда, боиси зарурати таҳияи модели консептуалии бозори меҳнат мегардад, ки ҳамчун низоми бисёрсатҳаи иерархӣ сохторӣ муаррифӣ шудааст.

Дар услуби абстрактӣ вазъи бозори меҳнат метавонад дар шакли низоми нотаҳои дохилӣ ифода карда шавад:

$$\mathbf{LM = a<b(c)>,} \qquad (1.6)$$

дар ин ҷо, ки: а – макро нишондиҳандае, ки вазъи низоми минтақавии бозори меҳнатро муайян мекунад;

b – мезо-нишондиҳандаҳое, ки вазъияти зернизомҳои асосиро муайян мекунанд;

c – микро нишондиҳандаҳое, ки ҳолати унсурҳои (зернизомҳои) сатҳро муайян мекунанд.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи ҷанбаҳои методологии таҳқиқи самаранокии танзими бозори меҳнат дар алоқамандии равандҳои муҳоҷират, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Вазъи бозори меҳнати ҷумҳурӣ, ки имрӯз дар ҷараёни мунтазами рушд қарор дорад, ҳам равандҳои муҳоҷират ва ҳам рақамикуниро фаро мегирад, истифодаи усулҳои интегралӣ ва ҳамгирошуда нисбатан мувофиқтар аст. Ин маънои онро дорад, ки барои таҳлили самаранокии бозори меҳнат дар ҳолати муосир, ки дар он муҳоҷират ва рақамикунонӣ аҳамияти калон доранд, бояд усулҳои муттаҳид ва ҳамоҳангшуда истифода шаванд, ки имконият медиҳанд якҷо таъсири омилҳои гуногунро ба вазъи бозори меҳнат арзёбӣ намоем.

2. Методология имконият медиҳад, ки динамикаи тағйирёбии сохтори бозори меҳнат вобаста ба омилҳои дохилӣ аз як тараф, омилҳои берунӣ ба мисли муҳоҷират аз тарафи дигар ва омилҳои таҷассумкунандаи пешрафти

илму техника ба мисли рақамикунонии иқтисодиёт ва бозори меҳнат арзёбӣ карда шаванд. Таҳлили самаранокии бозори меҳнат бояд на танҳо омилҳои дохилии иқтисодӣ, балки таъсироти муҳоҷиратро ҳам дар бар гирад, ки дар натиҷа ба тағйироти сохтори бозор ва сатҳи шуғл таъсир мерасонанд.

3. Арзёбии самаранокии барномаҳои фаъол дар бозори меҳнат таҳлили кори барномаҳо, самараи ба вуҷуд овардаи онҳо дар сатҳи микро ва макро, инчунин муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо меъёрҳои муайянро дар назар дорад. Ин ба он маъно аст, ки барномаҳо бояд бо истифода аз дурустии нишондиҳандаҳо ва муқоиса бо меъёрҳо арзёбӣ шаванд, ки ба самаранокии онҳо дар сатҳҳои гуногуни иқтисод таъсир мерасонанд.

4. Ҷанбаҳои мухталифи баҳодиҳии самаранокии барномаҳои сиёсати фаъоли шуғлро таҳлил карда, равишҳои имконпазирро ба он ишора менамояд. Ин маънои онро дорад, ки барои таҳлили дурусти самаранокии барномаҳои шуғл, якчанд равишҳои таҳлили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд мавриди истифода қарор гиранд, ки метавонанд натиҷаҳои барномаҳо ва таъсироти онҳо ба бозори меҳнатро муфассал ва ҳамаҷониба арзёбӣ кунанд.

1.3. Асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар раванди таҳлили сиёсати давлатии танзими бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур аст, ки тамоми мураккабии сохтории ин соҳа ва вобастагиҳои мутақобилаи байни унсурҳои дохилии низом ба таври амиқ ва комплексӣ дарк карда шаванд. Бозори меҳнат ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ на танҳо аз таъсири омилҳои дохилӣ ба монанди сохтори иқтисод, сатҳи рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, қобилияти захираҳои инсонӣ ва муҳити институтсионалӣ вобаста аст, балки зери таъсири қавии сиёсати дохилӣ ва равандҳои байналмилалӣ низ қарор дорад.

Аз ин рӯ, арзёбии сиёсати танзими бозори меҳнат бояд бо дарназардошти робитаҳои зичи он бо сиёсатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маориф, муҳоҷират ва

ҳамкориҳои байналмилалӣ сурат гирад. Масалан, татбиқи самараноки сиёсати муҳоҷират, танзими равандҳои бозомӯзӣ ва рушди қобилияти рақобатпазирии аҳолӣ на танҳо ба тавозуни бозори меҳнат, балки ба устувории макроиқтисодӣ ва сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири мустақим мерасонад. Дар асоси таҳлили бисёрсатҳа ва байнисоҳаӣ, ки робитаи бозори меҳнатро бо дигар соҳаҳо ва сиёсатҳо нишон медиҳад, метавон самтҳои афзалиятноки ислоҳоти низоми танзими бозори меҳнатро дар Тоҷикистон муайян намуд ва барои ноил шудан ба шуғли устувор ва рушди ҳамгироёнаи иқтисодиву иҷтимоии кишвар шароити зарурӣ фароҳам овард.

Сиёсати танзими бозори меҳнат бояд ба омилҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ мувофиқат кунад, ки ҳар кадом дар рушди устувори бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ нақши муҳим доранд. Аз як тараф, унсурҳои дохилии танзими бозори меҳнат, ба монанди сиёсати меҳнатӣ, сатҳи шуғл ва таъмини ҷойҳои корӣ, бояд мувофиқ бо сиёсати дохилии кишвар ва вазъи иқтисодии он амал кунанд. Аз тарафи дигар, омилҳои хориҷӣ, аз ҷумла муҳоҷират, сармоягузорӣ ва таъсири глобализатсия, инчунин сиёсати хориҷии давлат дар ҳалли масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғл, таъсири назаррас доранд.

Барои ба танзим даровардани бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузург доштанд, ки тавассути татбиқи онҳо бозори меҳнат ба танзим дароварда шуд. Аз ҷумла, «Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №277 қабул шудааст».

Дар Стратегияи мазкур оид ба танзими давлатии бозори меҳнат аз ҷумла қайд шудааст:

1. **Баланд бардоштани самаранокии идоракунии бозори меҳнат.**

Дар сохтори идоракунии бозори меҳнат дар Тоҷикистон мушкилоти вобаста ба ҷудокунии ваколатҳо байни идораҳои барои таҳия ва татбиқи сиёсат масъулбуда вуҷуд доранд. Ғайр аз ин, дар қонунгузорӣ оид ба шуғл меъёрҳое вуҷуд доранд, ки иҷро карда намешаванд ё механизми иҷро надоранд. Дар ин

ҳолат, идоракунии бозори меҳнат ва қонунгузории мутобиқсозиро тақозо менамоянд:

- барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии бозори меҳнат, мутобиқсозии қонунгузорӣ оид ба шуғл аз нуқтаи назари ворид намудан ва нигоҳ доштани танҳо он меъёрҳое, ки иҷрошаванда мебошанд, зарур аст;
- Дар сохтори идоракунии бозори меҳнат бояд ҷудокунии дақиқи вазифаҳои мақомотои барои таҳия ва татбиқи сиёсат масъулбуда аз хадамот ва агентиҳои барои татбиқи сиёсат масъулбуда ҷорӣ карда шавад;
- ба соҳаи мусоидат ба кор таъминкунии аҳолӣ бояд бахши хусусӣ ҷалб карда шавад, яъне бояд ба рушди ташкилотҳои хусусии бо кор таъминкунӣ мусоидат карда шавад;
- бояд хизматрасониҳои нав таҳия ва дар фаъолият ҷорӣ карда шаванд ва хизматрасониҳои вуҷуддошта такмил дода шаванд. Барои ин ба роҳ мондани кор оид ба омӯзиши доимии талабот ба ин ё он хизматрасонӣ муҳим аст;
- аҳолӣ бояд аз хизматрасониҳое, ки ба бекорон пешниҳод карда мешаванд, хабардор карда шавад. Бинобар ин, таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба иттилоотонии аҳолӣ дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ дар ҳолати бекорӣ, реклама намудани хизматрасониҳо зарур аст.

Номгӯи хизматрасониҳо бояд дар қисмати пешгирии бекорӣ васеъ карда шавад. Ба номгӯи чунин чорабиниҳо метавонанд иттилоотонӣ, кор бо корфармоён, пешниҳод намудани хизматрасониҳо оид ба интихоби касб барои ҷавонони бекор ва дигар тадбирҳо дохил карда шаванд. Ин чораҳо таҷдиди назар намудани меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба шуғлро тақозо менамояд.

2. **Ташаккулдиҳии низоми таҳлил ва дурнамои бозори меҳнат, таҳкими омори меҳнат.**

Барои ташаккул додани сиёсати самараноки рушди бозори меҳнат, дар ихтиёр доштани маълумоти боэътимод ва таҳия карда тавонистани дурнамоҳо барои муҳлатҳои мухталиф зарур мебошанд. Барои ин, дар амалия ва таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои мухталиф таҳия карда шудаанд. Ҳанӯз дар Тоҷикистон ин

усулҳо нокифоя истифода мегарданд ва бинобар ин, таҳия намудани дурнамои боэътимод ва андешидани тадбирҳо оид ба татбиқи самараноки сиёсат пурра имконпазир нест. Тамоми сиёсат дар бозори меҳнат дар асоси вазъи воқеӣ сохта мешавад, ки метавонад таҳти таъсири омилҳои гуногун хеле зуд тағйир ёбад. Дурнамои вазъро пешбинӣ карда натавонистан боиси он мешавад, ки сиёсати давлатии бозори меҳнат заиф ва ғайрифасеҳ мегардад.

Ин нуқтаҳо нишон медиҳанд, «ки барои таҳкими самаранокии бозори меҳнат ва равандҳои шуғл, бояд як системаи устувор ва мутобиқшудаи идоракунӣ, ки дуруст бо омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамоҳанг шудааст, эҷод карда шавад» [146].

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори менатӣ» 1 - уми августи соли 2012, № 895 қабул гардидааст. Мақсади асосии қонуни мазкур «омода намудани мутахассисон дар қаламрави кишвар мебошад, то ин ки раванди бозори меҳнат аз рӯйи таъмини мутахассисон танзим карда шавад» [16].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №644 «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2022» тасдиқ гардидааст [14].

Мақсади барномаи мазкур «оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ, эҳёи намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекориро дар бар мегирад» [20].

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 – 2022, дар қаламрави кишвар 512 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд. Дар соли 2020 дар кишвар 169 ҳазор, соли 2021 – ум 171 ҳазор ва дар соли 2022- ум 172 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Аз ҷойҳои кории таъсисшуда 271,1 ҳазор ҷойи корӣ (53,0%) дар

бахши воқеии иқтисоди ҷумҳурӣ ва 240,9 ҳазор (47,0%) дар бахши хизматрасонии иқтисодиёт мебошад.

Ин нишондиҳандаҳо ба рушди бозори меҳнат ва фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар, ки ба ташкили ҷойҳои кории нави аҳамияти калон медиҳанд, кӯмак мерасонанд. Ин пешравии назаррас дар бахши хизматрасонӣ ва бахши воқеии иқтисод, ки ҳарду барои рушди устувори кишвар муҳим мебошанд, метавонад дар баланд бардоштани сатҳи шуғл ва коҳиш додани бекорӣ ва муҳимтар аз ҳама барои беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ таъсири мусбат гузорад [21].

Вақте ки бозор ва иқтисодиёт рушд мекунанд, ҷараёни захираҳои меҳнатӣ ба талаботи бозор ва эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногун мувофиқат мекунад. Таносуби дуруст байни талабот ва пешниҳоди захираҳои меҳнатӣ на танҳо ба ташкили ҷойҳои кории мувофиқ, балки ба ҳосилнокии баланд ва беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар ҳамин ҳол, механизми бозорӣ барои ба таносуб овардани талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат нақши муҳим бозида, ба ин васила нишондиҳандаҳои шуғл, бекорӣ ва сатҳи истеҳсолотро ба эътидол меорад.

Захираҳои меҳнатӣ «ба ҷое ҳиҷрат мекунанд, ки барои онҳо талаботи зарурӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба ниёзҳои худи ҳамин захираҳои меҳнатӣ мувофиқат дорад, ҳатто дар сурате, ки ниёзҳои муҳоҷирон дар муқоиса бо ниёзҳои захираҳои меҳнатии маҳаллӣ камтар бошанд ҳам, маҳз фарқият дар музди меҳнат дар замони ҳозира яке аз ангезаҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии кишварҳои рушдкунанда аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ падидаи нав аст» [210].

Муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад ба иқтисодиёти кишвар фоидаҳои зиёд дошта бошад, зеро он на танҳо бо таъмин кардани ҷавонон ва аҳолии бекор бо ҷойҳои корӣ, балки бо гирифтани маблағҳои интиқолшуда аз муҳоҷирон барои рушди бахшҳои гуногуни иқтисодиёт кумак мекунад.

Ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ ворид шудани Тоҷикистон дар заминаи муътадил кардани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ талаб мекунад,

ки тамоми роҳу воситаҳо ва усул барои истифодаи имкониятҳои бозори ҷаҳонӣ ва аз онҳо гирифтани зиёдтарин фоида ба кор бурда шаванд. Ин маънои онро дорад, ки барои истифодаи фоидаҳо аз муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҷаҳонишавӣ, бояд ба самаранокии танзими муҳоҷират, таҳияи сиёсати шуғл ва ба вуҷуд овардани шароити мусоиди кории дохилӣ таваҷҷуҳ карда шавад. Пеш аз ҳама, бо дарназардошти барзиёдии қувваи корӣ дар минтақа ва вазъи мураккаби демографӣ дар кишвар, ки ин ба имкониятҳои бозори ҷаҳонии меҳнат дахл дошта, Тоҷикистон дар он метавонад таъминкунандаи (дар шароити бозор фурӯшандаи) мол – қувваи корӣ бошад.

Бояд қайд намуд, аҳолии қобили меҳнати мамлакат монеаҳои бузурги иқтисодӣ, равонӣ ва ҳуқуқиро мустақилона бартараф карда, барои дарёфти ҷойи кор ва таъмини зиндагӣ ба дигар давлатҳо сафар мекунанд. Бешубҳа, ҷанбаи мусбати муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ даромадҳои иловагӣ ва нисбатан баланди оилаҳоест, ки яке аз аъзояшон «барои кор» ба хориҷа рафтааст ва ин барои афзоиши даромади умумии ин оилаҳо ва баландтар шудани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат мекунад. Вақте муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохили кишвар ҷойи кор пайдо намекунанд, аз ҳисоби онҳо сафи бекорон зиёд мешавад, ки ин боиси афзоиши сатҳи умумии бекорӣ мегардад.

Ба бозорҳои хориҷии меҳнат роҳ ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили сиёсати мукаммал ва асосноки муҳоҷиратро талаб мекунад. « ... Дар ҷумҳурӣ то андозае заминаи ҳуқуқии танзими равандҳои муҳоҷират дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби вуруд ва хуруҷ ба кишвар, дар хориҷа кор кардани шаҳрвандони Тоҷикистон ва чораҳо ҷиҳати назорати муҳоҷиратро муқаррар кардаанд, ба вуҷуд омада, дар асоси ҳар яке барномаи муҳоҷират таҳия карда шудааст. Созишномаҳое, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ ба имзо расидаанд, ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми кор дар хориҷа мусоидат мекунанд». Ин созишномаҳо, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ,

таъмини шароити муносиб барои кор ва зиндагии онҳо дар кишварҳои мизбон таҳия шудаанд, кӯмак мерасонанд. Онҳо як қатор кафолатҳо ва имкониятҳоро фароҳам меоранд, ки муҳоҷирон метавонанд бо бехатарӣ ва эътимод ба фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар машғул шаванд. Аз ҷумла, муҳоҷирон ҳуқуқи баробар ба шаҳрвандони кишварҳои мизбон, шартҳои меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоии муносиб, инчунин дастрасӣ ба хадамоти ҳуқуқӣ ва кӯмакҳо дар ҳолатҳои эҳтимолии муноқиша ё таҷовузи ҳуқуқиро доранд.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, дар шароити муосири Тоҷикистон нақш ва аҳаммияти сиёсати давлатии муҳоҷират дар дурнамои миённамуҳлат меафзояд, ки зарурати ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти муҳоҷирати дохилию хориҷии аҳолии мамлакатро муқаррар мекунад.

Дар заминаи татбиқи сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ, самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муҳоҷирати аҳолӣ ба амалигардонии муқаррароти Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон иртиботи зич доранд. Ин санади стратегӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 –уми октябри соли 1998, № 411 тасдиқ гардидааст, барои ташаккули низоми ҳамаҷониба ва муассири танзим ва идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ замина фароҳам меорад.

Мақсад аз таҳия ва татбиқи Консепсия таҳкими низоми миллии муҳоҷират тавассути ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ, фароҳамсозии шароити мусоиди иҷтимоиву меҳнатӣ барои шаҳрвандони корҷӯ дар кишварҳои хориҷӣ, инчунин танзими мутаносиби муҳоҷирати дохилӣ ва беруна бо дарназардошти дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ин консепсия як қатор тадбирҳои институтсионалӣ ва иқтисодиро ба роҳ мондааст, ки аз ҷумла, таҳкими механизми ҳамоҳангсозии идораҳои марбута, рушди инфрасохтори хизматрасонӣ ба муҳоҷирон, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷиронро дар бар мегиранд.

Тибқи Консепсия, вазифаҳои асосии сиёсати давлатии муҳоҷират иборатанд аз такмили заминаҳои ҳуқуқии танзими равандҳои муҳоҷират, рушди имкониятҳои иқтисодӣ дар дохили кишвар бо ҳадафи коҳиши вобастагӣ аз муҳоҷирати меҳнатии беруна, таъмини ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон ва наздиконашон, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ дар самти муҳоҷират ва истифодаи самараноки неруи инсонӣ дар равандҳои миллии рушди иқтисод ва шуғл.

Бо ин васила, Консепсияи мазкур на танҳо ҳамчун чаҳорчӯби ҳуқуқиву институсионалӣ, балки ҳамчун воситаи муҳим барои таъмини тавозуни манфиатҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ дар шароити муосири равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хизмат мекунад.

Мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати муҳоҷирати кишвари мо ба таври васеъ баён шудаанд»:

1. Ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират. Яке аз мақсадҳои асосии сиёсати муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо шароити глобалӣ мувофиқат мекунад, ин аст, ки кишвар ба созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират пайваст шавад. Ин созишномаҳо, ки бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷират байни давлатҳо таҳия мешаванд, ба муҳоҷирон имконият медиҳанд, ки ҳуқуқи онҳо ҳимоят шавад ва бозори меҳнат дар шароити глобалӣ тавсеа ёбад.

2. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудани уҳдадориҳои байналмилалӣ вобаста ба масоили муҳоҷират. Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тамоми уҳдадориҳои байналмилалиро, ки дар марҳилаҳои гуногуни шартномавӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ ба зиммаи худ гирифтааст, иҷро кунад. Ин уҳдадориҳо ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон, ташкили шароити мусоид барои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҷалби мутахассисон барои рушди иқтисод, инчунин таъмин намудани кӯмакҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ба муҳоҷирон вобаста аст.

3. Таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон мутобиқи меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мақсади асосии сиёсати муҳоҷират дар Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон бояд санадҳои қонунгузории худро мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ ва талаботи Конститутсия ва қонунҳои кишвар такмил ва татбиқ кунад. Ин муқаррароти қонунӣ барои муҳоҷирон кафолати ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фароҳам меоранд.

4. Такмил ва рушди заминаи қонунгузорӣ, ки равандҳои муҳоҷиратро танзим мекунад. Барои беҳтар кардани равандҳои муҳоҷират, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд заминаи қонунгузории худро такмил диҳад, то ба он талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ ва талаботҳои бозори меҳнат мувофиқат кунанд. Ин муқаррароти қонунӣ барои танзими муҳоҷират ва равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ муҳим аст ва ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар кӯмак мекунад.

Дар Консепсия қайд мешавад, ки васеъ шудани миқёси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ метавонад ба афзоиши пасандозҳои ё амонатҳои пулии аҳолӣ мусоидат кунад, ки ин дар навбати худ сабаби зиёд шудани захираҳои қарзӣ ва сармоягузории ҷомеа мешавад. Дар ин ҳуҷҷат зарурати танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, «пеш аз ҳама бо дарназардошти он ки падида мураккаб, бисёрҷанба ва ба масъалаҳои муҳимтарини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон таъсири назаррас дорад, зикр шудааст. Танҳо солҳои охир вазъият тағйир ёфта, дар сохторҳои марбута дарки бошууронаи ин мушкилӣ бартарият пайдо кардааст, ки хосияти бисёрҷониба дорад» [249].

Дар Консепсия ба масоили ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ диққати махсус дода шудааст. Дар Консепсияи мазкур дар бораи ҳадафҳои ҳуқуқии он чизе гуфта намешавад. Дастурамал дар бораи омӯзиши пешакии ҳуқуқи муҳоҷирон, ки барои зодагони Тоҷикистон хеле муҳим аст, дар он дохил намешавад. Ҳимояи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ маънии назорати беруншавии муҳоҷирони меҳнатиро тавассути Хадамоти давлатии

муҳоҷират бо роҳи бақайдгирӣ баҳри риояи созишномаҳои имзошуда ва қарордодҳо миёни ширкатҳои миёнарав ва кордиҳандагон дорад.

Дар Консепсия муҳимтарин фишангҳои танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба шакл дароварда шудаанд. « ... Дар миёни фишангҳое, ки барои танзими муҳоҷират ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ва Дастурамал «Дар бораи тартиби иҷозатнома додан ба субъектҳои хоҷагидорӣ барои амалӣ кардани фаъолияти вобаста ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ» ду санади муҳим мебошанд».

Қонуни «Дар бораи муҳоҷират» заминаи ҳуқуқии барои танзими тамоми равандҳои муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон ва эҷоди шароити ҳуқуқии муносиб барои муҳоҷиратро фароҳам меорад.

Дастурамал оид ба тартиби иҷозатнома додан барои фаъолияти муҳоҷирати меҳнатӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ кӯмак мекунад, ки муҳоҷирати меҳнатиро дар асоси қонунҳои кишвар мувофиқ созад ва ба корфармоён ва корбарон равандҳои муҳоҷирати меҳнатии қонуниро шеносо ва амалӣ карданро осон мекунад.

Ҳамчунин, « ... Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» қабул гардид, ки дар он дар хусуси зарурати иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои ҷудогонаи фаъолият, мутобиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ сухан меравад». Яке аз санадҳои давлатӣ, ки танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро имконпазир кард, « ... Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми июни соли 2003, № 214 «Дар бораи ҷорӣ кардани тартиби бақайдгирии муҳоҷирати хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд».

Бо мақсади амиқтар кардани ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2006, №9 Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукаммалсозии сохтори Мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки вобаста ба он баъзе салоҳиятҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ба уҳдаи Вазорати корҳои дохилӣ вогузор шуд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006 дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷират таъсис дода шуд, ки дар ҳайати он намояндагии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои муҳоҷират таъсис ёфт [8]. Барои таъсиси чунин намояндагӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ тадбирҳо роҳандозӣ шуданд.

« ... Вазифаҳои асосии намояндагӣ дар соҳаи муҳоҷират ба таъмини қонунии кори муҳоҷирон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, бастани қарордодҳо бо субъектҳои хоҷагидори таҳқиққунандаи бозори меҳнати Федератсияи Россия, машварати ҳуқуқӣ бо тамоми категорияҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар қаламрави Россия қарор доранд, ва танзими ҳуқуқии муҳоҷират вобаста мебошанд».

Намояндагии Тоҷикистон дар Русия бояд равандҳои муҳоҷирати меҳнатиро, ки ба шаҳрвандони Тоҷикистон таъсир мерасанд, бо эҳтироми ҳуқуқи инсон ва талаботҳои қонунҳои байналмилалӣ роҳандозӣ ва таъмин кунад. Инчунин, намояндагӣ вазифадор аст, ки ба муҳоҷирон кӯмак расонад, ки ҳуқуқи худро дар кишварҳои муҳоҷирпазир ҳифз кунанд, масъалаҳои марбут ба шартномаҳои корӣ ва шартҳои зиндагӣ ё корро ҳал намояд, ва дар умум барои нигоҳ доштани эътидол ва самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ бо ҳимояи манфиатҳои муҳоҷирон кӯмак кунад.

Дар давраи солҳои 1997–2006 аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 7 санади меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ қабул карда шуд. Ин санадҳо асосан барои танзими равандҳои муҳоҷират, ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва беҳтар кардани шароити кории муҳоҷирон дар хориҷи кишвар таҳия шудаанд. Ин қонунҳо ва қарорҳо, ки бо мақсади дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байни давлатҳо қабул шуданд, ба ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ҳангоми кор дар кишварҳои хориҷӣ ва раванди муҳоҷират мусоидат мекунанд.

Санадҳои меъёрии қабулшуда инчунин барои эҷоди заминаи ҳуқуқии мукаммал барои сиёсати давлатии муҳоҷират ва шуғл дар кишвар кӯмак мерасонанд.

Дар давраи солҳои 1997–2006 аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 7 санади меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ қабул карда шуд. Ин санадҳо асосан барои танзими равандҳои муҳоҷират, ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва беҳтар кардани шароити кории муҳоҷирон дар хориҷи кишвар таҳия шудаанд. Ин қонунҳо ва қарорҳо, ки бо мақсади дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байни давлатҳо қабул шуданд, ба ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ҳангоми кор дар кишварҳои хориҷӣ ва раванди муҳоҷират мусоидат мекунанд. Санадҳои меъёрии қабулшуда инчунин барои эҷоди заминаи ҳуқуқии мукаммал барои сиёсати давлатии муҳоҷират ва шуғл дар кишвар кӯмак мерасонанд.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бастани қарордодҳои ду ва бисёрҷониба дар соҳаи танзими муҳоҷират қабул гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ИДМ яке аз иштирокчиёни «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ» (15 апрели соли 1994) ва «Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ» (6 марти соли 1998) мебошад. Ин созишномаҳоро имзо кардан ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ва беҳтар кардани шароити муҳоҷирон барои таъмини ҳуқуқҳои онҳо ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон кӯмак мекунад.

« ... Соли 2000-ум миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ» ба имзо расид, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст. Ин созишнома, ки дар бар мегирад тамоми ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатии байни ду кишвар ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон, як гом ба пешрафт ва беҳтар кардани сиёсати муҳоҷират мебошад».

11- уми июли соли 2001 миёни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Федератсия Россия, Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ба имзо расид, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2001 тасдиқ карда шуд. Созишномаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки муҳоҷирон дар ҳар ду кишвар ҳуқуқҳои худро ҳимоя кунанд, ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ густариш ёбад.

Соли 2002 созишномаи мазкур аз ҷониби ВКД ФР мавриди амал қарор гирифт, ки боз як марҳилаи муҳими татбиқи созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистони муҳоҷир ва муҳоҷирати меҳнатиро бо қонунҳои Русия ҳамоҳанг намуд.

« ... Солҳои охир ҳамчунин, Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2004)» ва айнан чунин Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (соли 2006) ба имзо расид. Дар асоси созишномаҳои мазкур барои танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ гурӯҳҳои кории байниҳукуматӣ таъсис дода шудаанд.

Дар Созишнома миёни ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон қайд мешавад, ки ҷонибҳо ҳамдигарро аз тағйирот дар қонунгузориҳои миллии танзимкунандаи раванди ҷалби коргарони хориҷӣ аз тарафи корфармоён, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи меҳнат, шуғл ва муҳоҷират, инчунин шароити зиндагии коргарон, ҳолати бозори меҳнати давлатҳои ҳамдигар, кордиҳандагон, ки барои ҷалбу корфармоии коргарони хориҷӣ иҷозат гирифтаанд ва созмонҳое, ки барои фаъолияти кортаъминкунии шаҳрвандон дар хориҷи кишвар иҷозатнома доранд, хабар медиҳанд.

Бо ин роҳ, Тоҷикистон ва Қазоқистон метавонанд ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат кунанд, ҳамчунин, шароити беҳтар ва қонунӣ барои муҳоҷирон фароҳам оранд, ки дар хориҷи кишвар кор ва зиндагӣ мекунанд. Аз ҷониби дигар, ин ҳамкориҳо барои танзими равандҳои муҳоҷират, таъмини ҳуқуқи муҳоҷирон ва таҳкими

ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои меҳнат, шуғл ва муҳоҷират мусоидат менамоянд.

Таҳлили ҳаракати муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи нафароне, ки дар хориҷа фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ доранд, хеле зиёдтар аз шумораи нафаронест, ки расман тавассути мақомоти давлатӣ ба кор даромадаанд.

Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташкил ва танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аҳаммияти бештар касб мекунад ва масъалаи мазкур барои аксари давлатҳои дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолиятдошта хос аст. Ба андешаи мо, бисёр ҷанбаҳои қонунгузорӣ ва ҷанбаҳои меъёрии танзими ниҳодии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз ҳадди камолот дуранд.

Ҳарчанд, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» ва созишномаҳои дуҷониба бо давлатҳои ИДМ, ҷиҳати ба тартиб даровардани муҳоҷирати меҳнатӣ баъзе тадбирҳо муқаррар шудаанд, аммо муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ба монанди музди меҳнат ва дигар манфиатҳои иҷтимоии муҳоҷирон ҳамоно танзим ва татбиқнашуда боқӣ мемонанд.

Ин ба он маъно аст, ки ҳарчанд Тоҷикистон қонунҳо ва созишномаҳои байналмилалиро қабул кардааст, ки муҳоҷирони меҳнатиро ҳимоя кунанд, дар амалия мушкилоти ҷиддӣ вуҷуд доранд.

Кафолатҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ дар аксари кишварҳои қабулкунанда то ба имрӯз, мутаассифона, дар сатҳи пасти татбиқ қарор доранд, ки ин ба ташаккули шароити номувофиқ ва нобаробари меҳнату зиндагии онҳо сабаб мегардад. Норасоии механизмҳои ҳимояи ҳуқуқии ин қишри иҷтимоӣ, набудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, инчунин камбудиҳои ҳуқуқии меҳнатӣ боиси он мегарданд, ки муҳоҷирон дар ҳолати осебпазирӣ қарор гиранд ва тавоноии онҳо ҳамчун захираи арзишманди меҳнатӣ ба таври комил истифода нашуда боқӣ монад.

Бо дарки амиқи ин мушкилот, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият тадбирҳои васеи меъёриву институтсионалиро барои танзими бозори меҳнат, рушди сиёсати шуғл ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ андешидааст. Дар ин замина, зиёда аз 30 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва татбиқ гардидааст, ки аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», ки заминаи ҳуқуқии ташкили хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи шуғлро муайян мекунад; Қонуни «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», ки ба ҳамоҳангсозии низоми таҳсилоти касбӣ бо эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ равона шудааст ва Қонуни «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», ки шароити бозомӯзии касбиро барои қишрҳои гуногуни аҳолӣ фароҳам месозад.

Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии шуғл, як қатор ҳуҷҷатҳои барномавӣ, аз қабили Консепсияи мусоидат ба шуғл, нақшаи миллии татбиқи он ва «Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Тоҷикистон то соли 2020» қабул ва амалӣ шудаанд. Ин чорабиниҳо имконият фароҳам меоранд, ки рушди бозори меҳнат бо равандҳои дохиливу хориҷии шуғл мувофиқ гардонида шуда, шароити ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳимоя ва тақвият дода шавад. Бо вуҷуди ин, таҳкими кафолатҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи байналмилалӣ, афзун намудани механизмҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ бо кишварҳои мизбон ва ҷорӣ намудани созишномаҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун масъалаи мубрам боқӣ мемонад ва ниёз ба такмили минбаъдаи сиёсати муҳоҷиратро тақозо мекунад.

Ин санадҳо барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ба кор таъмин кардани аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон дар дохил ва хориҷи кишвар равона шудаанд.

Дар натиҷа, дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳолии кишвар аз 5,5 миллион нафар то 10,1 миллион нафар ё 1,8 маротиба афзуд, ки ин ба афзоиши захираҳои меҳнатии кишвар низ таъсир расонид. Захираҳои меҳнатии Тоҷикистон аз 2,5 миллион нафар то 5,8 миллион нафар ё

2,3 маротиба афзуд, ки нишондиҳандаи муҳим барои рушди иқтисодиёти кишвар ва бозори меҳнат мебошад.

Дар натиҷаи амалӣ намудани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 барнома (солҳои 2006 - 2020) аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар миқёси ҷумҳурӣ дар маҷмуъ, 851,3 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён бо ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъмин гардиданд. Дар ин давра, дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 2 миллиону 492,6 ҳазор нафар шаҳрвандон ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба 1 миллиону 278,2 ҳазор нафар мақоми бекорӣ дода шуд. Аз теъдоди бекорони расман мақоми бекорӣ гирифта, 851,3 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки дар таносуб ба шумораи умумии шаҳрвандони бекори расман ба қайдгирифташуда, 66,6 фоизро ташкил медиҳад [240].

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун ниҳод муҳими танзими бозори меҳнат ва таъмини шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ фаъолиятро бо мақсади таъмини кафолатҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ба меҳнати арзанда роҳандозӣ кардааст. Агентӣ бо истифода аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлат, барномаҳои стратегӣ ва сиёсати фаъоли мусоидат ба шуғл, кӯшиш кардааст, ки равандҳои муҳоҷиратро танзим намуда, имкониятҳои бозори меҳнатро барои аҳолии қобили меҳнат дар кишвар ва хориҷи кишвар рушд диҳад. Инчунин, бо мақсади коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, инчунин ташаккули шароити арзанда барои шуғл ва дастгирии иҷтимоии муҳоҷирон, Агентӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шудааст.

Ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди тайёрии касбӣ, бозомӯзии бекорон ва дӯстдорӣ ба соҳибкории шахсони бекор аз фаъолиятҳои муҳими Агентӣ мебошанд. Аз 2 миллиону 582 ҳазору 120 нафар шаҳрвандон, ки ба мақомоти меҳнат мурочиат намуданд, 866 ҳазору 622 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин шуданд. Инчунин, зиёда аз 320 ҳазор нафар ба гирифтани кумакпулӣ барои бекорӣ сазовор гардиданд, ки ин имтиёз кӯмак

намуд дар беҳтар намудани шароити иҷтимоии шаҳрвандон ва кӯмак ба соҳибкории шахсони бекор.

« ... Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2023-2027», ки бо мақсади таҳкими шуғли аҳолӣ таҳия гардидааст, тадбирҳои фаъол ва ғайрифаъоли мусоидат ба шуғли аҳолиро дар бар мегирад. Ин барнома барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон, кӯмак ба соҳибкории инфиродӣ, пешниҳод кардани хизматрасониҳои роҳнамоии касбӣ ва ташкил намудани ярмаркаи ҷойҳои корӣ равона шудааст. Вақте ки давлат сиёсати муҳоҷиратро ба таври дуруст ва мутобиқ бо меъёрҳои байналмилалӣ роҳандозӣ мекунад, муҳоҷирон имконият пайдо мекунанд, ки на танҳо дар бозори меҳнат дар кишварҳои қабулкунанда кор кунанд, балки манфиатҳои иҷтимоии худро, аз ҷумла даромад, ҳуқуқи таъмини иҷтимоӣ ва дастрасии ба хидматҳои иҷтимоиро низ ҳифз мекунанд.

Барномаи мазкур ҳамчунин дар соҳаҳои иқтисодӣ барои шаҳрвандони бозори меҳнат осебпазир, бахусус занон ва ҷавонон, ҷойҳои кории квотаӣ пешбинӣ мекунад. Ҳамчунин, бо дарназардошти эҳтиёҷоти меҳнатӣ ва вазъи иқтисодӣ, Агентӣ шароити беҳтарро барои ҷалби аҳолӣ ба соҳаҳои рушди иқтисодиёт таъмин мекунад. Натиҷаҳои амалиётии барнома нишон медиҳанд, ки сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, барои таълими инклюсивӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ шароити мусоид фароҳам омадааст, ки ин метавонад боиси боз ҳам беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш ёфтани нобаробарии иқтисодӣ гардад.

Бо назардошти афзоиши талабот барои шуғл ва тахассусҳои нав, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар самти омӯзиши забонҳои байналмилалӣ ва технологияҳои нави корӣ барои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки дар кишварҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд, омодагии худро таъкид мекунад.

Амалиёти нақшавии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ки бо мақсади коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва рушди минтақаҳо равона шудааст, дар татбиқ намудани вазифаҳои сиёсати корӣ ва муҳоҷират хеле муҳим мебошад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнат ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Таҳлили заминаи институтсионалии танзими бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ то ҳол низоми мукаммали танзими ҳуқуқии бозори меҳнат ба таври кофӣ ташаккул наёфтааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки барои беҳтар кардани бозори меҳнат ва дастрасии шаҳрвандон ба ҷойҳои кории муносиб, ниёз ба такмили қонунгузорӣ ва дастгирии механизмҳои институти муосир вуҷуд дорад. Пешниҳод мегардад, ки фаъолияти меъёрҳои ҳуқуқии ҷойдошта бояд ба дастгирии шуғли пурра, ҳавасмандгардонии динамикаи рушди бозори меҳнат, таҳкими ташаккулёбии сармояи баландсифати инсонӣ нигаронида шавад.

2. Барои ноил шудан ба рушди минбаъдаи бозори меҳнат зарур шуморида мешавад, ки заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи танзими он такмил дода ва санадҳои нави ҳуқуқӣ, ки доираи васеи соҳаҳои тахминкунандаи шуғл дар кишвар таҳия карда шаванд. Таҳлили нишондиҳандаҳои муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи нафароне, ки дар хориҷа фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ доранд, хеле зиёдтар аз шумораи нафаронест, ки расман тавассути мақомоти давлатӣ ба кор даромадаанд.

3. Дар қонунгузории ҷойдошта, ки ҷиҳати ба тартиб даровардани муҳоҷирати меҳнатӣ баъзе тадбирҳо муқаррар шудаанд, муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ба монанди музди меҳнат ва дигар манфиатҳои иҷтимоии муҳоҷирон ҳамоно ба танзим ва татбиқнашуда боқӣ мемонанд.

4. Бо дарназардошти масоили моенашавандаи рушди бозори меҳнат дар самти танзими давлатию бозории бозори меҳнат зарур шуморида мешавад, ки Таснифоти нави касбҳо (шуғлҳо) мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд, сифати такмили ҳисоботи оморӣ дар соҳаи таҳқиқоти қувваи корӣ мукаммал карда шавад, мониторинги доимӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад ва барои баланд бардоштани касбияти муҳоҷирон тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шавад.

БОБИ 2. МОНИТОРИНГИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Таҳлили вазъи муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати танзими он дар шароити муосир

Ташаккули бозори меҳнат ҳамчун ҷузъи калидии низоми иқтисоди миллӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини шуғли устувор ва самараноки аҳолӣ равона шудааст ва дар баробари дигар омилҳои макроиқтисодӣ, нақши муҳими стратегиро дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мебозад. Ин раванд на танҳо ба такрористеҳсоли неруи меҳнатӣ ва истифодаи мақсадноки захираҳои инсонӣ мусоидат менамояд, балки бо танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ташкили шароити муносиб барои музди кор, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ зич алоқаманд аст.

Ҳалли мушкилоти бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти муосир, хусусан барои кишварҳои дар ҳоли рушд, ба самаранокии татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, ҳамоҳангсозии сиёсати шуғл бо сиёсатҳои минтақавӣ, танзими тавозуни рушди ҳудудҳо ва коҳиши тафовутҳои иҷтимоию иқтисодӣ байни минтақаҳои мамлакат барои таҳкими суботи иҷтимоӣ ва рушди баробар аҳамияти калидӣ доранд. Дар раванди гузариш ба модели нави иқтисоди бозорӣ ва татбиқи ислоҳоти сохторӣ, афзоиши муваққатии сатҳи бекорӣ ва коҳиши қобилияти харидории аҳолӣ падидаҳои маъмул ба шумор мераванд. Дар чунин шароит, нобаробарии иҷтимоӣ шиддат мегирад ва фарқият байни имкониятҳои минтақаҳо ҷиҳати таъмини шуғл ва пешниҳоди ҷойҳои корӣ васеъ мегардад, ки ба тафовути байни арза ва тақозо дар бозори меҳнат замина мегузорад.

Аз ин рӯ, таҳкими сиёсати танзими бозори меҳнат, рушди инфрасохтори шуғл, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, такмили низоми таълимоти касбӣ ва тавсеаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ метавонанд ҳамчун воситаҳои муассир барои бартарафсозии ин мушкилот хизмат кунанд. Танҳо дар сурати

татбиқи пайвастаи сиёсатҳои ҳамоҳангшуда ва дарозмуддат метавон рушди устувори бозори меҳнат ва сатҳи муносиби шуғли аҳолиро таъмин намуд. Барои таҳлили амиқи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳим аст, ки сатҳи рушди он дуруст арзёбӣ шавад. Масъалаи аввал ин аст, ки сохтори бозори меҳнат дар кишвар бояд бо диққат омӯзиш шавад. Ҳатто агар онро дар муҳити кӯтоҳмуддат таҳлил кунем, хулосаҳои ба дастомада метавонанд нодуруст бошанд, чунки тафсири тамоюлҳо ва тағйироти бозор дар кӯтоҳмуддат бениҳоят мушкил аст. Вале агар таҳлили бозори меҳнат дар муҳити тӯлонӣ гузаронида шавад, натиҷаҳо дурусттар ва аниктар хоҳанд буд, ки бо ин роҳ метавонем ба хулосаҳои воқеӣ ва нақшаи дуруст барои рушди ояндаи бозор расем.

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ барои бартараф намудани мушкилоти шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат тавассути фишангҳое, ки роҳи баромадро аз масъалаҳои иқтисодӣ таъмин мекунанд, ин истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ мебошад. Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир барои ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ аз қабили омилҳо ба монанди тақсимоти захираҳои меҳнатӣ, фароҳам овардани шароити корӣ, самаранок истифода намудани қувваи корӣ ва афзоиши қобилияти ҳаракати гардиши меҳнат, ҳавасмандгардони меҳнатӣ ва ташкил намудани муҳит барои тавлиди кадрҳои баландихтисос пешбинӣ шудааст.

Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, сиёсӣ, демографӣ ва ҷуғрофӣ дар кишвар алоқаманд мебошад. Барои таҳлили пурраи бозори меҳнат тамоми омилҳои таъсиррасонандаи онро бояд мавриди баррасӣ қарор дод. Маъсалаи аввалиндараҷа, ин сохтори бозори меҳнати ҷумҳурӣ мебошад. Дар ин замина тасмим гирифтем, ки тамоюли шумораи аҳолии қобили меҳнатро дар миқёси кишвар мавриди омӯзиш қарор диҳем (ҷадвали 2.1.1.).

Ҷадвали 2.1.1. - Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023 (ҳазор нафар)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо									Муқоиса 2023/2015 (+/-)
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	
Шумораи умумии аҳолӣ	8551,2	8742,8	8931,2	9126,6	9313,8	9716,8	9886,8	10078,4	10288,3	1737,1
Аҳолии синнашон ба қобили меҳнат норасида	2892,1	2938,9	3009,6	3063,6	3129,9	3191,0	3600	3649,6	3698,2	806,1
Аҳолии қобили меҳнат	5046,0	5175,5	5273,2	5379,7	5473,9	5567,4	5703,3	5804,7	5918,8	872,8
Аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар	413,9	436,8	460,0	487,8	522,8	555,4	583,5	624,1	671,3	257,4

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 13-57].

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.1. бармеояд, ки шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015 то 2023 тамоюли рӯ ба афзоиш доштааст. Аз ҷумла, агар соли 2015 шумораи аҳолии қобили меҳнат 5046,0 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас то соли 2023 ин рақам ба 5918,8 ҳазор нафар расидааст, ки ба андозаи 872,8 ҳазор нафар ё 17,2 фоиз афзоишро нишон медиҳад.

Илова бар ин, аҳолии синну соли аз қобили меҳнат пасттар низ дар ин давра тамоюли афзоиш нишон додаанд. Ҳамин тариқ, агар соли 2015 шумораи ин гурӯҳи аҳолӣ 2892,1 ҳазор нафарро ташкил медод, пас дар соли 2023 он ба 3698,2 ҳазор нафар расид, ки 806,1 ҳазор нафар ё 27,8 фоиз зиёд шудааст.

Ин афзоиш дар ҳар ду гурӯҳи синнусолӣ нишон медиҳад, ки фишор ба бозори меҳнат дар солҳои оянда идома меёбад, зеро қисми зиёди аҳолии синни аз қобили меҳнат пасттар дар оянда вориди синни фаъол мегарданд ва ба имкониятҳои шуғл ва бозори меҳнат ниёз хоҳанд дошт. Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати самараноки шуғл, васеъ намудани имкониятҳои ҷойҳои кор, такмили низоми касбомӯзӣ ва мутобиқсозии бозори меҳнат бо рушди демографӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Бо мақсади муайян намудани вазъи захираҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, таҳлили муқоисавӣ аз давраи солҳои 2015 то 2023 дар ҷадвали 2.2.2. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.1.2. - Захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023 (ҳазор нафар)

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**									
	2015	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)**
Захираҳои меҳнатӣ	5111	5224	5326	5427	5521	5585	5653	5754	5990	879
Қувваи корӣ	2437	2438	2460	2478	2514	2557	2587	2600	2675	238
Аҳолӣ машғул	2380	2384	2407	2426	2463	2506	2534	2545	2625	245
Бекорони расман эътирофшуда	57	54	53	52	51	51	53	55	50	-7
Қувваи кори истифоданашуда дар иқтисодиёт	2674	2786	2866	2949	3007	3028	3066	3154	3315	641

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 57]

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.2. бармеояд, ки дар натиҷаи суръати баланди афзоиши аҳолӣ захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ низ бо суръати баланд меафзояд. Ҳамин тавр, дар давраи баррасишаванда дар соли 2015 онҳо (5111 ҳазор нафарро) ташкил медод ва дар соли 2023 онҳо ба (5990 ҳазор нафар) расидааст, яъне 17,19 % афзоиш ёфтанд. Аммо, мушкилоти шуғли аҳолӣ давра ба давра хубтар шуда истодааст. Шумораи умумии аҳолии машғули кор дар соли 2015 ба 2380 ҳазор нафар баробар буд, ва дар соли 2023 ба 2625ҳазор нафар расида, афзоиши 10,2%-ро нишон дод. Ҳиссаи истифодаи ками қувваи корӣ дар иқтисодиёт аз соли 2015 то соли 2023, 23,9%-ро ташкил медиҳад.

Дар давраи ташаккули иқтисоди бозорӣ, ки бо гузариш ба принсипҳои иқтисоди бозорӣ ва татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар ҳамоҳанг буд, барои рушди моликияти хусусӣ тағйироти назаррас ва амиқ ба амал омад. Ин тағйирот ба таҳаввулоти муҳими иқтисодӣ, ки дар он ба моликияти хусусӣ ҷойи асосӣ дода шуд, ёрӣ расонид. Дар натиҷа, ислоҳотҳо дар соҳаи моликият ва раванди барқарорсозии бозори мол ва хизматрасонӣ, ба таҳким ёфтани мавқеи моликияти хусусӣ ва ташкили шароити мусоид барои рушди соҳибкории шахсӣ

мусоидат карданд. Тағйирот дар соҳаи моликият дар шароити иқтисоди бозорӣ барои таъмини рақобатпазирӣ ва рушди иқтисод хеле муҳим мебошад, ки ин хусусиятҳоро дар ҷадвали 2.1.3 метавон мушоҳида кард.

Ҷадвали 2.1.3. - Аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023

Нишондиҳандаҳо	Солҳо									Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	
Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул	2379,3	2384,2	2407,0	2425,5	2463,4	2506,2	2533,5	2545,0	2625,3	246
Бахши давлатӣ	441,5	456,1	470,3	484,5	490,7	497,2	509,9	502,4	498,3	56,8
Бахши хусусӣ	1588,6	1577,8	1594,1	1728,9	1733,1	1770,5	1775,5	1784,9	1802,3	213,7
Коллективӣ	323,8	325,8	317,4	207,8	216,0	216,2	226,2	235,5	247,1	-76,2
Омехта бо иштироки хориҷиён	18,5	18,4	19	4,3	4,3	4,8	4,9	5,1	5,1	-13,4
Омехта бе иштироки хориҷиён	7,3	6,1	6,2	0,02	0,01	17,2	17	17,1	17,1	9,8

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 57]

Маълумотҳои пешниҳодшудаи ҷадвалӣ бозгӯи тағйироти сохтории назаррас дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар онҳо афзалияти бахши хусусӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ бо равшанӣ инъикос ёфтааст. Тавре ки рақамҳо нишон медиҳанд, дар соли 2015 шумораи аҳолии машғул дар бахши хусусӣ 1588,6 ҳазор нафарро ташкил медод, дар ҳоле ки то соли 2023 ин нишондиҳанда ба 1802,3 ҳазор нафар расидааст, ки ба 13,5 фоиз афзоиш баробар мебошад. Афзоиши мундариҷавии бахши хусусӣ ҳамчун тамоюли табиии раванди иқтисоди бозорӣ арзёбӣ мегардад ва асосан бо вусъат гирифтани раванди хусусигардонӣ, коҳиши таносуби моликияти давлатӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва афзоиши ҳиссаи бахши ғайрирасмии иқтисодиёт иртибот дорад. Дар ҳамин ҳол, бахши давлатӣ низ дар давраи зикршуда 13% афзоиши шумораи кормандонро таҷриба кардааст, ки нишон

медиҳад, таҳкими шуғл дар соҳаҳои стратегӣ ва инфрасохтории таҳти назорати давлат боқӣ мондааст.

Дар муқобил, бахши моликияти коллективӣ бо коҳиши назарраси ҳиссаи худ дар сохтори шуғли аҳолӣ рӯ ба рӯ шудааст. Тибқи маълумот, дар солҳои 2015 то 2023 сатҳи шуғл дар ин бахш 23,5% коҳиш ёфтааст, ки нишондиҳандаи равшан аз барҳам хӯрдани сохторҳои кишоварзии собиқ (колхозҳо ва совхозҳо), инчунин паст шудани нақши ташкилотҳои кооперативии матлубот мебошад. Дар натиҷа, қисми зиёди ин захираҳои меҳнатӣ ба бахши хусусӣ ворид гардида, хусусигардонии сохторҳои истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ вусъат ёфтааст. Бояд гуфт, ки таҳлили динамикаи шуғли аҳолӣ дар сохторҳои гуногуни моликият дар давраи солҳои 2015 - 2023 нишон медиҳад, ки иқтисоди миллӣ тадриҷан ба самти бозорӣ ҳаракат дорад. Барои таъмини устуворii ин равандҳо, зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва институтсионалии рушди бахши хусусӣ таҳким ёфта, ҳамзамон ҳимояи иҷтимоии кормандон ва сифати ҷойҳои корӣ дар маркази сиёсати давлатии меҳнат қарор гиранд.

Дар соҳаи шуғл бо моликияти омехта бо сармояи хориҷӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омадааст. Дар соли 2015, рушди шуғл дар ин соҳа 18,5% афзоиш ёфта буд, вале дар соли 2023, ин нишондиҳанда ба 15,8% коҳиш ёфт. Коҳиш ёфтани рушди иқтисоди омехта дар оянда метавонад ба таври назаррас сатҳи шуғли аҳолиро паст намояд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки бисёр ашёи амволи давлатӣ ба ашхосе, ки соҳибмулки самарабахш набуданд, бо маблағи ночиз фурӯхта шуданд. Ин амалиёт ба афзоиши шуғл таъсири назаррас наовард. Ҳиссаи назарраси моликияти ғайримутамарказ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ бекор монд, ки ин боз як омилест, ки сабаби паст шудани шуғли аҳолӣ гардид.

Бо мақсади ҳалли мушкилоти марбут ба шуғли аҳолӣ, зарур аст, ки ҳукумати кишвар натиҷаҳои воқеии хусусигардонии моликиятро мавриди таҳлил ва арзёбии ҳамаҷониба қарор диҳад. Таҷдиди назар дар сиёсатҳои моликият ва истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, аз ҷумла, ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои ғайрифаъол ё қисман фаъол,

метавонад ҳамчун воситаи муассир барои афзоиши сатҳи шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ хидмат кунад. Баргардонидани корхонаҳои хусусигардида ба муҳити истеҳсолӣ бо истифодаи механизмҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ, дастгирии молиявӣ ва роҳандозии шарикии давлатӣ ба коҳиши захираҳои бекор ва фаъолсозии иқтидорҳои пинҳон мусоидат менамояд. Ин раванд метавонад афзоиши рақобатпазирии бахшҳои воқеии иқтисод ва рушди бахши саноатро дар пай дошта бошад. Илова бар ин, гурӯҳбандии корхонаҳои амалкунанда бо назардошти ду параметр шакли моликият (давлатӣ, хусусӣ, омехта) ва андоза (калон, миёна, хурд) зарурати таҳлили мушаххаси сохторӣ ва функсионалии низоми истеҳсолотро тақозо мекунад. Тафовути таносуби ҳиссаи бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар сохтори соҳаҳо нишон медиҳад, ки бахши давлатӣ бештар дар корхонаҳои калон ва инфрасохторҳои стратегӣ ҳузур дорад, дар ҳоле ки бахши хусусӣ бахусус дар соҳибкории хурду миёна нақши назаррас мебозад. Таҳияи сиёсати давомдор ва устувор, ки тавонад истифодаи самараноки моликияти хусусӣ ва давлатӣ, густариши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилиро фаро гирад, метавонад ба тавсеаи бозори меҳнат ва беҳсозии нишондиҳандаҳои шуғл дар сатҳи миллӣ заминаи воқеӣ гузорад**.**

Ҷадвали 2.1.4.- Теъдоди корхонаю ташкилотҳо аз рӯйи шаклҳои моликият амалкунада дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳн-даҳо	Солҳо									Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	
Корхонаю ташкилотҳо	42358	42347	42031	43252	46465	47639	48625	52134	55636	13278
Корхонаҳои давлатӣ	9161	9356	9098	8940	9838	10150	10197	10541	10686	1525
Корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ	32507	32137	32197	33361	35592	36434	37265	40371	43579	11072

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 226].

«Дар сохтори корхонаҳои фаъол, қисми аъзами корхонаҳо ба корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ (76,5%) марбут мебошад, дар ҳоле ки корхонаҳои давлатӣ танҳо 23,5%-ро ташкил медиҳанд. Корхонаҳои омехта бо сармояи хориҷӣ дар муқоиса бо дигар навъҳои корхонаҳо ҳиссаи хурде (фақат 2%) доранд. Ба ҳамин

тартиб, корхонаҳои хурд нақши муҳим доранд, зеро онҳо 75%-и умумии корхонаҳоро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки дар дохили корхонаҳои давлатӣ ин нишондиҳанда 23% аст, ва дар маҷмӯъ 75% корхонаҳои хурд бо моликияти хусусӣ ва давлатӣ идора мешаванд.

Дар корхонаҳои давлатӣ, корхонаҳои миёна ва калон асосан саҳмияҳои аслиро ишғол мекунанд, ки дар корхонаҳои миёна ин нишондод 79% ва дар корхонаҳои калон 61% мебошад. Рушди ҳамаи намудҳои корхонаҳо, ки барои рушди иқтисодиёт ва афзоиши шуғл муҳим мебошанд, нишон медиҳад, ки агар шароити мусоид барои рушди корхонаҳои калон фароҳам ояд, сатҳи шуғл дар иқтисодиёт метавонад ба таври назаррас беҳтар шавад» [138].

Баррасии корхонаҳои трансмиллӣ дар кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки онҳо нақши муҳиме дар таҳкими иқтисодиёт мебозанд. Агарчӣ корхонаҳои омехта бо сармояи хориҷӣ нишондиҳандаҳои ночиз доранд, вале имконияти рушди бузург дар онҳо ҳаст. Ин навъ корхонаҳо метавонанд барои беҳтар кардани структураи шуғл ва пешниҳоди ҷойҳои корӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намоянд.

Дар ин замина, Дуглас Норт, дорандаи ҷоизаи Нобел, таъкид мекунад, ки « ... бо ҳуқуқи ҳифзи мувофиқ, риояи нокифояи қонунҳо, монеаҳои вуруд, маҳдудиятҳои монополистӣ: ширкатҳое, ки мехоҳанд фоида ба ҳадди аксар расонанд, эҳтимолан кӯтоҳмуддат хоҳанд буд ва дороиҳои сармояи хурдро истифода мебаранд ва дар айни ҳол ширкатҳо бо сармояи асосии калон метавонанд танҳо таҳти сарпарастии ҳукумат фаъолият кунанд, ки дар он ҳолат субсидияҳо ва ҳимояи тарифҳо ба самаранокии истеҳсолот кӯмак мекунанд».

Ҷадвали 2.1.5. - Сохтори соҳавии машғули шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тули солҳои 2015 – 2023

Нишондиҳандаҳо	Солҳо									
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул	2379,	2385	2407	2425	2463	2506	2533,5	2545	2625	246
Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ	1545,	1538	1466	1481	1507	1525	1535	1608	1608	63
Саноати коркард	60,1	59,5	86,7	82,6	83,3	86,4	88,4	88,8	81,7	21,6

Идомаи ҷадвали 2.1.5.										
Неруи барқ, газ ва таъминоти об	19,3	17,8	18	18,8	15	15,4	16,1	13,2	11,0	-8,3
Сохтмон	66,5	67,1	101,6	101,4	100,8	101,9	98,3	100,1	96,1	29,6
Бахши хизматрасонӣ	675,7	690,5	721,7	726,6	735,4	751,8	769,4	705,5	324,7	-351

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 59]

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.5 нишон медиҳанд, ки дар сохтори шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла сохтмон, нақлиёт, анбор ва алоқа, кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал, боз ҳам афзоиш ёфтааст. Аммо, дар соҳаҳои неруи барқ, газ ва об як коҳиш назаррас ба мушоҳида мерасад (-6,9% дар муқоиса бо соли 2015). Ин нишондиҳандаҳо мавқеи афзоиш ва пастшавии шуғли аҳолӣ дар бахшҳои гуногунро, ки вобаста ба рушди соҳаҳо ва ҳолати иқтисодӣ дар давоми солҳои ахир аст, дарбар мегиранд.

Бо вуҷуди афзоиши назарраси аҳолии ҷумҳурӣ, суръати афзоиши шуғл дар соҳаҳое, ки рушди кам ё нокифоя доранд, дар сатҳи паст қарор гирифтааст. Вазъият ба он сабаб аст, ки шуғл дар соҳаи саноат, ки барои таъминоти барқ, газ ва об масъул аст, бо коҳиш ёии 6,9% ба назар мерасад. Вақте ки тавассути барномаҳои сиёсӣ ва ислоҳот дар соҳаҳои амиқ рушди соҳаҳо имконпазир аст, алахусус соҳаҳои истеҳсолӣ ва инфраструктураӣ бояд такмил дода шаванд, то рушди шуғли аҳолӣ дар ин бахшҳо таъмин шавад.

1. Сатҳи шуғл ва хароҷоти умумӣ - дар аксари ҳолатҳо, сатҳи шуғл ба ҳаҷми хароҷоти умумӣ вобаста аст. Даромадҳои андозӣ метавонанд монеа барои робитаҳои истеҳсолӣ ва фурӯши молҳо шаванд. Ба ин тартиб, маблағгузории самаранок дар соҳаҳо кофӣ нест, ва сармоягузории дарозмуддат бо хавфҳои зиёде алоқаманд аст, ки метавонанд монеа барои рушди шуғл ва иқтидорҳои истеҳсолӣ шаванд.

2. Қарзҳои баланд ва манбаи сармоягузорӣ - дар шароити иқтисодӣ бо қиммати баланди қарзҳо, қарзгирандагон ҳавасманд нестанд, ки дар соҳаҳои дарозмуддат ва бо ҳамкориҳои ҷиддии таъмини кор ҷойҳои корӣ таъсис диҳанд.

Ин равандҳо бештар дар соҳаи савдо ва муштрак бо моликияти хусусӣ пеш меравад, ки дар онҳо гардиши сармояи баландтар ба назар мерасад. Ин маънои онро дорад, ки суръати афзоиши шуғл дар соҳаҳои савдо баланд аст, аммо дар соҳаҳои истеҳсолот ва инфраструктура таҳаввулот дар сатҳи паст қарор доранд.

3. Сабабҳои объективӣ ва таъсироти сифатӣ - барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар иқтисоди Тоҷикистон, бояд сабабҳои объективии дигар, ки ба ҳаёти иқтисодӣ таъсир мерасонанд, шиносо карда шаванд. Иқтисоди кишвар дар гузашта ҷузъи як хоҷагии ягонаи миллӣ буд ва мо медонистем, ки захираҳоро аз куҷо мегирем ва ба куҷо мебарем. Пас аз соҳибихтиёрӣ, вазъият ба куллӣ тағйир ёфт, ки боиси пайдоиши бозорҳои номуайян ва коҳиши роҳҳои дуруст барои пайвастшавӣ бо бозорҳои байналмилалӣ гардид. Воридшавии молҳои арзон ва маҳсулоти гуногун аз дигар кишварҳо, ки бо молҳои маҳаллӣ рақобат мекарданд, вазъияти иқтисодӣ ва шуғли аҳолиро мураккаб сохт.

Ҳалли ин масъалаҳо вобаста аст ба таҷдиди назар дар сиёсати иқтисодӣ, бозсозии стратегияи амалиёти иқтисодӣ, рушди сектори саноатӣ ва инфраструктураи энергетикӣ, инчунин ҷалби сармояи хориҷӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва шуғл.

Таҳлили динамикаи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки афзоиши таносуби иқтидорҳои бекор дар иқтисоди миллӣ ба як қатор омилҳои сохторӣ ва институсионалӣ иртибот дорад, ки сарчашмаи онҳо дар зарурати мутобиқсозии иқтисод ба талаботи иқтисоди ҷаҳонӣ ва стандартҳои байналмилалии истеҳсолот ҷойгир аст. Аз ҷумла, тағйироти сохторие, ки бо ҳадафи ҳамгироии бозорҳои маҳаллӣ ба низоми ҷаҳонии савдо ва таъмини рақобатпазирии маҳсулот амалӣ гардиданд, дар шароити маҳдудияти сармоягузорӣ ва заъфи инфрасохтори муосир, ба вусъат ёфтани бекорӣ ва камсамаршавии қувваи меҳнатӣ мусоидат карданд.

Маҳдудияти захираҳои молиявӣ, ки дар сохтори собиқ иқтисоди ИҶШС дорад мебошад, имкони ҷалби сармояи кофиро барои таҷдиди соҳаҳои муҳими саноатӣ ва инфрасохторӣ маҳдуд намуд. Тоҷикистон, ки иқтисодаш баъди истиқлолият вориси сохтори аграрӣ-саноатии шӯравӣ боқӣ монд, маҷбур

гардид, ки барои мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ захираҳои маҳдуди мавҷударо истифода барад, ки дар натиҷа аксар соҳаҳои истеҳсолот, махсусан саноати сабук ва вазнин, таносубан суст рушд ёфтанд. Дар ҳамин ҳол, маълумоти оморӣ бозгӯи тағйироти муҳими сохторӣ дар бозори меҳнат мебошанд. Аз ҷумла, ҳиссаи бахши кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал дар сохтори умумии шуғл афзоиш ёфтааст, ки ин тамоюл нишондиҳандаи тағйироти самтноки иқтисод аз модели саноатӣ-аграрӣ ба модели аграрӣ-саноатӣ мебошад. Яъне, маркази вазнии фаъолияти иқтисодӣ аз соҳаҳои саноат ва технологияи миёна ба бахши аввалияи иқтисодиёт интиқол ёфтааст.

Ҳамзамон, коҳиши ҳиссаи саноат ба андозаи тақрибан 2,5 маротиба нишон медиҳад, ки ислоҳоти соҳаи истеҳсолот бо суръати паст ва маҳдудияти захираҳо рӯ ба рӯст. Коҳиши нисбии шуғл дар соҳаи нақлиёт низ бозгӯи коҳиши фаъолияти логистикӣ ва хизматрасониҳои ҳамлу нақл мебошад, ки метавонад бо маҳдуд будани шабакаҳои нақлиётӣ ва сармоягузории нокифоя шарҳ дода шавад. Баръакси ин, афзоиши ҳиссаи шуғл дар соҳаи сохтмон нишондиҳандаи фаъолияти рӯзафзуни бахши инфрасохторӣ ва эҳёи марҳилавии манзилсозӣ ва рушди шаҳрсозист.

Таҳаввулоти сохторӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон аз як тараф, бар ниёзҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва фишори мутобиқсозии дохилӣ шинохта мешавад ва аз ҷониби дигар, маҳдудияти захираҳо ва иқтидорҳои миллӣ дар ин равандҳоро боздорӣ мекунанд. Таъмини рушди мутавозини саноат, кишоварзӣ ва бахши хизматрасонӣ бояд дар меҳвари стратегияи нави шуғл ва сиёсати саноатии кишвар қарор гирад.

Афзоиши шуғл дар соҳаи кишоварзӣ асосан ду сабаб дорад. Аввалан, коҳиши шуғл дар соҳаҳои саноат, ки мардумро водор кард ба кишоварзӣ гузаранд, ва дуюмин, таъсиси музди меҳнати паст дар дигар соҳаҳо, ки одамонро ба кишоварзӣ мерасонад. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои техникӣ ва технологӣ дар иқтисоди кишвар ба зудии ҳал кардани мушкилоти бекорӣ кӯмак намекунанд. Мушкилии бекорӣ дар Тоҷикистон бо дигар масъалаҳои иқтисодӣ,

аз қабили афзоиши нархҳо, таваррум, хароҷот, ҳосилнокии меҳнат ва сармоягузорӣ алоқаманд аст.

Сатҳи бекорӣ ба як қатор масъалаҳои иқтисодӣ, ки ба некуаҳволӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд, вобаста аст. Яке аз омили муҳиме, ки таркиби бозори меҳнати Тоҷикистонро коста месозад, ин фирори мағзҳо ё рафтани қувваи кории баландихтисос ба хориҷи кишвар мебошад. Ин мушкилот дар кишвар аз солҳои 2015 ба мушоҳида мерасидан, ки дар натиҷа ба самтҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонид.

Таҳлили бозори меҳнат имкон медиҳад, ки ҳамаи ҷанбаҳои мавҷудаи мушкилот ошкор карда шаванд. Ин равиш ба он асос ёфтааст, ки бозори меҳнат як воситаи муҳим барои муайян кардани самтҳои умумии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки инчунин ба қонеъ кардани ниёзҳои аҳолии қобили меҳнат нигаронида шудааст.

Таъмини қувваи корӣ, ки бо шумораи аҳолии иқтисодии фаъол санҷида мешавад, ба омилҳои демографӣ, сатҳи некуаҳволӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ ва динии аҳолӣ вобаста аст. Сиёсати шуғл ва бозори меҳнат бояд ба ташаккули сатҳи шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат назар дошта бошад ва барои ҳар як фард самарабахш ва дуруст ҳамоҳанг карда шавад.

Ин самт дар рушди устувори иқтисодиёт, инфрасохтори бозор ва нигоҳ доштани муътадилии бозори меҳнат аҳамияти муҳим дорад. Вазифаи асосии сиёсати иҷтимоии давлат дар шароити муосир дастгирии шуғли самарабахш, диққат ба талаботи нави истеҳсолот ва истифодаи неруи меҳнат, инчунин омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо мебошад. Рушди босамари бозори меҳнат як омили асосии баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва шохиси муҳим дар рушди иҷтимоии иқтисодӣ мебошад.

Мушкили бекорӣ ва кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ омили асосии бо таъсир на танҳо ба талаботи қувваи корӣ, балки ба бисёр паҳлуҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад. Таҳлили ин масъалаҳо дар доираи иқтисод муҳим аст ва таҳқиқи мушкилоти бекорӣ ва муҳоҷират наметавонад танҳо бо роҳи умумии таҳлилҳои иқтисодӣ анҷом дода шавад.

Яке аз омилҳои асосии шаклгирии сатҳи баланди бекорӣ ва афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пастии музди меҳнат ва даромадҳои воқеии аҳолӣ мебошад. Ин омилҳо боиси он мегарданд, ки шаҳрвандони қобили меҳнат, ба хотири таъмини рӯзгори худ ва оила, маҷбур мешаванд дар ҷустуҷӯи ҷойи кори муносиб ба хориҷи кишвар сафар намоянд. Аз як ҷиҳат, чунин раванд ҷанбаи мусбӣ низ дорад. Муҳоҷирати меҳнатӣ боиси воридоти маблағҳои интиқолӣ мегардад, ки на танҳо сатҳи даромади хонаводаҳои марбутро боло мебарад, балки тавассути воридоти асъори хориҷӣ ба устувории нисбии иқтисоди миллӣ низ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, таъсири муҳоҷират дар сатҳи иҷтимоӣ ва бозори меҳнат наметавонад танҳо мусбат арзёбӣ гардад. Мушкилиҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоии муҳоҷирон, ноустувории ҷойҳои кор, маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва шароити номуносиби меҳнатӣ дар кишварҳои қабулкунанда ба осебпазирии иҷтимоии гурӯҳҳои муҳоҷирон мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, муҳоҷирати доимии аҳолии қобили меҳнат метавонад ба таназзули иқтидори меҳнатии дохилӣ ва динамикаи номусоиди демографӣ оварда расонад.

Дар шароити номукаммал будани механизмҳои бозорӣ ва норасоии имкониятҳои дохилии шуғл, зарур аст, ки модели танзими бозори меҳнат бар асоси ҳамгироии самараноки воситаҳои худтанзимкунии бозор ва механизмҳои фаъоли дахолати давлат тарҳрезӣ шавад. Танҳо тавассути сиёсатҳои мутавозини иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки рушди истеҳсолот, баланд бардоштани музди меҳнат, эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва таъмини кафолатҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд, метавон ба коҳиши вобастагии аҳолӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳкими бозори меҳнати миллӣ ноил гардид.

Вазъи мавҷудаи бозори меҳнат ва афзоиши сатҳи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси таваҷҷуҳи рӯзафзуни муҳаққиқон ва коршиносони ватанӣ гардидааст. Махсусан, таъсири бекорӣ ба сатҳи шуғл, ки бар ҳам мардон ва ҳам занон таъсир мерасонад, ҳамчун масъалаи муҳими иҷтимоию иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бекорӣ на танҳо ҳамчун падидаи

иқтисодӣ, балки ҳамчун мушкили иҷтимоӣ ба амнияти иҷтимоӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва устувории иқтисодӣ таъсир мерасонад. Яке аз роҳҳои асосии коҳиши сатҳи бекорӣ ва дастгирии шаҳрвандони корҷӯ татбиқи самараноки сиёсати иҷтимоӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда мебошад. Ин сиёсат бояд на танҳо механизми пардохти кумакпулиро дар бар гирад, балки инчунин васоити бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ҷалби аҳолӣ ба курсҳои касбомӯзӣ ва таъмини дастрасӣ ба ҷойҳои кори доимӣ ва устуворро фаро гирад. Бо вуҷуди ин, тавре ки маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, дастгирии иҷтимоии амалкунанда дар кишвар то ҳол хеле маҳдуд боқӣ мондааст.

Аз ҷумла, тибқи нишондодҳои ҷадвали 2.1.6, дар соли 2014 танҳо 6,6% аз шумораи умумии шахсони бекори расман ба қайд гирифташуда аз кумакҳои пулӣ баҳра бардоштаанд. Ин нишондиҳанда бозгӯи маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва институсионалӣ дар татбиқи сиёсатҳои иҷтимоӣ буда, далел бар он аст, ки низоми кумакрасонӣ ба бекорон то ҳол наметавонад эҳтиёҷоти воқеии аҳолии қобили меҳнатро пурра қонеъ намояд. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи бозори меҳнат, зарурати ҷиддии густариши барномаҳои ҳадафманд, афзоиши маблағгузории давлатӣ ба воситаҳои ҳифзи иҷтимоии бекорон, ҷорӣ намудани шаклҳои нав ва фарогири кумакрасонии фаъол, инчунин таҳкими инфрасохтори бозомӯзии касбӣ ба миён меояд. Танҳо тавассути равиши комплексӣ ва устувор метавон ба коҳиши воқеии сатҳи бекорӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ дар сатҳи миллӣ ноил гардид.

Ҷадвали 2.1.6. - Сатҳи дастгирии иҷтимоии бекорон дар Ҷуҳмурии Тоҷикистон ба санаи 01.01.2021

Нишондиҳандаҳо	2014			2020			2020/ 2014		
	I	Аз он ҷумла		I	Аз он ҷумла		I	Аз он ҷумла	
		II	III		II	III		II	III
Шумораи бекорон, ки имтиёзҳо дода шудаанд,	55502	28742	33567	49888	23840	29724	-5614	-4902	- 3843
аз он: гирифтани фоида	11335	443	6	15712	342	-	4377	- 101	- 6
Маблағи миёнаи моҳона, сомонӣ	491,9	320,5	-	618,5	540,8	-	126,6	220,3	-

Идомаи ҷадвали 2.1.6.									
Ба омӯзиши касбӣ нигаронида шудааст.	10603	719	-	17958	13362	10457	- 146	12643	10457
Омӯзишгоҳи касбиро хатм карданд.	18226	13644	11611	15419	11501	8220	- 2807	- 2143	- 3391
Аз онҳо -коргарон,	16232	12187	10448	8379	6547	5415	- 7853	- 5640	- 5033
- ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст.	9446	7170	5934	5912	2358	2351	- 3534	- 4812	- 3583
Эзоҳ: I - ҳамагӣ; II - занон; III - ҷавонони 15-19 сола.									

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [40, с 316].

Маълумоти ҷадвали 2.1.6 бозгӯи як қатор мушкилоти сохторӣ ва молиявии низоми дастгирии иҷтимоии шахсони бекор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Яке аз мушкилоти асосӣ номутобиқати ҳаҷми кумакпулии бекорон бо арзиши воқеии ҳаёти рӯзмарра ва сатҳи нархҳои бозорӣ аст. Ин вазъ ба таври мустақим нишон медиҳад, ки механизмҳои молиявии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити кунунӣ қобилияти самараноки дастгирии шахсони бекорро надоранд ва бо талаботи воқеии бозори меҳнат мутобиқат намекунанд.

Дар баробари ин, ҳолати номутаносибии байни пешниҳод ва талабот дар бозори меҳнат, ки бо омилҳои зиёд, аз ҷумла омодагии касбӣ ва дараҷаи тахассуси қувваи корӣ алоқаманд аст, нишон медиҳад, ки захираҳои меҳнатии кишвар пурра ва самаранок истифода намешаванд. Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат омодаи фаъолият дар бозори меҳнат ҳастанд, вале бо сабаби номувофиқии тахассус, маълумоти касбӣ ва талаботи воқеии бозор, онҳо наметавонанд дар ҷойҳои мувофиқ ҷойгир шаванд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ҳиссаи аҳолии иштироккарда дар барномаҳои омодагии ибтидоии касбӣ ва бозомӯзии касбӣ мутаносибан 25,1% ва 28,5%-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, самаранокии ин барномаҳо дар зиёд кардани қобилияти рақобатии шахсони корҷӯ шубҳанок боқӣ мемонад, зеро бозори меҳнат то ҳол наметавонад ниёзҳои афзоянда ба мутахассисони дорои тахассуси миёна ва олӣ, махсусан дар соҳаҳои технология, саноат ва хизматрасонии рақамиро қонеъ намояд. Бояд гуфт, ки мушкили асосӣ на дар худи сатҳи иштирок дар барномаҳои касбомӯзӣ, балки дар сифати таҳсилоти

касбӣ, мутобиқати он ба стандартҳои муосири бозори меҳнат ва механизми мувофиққунии тақозо ва пешниҳод дар бозори меҳнат мебошад. Барои ислоҳи ин вазъ, зарур аст, ки равандҳои таълим ва бозомӯзиро аз нав бо талаботи воқеии иқтисоди миллӣ ҳамоҳанг намуда, дар баробари ин, ҳаҷми дастгирии иҷтимоӣ ва муассирии механизмҳои маблағгузории онро тақвият дод. Танҳо дар сурати ҳамоҳангсозии муассири низоми таҳсил, бозори меҳнат ва сиёсати иҷтимоӣ метавон рушди устувори бозори меҳнат ва камшавии сатҳи бекориро таъмин намуд.

Барои беҳтар кардани вазъият ва ҳамоҳангсозии талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат, бояд тадбирҳо оид ба такмили низоми маориф ва ҳавасмандгардонии таҳсили касбӣ ва бозомӯзии бештар ва амиқтар андешида шаванд. Ин метавонад ба афзоиши маърифат ва қобилиятҳои меҳнатӣ, инчунин ба беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори иқтисодиёт мусоидат кунад. Таъмини рушди равонии касбӣ ва омӯзиши ҷории қувваи корӣ дар ҷомеа ба афзоиши рақобатпазирии бозори меҳнат ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ боэътимод кӯмак хоҳад кард.

Фарқият байни талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он дар бозори меҳнат, бахусус бекорӣ, ба мушкилоти асосии иқтисодиёт ишора мекунад. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии қувваи корӣ, ки бе истифодаи самарабахши он аст, дар афзоиши самаранокии иқтисодӣ нақши муассир нахоҳад дошт.

Барои амалӣ намудани таҳсилоти мутахассисон ва бозомӯзии касбӣ, таъсис додани муассисаҳои таълимии махсус ва марказҳои бозомӯзии мутахассисон, инчунин такмили ихтисоси кормандон хеле зарур аст. Ба ин манзур, монеаҳои маъмурӣ дар ҷараёни гардиши меҳнат бояд бартараф карда шаванд, ва корфармоён бо воситаҳои гуногуни дастгирӣ барои эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва пайваст кардани афзоиши қувваи корӣ бо имкони дастрас кардани кор ҷалб карда шаванд.

Дар сурати мавҷуд набудани баҳодиҳии объективии сатҳи зиндагии аҳолӣ, қабул кардани қарорҳои идоракуни дар бахши бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ душвор ва ғайримумкин мешавад.

Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта, равишҳои методологии арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва муносибаташ бо истеҳсолот аҳаммияти зиёде доранд.

Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ нишон медиҳад, ки самаранокии шуғл метавонад дар шаклҳои гуногуни ташкили меҳнат дар даврaҳои дарозмуддат таҳлил ва муқоиса карда шавад.

Расми 2.2.1. - Алоқамандии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ ба бозори меҳнат

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Сатҳи зиндагии аҳолӣ маъмулан тавассути таносуби даромади миёнаи пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва андозаи ҳадди ақали зиндагӣ арзёбӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гарчанде даромадҳои пулии аҳолӣ дар солҳои охир афзоиш ёфтаанд, ин афзоиш бо суръати баландшавии арзиши зиндагӣ ва талаботи ҳаёти рӯзмарра мувофиқат намекунад. Яъне, афзоиши даромадҳо натавонистааст қудрати харидории аҳолиро назаррас беҳтар намояд. Ин нишон медиҳад, ки қисми калони аҳолӣ то ҳол дар зери сатҳи зиндагии шоиста қарор дошта, имкони қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосии худро аз қабили ғизо, манзил, тандурустӣ ва маориф пурра надоранд. Аз ин рӯ, таносуби пасти даромад ба

ҳадди ақали зиндагӣ ҳамчун нишондиҳандаи устувори пастии сатҳи зиндагӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир, истифодаи даромади пулии аҳолӣ ҷанбаҳои мусбатро ба назар мерасонад. Хароҷоти умумии аҳолӣ, ба вижа барои пардохти маҳсулоти соҳаи хизматрасонӣ ва андозҳо, афзоиш ёфтааст. « ... Сабаби асосии ин пешрафт, зиёд шудани даромади умумии аҳолӣ дар натиҷаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аст, ки асосан ба Федератсияи Россия меравад». Маблағҳои фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ як манбаи муҳим барои беҳтар кардани сатҳи зиндагии оилаҳои онҳо ва таҳкими иқтисодиёт дар кишвар мебошанд.

Омилҳои мазкур, дар баробари дигар омилҳо, унсурҳои сохтории номуайянеро ба бозори меҳнат ворид мекунанд, ки ин омилҳо ба эҳтиёҷоти воқеии бозор ва миқдори қувваи корӣ таъсир мерасонанд. Яъне, бо афзоиши даромад ва муҳоҷират, имкониятҳо барои кор ва шуғли аҳолӣ ба таври манфӣ ё мусбат таҳти таъсири омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор мегиранд.

Омори расмии соли 2023 нишон медиҳанд, ки сохтори маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бахшҳои асосии иқтисодӣ ба таври зайл ташаккул ёфтааст: 24,2% - савдо ва таъмир (яклухт ва чакана), 13,3% - сохтмон, 23,4% - кишоварзӣ, ва 8,5% - нақлиёт ва алоқа. Ин таносуби сохторӣ гувоҳи он аст, ки бозори меҳнат дар кишвар хусусиятҳои хоси худро дорад ва таҳти таъсири сохтори соҳаҳои фаъол ва дараҷаи рушди онҳо ташаккул меёбад. Дар робита ба ин, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар модел ва механизми ташкили бозори меҳнатро бо дарназардошти хусусиятҳои миллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолӣ, шароити демографӣ ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон низ зарур аст, ки бо дарки воқеии сохтори иқтисодӣ ва имкониятҳои мавҷуда, стратегияи миллии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва идоракунии бозори меҳнат таҳия ва татбиқ гардад. Ин стратегия бояд фарогири тадбирҳое бошад, ки ба тақвияти шуғли расмӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди бахшҳои истеҳсолии иқтисод ва коҳиши вобастагии аҳолӣ аз шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати

меҳнатӣ нигаронида шуда бошанд. Танҳо тавассути муносибати мақсаднок ва мутобиқ ба воқеиятҳои дохилӣ метавон рушди устувори бозори меҳнатро таъмин кард.

Дар шароити муосири тағйироти сохторӣ, таҳримҳо ва буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, бозори меҳнат ба равандҳои пуршиддат ва динамикаи зудтағйирёбанда дучор мешавад. Тақсимоти қувваи корӣ дар дохили кишварҳо ва байни онҳо мутаносибан васеъ мегардад, ки боиси афзоиши якбора ҳам шумораи аҳолии фаъолона иштироккунандаи бозори меҳнат ва ҳам шумораи шахсони расман ё ғайрирасман бекор мегардад. Ин раванд ба шаклгирии ноустуворӣ дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт, танзими мураккабтари сиёсати шуғл ва талаботи нав ба малакаҳои касбӣ оварда мерасонад. Дар сатҳи корхонаҳо ва соҳаҳо, тағйирот боиси аз нав тақсим шудани ҷойҳои кор, ихтисори кадрҳо ва талабот ба тахассусҳои нав мегардад. Ҳамзамон, дар сатҳи миллӣ ва глобалӣ, бозори меҳнат ба муҳоҷирати меҳнатӣ, рақобати минтақавӣ ва тағйироти технологӣ вобастагии бештар пайдо мекунад. Ин ҳама далолат бар он мекунад, ки низоми шуғл ва бозори меҳнат бояд ҳамеша ба шароити тағйирёбандаи ҷаҳонӣ ва дохилӣ мутобиқ карда шавад, бо истифода аз механизмҳои чандир, сиёсатҳои омехтаи давлатӣ ва бозорӣ, инчунин бо таъмини рушди захираҳои инсонӣ ва тавонмандсозии кадрҳои миллӣ.

Бо вуҷуди буҳрони иқтисодӣ, як қисми аҳолӣ ҳанӯз умедвор аст, ки бо такя ба механизмҳои марказонидашудаи давлатӣ, метавонанд шуғл ёбанд. Вале дар шароити муосир, ки ба даст овардани ҷойи кор аз механизми марказонидашуда ғайриимкон аст, як қисми аҳолӣ ба ҷустуҷӯи имкониятҳои корӣ мустақилона ва ғайрирасмӣ машғул мешавад. Ин гуна шуғл, ки бо принсипи худтанзимкунӣ фаъол аст, ба бозори меҳнат таъсири зиёд мерасонад.

Барои ҳал кардани мушкилот, стратегияи танзими шуғл бояд ба паст кардани шиддати бозори меҳнат ва афзоиши шуғл дар кишвар равона шавад. Тоҷикистон дар байни кишварҳои пасошӯравӣ бо сатҳи пасти шуғл ва сатҳи баландтари бекорӣ шенасо аст. Пешгӯии тавозуни захираҳои меҳнатӣ дар

ҷумҳурӣ, ки арзёбии захираҳо ва талаботи бозори меҳнатро дар бар мегирад, метавонад ба танзим кардани вазъи бозори меҳнат кӯмак кунад.

Таҳлили омили шуғл нишон медиҳад, ки бо вуҷуди кӯшишҳо барои баланд бардоштани сатҳи шуғл, сатҳи даромад дар Тоҷикистон ҳамоно паст боқӣ мемонад, ки ин ба рушди иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар шароити муосир, тавассути ҷорӣ намудани усулҳои муносиб ва самарабахши танзими давлатии шуғл, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба мақсадҳои зерин ноил шавад:

– таъмини субот ва идоракунии вазъи бозори меҳнат дар кишвар. Бо истифода аз сиёсатҳои дуруст ва равишҳои танзимкунӣ, вазъияти бозори меҳнат метавонад ба таври устувор идора шуда, ба таҳаввулоти нағзи иқтисод ва шуғл мусоидат намояд. Ин, дар навбати худ, барои ҳама табақаҳои ҷомеа ва иқтисодиёт шароити муфид эҷод мекунад:

– пешгирии бекории оммавӣ. Ҳангоми таҳияи ва татбиқи стратегияҳои самарабахш барои танзими бозори меҳнат, пешгирии бекории оммавӣ, ки ба иқтисоди миллӣ ва оилаҳои шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад, имконпазир мегардад. Воситаҳои идоракунии иқтидори корӣ ва бозори меҳнат метавонанд боз як марҳалаи муҳими пешгирии бекории оммавӣ бошанд;

– кам кардани номутаносибии ҳудудӣ ва касбии сохтори шуғли аҳолӣ. Танзими дуруст ва баробарии имкониятҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар ва миёни гурӯҳҳои касбии гуногун метавонад боиси коҳиш ёфтани нобаробарӣ ва ба эътидол овардани сохтори шуғл гардад. Ин ба такмили яксонӣ ва рушд дар тамоми минтақаҳои кишвар кумак мекунад;

– баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи коргарӣ дар бозори меҳнат. Бо таваҷҷӯҳ ба гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ, ба монанди ҷавонон, занон ва муҳоҷирон, метавон имкониятҳои бештар барои ҳамоҳангсозии меҳнат ва тақсимоти он байни ҳамаи аъзои ҷомеа эҷод кард. Барои ин, таълими касбӣ, омодагӣ ба бозори меҳнат ва беҳтар намудани имкониятҳои корсозии онҳо бояд ба таври ҷиддӣ равона шаванд;

–тавсеаи доираи истифодаи қувваи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо. Дар шароити кунунӣ, ба таври хос, рушди соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти соҳибкории хурду миёна барои истифодаи қувваи корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Бо омӯзиш ва татбиқи роҳҳои самарабахши рушди ин бахшҳо, метавон тавсеаи ҷойҳои кории нав ва беҳтар кардани вазъи иҷтимоии аҳолиро таъмин кард.

Барои арзёбии вазъи бозори меҳнат усулҳои гуногунро, ба монанди гурӯҳбандии сохторӣ, таҳлили омилӣ, усули тавозун ва таҳлили стохастикӣ, метавон истифода бурд, ки ҳар яке ба шеносоии тамоюлҳо ва муаммоҳо дар бозори меҳнат кӯмак мерасонанд.

Гурӯҳбандии сохторӣ дар бозори меҳнат имкон медиҳад, ки сохтори бекорӣ ва муносибатҳои онро таҳлил кунем. Ин усул бо истифода аз меъёрҳои гуногун, ба монанди категорияи бекорон, сатҳи маълумот, сабабҳои озод шудан аз кор, синну сол ва давомнокии бекорӣ ташаккул ёфта, як намуди таҳлили амалӣ ва саривақтӣ мебошад.

Усули тавозунӣ барои таҳлил кардани таносуби ду гурӯҳи нишондиҳандаҳо, ки ба ҳам алоқаманданд, истифода мешавад. « ... Мувофиқати байни эҳтиёҷот ва мавҷудияти захираҳо дар бозори меҳнат нишон медиҳад, ки бозор барои таъмин кардани миқдори талабот ва пешниҳод дар минтақаҳои гуногун ва барои бахшҳои мухталифи иқтисод ба чӣ гуна шакл ва таҳаввулот меравад».

Таҳлили омилӣ дар таҳқиқоти бозори меҳнат ба таҳлил ва андозагирии таъсири омилҳои гуногун, ки ба вазъи шуғл ва бекорӣ таъсир мерасонанд, равона шудааст. Ин усул ба таҳлили ҳамзамон ва мунтазами омилҳое, ки ба сатҳи бекорӣ, музди меҳнат ва нишондодҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ёрӣ мерасонад. Ба назар гирифтани омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла, арзиши меҳнат, мавқеи бозор ва омилҳои демографӣ, барои омӯзиши вазъи бозори меҳнат муҳим аст.

Таҳлили стохастикӣ як усули муосири таҳлил мебошад, ки барои пешгӯии динамикаи бозори меҳнат ва таъсири омилҳои гуногун ба сатҳи шуғл

ва бекорӣ истифода мешавад. Ба тариқи таҳлили регрессионӣ ва анализи линейии ё ғайрилинейии омилҳо, робитаи байни нишондиҳандаҳои муҳими бозори меҳнат аниқ карда мешавад.

Таҳлили SWOT (таҳлили нерӯҳо, заъфҳо, имкониятҳо ва таҳдидҳо) воситаи дигари муҳим барои таҳлили равандҳои бозори меҳнат аст. Бо ёрии ин усул, метавон мавқеи бозорҳо ва вазъи умумии қувваи коргариро муайян намуд. Таҳлили SWOT барои пешгӯӣ ва муайян кардани самтҳои асосии рушди бозори меҳнат, инчунин рушди инфрасохтори соҳа кӯмак мерасонад.

Вақте ки ин усулҳо барои арзёбӣ ва таҳлил дар бозори меҳнат истифода мешаванд, онҳо метавонанд ба ҳалли масъалаҳои асосии бозори меҳнат, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, беҳтар кардани сатҳи шуғл ва дар маҷмуъ рушди устувори иқтисоди кишвар мусоидат кунанд.

Ҷадвали 2.1.7. – Матритсаи SWOT- таҳили ҳолати рушди муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Афзалият, тарафҳои мусбат (S):	**Камбудиҳо, тарафҳои манфӣ (W):**
- автоматикунонии фаъолияти мақомотои давлатӣ вобаста ба соҳаи шуғл бо истифода аз барномаҳои муосир; - фаъолияти Web-портали гуногунҷабҳаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон; - коҳиш додани сатҳи бекорӣ тибқи методологияи СБМ; - коҳишёбии коэффитсиенти шиддатнокии бозори меҳнат; - фазоиш ёфтани шумораи мутахассисони соҳаи техникӣ ва соҳаи тиб; - заёдшавии талабот ба мутахассисони баландихтисос дар соҳаи иктисодиёт.	- нобаробарии тақозо ва арза дар бозори меҳнат аз рӯйи нишонаҳои ҳудудӣ; - талаботи аз ҳад зиёди кор; - сатҳи нокифоя тайёр кардани кадрҳо дар мактабҳои оли ва таҳсилоти миёна ва касби; - паст будани рақобатпазирии хатмкунандагони бе таҷриба ва бе собиқаи корӣ; - набудани талабот ба ихтисос; - бозорҳои дохилии меҳнат - нобаробарии мавқеи ибтидоии хатмкунандагон аз деҳот дар бозори меҳнат;
Имкониятҳо (O):	**Хавфу хатарҳо (T):**
- таҳияи барномаҳои дастгирии давлатӣ барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагони макотиби таҳсилоти олӣ касбӣ; - рушди босуръати истифодаи технологияҳои муосир; - ҳосилнокии меҳнат; - мавҷудияти платформаҳои ҷалби онлайн (Headhunter, SuperJob, Jop.tj ва ғайра).	- таназзули иқтисодӣ ва таҳримҳо дар иқтисоди миллӣ; - қонунгузорҳо дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ; - дар сатҳи паст қарор доштани ҳосилнокии меҳнат.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

SWOT ихтисори ҷузъҳои асосии ин таҳлил аст (Strength - иқтидормандӣ, Weakness - заифӣ, Opportunities - имкониятҳо, Threat - таҳдидҳо). Моҳияти ин таҳлил дар баҳо додан ба дурнамои фаъолияти молиявию иқтисодии қисматҳои бозори меҳнат ва имконияти шуғл дар корхонаҳо аз ду ҷиҳат иборат аст. Ҳангоми ба назар гирифтани вазъияти имрӯзаи корхонаҳои азим, ки таъминкунандаи асосии шуғланд афзалияту камбудиҳои он, инчунин имкониятҳои тараққиёт барои оянда муайян карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, «таҳлили ҳамаҷонибаи бозори меҳнат бидуни таҳлили пешомадҳои имконпазири рушди он ғайриимкон аст. Ба сифати усулҳои асосии пешгӯии вазъи бозори меҳнат метавон инҳоро баррасӣ кард: усули экстраполятсионӣ -тамоюлсозӣ (дар оянда идома додани он тамоюлҳое, ки дар гузашта инкишоф ёфта буданд); усули таҳлили робитаҳои сабабӣ ва моделсозии онҳо (ташкили моделҳои иқтисодӣ ва математикӣ); усулҳои коршиносӣ дар асоси коркарди хулосаҳо ва арзёбии коршиносони махсус интихобшуда» [77].

Бозори меҳнат як низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодиро ифода мекунад, ки дар он бисёр равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам таъсир мерасонанд ва дар зери таъсири шароитҳои беруна доимо тағйир меёбанд ва тачдиди назар кардани дастгоҳи категорияи анъанавии иқтисодиётро тақозо мекунад, ки бо ёрии он равандҳои мазкурро ба таври кофӣ тасвир кардан ғайриимкон аст.

Дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи қонунмандии назарияи низомҳо, усулҳо ва қоидаҳои таҳлили системавӣ дар идоракунии равандҳои мураккаби бозори меҳнат ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати давлатӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ методологияҳое низ ҳангоми таҳқиқи бозори меҳнат истифода карда мешаванд, ки ба таърифҳои системавии он асос мегирад. Баъзе аз чунин методологияро баррасӣ менамоем:

Методологияи системавӣ. Тибқи ин методология бозори меҳнат ҳамчун система баррасӣ карда мешавад. Ба ақидаи Берталанффи Л. система маҷмуи

унсурҳои «A» мебошад, ки дар муносибатҳои муайяни «R» бо ҳамдигар ва бо муҳити зист қарор доранд. Аз ин рӯ, онро дар шакли формула чунин пешниҳод кардан мумкин аст:

Sdef ≡ {A, R} (1.2)

Тибқи ин усул, бозори меҳнат – ин як низомест, ки маҷмуи унсурҳои «A» мебошад; кормандони кироя, корфармоён ва давлат, ки дар муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии «P» оид ба шуғл, шароит ва музди меҳнат иштирок мекунанд.

Чунин методология аз тарафи Холл А. мукаммал шуда, дар он хосиятҳои QA (атрибутҳо) мафҳуми унсур (объект)-ро пурра мекунанд ва дар шакли формула намуди зерро мегирад:

Sdef ≡ {A, QA, R} (1.3)

Баъдтар Уёмов А. И. низомро тавассути мафҳумҳои «чизҳо», «хосиятҳо», «муносибатҳо» муайян намуда, дар ин методология таърифҳои дуалӣро истифода мекунад, ки дар яке аз онҳо qi хосиятҳои унсурҳои **ai** ва дар дигараш хосиятҳои q**j** –робитаҳоро (муносибатҳо) rj пешниҳод мекунад:

$$S_{def} \equiv \left[\{a_i\} \,\&\, \{r_j(q_j)\}\right], \quad a_i \in A \;\; r_j \in R \;\; q_j \in Q_R$$
$$S_{def} \equiv \left[\{a_i(q_i)\} \,\&\, \{r_j\}\right], \quad a_i \in A \;\; q_i \in Q_A \;\; r_j \in R \qquad (1.4)$$

Низоми бозори меҳнат ҳам хосиятҳои унсурҳои **«qi»** ва ҳам хосиятҳои робитаҳои (муносибатҳои) **«qj»**-и байни онҳоро дар бар мегирад.

Ба сифати хусусиятҳои унсурҳои **«qi»** хусусиятҳои кормандони кироя ва корфармо баромад мекунад. Хусусиятҳои асосии корманд синну сол, ҷинс, вазъи иҷтимоӣ, саломатӣ, дараҷаи маълумот, касб, инчунин сифатҳои инфиродӣ (масъулият, меҳнатдӯстӣ, кордонӣ) ва ғайра мебошанд. Ба корфармоён шакли ташкилӣ ва мансубияти соҳавӣ хос аст. Аз рӯйи мансубияти соҳавӣ корфармоён ба соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ тақсим мешаванд.

Тағйирёбии шароити бозори меҳнат бо таъсири пешрафти илмию техникӣ, дигаргуниҳои иқтисодӣ, тақвияти муҳоҷирати танзимнашавандаи меҳнатӣ таваҷҷуҳи олимон, мутахассисон ва роҳбаронро ба дарёфти моделҳои оптималие, ки ба онҳо имкон медиҳанд вазъи бозорҳои миллии меҳнатро омӯхта ва пешгӯӣ кунанд, муайян мекунанд.

Қабули қарор интихоби методология ва моделҳои оптималиро дар бар мегирад, ки барои пешгӯии шароит дар бозори меҳнат имкон медиҳанд.

Ҳангоми таҳқиқи бозори меҳнат аз муодилаҳои дифференсионалӣ низ васеъ истифода намудан мумкаин аст. Дар моделҳои иқтисодии таҳлилӣ, низоми муодилаҳои дифференсиалӣ барои тавсифи динамикаи тағйирёбандаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар истифода мешавад. Ин моделҳо метавонанд барои шеносоии таъсири омилҳои гуногун ва тағйироти дарозмуддат кӯмак расонанд, ки аз ҷумла метавонанд ба сифати зиндагии аҳолӣ, шумораи аҳолӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, истеъмоли ниҳоӣ, истифодаи воситаҳои асосӣ ва муҳоҷират таъсир гузоранд. Моделҳои дифференсиалӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо равандҳои кунунӣ, балки ояндаи онҳо низ пешгӯӣ шаванд, ба шеносоии алоқамандиҳо байни тағйироти гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кӯмак мерасонанд. Масалан, дар моделҳои ба сифати зиндагии аҳолӣ ва муҳоҷират марбут, метавон таъсири тағйироти иқтисодӣ ба сатҳи зиндагӣ ва муҳоҷиратро, ки метавонад ба кӯчиши аҳолӣ ва сатҳи шуғл таъсир кунад, таҳлил кард. Ин намуд таҳлил метавонад барои роҳандозии сиёсати дуруст ва самарабахш барои рушди иқтисодӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва ташкили муҳити муносиб барои шуғл ва муҳоҷират кӯмак кунад.

Низоми муодилаҳои дифференсиалӣ динамикаи тағйирёбандаҳои асосии низоми иҷтимоию иқтисодии мамлакаитҳоро ба таври зерин тавсиф мекунад. Динамикаи афзоиши, таваллуди аҳолӣ бо муодилаи дифференсиалӣ ифода карда мешавад:

$$\frac{d}{dt}P_i(t) = f \cdot P_i(t) + M^{i}_{to}(t) - M^{i}_{out}(t) \quad , \qquad \textbf{(1.5)}$$

дар ин ҷо, **f** − суръати такрористеҳсоли аҳолӣ;

iP – шумораи аҳолии мамлакат дар вақти t ;

ito M – муҳоҷират ба мамлакат аз дигар мамлакатҳо;

ioutM – муҳоҷират аз мамлакат ба дигар мамлакатҳо.

Тахмин меравад, ки шиддатнокии ҷараёни муҳоҷират байни ду низоми интихобшудаи мамлакатҳо, маҳз ба фарқияти сифати зиндагӣ ва масофаи байни давлатҳо вобаста аст. Маҳз муҳоҷират аст, ки имрӯз дар бозорҳои меҳнати миллӣ таъсири хоса дорад.

Бо истифода аз усули таҳлили динамикӣ ва моделҳои муодилаҳои дифференсиалӣ, метавон вазъи бозори меҳнатро амиқ таҳлил карда, механизмҳои самарабахши рафъи мушкилоти бекорӣ ва танзими шуғлро муайян намуд. Ин равиш имконият медиҳад, ки нобаробарии байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат ба таври муассир шеносо ва ҳалли он пешниҳод карда шавад.

Бо вуҷуди ин, бозорҳои меҳнат наметавонанд, ба таври худкор, мувозинатро байни талабот ва пешниҳод дар ҷойҳои корӣ таъмин кунанд. Аз ин рӯ, таъсиси механизмҳои идоракунӣ ва танзимкунӣ хеле муҳим аст, ки ба рушди устувори бозори меҳнат ва самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ кӯмак мерасонад. Механизмҳои танзимкунӣ бояд имконият диҳанд, ки талабот ба қувваи корӣ васеъ гардад ва самаранокии пешниҳоди меҳнат дар бозор таъмин шавад.

Сиёсати тавсеаи шуғл бояд бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва рушди соҳаи меҳнат тарҳрезӣ гардад. Бозор, ки барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва даромаднокии шуғл тарҳрезӣ мешавад, ҳамзамон бо шароитҳои иҷтимоии меҳнат ва манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ робита дорад. Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати дуруст ва самарабахши шуғл на танҳо боиси рушди иқтисодӣ, балки барои беҳтар кардани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат мусоидат мекунад.

Дар асоси таҳлилҳои зикршуда бояд таъкид кард, ки вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омилҳои зерин вобастагӣ доранд:

Механизмҳои пешниҳодшуда метавонанд ба рушди бозори меҳнат ва ташвиқи шуғли аҳолии қобили меҳнат мусоидат намоянд, ки дар натиҷа сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, шароити шуғл дар бозори меҳнат беҳтар мегардад.

Барои танзими самаранок ва устувори бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо таҳия ва татбиқи барномаҳои шуғл барои шахсони бекор, ки бештар хусусияти муваққатӣ ва ё ивазкунандаи даромадро доранд, наметавонад ҳамчун воситаи ягонаи ҳалли мушкилоти шуғл ва паст кардани сатҳи бекорӣ баромад намояд. Зеро ин гуна тадбирҳо бештар ба хатарҳои ҷории иҷтимоӣ посух медиҳанд, на ба бартарафсозии омилҳои сохтории бекорӣ. Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати шуғл бояд маҷмӯӣ ва фарогир бошад, ки дар баробари дастгирии мустақими бекорон, инчунин ба рушди қобилияти меҳнатии аҳолӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи бозори муосири меҳнат равона карда шавад. Дар ин росто, ташкили барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, махсусан барои гурӯҳҳои осебпазир аз қабили занони бекор, ҷавонони беихтисос, шахсони солманд ва нафақагирон аҳамияти стратегӣ дорад. Ин қишрҳо, ки одатан аз рақобат дар бозори меҳнат дур мемонанд, бештар ниёз ба дастгирии инфиродӣ, роҳнамоӣ ва омӯзиши иловагӣ доранд. Татбиқи барномаҳои касбомӯзии фарогир, ки ба эҳтиёҷоти воқеии иқтисоди миллӣ ва ҷараёнҳои минтақавии бозори меҳнат мутобиқ карда шудаанд, метавонад ҳам самаранокии шуғлро баланд бардорад ва ҳам нобаробариҳои иҷтимоиро коҳиш диҳад. Илова бар ин, бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати технологияҳо, муҳим аст, ки сиёсати меҳнатӣ ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати касбияти қувваи корӣ нигаронида шавад. Ин маънои онро дорад, ки низоми омодасозии мутахассисон бояд ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардад, то ки корҷӯён на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори байналмилалии меҳнат низ рақобатпазир бошанд. Таъмини ин мутобиқат тавассути ворид намудани барномаҳои таълимии нав, эътирофи тахассуси касбӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва рушди механизми сертификатсияи касбӣ метавонад ба коҳиши муҳоҷирати ғайрирасмӣ, афзоиши қобилияти меҳнатии шаҳрвандон ва мустаҳкамшавии амнияти иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намояд.

Танзими устувори бозори меҳнат бояд ба як сиёсатгузории бисёрсамта ва дарозмуддат табдил ёбад, ки пайвастани барномаҳои шуғл, бозомӯзӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати таҳсилот бо рушди воқеии иқтисодӣ ва бозори меҳнатро таъмин намояд. Танҳо дар ин сурат мумкин аст, ки сатҳи шуғли пурсамар ва некуаҳволии умумии аҳолӣ дар кишвар ба таври устувор баланд бардошта шавад.

Рушди бозори меҳнат дар заминаи қонунҳои табиӣ ва танзими давлатии шуғл шароити фаъолияти устувор ва муътадили онро таъмин менамояд. Усулҳои бозории меҳнат, ки ба музди воқеӣ мутобиқ буда, бо арзиши зиндагӣ, суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ ва фаъолияти иттифоқҳои касаба алоқаманданд, нақши муҳим мебозанд.

Дар ин раванд, нақши давлат бояд фарогир ва самаранок бошад, то ки хатари бекории маҷбурӣ пешгирӣ шуда, роҳҳои ҳифзи шуғли пурра таҳия гардад. Аз як тараф, ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани сатҳи шуғл ва мувозинати бозори меҳнат мусоидат мекунанд, аз тарафи дигар, ба таҳкими эътимод миёни иштирокчиёни бозор, пешгирии нобаробарии иҷтимоии кормандон ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд.

Аз ин рӯ, пешниҳодҳои мазкур, ки дар боло зикр гардиданд, бояд дар амал татбиқ шаванд, то бозори меҳнат самаранок ва устувор бошад. Ҳамчунин, зарур аст, ки сиёсати иҷтимоии давлат бо такя ба қонунҳои байналмилалӣ ва дар мувофиқа бо талаботи ҷаҳонӣ ба амал дароварда шавад, то мунсифона ва дар муҳити устувор рушди иқтисодӣ ва шуғл ба даст оварда шавад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи таҳлили вазъи муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати танзими он дар шароити муосир ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Муаммоҳои рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ошкор карда шуданд, ки он ба сабабҳои зерин алоқаманд аст:

- сатҳи шуғл бештар аз ҳаҷми хароҷоти умумӣ вобаста аст:

- қарзҳо дар иқтисоди миллӣ гарон ҳастанд ва манбаи сармоягузории асосӣ буда наметавонанд:

- аз даст додани бозори захираҳо ва бозори фурушӣ мол бо сабабаи паст будани дараҷаи рақобатпазирии онҳо.

2. Бозори меҳнат дар Тоҷикистон сохтори мураккаб буда, бозори расмӣ ва ғайрирасмӣ ва пинҳониро дар бар мегирад. Бозори расмӣ фаъолияти аҳолии қобили меҳнатро фаро мегирад, дар ҳоле ки бозори ғайрирасмӣ нақши муҳим дар иқтисодиёт мебозад.

3. Яке аз сабабҳои аслии паҳншавии бекорӣ ва афзоиши муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи пасти даромад ва музди меҳнат дар дохили кишвар мебошад. Камбуди имкониятҳои шуғли муносиб ва музди кор, ки наметавонад ниёзҳои асосии зиндагиро таъмин намояд, боиси он мегардад, ки қисми калони аҳолӣ, махсусан ҷавонон, барои дарёфти имкониятҳои беҳтари иқтисодӣ ба хориҷи кишвар рӯ меоранд. Бо вуҷуди мушкилоти ҳамроҳи муҳоҷират, ин раванд инчунин ҷанбаи мусбат низ дорад. Маблағҳои интиқолёфта аз сӯи муҳоҷирони меҳнатӣ на танҳо ба беҳбуди сатҳи зиндагии оилаҳои онҳо мусоидат мекунанд, балки як манбаи муҳими воридоти асъори хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ ба ҳисоб мераванд. Ин маблағҳо дар зиёд кардани талаботи дохилӣ, сармоягузорӣ дар соҳаҳои хизматрасонӣ ва дастгирии бахши хусусӣ нақши назаррас мебозанд. Аммо вобастагии аз ҳад зиёд ба муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад суботи дарозмуддати бозори меҳнатро халалдор намуда, зарурати рушди шуғли дохилиро боз ҳам мубрамтар мегардонад.

4. Стратегияи танзими шуғл бояд ҳамчун як ҳуҷҷати таҳлилӣ ва барномавии бисёрсамта таҳия гардад, ки татбиқи он ба коҳиши сатҳи бекорӣ, афзоиши шуғли пурсамар ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар мусоидат кунад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо, зарур аст, ки механизмҳои татбиқи стратегия бо истифодаи ҳамзамон ва мутавозини усулҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ шаванд. Аз ҷумла, усулҳои иқтисодӣ бояд ба ҳавасмандсозии корфармоён, рушди соҳибкорӣ, дастгирии сармоягузорӣ ва

ташкили ҷойҳои нави кор равона шаванд, дар ҳоле ки усулҳои иҷтимоӣ бояд ба ҳимояи ҳуқуқи кормандон, таҳкими низоми кумакпулӣ ба шахсони бекор ва ҷалби қишрҳои осебпазир ба бозори меҳнат нигаронида шаванд. Татбиқи самараноки чунин стратегия танҳо дар шароити ҳамоҳангии муассир ва пайвастаи мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир аст. Мақомоти давлатӣ бояд сиёсати равшану устувори ҳуқуқӣ ва иқтисодиро пеш баранд, бахши хусусӣ ҳамчун муҳаррики асосии ҷойҳои кор фаъолият кунад ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар самти таълим, бозомӯзӣ ва пуштибонии иҷтимоии шахсони бекор саҳмгузор бошанд. Танҳо дар асоси чунин ҳамгироии сохторӣ ва функсионалӣ метавон ба танзими муассири бозори меҳнат ва рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар ноил гардид.

5. Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати баланди афзоиши аҳолӣ мушоҳида мешавад, ки ба таври мустақим ба афзоиши талабот дар бозори меҳнат таъсир расондааст. Дар бозори меҳнати кишвар, нобаробарии назаррас байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мавҷуд аст. Дар оянда, барои ҳалли ин мушкилот, эҳтимолан бояд бо истифода аз корхонаҳои нави хусусӣ, коллективӣ, муштарак ва омехтаи моликият ба пешрафт назар андозем, ки барои таъмини шуғли устувор ва самаранок дар бозори меҳнат зарур мебошад. Ҳамзамон, такмили таълим ва тайёрии касбӣ барои ҷавонбонкҳо, ҷалби сармояи хусусӣ ва таҳияи муҳити кории арзанда барои ҳама марҳилаҳои аҳолӣ, ки дар талаботи бозори меҳнат қарор доранд, ба ҳалли масъалаи бекорӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт кӯмак хоҳад кард. Аз ин нуқтаи назар, сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯйи шаклҳои моликият дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, инчунин равандҳои муҳоҷират таваҷҷуҳи зиёд дорад.

6. Дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла сохтмон, нақлиёт, анбор, алоқа, кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал афзоиши ҳиссаи аҳолии шуғл дошта ба назар мерасад. Рушд наёфтани соҳаҳои неруи барқ, газ ва об нисбатан аз кам гардидани нақши онҳо дар таъминоти шуғл гувоҳӣ медиҳад. Ин вазъият бо камбуди сармоягузориҳо, бозорҳои нокифояи талабот ва

технологияи нолоиқ барои ин соҳаҳо алоқаманд аст. Барои пешгирӣ кардани коҳиши шуғл ва таъмини устувор ва самарабахш дар ҳамаи соҳаҳои иқтисод, давлат бояд барои рушд ва таъмини захираҳои зарурӣ дар соҳаҳои муҳими инфрасохторӣ, аз ҷумла энергия, сармоягузорӣ кунад.

2.2. Муаммоҳои асосии рушд наёфтани бозори меҳнат

Танзими раванди фаъолиятҳои шуғли аҳолӣ дар ин ё он кишвар ба хусусиятҳои шуғл, бахусус таносуби шуғли расмӣ ва ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат вобаста аст, ки ин ду паҳлуи бозори меҳнат ба ҳам алоқамандии зич дошта, то дараҷае ба сатҳи бекорӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъсири муайян мерасонад. Аз ин рӯ, бесабаб нест, ки солҳои охир ба омӯзиши падидаи шуғли ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад. Ин боиси рушди назарраси миқёси бозори меҳнат ва зарурати баҳодиҳии омории падидаи мазкур гардид, ки ҳам барои кишварҳои рӯ ба инкишоф ва ҳам кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдкарда хос аст ва зарурати асоснок кардани чораҳои дахлдори сиёсатро тақозо мекунад.

Муҳокимаи масъалаҳои алоқамандии шуғли расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳамчунин, масъалаҳои танзими он аз солҳои 50 - уми асри гузашта замоне оғоз шуд, ки назарияҳои иқтисодӣ оид ба «бахши анъанавӣ» бартарӣ доштанд. Бисёре аз иқтисоддонон, аз ҷумла Люис Артур ва дигарон боварӣ доштанд, ки « ... соҳаи мазкур аз неруи барзиёди меҳнат дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла соҳибкорони хурд, заминдорони хурд ва коргарони кирояи муваққатӣ иборат аст, тадриҷан аз ҷониби бахши муосири саноатӣ бо андозаи рушди иқтисодиёти ин кишварҳо фаро гирифта хоҳад шуд» [114]. Онҳо ҳамчунин боварӣ доштанд, ки бахши мазкур худ як бахши алоҳида буда, бо иқтисоди расмӣ ва рушди муосири капитализм робитае надорад.

Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) чаҳор даҳсола пеш ба коркарди консепсияи бахши ғайрирасмӣ оғоз карда буд. Дар ин маҳрила СБМ ҳам дар соҳаи мафҳуми пайдоиш ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоие, ки асоси он ба ҳисоб

мераванд, корҳои бузургеро анҷом дод. Вобаста ба миқёс ва натиҷаҳои ба дастоварда дар иҷрои барномаҳо ва дар қиёс ба барномаҳои шабеҳе, ки дилхоҳ ташкилот дар алоҳидагӣ иҷро мекунад, барномаҳои СБМ бештар аст.

Мувофиқи равиши анъанавӣ «(равише, ки СБМ қабул кардааст) шуғли ғайирасмӣ - барои нишон додани шахсоне истифода мешавад, ки дар ширкатҳои хурди истеҳсолӣ кор мекунанд, дар шуғли худ ғайриҳирфаӣ ҳастанд ва одамоне, ки корҳои хонаводаро дар оила анҷом медиҳанд ва бидуни сабти номи коргароне, ки ҳифзи иҷтимоӣ надоранд, ба мафҳуми шуғли ғайирасмӣ дохил мешавад, ки барои онҳо саҳмияҳои иҷтимоӣ гузаронида намешаванд ва андозҳо пардохт намешаванд» [261].

Рушд ва миқёси шуғли ғайирасмӣ дар бисёр кишварҳо одатан ба тағйири шуғл ба шаклҳои осебпазири бозори меҳнат ҳамчун ягона алтернативаи мавҷудаи бекорӣ рабт дода мешавад. Ин шакли шуғл, инчунин метавонад ба коргарон имкониятҳои беҳтари молиявӣ ё шароити беҳтари кор, ба мисли интихоби соати кориро пешкаш кунад. Ҳамин тариқ, ду гурӯҳи васеъро ҷудо кардан мумкин аст: коргароне, ки музди ғайирасмӣ мегиранд ва онҳое, ки бо кори мустақилона машғуланд.

Тадқиқот оид ба фаъолияти ғайирасмӣ дар бозори меҳнат ба ду равиш асос ёфтааст:

Равиши якум - тахмин мекунад, ки бахшҳои расмӣ ва ғайирасмӣ дар бозори меҳнат зудбадал мебошанд, яъне коргарон аз бахши расмӣ ба бахши ғайирасмӣ мегузаранд ва баръакс, музди меҳнат ва шароити кор дар бахшҳои расмӣ ва ғайирасмӣ қобили муқоиса аст. Бинобар ин, бозори меҳнатро ҳамчун бозори муттаҳидашуда баррасӣ кардан мумкин аст [261].

Равиши дувум - тахмин мекунад, ки музди меҳнат дар бахшҳои мухталиф (дар бахши расмӣ ва ғайирасмӣ) гуногун аст ва баробар карда намешавад ва аз ин рӯ, анбӯҳи зиёд (воридот) ба бахши расмӣ вуҷуд надорад. Маҳз, бо ҳамин сабаб чунин бозори меҳнатро ба қисмҳо тақсимшуда (банду бастшуда) меноманд. Аз ҷонибдорони ин равиш Ҳартро дар тадқиқоти бозори меҳнат фарқ мекунанд. Вай аввалин шуда, дар таҳқиқоти худ истилоҳи «бахши

ғайрирасмӣ»- ро истифода бурд ва дар зери ин мафҳум худмаблағгузории гуногуншаклеро, ки барои сокинони шаҳрҳои камдаромади кишварҳои рӯ ба инкишоф хос аст, фаҳмид.

Худмашғулшавӣ барои онҳо ҳамчун алтернативаи пурра ба бекорӣ хизмат мекард. Ҳартро қайд кард, ки «ҷойҳои корӣ якхела нестаанд, ҷойҳои ғайрирасмӣ дар ҷои алоҳидаи бозори меҳнат ҷамъ шудаанд» [299]. Филдс бошад соли 1975 дар таҳқиқоти худ ба хулосае омадааст, «ки рушди миқёси шуғли ғайрирасмӣ дар бисёр кишварҳои рӯ ба инкишоф ба он вобаста аст, ки ин ягона алтернативаи бекории пурра мебошад» [300]. Дар Кори Дэвид Кучера ва Лиан Ронколато байни ду гурӯҳи асосӣ фарқ гузошта мешавад: коргарони ғайрирасмие, ки маош мегиранд ва онҳое, ки барои худ кор мекунанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки доираи гурӯҳҳои мазкур шуғли ғайрирасмӣ бо як қатор сабабҳо ва ангезаҳо вобаста аст. Сабабҳои макроиқтисодии шуғли ғайрирасмиро Фабиан Слонимчук дар асари худ «Таъсири андозбандӣ ба шуғли ғайрирасмӣ» баррасӣ мекунад, ки «чӣ тавр болоравии меъёри андоз дар Россия боиси афзоиши шуғл дар бахши ғайрирасмӣ мегардад» [291].

Айни замон, ду назари мухолиф дар бораи сиёсати шуғли ғайрирасмӣ вуҷуд доранд. Яке аз тарафдорони ин назария пешниҳод мекунанд, ки барои коҳиш додани соҳаи шуғли ғайрирасмӣ бояд чораҳои қатъӣ андешида шавад, дар ҳоле ки дигарон пешниҳод мекунанд, ки ин соҳа бояд табдил ёбад ва корхонаҳои ғайрирасмӣ қонунигардида шаванд, то ки ба бахши расмии иқтисод ворид шаванд. Шуғли ғайрирасмӣ дар бахши расмии иқтисод ба он маънӣ аст, ки кормандони ғайрирасмӣ дар ташкилотҳои ба қайд гирифташуда муаррифӣ намешаванд. Онҳо дар ҷойҳои кории худ ҷуз аз фаъолияти расмии сабтнашуда низ ба корҳои ғайрирасмӣ машғул мешаванд ва ин кор ба онҳо даромади иловагии ҳисобнашаванда медиҳад, ки ба иқтисоди расмии кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки даромад ва фаъолиятҳои ғайрирасмӣ нақши калонтарини худро дар рушди иқтисоди ғайрирасмӣ ва ба сохтани иқтисоди расмӣ мерасонанд.

Тавсифи омории мафҳуми байналмилалии шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ҳамаи корҳоеро муайян мекунад, ки дар корхонаҳои бахши ғайрирасмӣ вуҷуд доранд ё ҳамаи шахсоне, ки дар давраи ҳисоботӣ новобаста аз мақом ҳадди ақал дар як корхонаи бахши ғайрирасмӣ ё кори ёрирасон фаъолият мекарданд.

Барои муайян кардани шуғли ғайрирасмӣ, тавсия дода мешавад, ки онро ҳамчун муносибатҳои меҳнатӣ бидуни шартномаи расмии меҳнатӣ баррасӣ кунанд, ки дар асоси созишномаҳои шифоҳӣ ё шартномаҳои шаҳрвандии ҳуқуқӣ амалӣ мешавад. Сабабҳои асосии шуғли ғайрирасмӣ, тибқи адабиёти классикӣ, иборатанд аз:

1. Талаботи паст ба қувваи корӣ дар бахши давлатӣ ва корпоративӣ, ки шуғли ғайрирасмӣ ба ҷойи бекорӣ меояд.

2. Кӯшиш барои кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва нигоҳдорӣ тавассути шуғли ғайрирасмӣ.

3. Номукаммалии қонунгузории меҳнат ва монеаҳои вуруд ба бозори расмӣ.

4. Рушди шаклҳои нави шуғл ва афзоиши фардикунонии меҳнат.

Омилҳои иловагии таъсиррасон ба шуғли ғайрирасмӣ инҳоянд:

1. Бад шудани вазъи иқтисодӣ дар натиҷаи буҳронҳо.

2. Ислоҳоти қонунгузории андоз ва сахтгирии қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат.

3. Паст шудани қобилияти харидории шаҳрвандон.

4. Сабабҳои макроиқтисодӣ ва сиёсӣ, ки ба вазъи меҳнат таъсир мерасонанд.

Оқибатҳои шуғли ғайрирасмӣ ҳам дуҷанбаи мебошанд: аз як тараф, он барои устувории буҷет ва фондҳои иҷтимоии ғайрибуҷетӣ таҳдид мекунад, вале аз тарафи дигар, метавонад нақши устуворӣ барои рафъи оқибатҳои манфии иқтисодӣ, бахусус дар бахши корпоративӣ ва ҷилавгирӣ аз бекорӣ, дошта бошад.

Чунин ба назар мерасад, ки бо назардошти парешон будани хусусиятҳои сифатии иштирокчиёни шуғли ғайрирасмӣ, ҳалли ягонаи мушкилоти мазкур вуҷуд надорад. Барои афзалият додан ба ин ё он навъи сиёсат, фаҳмиши амиқи

намудҳои фаъолияти ғайрирасмӣ ва таркиби сифатии иштирокчиёни он муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки оқибатҳои шуғли ғайрирасмӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон, иқтисодиёти минтақаҳо ва ҷомеа дар маҷмуъ, воқеӣ арзёбӣ кардашуда, интихоби сиёсати муносиби давлатӣ асоснок карда шавад.

Қатъияти қоидаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар бахши расмӣ боиси густариши бахши ғайрирасмӣ мегардад, ки дар он муносибатҳои кӯтоҳмуддати меҳнатӣ ҳукмфармост. Шуғли соягӣ як хусусияти институтсионалии бозори меҳнати дохилӣ ба ҳисоб меравад, ки ба рафъи шиддати иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

« Барои решакан кардани мушкилоти мазкур, бояд дарк кард, ки на танҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ-психологӣ низ ба паҳншавии ин падида мусоидат мекунанд». Омилҳои зиёде мавҷуданд, ки паҳншавии падидаи номбурдаро рушд бахшидааст.

Дар адабиёти илмӣ ду модели асосии таъсир ба ин падида ҷудо карда шудаанд равишҳои «сахт» ва «нарм». Дар доираи равиши «сахт» таваҷҷуҳ асосан ба таъсири бевосита ва маъмурӣ равона мешавад, муқаррар кардани таҳримҳои қонунӣ, афзоиши назорат ва ҷазо барои истифода ё амал дар соҳаи ғайрирасмӣ, инчунин таҳкими фишангҳои ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо. Ҳамзамон, ин равиш имкониятҳои ҳавасмандгардониро низ пешбинӣ мекунад ба монанди кам кардани андозҳо барои субъектҳое, ки расмикунонии фаъолияти худро қабул мекунанд, содасозии бақайдгирӣ ва пешниҳоди кафолатҳои ҳуқуқӣ барои бозори расмӣ. Дар муқобили он, равиши «нарм» бештар ба ислоҳоти фарҳангӣ ва ниҳодӣ такя мекунад. Ин равиш ба ташаккули муҳити ҳуқуқии қобили эътимод, афзоиши сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва андоз, тарғиби риояи қонун дар фазои иҷтимоӣ ва рушди ниҳодҳои расмӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи асосӣ дар ин равиш ин ба вуҷуд овардани муҳити институтсионалӣ мебошад, ки фаъолияти расмӣ аз назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бартарӣ дошта бошад. Дар ин замина, густариши адолати мурофиавӣ, шаффофият ва хидматрасонии баробар ба ҳамаи иштирокчиёни бозор метавонад ба таври муассир ангезаи ворид шудани агентҳои ғайрирасмӣ ба

бахши расмиро афзоиш диҳад. Бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи омехтаи ин ду равиш бо тавозуни байни назорат ва ҳавасмандгардонӣ, ҷазо ва ислоҳоти ниҳодӣ метавонад заминаи воқеӣ барои коҳиш додани андозаи иқтисоди соягӣ ва гузариши тадриҷии бозори меҳнат ба шаклҳои расмӣ гардад.

Гарчанде ки дар доираи бархе назарияҳо ва шароити муайян, шуғли ғайирасмӣ метавонад ҳамчун воситаи таъмин намудани зиндагонии аҳолии камдаромад ва коҳиши шиддати иҷтимоӣ баррасӣ гардад, таҳқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки оқибатҳои манфии паҳншавии он ба рушди иқтисодиёти миллӣ, низоми андозбандӣ, бозори расмии меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоӣ назаррас мебошанд. Маҳз ҳамин паҳлӯҳо давлатҳоро водор мекунанд, ки барои коҳиш додани ҳаҷм ва таъсири шуғли ғайирасмӣ тадбирҳои заруриро ҷорӣ намоянд. Таҷрибаи истифодаи сиёсати ба истилоҳ «танзимдарории ҷавобӣ» яъне маҷмӯи чораҳои фишоровар (монанди таҳримҳо ва ҷаримаҳо), ки асосан аз ҷониби пайравони равишҳои неолибералӣ таблиғ мешуд, дар амал нишон дод, ки он натиҷаи мӯҳими устувор надода, балки баръакс метавонад боиси афзоиши андозаи соҳаи ғайирасмӣ гардад. Ин пеш аз ҳама ба сатҳи пасти эътимоди иқтисодӣ ва ҳуқуқии субъектҳои бозор ба давлат ва ниҳодҳои он вобаста аст. Дар чунин шароит, на ҷорӣ намудани таҳримҳо, балки гузариш ба ислоҳоти амиқи сиёсати иқтисодӣ ва ниҳодии давлат метавонад шароити мусоид барои коҳиши устувори миқёси шуғли ғайирасмиро ба вуҷуд оварад. Ба ин ислоҳот бояд ҷанбаҳои зерин дохил шаванд, таъмини шаффофияти мурофиавӣ, такмили низоми андозбандӣ, дастрасӣ ба хидматҳои иҷтимоӣ, беҳсозии муҳити соҳибкорӣ, ҳавасмандсозии расмикунонии фаъолияти меҳнатӣ ва таҳкими эътимоди иҷтимоии шаҳрвандон ба низоми расмии идоракунӣ. Танҳо бо чунин муносибати низомӣ ва ниҳодгаро метавон ба коҳиши воқеии музди меҳнати пинҳонӣ ва паҳншавии шуғли ғайирасмӣ ноил гардид.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ, коҳиш додани сатҳи шуғли ғайирасмӣ ва музди меҳнати пинҳонӣ яке аз вазифаҳои стратегии сиёсати меҳнат ба шумор меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф, зарур аст, ки тадбирҳо

на бо усулҳои маъмурии сахт, балки бо равишҳои «нарм» ва ҳавасмандсозии иқтисодӣ амалӣ гарданд, то ки ҷалби аҳолӣ ба шуғли расмӣ ба таври ихтиёрӣ ва устувор ба роҳ монда шавад. Дар ин замина, пешниҳод мегардад:

а) татбиқи стратегияи ҳамоҳангшудаи рушди иқтисодӣ, ки ба тағйироти модели иқтисодӣ, беҳсозии муҳити институтсионалӣ ва рушди фазои соҳибкорӣ равона шуда, дар баробари он самаранокии мубориза бо коррупсияро низ афзоиш медиҳад. Ин омилҳо метавонанд барои ташкили ҷойҳои нави кори расмӣ, баланд бардоштани малака ва тахассуси қувваи корӣ ва коҳиши фаъолияти иқтисодии пинҳонӣ мусоидат кунанд.

б) рушди низоми шаффофи идоракунии давлатӣ, тавассути татбиқи чорабиниҳои ислоҳоти маъмурӣ ва ҳуқуқӣ, ки адолат, шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои бозори меҳнатро таъмин менамоянд. Ин раванд ба боварии шаҳрвандон ба низоми расмии меҳнат мусоидат мекунад.

в) фароҳам овардани шароити беҳтари хизматрасониҳои иҷтимоӣ, махсусан дар бахшҳои марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо барои фаъолият дар бозори меҳнати расмӣ равона мешавад.

г) татбиқи чорабиниҳои фарогири иҷтимоӣ, ки ҳадафи онҳо таҳкими сармояи инсонии аҳолии қобили меҳнат тавассути баланд бардоштани сифати таълим, омодагии касбӣ ва беҳтар кардани имкониятҳои шуғл мебошад. Ин равиш метавонад заминаи рушди устувори шуғли расмиро дар кишвар таъмин намояд.

д) таҳия ва ҷорӣ кардани сиёсати иҷтимоии, ки маъзарат, роҳнамоиҳо ва ё кӯмакҳои қонунӣ барои ба шуғл даровардани бахши расмии иқтисодиёт ва ҷалби ҷомеа ба аҳамияти манфии шуғли ғайрирасмӣ ва музди пинҳонӣ равона шудааст.

Ин амалҳо барои таъсис додани як низоми мукаммали корӣ бо ҳадафи баланд бардоштани фоиз ва сифати шуғл дар иқтисоди кишвар мусоидат мекунанд.

Паҳншавии шуғли ғайрирасмӣ дар давоми охир ба як тамоюли глобалӣ табдил ёфтааст. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, беш аз 60% аҳолии шуғлёфта дар ҷаҳон дар бахши ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд. Баракси ҳол, шуғли ғайрирасмӣ на як интихоби ихтиёрии шахсӣ, балки натиҷаи маҳдудияти ҷойҳои кории арзанда дар бахши расмии иқтисод мебошад.

«Сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар кишварҳои гуногун ба таври назаррас, аз сатҳи пасттарини 30% дар баъзе кишварҳои Амрикои Лотинӣ то беш аз 80% дар баъзе кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ фарқ мекунад» [301].

Дар давоми даҳсолаи охир, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муносибатҳои меҳнатӣ тағйироти назаррасро таҷриба кард. Ин тағйирот асосан ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста мебошад. Ҳамзамон, бо рушди иқтисод, мушкилот ва чолишҳо, ба монанди шуғли ғайрирасмӣ, нобаробарии иҷтимоии ҷойгиршавии шуғл ва таъсири буҳронҳои ҷаҳонӣ ба бозори меҳнат низ назаррас шудаанд.

Ислоҳоти давраи мазкур тағйироти назарраси иҷтимоию иқтисодӣ дар бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро дар пай дошт. Онҳо дар афзоиши бекорӣ дар шаклҳо ва зуҳуроти мухталифи он ифода ёфтаанд, шуғли нопурра ва такрории аҳолӣ густариш ёфт, бекории «пинҳонӣ» ба таври васеъ пайдо шуд ва паҳн гардид, шуғли ғайрирасмии аҳолӣ шакл гирифт ва нақши муайянеро бозид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шуғли ғайрирасмӣ аксар вақт ҳамчун манбаи даромади асосии бахши расмии иқтисод баромад мекунад. Ҳолати мазкур муайян кардани ҳудуд ва миқёси паҳншавии шуғли ғайрирасмиро душвор мегардонад ва фарқияти байни мафҳумҳои «шуғли аҳолӣ дар бахши ғайрирасмӣ» ва «шуғли ғайрирасмӣ дар бахши расмӣ» -ро дар назар дорад.

Миқёси шуғли ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон асосан ба нарасидани ҷойҳои кории муносиб дар бахши расмии иқтисод ва монеаҳои институтсионалӣ, ба монанди қонунгузорӣ ва сиёсати андоз вобаста аст. Инчунин, сустшавии афзоиши музди меҳнат ва сифати пасти хидматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ боиси пастшавии мавқеи расмии шуғл дар назарии шаҳрвандон мегардад.

Паҳншавии шуғли ғайрирасмӣ бо рақамисозии иқтисод ва рушди технологияҳои телекоммуникатсионӣ низ алоқаманд аст. « ... Ин раванд, бо кӯшиши корфармоён барои кам кардани хароҷоти нигоҳдорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии онҳо, ба табдили намудҳои шуғл ва рушди шуғли ғайрирасмӣ оварда мерасонад».

Дар ҷараёни гузариш ба шароити бозории идоракунӣ ва ба шаҳрвандон додани ҳуқуқи ба таври ихтиёрӣ ва озодона интихоб намудани шуғли ғайрирасмӣ, таркиб ва шумораи ба шуғли ғайрирасмӣ фарогирифташудаҳо, мундариҷаи муносибатҳои ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироти куллӣ дучор омаданд.

Дар кишвари мо, инчунин таъсири назарраси бахши ғайрирасмӣ ба бозори муосири меҳнат ва соҳаи иҷтимоӣ - меҳнатӣ мушоҳида мешавад. « Шуғли ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор хусусиятҳое тавсиф мешавад, ки барои дигар кишварҳои иқтисоди бозорӣ низ хос аст»:

– аввалан, онро ба қайд намегиранд ва аз ҷониби омори расмӣ пурра ба эътибор гирифта намешавад. «Ғайрирасмиҳо» аз эътироф ё дастгирии мақомоти давлатӣ бархурдор нестанд ва фаъолияти онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба танзим дароварда намешавад;

– дуюм, аксари онҳое, ки дар бахши мазкур фаъолият мекунанд, сармояи кам доранд, сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва даромади онҳо ниҳоят паст аст;

– сеюм, қисме аз истеҳсолкунандагон ба бозорҳои муташаккил амалан дастрасӣ надоранд, инчунин дастрасӣ ба хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ, технологияҳои муосир, омӯзиши расмӣ ва таълими касбӣ барои онҳо муҳайё нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаи баланди рушди иқтисодӣ дар даҳсолаи охир ба таъсиси ҷойҳои корӣ иловагӣ барои аҳолӣ дар бозорӣ меҳнат ба дараҷаи зарурӣ мусоидат нанамудааст. Мувофиқи омори расмӣ суръати миёнаи афзоиши солонаи ММД дар давоми солҳои 2009-2019 7,0%-ро ташкил менамояд, ки он танҳо барои афзоиши ҷойҳои корӣ ба андозаи 1,1% мусоидат намудаасту халос. Дар ин давра аҳолии қобили меҳнат дар як сол тақрибан 3%

афзоиш ёфт. Чунин таносуби зиёдшавии сатҳи рушди иқтисодӣ ва афзоиши аҳолии қобили меҳнат ифодагари он аст, ки афзоиши шуғл нисбат ба афзоиши аҳолии қобили меҳнат 2,3 маротиба пасттар аст. Дар баробари ин, солҳои охир сатҳи иштироки қувваи корӣ дар бозори меҳнат паст гардида, аз 59% то 42% коҳиш ёфт.

Мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2019 11%-и аҳоли қобили меҳнат ҷойи кори доимӣ надоштанд, ки ин нисбат ба омори расмии сатҳи бекорӣ 4,4 маротиба зиёд аст. Дар баробари ин, дар соли 2020 - 2021 сатҳи бекорӣ вобаста ба авҷгирии пандемияи COVID-19 ба таври назаррас афзоиш ёфта, ҳолатҳои ихтисор кардани кормандон аз тарарафи корхонаҳо ва муассисаҳо, фиристодани онҳо ба рухсатии бемузд зиёд гардида истодааст, ки ин дар навбати худ ба афзоиши шуғли ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васеъ гардидани доираи он заминаҳои иловагӣ гузошта истодааст. Дар баробари ин, афзоиши шуғли ғайрирсамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таносуби нобаробари соҳаҳо дар бунёди арзиши иловашуда ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба шумор меравад. Барои мисол, гарчанде ки ба соҳаи кишоварзӣ қариб 22% ММД рост меояд, дар ин соҳа зиёда аз 69%-и аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамояд, ки ин ба нишондиҳандаи пасти маҳсулнокии меҳнат дар бахши кишоварзӣ алоқаманд аст. Ҳиссаи аҳолие, ки имрӯз некуаҳволиашон ба вазъи хоҷагии қишлоқ алоқаманд аст, нисбат ба давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ новобаста аз фароҳам будани заминҳои корам дар онҳо зиёд аст.

Диаграммаи 2.2.1. - Арзиши иловашуда дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо %



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 30].

Ҳиссаи аҳолии вобаста ба кишоварзӣ нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле зиёд аст. Хизматрасонӣ ва савдо тақрибан аз се як ҳиссаи аҳолиро бо кор таъмин мекунанд. Ба соҳаи савдо ва хизматрасонӣ ҳамагӣ аз 1/3 ҳиссаи ҷойҳои корӣ рост меояду халос. « ... Мувофиқи таҳқиқоти гузаронидаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023 шуғли ғайрирасмӣ 15,5 дарсади аҳолии машғули кор дар иқтисодиёт, ба истиснои соҳаи кишоварзӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил додааст». Ин нишондод нишон медиҳад, ки шуғли ғайрирасмӣ дар кишвар ба як ҷузъи муҳими бозори меҳнат табдил ёфтааст, аммо масъалаи танзим ва қонунигардонии он бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои меҳнатии коргарон ва беҳтар кардани шароити иҷтимоии онҳо ҳамоно муҳим боқӣ мемонад.

Аз миқдори умумии шуғли ғарирасмӣ дар ин давра 79,7% ба мардон ва 20,3 ба занон рост меояд. Аз ҳиссаи умумии аҳоли машғул ба бахши ғайрирасмӣ 30,9% ҳамчун худмашғулӣ, 29,3% ҳамчун коргар ва 19,1% ҳамчун корфармо баромад менамояд. Дар баробари ин, 11,3% дар хона фаъолият менамоянд ва 5,8% коргарони бемузде мебошанд, ки барои аъзоёни оила кӯмак менамоянд.

Ҷадвали 2.2.1. – Шуғли бахши ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои соҳаи кишоварзӣ)

Нишондиҳандаҳо	Бахши ғайрирасмӣ		
	Мардҳо	Занҳо	Ҳамагӣ
Ҳамагӣ, машуғулбудагон бо %	100,0	100,0	100,0
Кормандони кироякор	29,5	28,4	29,3
Корфармо, молики бизнеси худ	20,0	15,5	19,1
Коргарон аз ҳисоби худ	32,4	24,7	30,9
Аъзои кооперативҳои истеҳсолӣ	0,2	4,7	1,2
Коргари хонагӣ, ки дар хонаводаи хусусӣ кор мекунад	10,9	12,9	11,3
Корманди бемузд дар корхона, ё хоҷагие, ки ба яке аз аъзои оила тааллуқ дорад	4,4	11,6	5,8
Дигарҳо	2,5	2,1	2,5

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 52].

Дар муқоиса бо маълумоти таҳқиқоти шуғли расмӣ, ки соли 2019 гузаронида шуд, ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши ғайирасмӣ 33,3% коҳиш ёфтааст, ки ин ба афзоиши шумораи шуғл дар бахши иқтисодиёти расмӣ алоқаманд аст.

Қайд кардан зарур аст, ки шуғли ғайирасмӣ дар таркиби худ гуногунранг аст. Дар як самти он соҳаи хизматрасонии баландихтисос дида мешавад, ки аз ҷониби мутахассисон табибон, омӯзгорон, ҳуқуқшиносон ба таври инфиродӣ расонида мешавад. Рушди онҳо бешубҳа як далели мусбат ба ҳисоб меравад. Дар тарафи дигар - фаъолияти бесамар қарор дорад, ки ба фароҳам овардани шароит барои зиндамонии оддии оилаҳо нигаронида шудааст. Чунин истифодаи каммаҳсули захираҳои меҳнатӣ дар шакли шуғли ноустувор ва камдаромад як навъ шуғли кам ё бекории пинҳониро дар худ таҷассум мекунад, агарчи чунин шуғл барои ҷомеа ва худи шаҳрвандон аз бисёр ҷиҳатҳо нисбат ба бекорӣ афзалтар аст. Ба ибораи дигар, ин як алтернатива ба бекории музмин ва беамалии иқтисодӣ мебошад. Махсусан, ин масъала дар шароити коҳиш ёфтани талабот ба қувваи корӣ дар бахши расмӣ ва дар мавҷуд набудани низоми самарабахши ҳифзи иҷтимоӣ, хеле аҳаммият дорад.

Яке аз хусусиятҳое, ки чи дар бозори расмии меҳнат ва чи дар бозори ғайирасмии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад, иштироки нофаъолонаи занон дар шуғл ба шумор меравад, зеро гарчанде, ки ба занони синни қобили меҳнат қариб 50% аҳолии кишвар рост меояд, иштироки онҳо дар қувваи корӣ ҳамагӣ ба 27,8% баробар аст. Ин нишондиҳанда барои мардон 59,7%-ро ташкил менамояд. Дар бахши ғайирасмӣ, ҳамзамон, расмӣ занон ба шаклҳои маҳдуди шуғл аз қабили коргарони соҳибихтисос дар соҳаи иқтисодиёт, ҳунармандон, фаррошҳо ва хизматчиён, коргарони нассоҷӣ, омӯзгорон ва тоҷирони бозор фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, дар бахши ғайирасмӣ қисми зиёди занон ба корҳои бемузд дар оила машғуланд. Агар 12%-и мардҳо ба худмашғулиятӣ машғул бошанд, ин нишондиҳанда барои занҳо 7%-ро ташкил менамояд.

Сатҳи пасти иштироки занон дар шуғли расмӣ нишон медиҳад, ки онҳо бештар дар шуғли ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд. Ин ҳолат ба сатҳи пасти тахассуснокӣ ва маҳдудияти онҳо дар таҳсилоти олӣ ва касбӣ вобаста аст, ки онҳоро барои рақобат дар бахши расмии иқтисодиёт ноком мекунад.

Дар баробари занон ҳиссаи ҷавонони синни 15-24 – сола дар шуғли ғайрирасмӣ хеле баланд аст, ки бештар дар бахши сохтмон, савдо ва ҳунармандӣ машғуланд. Фоизи баланди ҳиҷрати қувваи коргарӣ ба хориҷи кишвар низ собиткунандаи мавқеи баланди ҷавонон дар шуғли ғайрирасмӣ мебошанд. Чунин таносуб пеш аз ҳама ба сатҳи пасти маош дар иқтисодиёти расмиро ифода менамояд, ки барои қонеъсозии тақозои афзояндаи ҷавонон ба захираҳои пулӣ кофӣ нест.

Тамоюли дигаре, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад, ин болоравии саҳми бахши хусусӣ дар таъмини шуғл мебошад. Дар соли 2019 66% - и аҳолии қобили меҳнат дар бахши хусусӣ фаъолият менамуд. Дар баробари ин, баъзе шаклҳои фаъолият дар бахши хусусӣ дар баробари шуғли расмӣ аз шуғли ғайрирасмӣ низ васеъ истифода мебаранд, ки ин ба вазнинии андозҳо барои пешбурди соҳибкории хурд ва миёна дар кишвар алоқаманд аст.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғли расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур аст, ки ба ислоҳоти сохтории иқтисодиёт таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад. Яке аз самтҳои калидии чунин ислоҳот диверсификатсия намудани иқтисоди миллӣ мебошад, ки тавассути рушди соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат, энергетика, кишоварзӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, метавонад заминаи устувор барои эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва коҳиши вобастагӣ ба шуғли ғайрирасмӣ фароҳам оварад. Дар баробари ин, таҳкими нақши бахши хусусӣ дар ташаккули ҷойҳои кор аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бо ҳавасмандсозии соҳибкорӣ, беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва дастгирии молиявии бизнеси хурду миёна, метавон рушди шуғли расмиро вусъат бахшид ва ҳиссаи расмии аҳолии фаъолро дар бозори меҳнат афзоиш дод. Инчунин, истифодаи самараноки иқтидорҳои содиротии кишвар, бахусус дар бахши кишоварзӣ ва коркарди

ашёи хом, метавонад на танҳо ба афзоиши даромади миллӣ, балки ба шуғли босифат ва расмии аҳолӣ мусоидат намояд. Дар ин росто, рушди кластерҳои агросаноатӣ ва тавсеаи занҷираи арзиши иловашуда метавонад дар таъсиси ҷойҳои кори устувор нақши муҳим бозад.

Бо дарназардошти он ки қисми асосии аҳолии Тоҷикистон дар бахши кишоварзӣ машғуланд, афзоиши самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба унвони вазифаи стратегӣ бояд арзёбӣ шавад. Маълумот аз ҷадвали 2.2.2. нишон медиҳад, ки дар соли 2023 танҳо 34,1% аз заминҳои кишвар ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб шуда, аз ин шумора ҳамагӣ 5,2% заминҳои корамро ташкил медиҳад. Ин дар ҳолест, ки шумораи аҳолӣ пайваста меафзояд ва фишор ба захираҳои маҳдуди замин зиёд мешавад.

Дар чунин шароит, зарур аст, ки чораҳои зерин андешида шаванд:

- идоракунии оқилонаи захираҳои замин ва афзоиши масоҳати заминҳои кишоварзӣ бо истифода аз технологияҳои обёрии муосир ва таҷдиди инфрасохтори кишоварзӣ;

- механизмҳои ҳавасмандсозии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва таъмини онҳо бо техника, нуриҳо ва хизматрасониҳои агротехникӣ;

- бознигарии сиёсати истифодаи замин, аз ҷумла беҳтарсозии танзими ҳуқуқии тақсим ва иҷораи замин барои истифодаи самаранок ва истеҳсолотӣ.

Муттаҳид сохтани ислоҳоти сохтории иқтисодӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва истифодаи оқилонаи потенсиали кишоварзӣ метавонад дар маҷмӯъ ба афзоиши шуғли расмӣ, паст шудани сатҳи бекорӣ ва рушди устувори бозори меҳнат дар кишвар мусоидат намояд.

Ҷадвали 2.2.2. - Таносуби заминҳои корам ва зиёдшавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2025

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
Аҳолӣ (ҳаз. нафар)	8161	8551,2	8742,8	8931,2	9126,6	9506,3	9886,8	10078,4	10288,3	2127,3
Масоҳати замин (км^2)	139,960	139,960	139,960	139,960	139,960	139,960	139,960	139,960	139,960	0

Идомаи ҷадвали 2.2.2.										
Замини истифодаи кишоварзӣ: (ҳаз. гектар)	3611,9	3638,5	3658,2	3669,4	3674,1	3673,7	3666,8	3668,9	3638,5	26,6
Майдони заминҳои обӣ: (ҳаз. гектар)	753	754	754	762	762	763	764	763	763	10
Ҳамагӣ замини кишт: (ҳаз. гектар)	830,6	837,3	837,2	826,7	847,0	856,7	861,7	859,8	861,5	30,9
Зичии аҳолӣ (ба як км^2)	60,0	61,8	63,2	64,5	65,9	68,7	69,9	71,3	71,5	11,5
Суръати рушди аҳолӣ (%)	24,1	22,7	21,7	22,0	21,8	21,3	18,1	20,1	21,4	-2,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 30].

Ин масъала аз он ҷо мерасад, ки дар бозори меҳнати ғайирасмӣ меҳнат одатан бо роҳи ҳалли манфиатҳои шахсӣ амалӣ мешавад, ки метавонад сатҳи муздро барои баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ баландтар намояд. Вале, ин ҳолат на ҳама вақт бо устуворӣ ва заминаи қавии иқтисодӣ мутобиқ аст, чунки одамон, ки дар бахши ғайирасмӣ фаъолият мекунанд, аксар вақт аз бурдани соҳаи ҳуқуқӣ ва шеносоии иҷтимоии пурра маҳрум мешаванд.

Агар дар соли 2023 музди миёнаи меҳнат дар иқтисодиёти расмӣ 2013,11 сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар иқтисодиёти ғайирасмӣ ба 2320 сомонӣ баробар аст. Дар баробари ин, таҳқиқот нишон медиҳад, кормандоне, ки ба таври ғайирасмӣ дар сохтмон фаъолият менамоянд то 5000 сомонӣ, хӯроки умумӣ то 8000 сомонӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ то 3000 сомонӣ ва зерсоҳаи чорводорӣ то 2000 сомонӣ маблағ ба даст меоранд.

Қайд кардан зарур аст, ки меъёри фоизи умумии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, 67,3%-ро ташкил медиҳад ва то замоне, ки он ба андозаи 36-40% паст карда нашавад, ҳиссаи иқтисодиёти соягӣ ва шуғли ғайирасмӣ дар иқтисодиёт баланд боқӣ хоҳад монд. Дар баробари ин, зарур аст, ки низоми андозбандӣ барои ҳар як шаҳрванд ва соҳибкор сода карда шавад.

Ҷадвали 2.2.3. - Таносуби музди миёнаи меҳнат дар шуғли расмӣ ва ғайирасмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи як корманд дар иқтисодиёти расмӣ	878,91	962,16	1144,19	1233,8	1335,5	1393,7	1540,84	1760,29	2013,11	1134,2
Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи як корманд дар иқтисодиёти ғайирасмӣ	1100	1125,7	1338,70	1443,5	1562,5	1800	1960	2200	2320	1220

Сарчашма*:* таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 171].

Дар соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи таҳқиқоти «Paying Taxes 2019» ба феҳрасти ду давлате афтид, ки дар онҳо вазнинии андозҳо аз ҳад зиёд аст. Мувофиқи таҳқиқот, меъёри умумии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 67,3%-ро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупои Ғарбӣ хеле баланд аст (ҷадвали 2.2.4.).

Ҷадвали 2.2.4. - Муқоисаи нишондиҳандаи вазнинии андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар дар соли 2019

Нишондиҳанда	Тоҷикистон	Аврупо ва Осиёи Марказӣ	ОЭСР сатҳи даромади баланддошта
Миқдори пардохтҳо дар сол	7,0	14,4	10,3
Вақт (соат дар сол)	224	213,1	158,8
Меъёри умумии андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ	67,3	31,7	39,9

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [313].

Мувофиқи назарияи Лаффер «меъёри баланди андозбандӣ (зиёда аз 35-40%) ҳавасмандиро барои фаъолияти соҳибкорӣ паст мегардонад, маблағгузориро барои васеъ кардани такрористеҳсолӣ манфиатнок намегардонад, ба сатҳи пешрафти илму техника монеа мегузорад, ки дар ниҳоят ба рушди иқтисоди соягӣ мусоидат мекунад» [112].

Ҳамин тавр, низоми мавҷудаи андозбандӣ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши расмӣ ба дараҷаи зарурӣ мусоидат намекунад,

ки ин сабаби зиёд гардидани фаъолиятҳои соҳибкорӣ ва шуғл дар бахши ғайрирасмӣ мегардад.

Мувофиқи таҳқиқоти ХБА сатҳи иқтисодиёти соягӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 37,7% ММД-ро ташкил медиҳад, ки аз сатҳи миёнаи минтақавӣ (31,7%) ва ҷаҳони (27,8%) хеле баланд аст [349].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди сатҳи баланди рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, камбудиҳо дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳоло ҳам вуҷуд доранд. Ин ба самараи «оғози паст» дар иқтисодиёти кишвар алоқаманд аст, ки хоси давлатҳои рӯ ба рушд мебошад. Аз рӯйи баҳогузории Бонки умумиҷаҳонӣ дар соли 2020 эҳтимолияти болоравии сатҳи камбизоатӣ аз 26,3% то 26,5% ҷой дошт, ки ин ба зиёдшавии занҳои хонанишин то 10%, пастравии истеъмоли молҳои озуқаворӣ аз тарафи аҳолӣ ва болоравии бекорӣ алоқаманд аст [57]. Нишондиҳандаи воқеии сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар соли 2023 21,3%-ро ташкил додааст.

Ҳамин тариқ, афзоиши босуръати миқёси шуғли ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони қобили меҳнат, соҳибкорон ва дар маҷмуъ ҷомеа оқибатҳои номуайян дорад. Бо сабаби норасоии андозҳо ба давлат хисороти зиёде расонида мешавад, ки имкон буд як қисми он ба рушди соҳаи иҷтимоӣ равона карда шавад. Аз ин нуқтаи назар, шуғли ғайрирасмӣ ба сатҳи зиндагии тамоми аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар баробари ин, дар иқтисоди бозорӣ бахши ғайрирасмӣ як қатор вазифаҳои муҳимми мусбатро низ иҷро мекунад. Ин як навъ манбаи захиравии меҳнат барои қонеъ кардани ниёзҳои соҳаҳои босуръат рушдёбанда ба ҳисоб меравад. Шуғли ғайрирасмӣ афзоиши бекориро дар ҳолати пардохти номунтазами музди меҳнат (ё таъхири мунтазами он) маҳдуд карда, шумораи довталабонро барои гирифтани кумакпулӣ барои бекорӣ маҳдуд мекунад. Бахши ғайрирасмӣ барои нисбатан пурратар қонеъ гардонидани ниёзҳои истеъмолии аҳолӣ ва фаъолияти нисбатан самараноки бахши воқеӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, мавҷудияти шуғли ғайирасмӣ на ҳама вақт танҳо оқибатҳои манфӣ дорад, балки аксар вақт ба манфиатҳои коргарон ва корфармоён ҷавобгӯ аст, ки ин на танҳо баланд бардоштани сифати қонунгузории меҳнатро дар самти фароҳам овардани «шароити қонунгузорӣ барои шуғли нисбатан фасеҳтар, аз ҷумла ворид намудани категорияҳои нави коргарон дар сохтори шуғли аҳолӣ» тақозо мекунад.

Ниҳоят, онҳое, ки дар ин бахш фаъолият доранд, одатан берун аз доираи низоми ҳифзи иҷтимоӣ, қонунҳои меҳнат ва стандартҳои ҳифзи меҳнат қарор мегиранд.

Худмашғулияти ғайирасмӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф мешавад:

а) фаъолият дар реҷаи соягӣ, гирифтани даромад аз андозбандӣ (аз ҷумла, ҳангоми кор дар мақоми «соҳибкорӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ»);

б) тамаркуз асосан ба бахши хизматрасониҳо;

в) набудани муносибатҳои кироя ва ҷалби фаъолонаи аъзои оила;

г) омезиши кори мустақилона бо кори дигар, аксар вақт дар бахши давлатӣ;

д) сарфакорӣ дар хароҷот: кор дар шароити хона анҷом дода мешавад, вале захираҳои корхона (ҷои кори асосӣ) истифода мешаванд;

е) ҳадафи фаъолият таъмини қобили қабули сатҳи зиндагии оила ба ҳисоб меравад, капитализатсияи даромад одатан гузаронида намешавад.

Ин норасоиҳо, дар навбати худ, ба афзоиши шуғли ғайирасмӣ ва фаъолияти пинҳонӣ оварда мерасонад. Бозори меҳнат дар шароити чунин норасоиҳои ҳуқуқӣ ва танзимӣ наметавонад барои шаҳрвандон имконоти боэътимоди шуғл ва таъмини иҷтимоиро фароҳам орад. Ин ҳолат ба афзоиши қобилияти ҳаракат ва интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, махсусан ба Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои ИДМ мусоидат мекунад, ки ба қарибӣ манбаъҳои асосии даромад ва шуғли аҳолии Тоҷикистон шудаанд.

Бо вуҷуди ин, рушди бозори меҳнат дар шароити глобализатсия ва тағйироти иқтисодӣ, ки таъсири он танҳо ба Тоҷикистон, балки ба тамоми

минтақа мерасад, эҳтимолан таҳаввулоти ҷиддии соҳаи шуғл ва муҳоҷиратро талаб мекунад.

Рушди оммавии шуғли ғайрирасмӣ дар бахши ғайрирасмии иқтисод ҳамчун механизми худтанзимкунии бозори меҳнат, шакли маҷбурии мутобиқшавии аҳолӣ ба вазъи кунунии иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ карда шуд. Зимнан, афзоиши шуғли ғайрирасмӣ натиҷаи табиии фаъолияти бозори меҳнат ва зуҳури ҷузъҳои асосии он гардидааст.

« ... Дар заминаи амиқсозии дигаргуниҳои иқтисодӣ ва навсозии иқтисод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар кишварҳо, барои пешгирии афзоиши шуғли ғайрирасмӣ андешидани чораҳои муассир ба манфияти кор аст».

Омӯзиши сохтори шуғли ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он нишон дод, ки болоравии шуғли ғайрирасмӣ ба коҳиши ҳосилнокии меҳнат ва афзоиши хатари ноамнии иҷтимоии коргарон алоқаманд буда, аз иқтидори инноватсионии рушди иқтисодӣ бархурдор нест. Паҳншавии шуғли ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба нокомилии муҳити институтсионалӣ алоқаманд аст.

« ... Таҷрибаи байналмилалӣ таъкид мекунад, ки танҳо тавассути як сиёсат ва стратегияи ҳамоҳангшуда, ки механизми мукаммали танзим, ҳавасмандкунӣ ва таҳримҳо, инчунин ислоҳоти иқтисодӣ ва тағйироти иҷтимоии воқеиро дар бар мегирад, метавонад миқдори шуғли ғайрирасмӣ ва музди меҳнати пинҳониро коҳиш диҳад». Ҳадафи ин гуна сиёсат бояд таъмини иштироки аҳолӣ дар бозори меҳнат бо шароити адолат ва ба даст овардани равандҳои иқтисодии расмии устувор бошад.

Дар доираи таҳқиқот, пешниҳодҳо ва тадбирҳое барои кам кардани шуғли ғайрирасмӣ ва мубориза бо музди меҳнати пинҳонӣ бо ҳамоҳангсозии таҷрибаи ҷаҳонӣ ва омилҳои хосси Тоҷикистон таҳия шудаанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои такмил додани сиёсати соҳаи шуғл ва бозори меҳнат, ҷорӣ кардани мувозинат байни талаботи расмии бозори меҳнат ва фаъолияти ғайрирасмӣ, ва бо истифода аз механизмҳои ҳуқуқӣ, ба ҳадафи гирифтани натиҷаҳои дуруст ва таъсирбахш пайгирӣ менамояд.

Паст кардани миқёси ғайрирасмӣ танҳо ба шарофати ягонагӣ ва гуногунрангии воситаҳои истифодашаванда, аз ҷумла истифодаи абзорҳои муколамаи иҷтимоӣ имконпазир аст.

Барои такмил додани санадҳои меъёрӣ дар такя ба таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт таҳияи механизми танзими шуғли ғайрирасмӣ зарур аст, ки он ба таъмини сатҳи баланди шуғл, сатҳи пасти бекорӣ, коҳиш додани шуғли ғайрирасмӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва даромади воқеии аҳолӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, рушди соҳибкории хурд, соҳибкории хусусӣ, иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона шуда бошад. Чунин механизм дар боло, дар расми 2.2 пешниҳод шудааст.



Расми 2.2.2. - Танзими шуғли ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Бо такя ба тадқиқотҳои байналмилалӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда, ҳалли мушкилоти шуғли ғайирасмии аҳолӣ бо истифодаи чорабинии мукаммали сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл метавонад натиҷаҳои мусбати иҷтимоиву иқтисодӣ ба бор оварад. Чорабиниҳои зерин дар ин самт мувофиқи мақсад хоҳанд буд:

– татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ, ки ба манфиати шуғл нигаронида шудааст ва аз сармоягузории самаранок, тағйироти сохторӣ барои таъсиси корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ тавассути барномаву лоиҳаҳои самарабахши иқтисодӣ ҷонибдорӣ мекунад;

– такмили сиёсати андозбандӣ ва инфрасохтори соҳавӣ, ки барои афзоиши шуғли аҳолӣ ва рушди ҳосилнокии меҳнат кӯмак мерасонад, махсусан бо истифода аз равандҳои сабуккунандаи тағйироти сохторӣ дар соҳаҳои тиҷорат ва саноат;

– таҳияи сиёсати корпоративӣ, ки корхонаҳои устувор, аз ҷумла корхонаҳои хурд, миёна ва соҳибкории мустақилро дастгирӣ мекунад ва санадҳои шаффоф ва дуруст барои мусоидат ба гузариш ба бахши расмӣ ва таъмин кардани рақобати одилона омода мекунад;

– малака ва таҳсил барои қонеъ кардани ниёзҳои доимо тағйирёбандаи бозори меҳнат ва технологияҳои нав, ҷорӣ кардани низоми омӯзиш ва бозомӯзии яке аз ҷузъҳои муҳими омӯзиши якҷояи меҳнат ва таълим.

Ин чорабиниҳо бо ҳамоҳангии дурусти сиёсати давлатӣ ва дастгирии қонунгузории мукаммал метавонанд барои коҳиш додани шуғли ғайирасмӣ ва мусоидат ба беҳтаршавии вазъи бозори меҳнат дар Тоҷикистон таъсири мусбат дошта бошанд.

– баланд бардоштани сифати низоми таълим ва ҷорӣ намудани низоми дуҷонибаи омӯзиш ва ба шуғл фаро гирифтан, ки дар доираи он корхонаҳо ҷавононро ҳамчун «донишомӯз» қабул мекунанд ва онҳоро тавассути барномаҳое, ки эҳтиёҷоти тиҷоратро инъикос мекунанд, таълим медиҳанд.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи муаммоҳои асосии рушд наёфтани бозори меҳнат ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Бо мақсади таҳлили амиқтар ва боэътимодтар барои муайян кардани шуғли ғайрирасмӣ, пешниҳод мешавад, ки ин навъи шуғл ҳамчун шакли муносибатҳои меҳнатӣ бидуни бастани шартномаи расмии меҳнатӣ байни корманд ва корфармо баррасӣ шавад. Ин шуғл асосан дар асоси созишномаҳои шифоҳӣ ё шартномаҳои шаҳрвандии ҳуқуқӣ амалӣ мешавад, ки ба талаботи қонунгузорӣ ва шартҳои иқтисодии бозор мувофиқ аст. Шуғли ғайрирасмӣ, ки дар он стандартҳои рафтор, ё ҳуқуқҳои меҳнатӣ ҳамеша муайян нестанд, дар амал маъмулан бо мақсади коҳиш додани хароҷот барои корфармоён ва осон кардани ҷустуҷӯи кор барои шаҳрвандон истифода мешавад.

2. Барои решакан кардани мушкилоти мазкур пеш аз ҳама, бояд дарк кард, ки на танҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ-психологӣ низ ба паҳншавии падидаи мазкур мусоидат мекунанд. Омилҳои зиёде мавҷуданд, ки боиси паҳншавии падидаи номбурда мегарданд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, мавҷудияти шуғли ғайрирасмӣ на ҳама вақт танҳо оқибатҳои манфӣ дорад, балки аксар вақт ба манфиатҳои коргарон ва корфармоён ҷавобгӯ аст, ки ин на танҳо баланд бардоштани сифати қонунгузории меҳнатро дар самти фароҳам овардани «шароити қонунгузорӣ барои шуғли нисбатан фасеҳтар, аз ҷумла ба ворид намудани категорияҳои нави коргарон дар сохтори шуғли аҳолӣ» тақозо мекунад.

3. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муваффақият дар коҳиш додани миқёси шуғли ғайрирасмӣ танҳо тавассути татбиқи як сиёсати фарогир, ки ба соҳаҳои гуногуни танзим дахл дорад, ва омезиши механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва таҳримҳо ба даст оварда мешавад. Ин равишҳо метавонанд боиси коҳиш ёфтани қобили қабул будани муносибатҳои ғайрирасмӣ шаванд, зеро онҳо ҳам ба эҷоди шароити мусоид барои шуғли расмӣ ва ҳам ба таъмини иҷрои стандартҳои меҳнатӣ ва ҳуқуқии мувофиқ кӯмак мекунанд. Дар доираи

тадқиқот тавсияҳо оид ба кам кардани шуғли ғайрирасмӣ ва музди меҳнати пинҳонӣ бо назардошти ҳам таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам хусусияти сабабҳои шуғли ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон ва талошҳое, ки ҳукумат дар ин самт пайгирӣ менамояд, таҳия шудаанд.

2.3. Таҷрибаи хориҷии танзими давлатии бозори меҳнат ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Новобаста аз пешравиҳо ва тадбирҳои андешидашуда дар самти танзими бозори меҳнат дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозори меҳнат то ҳол бо як қатор мушкилоти системавӣ ва сохторӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин мушкилот, аз ҷумла бекории устувор, паҳншавии шуғли ғайрирасмӣ, номувофиқии қобилиятҳои касбии қувваи корӣ бо талаботи бозор, ва сатҳи пасти музди меҳнат, далели онанд, ки механизмҳои кунунии танзим ниёз ба бозбинӣ ва такмил доранд.

Ин вазъ зарурати омезиши самараноки ду равиши асосӣ усулҳои бозорӣ ва танзими давлатӣ - ро барои таъмини шуғли устувор ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии аҳолӣ тақозо мекунад. Усулҳои бозорӣ метавонанд воситаи муҳими ҷалби сармоя, эҷоди ҷойҳои нави кор ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот бошанд, дар ҳоле ки танзими давлатӣ кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва таъмини баробарии имкониятҳоро таъмин мекунад.

Механизми мукаммали танзими бозори меҳнат бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад:

а) самтгирии дуҷониба якҷоя намудани принсипҳои бозорӣ ва сиёсати иҷтимоии давлат;

б) мутобиқсозии муассири пешниҳод ва талаботи бозори меҳнат тавассути таҳияи системаи иттилоотии шуғл ва таҳлили мунтазами талаботи соҳавӣ;

в) баланд бардоштани қобилияти рақобатии қувваи корӣ тавассути такмили низоми касбомӯзӣ ва бозомӯзии мутобиқ ба ниёзҳои иқтисоди муосир;

г) кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва шароити меҳнати кормандон ба воситаи назорати давлатӣ, густариши қонунгузории меҳнатӣ ва механизмҳои ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ;

д) пайвасти муассир байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои татбиқи сиёсати шуғл дар асоси принсипи масъулияти муштарак. Интихоб ва татбиқи сиёсати мутавозини шуғл, ки дар он ҳам усулҳои бозорӣ ва ҳам механизми танзими давлатӣ ба таври ҳамгиро ва мукаммал истифода мешаванд, шарти муҳими таъмини рушди устувори бозори меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар шароити Тоҷикистон мебошад.

Дар давраи истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши назарраси қувваи корӣ рӯ ба рӯ гардид, ки он 47,4% ё 2,1 маротиба зиёд шудааст. Бо вуҷуди ин, шумораи умумии шуғлдорон дар ҳамин давра танҳо 80,1% ё 1,2 маротиба афзоиш ёфт, ки нишон медиҳад суръати афзоиши шуғл аз афзоиши захираҳои меҳнатӣ тақрибан ду баробар ақиб мондааст. Ин ҳолат ба номутавозинӣ байни пешниҳоди қувваи меҳнат ва имкониятҳои шуғл дар иқтисоди миллӣ ишора мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар давраи солҳои 2000 - 2023 як тамоюли мусбат ба қайд гирифта шудааст: суръати миёнаи солонаи афзоиши шуғл нисбат ба суръати афзоиши қувваи корӣ 3,6% беҳтар гардид. Ин нишон медиҳад, ки тадриҷан иқтидори иқтисод барои эҷоди ҷойҳои корӣ нав вусъат меёбад, вале то ҳол наметавонад афзоиши пайвастаи аҳолии қобили меҳнатро пурра фаро гирад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар баробари афзоиши имкониятҳои шуғл, сифат ва устуворӣ ҷойҳои корӣ низ тақвият дода шаванд.

Дар оғоз, агар ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар қувваи корӣ 78% -ро ташкил медод, пас, дар соли 2019 ин нишондиҳанда то 46,2% коҳиш ёфт. Дар ҳамин давра, афзоиши шуғл нисбат ба афзоиши қувваи корӣ 31,8% камтар буд, ки нишон медиҳад, ки таъмини шуғл дар кишвар бо суръати паст сурат мегирад.

Тағйирот дар шумораи шуғлдоштагон, ки дар муқоиса бо шумораи умумии аҳолӣ ва қувваи корӣ ноустувор аст, гувоҳи номувофиқ будани тавозун байни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат мебошад. Сиёсати давлатии шуғл дар Тоҷикистон бо Конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнат таҳти рақами 88 аз соли 1948, ки ба ташкил кардани хадамоти шуғл равона шудааст, мутобиқат мекунад. Вале, бо вуҷуди мавҷудияти тадбирҳои қонунии дуруст, коҳиши таъсири онҳо ба сатҳи шуғл ва бекорӣ ва нокифоя будани механизмҳои муҳими танзимкунӣ дар бозори меҳнат барои расидан ба натиҷаҳои мусбӣ як чолиш боқӣ мемонад.

Бозори меҳнати ҶумҳурииТоҷикистон хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад:

а) тағйирёбии сатҳи бекорӣ дар бозори меҳнат бо ҳолатҳои иқтисодии ноустувор ва бад шудани муҳити мусоиди тиҷоратӣ алоқаманд аст, ки боиси шиддат ёфтани сатҳи бекорӣ ва афзоиши назарраси бекорон мегардад.

б) дар тӯли давраи ислоҳот, сатҳи бекорӣ якчанд маротиба афзоиш ёфта, ба авҷи аълои худ расид, ки дар он вақт фоизи баланди қарзҳо ва низоми ММД-и паст дар кишвар ба назар мерасад, нишондиҳандаи мутақобила дар сиёсати иқтисодии кишвар.

в) бо вуҷуди кӯшишҳои марбут ба коҳиш додани таъсири буҳрони ҷаҳонӣ, сатҳи бекорӣ дар Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳо бо суръат кам нашуд, ки ин нишон медиҳад, ки амалҳои барои бартараф кардани паёмадҳои манфии буҳронҳо барои бозори меҳнат камтар самаранок буданд.

« ... Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи шуғли аҳолӣ якчанд барномаҳои давлатӣ қабул кардааст, ба монанди Барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 ва барои 2016-2017, «Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ҳуҷҷатҳои сатҳи миллӣ», вале вазъи бозори меҳнат ҳанӯз ҳам хеле суст тағйир меёбад. Ин аз як тараф, сатҳи баланди муҳоҷират мебошад, ки он зиёда аз 20% шумораи аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Аз тарафи дигар, яке аз омилҳои боздоштани афзоиши нобаробарӣ дар бозор, дар ҷаҳони муосир

афзоиши шумораи занон дар истифодаи қувваи корӣ мебошад. СММ чунин мешуморад, ки «нобаробарӣ дар рушди иқтисодӣ ба чашм мерасад, камбизоатон барои таҳсил ва рушди худ мустақилона сармоягузорӣ карда наметавонанд ё камтар сармоягузорӣ мекунанд». Аз ин рӯ, механизми асосӣ бояд ба сармоягузории давлатӣ ба таҳсилоти касбӣ асос ёфта, инчунин ба ташкили ҷойҳои корӣ беҳтар равона карда шавад. Мувофиқи таҳлилҳои Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд (ОЭСР) тағйирёбии дараҷаи нобаробарӣ дар ҳар як кишвари алоҳида ҷойгир аст.

Барои коркарди чунин сиёсати самаранок, пеш аз ҳама омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ зарур мебошад, ки онҳо дар ин самт муваффақиятҳои назаррасро ноил гардидаанд. Омӯзиши таҷрибаи чунин давлатҳо ба мо имкон медиҳад, ки модели санҷидашудаи танзими бозори меҳнатро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намоем.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА), сиёсати минтақавӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати сохторӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ дар татбиқи баробар ва устувори сиёсати шуғл мебозад. Ин сиёсат, ки бо номи «сиёсати ҳамбастагӣ» маъруф аст, ба коҳиш додани нобаробарии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ байни минтақаҳои пешрафта ва ақибмонда равона гардида, ҳадафи асосии он таъмини тавозуни минтақавӣ ва пешгирии шаклгирии номутавозунии сохторӣ дар кишварҳои аъзои ИА мебошад.

Механизмҳои асосии ин сиёсат бар бунёди шароити баробар барои сокинони ҳамаи минтақаҳо асос ёфтаанд. Ба ин маъно, имконияти дастрасӣ ба сармоя, бозори меҳнат, таҳсилоти босифат ва инфрасохтори иҷтимоӣ бояд барои тамоми аҳолӣ новобаста аз маҳалли зисти онҳо таъмин гардад. Дар доираи чунин сиёсат, махсусан ба минтақаҳои «депрессияшуда» яъне он ҳудудҳое, ки бо рушди иқтисодии суст, сатҳи баланди бекорӣ ва коҳиши қобилияти истеҳсолӣ рӯ ба рӯ ҳастанд таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад.

Бо истифода аз захираҳои махсус, аз ҷумла Фонди рушди минтақавии аврупоӣ (ERDF) ва Фонди иҷтимоии аврупоӣ (ESF), кишварҳои ИА ба рушди инфрасохтори иқтисодӣ, дастгирии шуғл, бозомӯзии касбӣ ва баланд

бардоштани рақобатпазирии минтақаҳои ақибмонда мусоидат мекунанд. Ин тадбирҳо на танҳо ба коҳиши бекорӣ ва нобаробарии минтақавӣ, балки ба таҳкими ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоии ИА низ мусоидат менамоянд.

Дар маҷмӯъ, сиёсати ҳамбастагӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмин намудани рушди мутавозин, паст кардани фосилаи иқтисодии минтақаҳо ва фароҳам овардани шароити баробар барои амалӣ шудани потенсиали ҳар як шаҳрванд дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо хизмат мекунад. Ин таҷриба метавонад ҳамчун намунаи муфид барои таҳия ва татбиқи сиёсатҳои минтақавии шуғл дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, истифода гардад.

Муҳаққиқон дар таҳлили низомҳои миллии шуғл ва танзими бозори меҳнат панҷ модели асосиро фарқ мекунанд: америкоӣ, шведӣ, англосаксонӣ, олмонӣ ва ҷопонӣ. Ин моделҳо бар пояи хусусиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҳар як кишвар ё гурӯҳи кишварҳо шакл гирифтаанд ва дар тадқиқотҳои гуногун гурӯҳбандии онҳо каме фарқ мекунад. Масалан, дар баъзе таҳлилҳо модели америкоӣ ҳамчун модели мустақил баррасӣ мешавад, дар дигарҳо бошад онро зери гурӯҳи умумии англосаксонӣ ҷой медиҳанд.

Модели америкоӣ, ки дар ИМА ташаккул ёфтааст, ба навъи фаръии муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ асос ёфта, таваҷҷуҳи зиёд ба муваффақияти шахсӣ, инфиродӣ ва автономияи корманд дорад. Дар ин низом, қонуни меҳнат ва сиёсати шуғл хеле ғайримарказонида мебошанд, яъне давлат мудохилаи маҳдуд ба бозори меҳнат мекунад ва бештар ба механизмҳои бозорӣ такя мекунад. Хусусиятҳои барҷастаи ин модел инҳоянд:

- иқтидори баланди корфармоён барои назорат ва идоракунии кормандони кироя;

- ҳаракатнокии ҷуғрофӣ ва касбии қувваи корӣ, ки боиси мутобиқшавии зуд ба тағйироти бозор мегардад;

- набудани кафолати пурраи иҷтимоӣ барои кормандон ва системаи маҳдуди ҳифзи иҷтимоӣ, ки масъулияти асосиро ба дӯши шахсони инфиродӣ мегузорад;

- сатҳи нисбатан баланди бекорӣ, ки қисми муайяни аҳолӣ аз бозори меҳнат берун мемонад ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир мегардад.

Мақсади ниҳоии модели амрикоӣ ташкили чунин муҳитест, ки дар он рақобат, фардгароӣ ва қобилияти меҳнатӣ неруи асосии рушди иқтисодро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки корфармоён имкони васеи назорат ва истифодаи захираҳои меҳнатиро бо чандирии баланд доранд. Бо вуҷуди самаранокии иқтисодӣ, ин модел боиси тафовути иҷтимоӣ, беназоратии муносибатҳои меҳнатӣ ва осебпазирии қишрҳои камбизоат мегардад, ки зарурати баррасии оқибатҳои иҷтимоии он дар муҳити кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистонро муҳим мегардонад.

Рушди касбият пеш аз ҳама бо тағйирёбии ҷойи кор алоқаманд аст аз ин рӯ, ин модел бо сатҳи баланди ҳаракатпазирӣ тавсиф мешавад. Сатҳи музди меҳнатро дар асоси тахассуси корӣ ва мураккабии онҳо муқаррар мекунанд; пешрафт дар хизмат, чун қоида, бо тавсеаи соҳибкасбӣ ва тахассусӣ алоқаманд нест. Ба масъалаҳои роҳбарии касбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳо ҳам агентиҳои хусусӣ ва ҳам марказҳои махсуси роҳнамоии касбӣ мавҷуданд.

«Сиёсати шуғл дар ИМА асосан ба беҳтар кардани шароити шуғли аҳолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории мувофиқ барои гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир, аз ҷумла коргарони бидуни ихтисос ва пастихтисос равона шудааст. Ба самтҳои асосии сиёсати муосири шуғл дар ИМА дохил мешаванд:

- беҳтар намудани сифати ҷойҳои корӣ дар робита ба баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат, дурнамои рушди касбӣ ва ғанӣ гардонидани мундариҷаи меҳнат. Сиёсати ҳукумати ИМА пеш аз ҳама ба ҳавасмандгардонии афзоиши шуғл ва афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ, омӯзиш ва бозомӯзии коргарон ва мусоидат ба ҷалби коргарон нигаронида шудааст.

Дар амалияи давлатҳои Аврупо ва ИМА таҷрибаи зиёд дар таъсис ва фаъолияти агентиҳои рушди минтақавӣ ҷамъ оварда шудааст, ки асосан ба ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд. Агентии рушди минтақавии корпоратсияи давлатии сармоягузорӣ ҳамчун шакли нисбатан маъмултари

чунин ташкилот эътироф шудааст. Дар асоси фаъолияти он сиёсати тамаркузи сармоягузориҳои давлатӣ асос ёфтаанд, ки ба рушди шаҳрҳо нигаронида шудаанд ва шаҳрҳо дар навбати худ, ба канораҳои ақибмонда таъсири мусбати иқтисодӣ ва иҷтимоии худро расонидаанд».

Модели амрикоии танзими бозори меҳнат бо сатҳи баланди ҳаракатпазирии қувваи корӣ ва рушди фардии касбӣ тавсиф мешавад. Рушди касбият дар ин модел, пеш аз ҳама, ба воситаи тағйирёбии ҷойи кор амалӣ мегардад, на тавассути такмили таҳсилоти дохилисозишаванда ё тарҳрезии дарозмуддати касб дар як муассиса. Ҳамин аст, ки коргарон барои боло бурдани қобилияти рақобатии худ ба таври мунтазам ҷойи корро иваз мекунанд, таҷрибаи гуногун ба даст меоранд ва аз имкониятҳои бозор истифода мебаранд. Сатҳи музди меҳнат бештар дар асоси дараҷаи тахассус ва мураккабии вазифа муайян мегардад, дар ҳоле ки пешрафт дар зинаҳои хизматӣ на ҳамеша бо такмили тахассуси расмӣ алоқаманд аст.

Низоми маслиҳатдиҳӣ ва дастгирии касбӣ низ дар ИМА хеле рушд ёфтааст. Дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳо, марказҳои хусусӣ ва давлатӣ оид ба роҳнамоии касбӣ амал мекунанд, ки донишҷӯёнро дар интихоби соҳаи касб ва шиносоӣ бо талаботи бозори меҳнат дастгирӣ менамоянд. Сиёсати шуғли ИМА ба таъмини дастрасии баробар ба ҷойҳои кори мувофиқ, хусусан барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла шахсони камихтисос, равона шудааст. Ҳадафи он беҳтар кардани сифати ҷойҳои кор, баланд бардоштани музди меҳнат, фароҳам овардани имкониятҳои рушду бозомӯзии касбӣ ва ғанигардонии муҳтавои фаъолияти меҳнатист.

Самтҳои асосии ин сиёсат иборатанд аз:

- афзоиши шумораи ҷойҳои кории расмӣ ва устувор;
- тавсеаи имкониятҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки ба таҷдиди қувваи меҳнат мутобиқи талаботи иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад;
- ҳавасмандсозии ширкатҳо барои ҷалби қишрҳои осебпазир, аз ҷумла тавассути имтиёзҳои андозӣ ё барномаҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ.

Дар амалияи муосири Амрико ва давлатҳои аврупоӣ таҷрибаи муфиди агентӣ ва марказҳои рушди минтақавӣ низ ташаккул ёфтааст. Яке аз намунаҳои маъмул агентии рушди минтақавии корпоратсияи давлатии сармоягузорӣ ҳамчун механизми мутамарказонидани захираҳои давлатӣ ва таҳкими сиёсати минтақаҳои ақибмонда амал мекунад. Дар доираи фаъолияти чунин агентӣ, сармоягузориҳо ба инфрасохтори шаҳрӣ равона гардида, таъсири мусбии иҷтимоиву иқтисодӣ ба минтақаҳои атроф интиқол меёбад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дар доираи модели амрикоӣ, бо вуҷуди озодии зиёд дар бозори меҳнат ва паст будани сатҳи кафолати иҷтимоӣ, ҳукумати федеролӣ тавассути абзорҳои ҳавасмандкунандаи сиёсати шуғл, дастгирии бозомӯзии касбӣ ва сиёсати минтақавӣ ба рушди шуғл ва коҳиши нобаробарии иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Модели шведии танзими бозори меҳнат яке аз намунаҳои мукаммал ва иҷтимоии сиёсати шуғл дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Он бар асоси се принсипи асосӣ бунёд гардида, ҳамгироии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд. Ин модел дар асоси баробарии иҷтимоӣ, адолати иқтисодӣ ва нақши фаъоли давлат дар ҳалли мушкилоти бозори меҳнат рушд ёфтааст.

1. Ноил шудан ба шуғли пурраи аҳолии қобили меҳнат мақсади асосии модели шведӣ таъмини шуғли пурра мебошад, яъне давлат ҳама гуна тадбирҳоро барои фароҳам овардани ҷойҳои кор ва нигоҳ доштани сатҳи баланди фаъолияти меҳнатии аҳолӣ амалӣ менамояд. Сиёсати давлатӣ ба он равона шудааст, ки ҳар шахси қобили меҳнат имкони фаъолият дошта бошад ва шуғл бо шартҳои муносибу устувор таъмин гардад. Шуғл дар ин модел на танҳо василаи даромад, балки як унсури муҳими ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии шахс дар ҷомеа дониста мешавад.

2. Таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ модели шведӣ дорои низоми пуркуввати ҳифзи иҷтимоӣ мебошад. Давлат барои ҳар як шахс новобаста аз вазъи иқтисодӣ, мавқеи иҷтимоӣ ё қобилияти меҳнатӣ кафолатҳои васеи иҷтимоиро таъмин мекунад. Ин кафолатҳо, аз ҷумла, пардохтҳои кумакпулӣ дар ҳолати бекорӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, хизматрасониҳои тиббӣ ва нафақа, ба

коҳиши хавфҳои иҷтимоӣ ва нигоҳ доштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон кӯмак мерасонанд.

3. Таъмини имкониятҳои баробар барои расидан ба некуаҳволӣ, яке аз принсипҳои асосии модели шведӣ баробарии имкониятҳо ва дастрасии васеъ ба захираҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ин принсип тавассути дастгирии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, сиёсати фаъоли бозомӯзии касбӣ, дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ҷалби гурӯҳҳои осебпазир ба бозори меҳнат амалӣ мегардад. Мақсад аз он фароҳам овардани шароити мусоиде мебошад, ки дар он ҳар як шаҳрванд новобаста аз ҷинс, синну сол ё минтақаи зист имкони воқеӣ барои расидан ба зиндагии арзанда ва некуаҳволӣ дошта бошад.

Модели шведӣ як намунаи муваффақи давлати иҷтимоӣ мебошад, ки дар он танзими бозори меҳнат ва сиёсати шуғл бо сиёсати фарогири ҳифзи иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ ҳамоҳанг карда шудаанд. Ин равиш ба устувории иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат намуда, таваҷҷуҳи илмӣ ва амалӣ барои истифодаи таҷрибаи он дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, зарур мебошад. Хусусияти хоси модели шведӣ огоҳ кардан ва пешгирӣ намудани бекорӣ ба ҳисоб меравад, на мубориза бо оқибатҳои он. Ҳукумати кишварҳо барои баланд бардоштани сатҳи шуғл ва коҳиш додани бекорӣ, сиёсати иҷтимоиро бо диққати хос омода мекунанд. Мақсади асосии ин сиёсати иҷтимоӣ – таҳия ва татбиқи чораҳое мебошад, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, махсусан дар бахши давлатии иқтисодиёт, равона шудаанд. Ин чораҳо метавонанд баъзе аз равандҳои зеринро дар бар гиранд:

- таҳияи ҷойҳои корӣ дар бахши давлатӣ: Бо дастгирии буҷети давлатӣ ва сармоягузории давлатӣ барои рушди соҳаҳои калидии иқтисод, ки ҷойҳои кории нав фароҳам меоранд;

- ҳамоҳангсозии муҳоҷирати аҳолӣ ва қувваи корӣ: Аз тариқи додани субсидияҳо ва қарзҳо барои кӯмак ба муҳоҷирати аҳолӣ, хусусан интиқоли оилаҳо аз минтақаҳои дорои қувваи кории зиёдатӣ ба минтақаҳои бо ҷойҳои холӣ;

- дастрасии фаврии аҳолӣ ба маълумоти саривақтӣ: Интихоб ва паҳн кардани маълумоти саривақтӣ ва муҳим оид ба ҷойҳои кории холӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар, ки барои аҳолӣ имконият фароҳам меорад, ки ҷои кориро пайдо кунанд.

Иштироки ҳукумат дар ин равандҳо на танҳо барои афзоиши шуғл, балки барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва дастгирии аҳолӣ барои расидан ба сатҳи некуаҳволии баланд мусоидат мекунад.

Модели шветсиягии танзими бозори меҳнат бо иштироки фаъоли давлат дар рушди шуғли устувор ва ҳимояи иҷтимоии қувваи корӣ тавсиф мешавад. Яке аз ҷанбаҳои муҳими ин модел мудохилаи мустақими ҳукумат дар равандҳои бозсозии иқтисодӣ ва дастгирии шуғл мебошад. Дар Шветсия, ширкатҳои давлатии минтақавӣ нақши фаъол дар таҷдиди корхонаҳо, мутаҳарриксозии истеҳсолот ва рушди маҳсулоти нав мебозанд. Ҳадафи онҳо на танҳо афзоиши истеҳсолот, балки пешгирии коҳиши сатҳи шуғл ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии вобаста ба бекорӣ мебошад. Дар сиёсати давлатии Шветсия, авлавият ба танзими муассири бозори меҳнат дода мешавад. Давлат бо истифода аз воситаҳои сиёсати фискалӣ, яъне тавассути тақсими самараноки буҷет, маблағгузорӣ ба бахшҳои калидӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, талош мекунад, ки сатҳи шуғли пурраро нигоҳ дорад ва аз афзоиши бекорӣ ҷилавгирӣ намояд.

Ин раванд бо як қатор ҷанбаҳои муҳими иҷтимоӣ ҳамроҳ аст:

- дастгирии қишрҳои осебпазир, махсусан онҳое ки қобилияти рақобат бо бозори меҳнатро надоранд (масалан, шахсони камихтисос ё калонсолон);
- кумак ба соҳаҳои стратегӣ, ки гарчанде аз ҷиҳати иқтисодӣ самараи баланд надоранд, вале барои суботи иҷтимоӣ ва минтақавӣ аҳамияти махсус доранд (масалан, кишоварзӣ, соҳаи иҷтимоӣ ё саноати маҳаллӣ).

Дар баробари ин, дар Шветсия омӯзиши касбӣ ва омодасозии мутахассисон қисми ҷудонашавандаи стратегияи миллии шуғл мебошад. Бо назардошти хароҷоти баланди ин раванд, шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ ба таври муассир роҳандозӣ шудааст. Ҳукумат тавассути механизмҳои

маблағгузории муштарак бо ширкатҳо ба ташкили марказҳои таълими касбӣ мусоидат мекунад.

Як намунаи муассири ин сиёсати ҳамкорӣ дастгирии корхонаҳо дар ҷалби ҷавонони 16 - 18 сола, ки маълумоти миёнаи пурра надоранд, ба кор ва омӯзиш мебошад. Дар чунин ҳолат, давлат то 80% хароҷоти марбут ба музди меҳнат ва таҳсилоти касбии онҳоро ба уҳда мегирад. Ин раванд на танҳо ба таъмини шуғли ҷавонон мусоидат мекунад, балки механизми муассири гузариши онҳо аз таҳсил ба бозори меҳнатро низ таъмин менамояд.

Модели шветсиягӣ бо муттаҳидсозии механизмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, иштироки фаъолонаи давлат ва сиёсати ҳадафманд дар самти омӯзиш ва шуғл, як намунаи муваффақи идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти иҷтимоӣ мебошад. Ин таҷриба метавонад барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун модели амалии ҳамгироии сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хидмат кунад.

«Дар Шветсия ширкатҳои давлатии минтақавӣ мавҷуданд, ки дар таҷдиди корхонаҳо ва ташкили истеҳсоли молҳои нав расман ширкат меварзанд, корхонаҳои хурду миёнаи ба ҳалли мушкилоти шуғл мусоидаткунандаро» дастгирӣ мекунад. Дар Шветсия ҳукумат дар сиёсати худ ба танзими бозори меҳнат авлавият додааст, то афзоиши сатҳи бекорӣ дар кишвар пешгирӣ карда шавад. Модели шведӣ бо шуғли пурраи аҳолии корӣ тавассути истифодаи воситаҳои сиёсати фискалӣ, нигаронида шудаанд, тавсиф мешавад; дастгирии коргароне, ки дар сатҳи зарурӣ бо дигарон рақобат карда наметавонанд; дастгирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисод, ки сарфи назар аз нишондиҳандаҳои пасти иқтисодӣ, масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ҳал мекунанд».

Дар бисёр кишварҳо, махсусан дар соҳаи иқтисодиёт, таъсиси ва фаъолият дар бахши хусусӣ бо ташкили омӯзиши касбӣ ва тайёрии мутахассисон ба масъалаи муҳим ва гаронбаҳо табдил ёфтааст. Барои кӯмак ба ширкатҳои хусусӣ дар иҷрои ин вазифа, давлат нақши муҳим дорад, ки аз тариқи маблағгузории муштарак ва ташкил кардани марказҳои таълимии касбӣ бо ширкатҳо кӯмак мекунад. Дар кишварҳои пешрафта, масалан, дар Шветсия,

агар корхонаҳо ҷавонони 16-18-соларо, ки маълумоти миёнаи пурра надоранд, ба кор ҷалб кунанд, давлат то 80% хароҷоти марбут ба таҳсилоти касбӣ ва музди меҳнатро таъмин мекунад.

Ин амал ба ҳадафи беҳтар намудани малака ва салоҳияти қувваи корӣ равона гардидааст, ки дар навбати худ ба рушди корхонаҳо ва иқтисодиёт мусоидат мекунад. Бо чунин тадбирҳо, давлат метавонад заминаи боэътимоди таълимӣ ва касбии аҳолиро барои бозорҳои меҳнати рушдёбанда фароҳам оварад.

Модели англосаксонӣ, ки дар кишварҳое чун Британияи Кабир, Ирландия, Канада, Австралия ва то андозае ИМА татбиқ мешавад, бо хусусиятҳои хос ва фардгароии сиёсати меҳнат ва иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Хусусияти фарқкунандаи ин модел ғайрифаъолии нисбии нақши давлат дар танзими мустақими бозори меҳнат ва афзалияти додани вазифаҳои шуғл ва ҳимояи иҷтимоӣ ба корхонаҳои хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар доираи ин модел, давлат ба ҷои мудохилаи сахт ба бозори меҳнат, бештар ҳамчун мусоидаткунанда ва фароҳамоварандаи шароити умумӣ амал мекунад. Хидматрасониҳо ба шахсони бекор, аз ҷумла кӯмакпулиҳо, машваратҳои касбӣ ва бозомӯзӣ, бештар тавассути бахши хусусӣ ва муассисаҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегарданд.

Британияи Кабир дар таърихи танзими бозори меҳнат мақоми хос дорад, зеро маҳз дар ин кишвар аввалин бор чораҳои давлатӣ дар соҳаи шуғл ба таври расмӣ тасвиб шудаанд. Аз ибтидои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти шуғл дар Британия (асри XX), як қатор иқдомҳо амалӣ шуданд, ки заминаи сиёсати муосири меҳнатро ташкил доданд аз ҷумла:

- ташкили хадамоти шуғл ниҳодҳое, ки ба шаҳрвандон дар ҷустуҷӯи ҷойи кор ва мутобиқсозии қобилият бо талаботи бозор кӯмак мерасонанд;

- таъсис додани барномаҳои таълимии касбӣ, ки ба баланд бардоштани қобилияти рақобатии шахсони бекор ва пастихтисос нигаронида шудаанд;

- муқаррар намудани кафолатҳои иҷтимоӣ барои кормандон, ба монанди ҳифзи ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳадди ақали музди меҳнат, ва дастрасӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ.

Модели англосаксонӣ ба бозори меҳнати чандир такя мекунад ва низоми ҳавасмандсозиро дар меҳвари сиёсат мегузорад. Аммо, баръакси моделҳои скандинавӣ, он ба дастгирии мақсадноки қишрҳои осебпазир, на ба фарогирии умумӣ такя мекунад. Яъне, ба ҷои кафолатҳои умумидавлатӣ, система бештар ба ёрии муваққатӣ ва бозсозии фард асос ёфтааст. Модели англосаксонӣ намунаи сиёсати меҳнатии бозорӣ ва чандирро ифода мекунад, ки дар он нақши асосӣ ба бахши хусусӣ ва масъулияти инфиродӣ дода мешавад, дар ҳоле ки давлат бештар нақши танзимгар ва мусоидаткунандаро мебозад. Ин равиш самаранокии иқтисодиро таъмин менамояд, аммо метавонад боиси маҳдуд будани кафолатҳои иҷтимоӣ барои баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ гардад.

Дар тӯли таърих, Британияи Кабир якчанд маротиба таҷрибаҳои гуногуни сиёсати шуғли давлатиро ба амал оварда. Сиёсати аввалин дар асоси ташкили хизматрасониҳои шуғл ва ислоҳоти иҷтимоии ҷомеа оғоз ёфта, ба тадбирҳои зидди бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ нигаронида шуда буд. Ин таҷрибаҳо инчунин ба таълимоти касбӣ ва бақайдгирии кормандони бекор нигаронида шуда, ҳадаф доштанд, ки шумораи бекоронро кам кунанд ва бозори меҳнатро бо манфиати ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ танзим намоянд.

Аз ин рӯ, сиёсатҳои Британияи Кабир дар соҳаи шуғл на танҳо дар таърих ва имрӯз як модели муваффақи танзими шуғл дар сатҳи давлатӣ ҳисобида мешаванд, балки таъсири онҳо ба кишварҳои дигар низ назаррас мебошад.

Модели муосири танзими шуғли британиёӣ, ки бо муваффақият ва самаранокии баланди худ шеносо шудааст, аз як қатор блокҳои асосии ба ҳам алоқаманд ташкил ёфтааст. Яке аз компонентҳои муҳимми ин модел ҷамъоварӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи ҳолати талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат мебошад. Ин дарозмуддат ба давлат ва ниҳодҳои масъул имконият медиҳад, ки стратегияи дуруст ва самарабахшро дар соҳаи шуғл ба

роҳ монда, дастрасии муҳиму муассир ба маълумоти саривақтӣ дар бораи бозори меҳнат таъмин намоянд.

Низоми ҷудонопазири касбомӯзӣ ва шуғл дар Британия ба рушди мақсадноки омодагии касбӣ ва пешбурди шуғл мусоидат мекунад. «Барномаҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии занон ва ҷавонон дар бозори меҳнат, инчунин таҳияи барномаҳои нақшавӣ барои корҳои ҷамъиятии зарурӣ ба бозори меҳнат роҳ нишон медиҳанд». Барномаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки Британияи Кабир кӯшиш мекунад, ки бо истифода аз муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ, шуғли аҳолиро бо таваҷҷӯҳ ба эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва ниёзҳои шаҳрвандони ҷустуҷӯкунанда таъмин намояд.

Ҷамъоварии фондҳои суғуртавӣ барои бекорӣ ва рушди низоми таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун як қисми муҳим ва ҳатмии модели Британиёӣ амал мекунад, ки ба таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар ҳолати бекорӣ ва дигар мушкилот ва фоҷиаҳои иҷтимоии эҳтимолӣ равона шудааст.

Дар низоми институтсионалии танзими иқтисод ва муносибатҳои иҷтимоии Британияи Кабир шабакаи васеи ташкилотҳои нимҳукуматӣ мавҷуданд». Масъалаи шуғл ва бекорӣ аз ҷониби Комиссияи қувваи корӣ, ки бо ҳукумат вазифаи машваратиро иҷро мекунад, баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Феълан, дар сатҳи давлатӣ танзими меҳнат аз тарафи Раёсати шуғли аҳолӣ мавриди амал қарор мегирад.

Барои модели қитъавӣ ва шведӣ, хоҳиши нигоҳ доштани сатҳи баланди шуғл дар доираи стратегияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар хеле муҳим аст. Мақсади асосии ин моделҳо коҳиши шумораи кормандон, ҳамзамон бо афзоиши самаранокии меҳнат мебошад. Ба ибораи дигар, ҳадафи асосӣ дар чунин моделҳо эҷоди шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии мувофиқ барои баланд бардоштани самаранокии коргарон аст, ки дар натиҷа, истеҳсолот ва иқтисоди кишвар мустаҳкамтар ва самараноктар мешавад, бидуни афзоиши шумораи кормандон.

Моделҳои қитъавӣ ва шведӣ равишҳои дуруст ва муассирро барои таъмини шуғли пурраи аҳолӣ ва ҳамин вазифа, коҳиш додани шумораи ҷойҳои корӣ холӣ бо истифодаи технология ва барномаҳое, ки кори самарабахшро таъмин мекунанд, пешниҳод мекунанд.

Аз ин рӯ, ба масъалаҳои фаро гирифтан ба шуғл ва бекорӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Он ҳам аз сабаби дарки масъулияти давлат барои вазъи бозори меҳнат ва ҳам бо сабабҳои дорои хусусияти иҷтимоиву сиёсӣ, алалхусус шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои коргарони маҳаллӣ рақобат эҷод мекунанд, ба вуҷуд омадааст. Дар Франсия, аз ҷумла татбиқи барномаи шуғли аҳолии «Хизматрасониҳои нав – ҷойҳои нави корӣ» барои ҳамвор кардани падидаи мазкур равона шудааст. Дар қатори дигар чораҳо, он аз ҷониби давлат ҷуброн кардани то 80% хароҷоти корхонаҳо барои таъсиси ҷойҳои нави кориро пешбинӣ мекунад».

Модели олмонии танзими бозори меҳнат ба таъмини шуғли устувор ва дарозмуддат нигаронида шудааст ва бо хусусиятҳои ҳамоҳангии иҷтимоӣ, таъмини кафолатҳои меҳнатӣ васеъи иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Ҳадафи асосии ин модел на танҳо коҳиши сатҳи бекорӣ, балки фароҳамсозии шароити пойдор барои фаъолияти меҳнатии босифат ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон мебошад [87, с 11-13]. Хусусиятҳои калидии модели олмонӣ инҳоянд:

а) таъмини шуғли доимӣ ва устувор, яъне давлат ва шарикони иҷтимоӣ (корфармоён ва иттифоқҳои касаба) дар сатҳи миллӣ ва соҳаҳо барои ташкили механизмҳои устувори шуғл ҳамкорӣ мекунанд. Шакли маъмул бастани созишномаҳои тарифӣ миёни ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва иттифоқҳои касаба, ки маош, шароити меҳнат ва уҳдадориҳои тарафҳоро ба таври мутавозин муайян мекунанд;

б) системаи мукаммали хизматрасонии машваратӣ ва такмили ихтисос, дар ин ҷо муассисаҳои давлатии шуғл ва марказҳои махсус ба шаҳрвандон дар ҷустуҷӯи ҷойи кор, гузариш аз як ҷойи кор ба дигар, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ кумак мерасонанд. Ин сиёсати фаъоли бозомӯзӣ қувваи кориро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ месозад;

в) сиёсати мубориза бо табъиз, яъне модели олмонӣ ба баробарии имкониятҳо аҳаммияти зиёд дода, дар қонунгузорӣ ва амалия чораҳои зидди табъизро пешбинӣ мекунад хусусан дар самти фарқияти гендерӣ, маъюбӣ ва синнусол;

г) суғуртаи иҷтимоии бекорӣ, Олмон дорои низоми мукаммали суғуртакунии бекорӣ мебошад, ки кормандони қаблан фаъолро дар ҳолати аз даст додани кор дастгирӣ мекунад. Кӯмакпулиҳо барои бекорон, дастрасӣ ба омӯзиш ва хадамоти шуғл, ба коҳиши таъсири манфии бекорӣ мусоидат менамоянд.

Модели олмонӣ намунаи давлати иҷтимоии ба бозор мутобиқшуда мебошад, ки дар он давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар ҳалли мушкилоти шуғл ба таври ҳамоҳанг ва устувор ҳамкорӣ мекунанд. Ин равиш бо таъмини шаффофият, суботи меҳнатӣ ва рақобатпазирии иқтисодӣ шароити баробар барои коргарон ва корфармоён фароҳам оварда, инчунин, сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоиро таъмин менамояд [87, с 11-13].

Модели танзими бозори меҳнат дар Франсия ба принсипи баланд бардоштани чандирии шуғл дар баробари ҳифзи кафолатҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ҳукумат сиёсати шуғлро бо мақсади коҳиши сатҳи бекорӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули бозори меҳнати чандир ва демократӣ амалӣ менамояд. Ин равиш таъсиси ҷойҳои кории нопурра, кор бо муҳлати муайян ва содасозии низоми аз кор озодшавиро дар бар мегирад, ки ҳадаф аз он мутобиқсозии бозори меҳнат ба талаботи тағйирёбандаи иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии корфармоён ба ҷалби қувваи корӣ мебошад. Яке аз иқдомҳои калидӣ дар доираи ин модел коҳиши қонунӣ ва расмии ҳафтаи корӣ то 35 соат мебошад, ки ҳамчун абзори таъсиррасон ба эҷоди ҷойҳои нави кор ва коҳиши бекорӣ арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, Франсия дар низоми андозбандии иҷтимоӣ барои корфармоён имтиёзҳои махсус пешбинӣ намудааст, ки ба коҳиши саҳмияҳои ҳатмии пардохтҳои иҷтимоӣ ва кам кардани фишори молиявӣ ба субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин

маҷмӯи чорабиниҳо ба самаранокии бозори меҳнат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва вусъати фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Модели ҷопонии бозори меҳнат, ки бар асоси анъанаҳои миллӣ, суботи ташкилӣ ва фарҳанги корпоративӣ ташаккул ёфтааст, дар ҷаҳон ҳамчун яке аз самараноктарин моделҳо эътироф шудааст. Ин модел ба принсипи “шуғли якумрӣ” такя мекунад, ки мувофиқи он корманд пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олӣ ба кор дар як ширкат шурӯъ намуда, то ба синни нафақа дар ҳамон ҷо боқӣ мемонад. Ин шакли шуғл на танҳо ба суботи меҳнатӣ, балки ба эҳсоси масъулият ва садоқати корманд нисбат ба ширкат мусоидат мекунад. Музди меҳнат, кумакпулӣ ва мукофотҳои молиявӣ дар ин модел бо назардошти собиқаи корӣ ва сатҳи садоқати кормандон тадриҷан афзоиш меёбанд, ки як навъ низоми ҳавасмандсозии дарозмуддатро ташкил медиҳад. Ширкатҳо ба таври мунтазам кормандони худро ба курсҳои такмили ихтисос ва омӯзишҳои дохилӣ ҷалб менамоянд, то ки қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти бозор ва технология таъмин гардад. Дар ин модел, ҳар як интиқоли корманд ба вазифаи нав, ба ҷои кор ё бахши дигар на ба хоҳиши шахсӣ, балки мутобиқи нақшаи рушду таҳаввули кадрии ширкат сурат мегирад. Модели ҷопонӣ дар баробари таъмини суботи шуғл, ба сифати баланди маҳсулот, муносибати эҷодкорона ба иҷрои кор ва нуфузу имиҷи ширкат таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад, ки дар маҷмӯъ ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва пешрафти устувори иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Модели амрикоии бозори меҳнат бо дараҷаи баланди чандирӣ, равиши фардгароёна ва такя ба қонунҳои бозор тавсиф меёбад. Яке аз ҷанбаҳои хоси ин модел шароити вазнини меҳнатӣ ва ноустувории ҷойҳои кор мебошад. Дар ҳолатҳои коҳиши талабот ва афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ, ширкатҳо одатан ба озод кардани кормандон ҳамчун василаи кам кардани хароҷот рӯ меоранд, на ба коҳиш додани соатҳои корӣ ё ҷустуҷӯи роҳҳои ҳифзи ҷойи кор. Ин равиш боиси шаклгирии муҳити меҳнатии дорои рақобати шадид ва осебпазирии қишрҳои муайяни қувваи корӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, модели амрикоӣ ҷанбаҳои мусбати худро низ дорад. Яке аз онҳо барномаҳои рушди ихтисос ва

малакаҳои касбӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани қобилияти рақобатии кормандон дар бозори меҳнат равона шудааст. Давлат ва бахши хусусӣ васеъ ба таҳия ва татбиқи курсҳои бозомӯзӣ, омӯзиши технологияи нав ва такмили ихтисос машғуланд, ки имконият медиҳад қувваи меҳнат пайваста бо талаботи иқтисод мутобиқ гардад. Ҳамзамон, дар ширкатҳои амрикоӣ усулҳои мусоидат ба идоракунии муштарак васеъ истифода мешаванд. Яке аз чунин усулҳо менеҷменти шарикӣ (participative management) мебошад, ки дар он кормандон ҳамчун аъзои фаъоли гурӯҳҳо ва шӯроҳо дар қабули қарорҳо ва такмил додани раванди истеҳсолӣ иштирок мекунанд. Ин раванд ҳисси масъулият ва марбутиятро дар байни кормандон тақвият дода, ба баланд бардоштани сифати маҳсулот, коҳиши хатогиҳо ва афзоиши самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад.

Ба ақидаи мо, модели амрикоӣ, сарфи назар аз ноустувории иҷтимоӣ ва набудани кафолатҳои фарогири давлатӣ, бо истифода аз усулҳои бозорӣ, равиши ҳавасмандсозӣ ва механизми бозомӯзӣ, самаранокии иқтисодӣ ва навоварии ширкатҳоро таъмин мекунад, вале дар баробари он, ба нобаробарии иҷтимоӣ ва осебпазирии гурӯҳҳои муайян дар бозори меҳнат замина мегузорад.

Роҳбарияти кишвар ҳамеша мекӯшад, ки сатҳи буҳрони бекориро пешгирӣ кунад, ки дар ҳолати шиддат гирифтани он метавонад ба бетартибиҳои оммавии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оварда расонад. Барои ин, стратегияи корӣ дар ИМА бояд ҳамзамон коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва дар нигоҳ доштани таъсири манфии он, ки метавонанд боиси нооромиҳои иҷтимоӣ шаванд, равона карда шавад [87, с 11-13].

Дар кишварҳои пешрафта, ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, модели бозори меҳнати чандир (flexible labor market) татбиқ мегардад, ки он ба дараҷаи баланди мутобиқшавии қувваи корӣ ба тағйироти иқтисодӣ ва талаботи бозор такя мекунад. Ин модел ба кормандон маоши нисбатан баландро пешниҳод мекунад, аммо дар айни замон, онҳо аз кафолати ҷойи кори доимӣ ва ҳифзи иҷтимоии устувор маҳруманд. Дар доираи ин доктрина, танзими ҳуқуқӣ коҳиш ёфта, таъсири давлат ба муқаррароти шартномаҳои меҳнатӣ ва сатҳи

музди меҳнат маҳдуд мешавад, инчунин, барномаҳои иҷтимоии давлатӣ ба таври назаррас ихтисор мегарданд. Ин усул дар шароити барқароршавии иқтисодӣ боиси афзоиши чандирии бозор ва рақобатпазирӣ мегардад, вале дар ҳолати таназзул, норасоии танзими давлатӣ ва ҳифзи меҳнат метавонад боиси афзоиши бекорӣ ва осебпазирии иҷтимоӣ шавад.

Дар муқобил, дар кишварҳое чун Франсия, бозори меҳнат бештар ба принсипҳои танзими давлатӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ асос ёфтааст. Дар ин ҷо, ҳадди ақали музди меҳнат на танҳо барои тамоми бозор муқаррар мешавад, балки вобаста ба сатҳи тахассус ва таҳсилоти корманд низ фарқ мекунад, ки нишондиҳандаи сиёсати ҳадафманд ва иҷтимоии давлат аст. Шароити корӣ аз ҷумла давомнокии рӯзи кор, ҳафтаи корӣ ва иштироки кормандон дар идоракунии истеҳсолот бо иштироки давлат ва иттифоқҳои касаба ба таври муфассал танзим мешавад. Иттифоқҳои касаба ва ниҳодҳои давлатӣ ба мониторинги риояи шартномаҳои коллективӣ, меъёрҳои меҳнатӣ ва пешгирии истифодаи меҳнати камтаҳсил машғуланд. Ин модел бештар ба таъмини суботи иҷтимоӣ ва баробарии имкониятҳо равона шуда, боиси таҳкими ҳифзи иҷтимоии кормандон ва беҳтар шудани муҳити кор мегардад.

Ба назари мо, дар ҳоле ки модели амрикоӣ ба самаранокӣ ва чандирии иқтисодӣ такя мекунад, модели франсавӣ ба кафолат, баробарӣ ва мудохилаи фаъоли давлатӣ барои танзими шароити меҳнат диққати асосӣ медиҳад. Ин ду равиш дурнамои гуногуни сиёсати меҳнатро инъикос намуда, вобаста ба шароити макроиқтисодӣ ва мақсадҳои стратегии кишварҳо амалӣ мегарданд.

Бо авҷ гирифтани равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва мураккабшавии бозорҳои меҳнат, нақши Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) ҳамчун институти асосии танзими байналмилалии меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқи кормандон беш аз пеш аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. СБМ тавассути таҳия ва қабул кардани Конвенсияҳо ва тавсияҳо, ки стандартҳои асосии меҳнатиро муайян мекунанд, барои ташаккули сиёсати меҳнатии кишварҳо ва таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои инсон дар ҷаҳони меҳнатӣ заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ фароҳам меорад. Ин санадҳо ҳадди ақали ҳуқуқҳои меҳнатиро, аз қабили

озодии иттиҳодия, манъи меҳнати маҷбурӣ, манъи табъиз, ҳифзи меҳнати кӯдакон ва таъмини шароити муносиб барои кор ва музди меҳнат муайян мекунанд. СБМ, дар ҳамкорӣ бо давлатҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён, ҷараёни танзими меҳнатро дар сатҳи байналмилалӣ ҳамоҳанг карда, ба тавозуни байни ҳимояи иҷтимоии кормандон ва самаранокии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, риояи ин стандартҳо на танҳо воситаи ҳифзи ҳуқуқи кормандон, балки омили муҳими рақобатпазирии иҷтимоӣ ва устувории рушди иқтисодӣ дар кишварҳо маҳсуб меёбад.

Дар низоми танзими бозори меҳнат, биржаи меҳнат ҳамчун яке аз ниҳодҳои калидӣ ва самарабахши миёнарав амал мекунад, ки вазифаи асосии он ба ҳам овардани талаботи корфармоён ва пешниҳоди қувваи корӣ корҷӯён мебошад. Ин ниҳодҳо бо фароҳам овардани инфрасохтори мувофиқ ва базаи иттилоотӣ барои ҷустуҷӯи кор ва корманд, ҷараёни мутобиқсозии тарафҳоро дар бозори меҳнат осон ва муассир месозанд. Биржаҳои меҳнат, ба таври умум, дар аксари кишварҳо дар шакли муассисаҳои давлатӣ амал мекунанд ва зери назорати Вазорати меҳнат ё мақомоти марбутаи ҳукуматӣ қарор доранд. Онҳо хизматрасониҳои гуногунро пешниҳод мекунанд, аз ҷумла сабти ном ва машварати корҷӯён, дастрасӣ ба базаи ҷойҳои корӣ холӣ, омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ, инчунин кӯмакпулии бекорӣ. Дар шароити иқтисоди муосир, фаъолияти биржаҳои меҳнат барои таъмини шуғли устувор, коҳиши сатҳи бекорӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатии шуғл аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар кишварҳои пешрафта, мусоидати давлатӣ ба шуғли ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати меҳнатӣ дониста мешавад. Ҳукуматҳо тавассути хадамот ва барномаҳои махсус ҷараёни гузариши ҷавонон аз таҳсил ба фаъолияти меҳнатиро сабуктар ва муассиртар мегардонанд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида, ин вазифаҳо ба зиммаи Департаменти шуғл ва маорифи касбии Вазорати меҳнат (U.S. Department of Labor Employment & Training Administration) гузошта шудаанд. Ин ниҳод татбиқи барномаҳои федералӣ оид ба бозомӯзӣ ва омӯзиши касбӣ, барномаҳои тақсимоти меҳнат, грантҳо ба муассисаҳои хизматрасонии шуғл, ва назорати

пардохти кумакпулии бекориро ба уҳда дорад. Барномаҳои мазкур ба баланд бардоштани қобилияти рақобатии ҷавонон ва фароҳам сохтани дастрасии онҳо ба ҷойҳои кори устувор равона шудаанд.

Дар Шветсия, низоми хадамоти шуғл яке аз намунаҳои муфассали идоракунии минтақаӣ ва гурӯҳбандии функсионалӣ мебошад. Хадамоти шуғли ҷамъиятии Шветсия (Swedish Public Employment Service) дар 68 минтақа фаъолият дошта, дар асоси афзалиятҳои минтақавии бозори меҳнат ва талаботи корфармоён сохторбандӣ шудааст. Тақсимоти минтақавӣ ва ташкили шуъбаҳои махсус, ба монанди шуъбаи саноат ва гурӯҳҳои мақсаднок барои кор бо ҷавонон, муҳоҷирон ва шахсони маъюб, ба фароҳамсозии хизматрасониҳои фардигардонидашуда мусоидат менамояд. Ин шуъбаҳо масъалаҳои дастгирии инфиродӣ, равонасозии касбӣ ва ҷалби самаранок ба шуғлро ҳал мекунанд.

Илова бар ин, шуъбаи дастгирӣ ва хизматрасонии дохилӣ, ки ба фаъолияти техникии хадамоти шуғл ва таъмини арзишнокии кор равона шудааст, нишон медиҳад, ки низоми Шветсия ба самаранокии дарунсохти идоракунӣ ва дастгирии муассисаҳои миёнарав аҳамияти хос медиҳад.

Аз нигоҳи мо таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки муассирии хадамоти шуғл ва барномаҳои давлатӣ барои ҷавонон ба мутобиқати сохторӣ, ҳадафмандии сиёсати шуғл, дастгирии омӯзишӣ ва ҳамгироии институтсионалӣ такя мекунад. Ин равиш метавонад барои такмили сиёсати давлатии шуғл дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, асоси арзишманд бошад.

Дар бозори меҳнати Шветсия, дар баробари хадамоти давлатии шуғл, нақши фаъол ва стратегӣ доштани ширкатҳои хусусии миёнарав низ ба назар мерасад. Ин ширкатҳо, ки дар самти ҷалби кадрҳо ва мутобиқсозии талаботу пешниҳоди бозори меҳнат фаъолият мекунанд, бо ҳадафҳои муштарак ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, дар ҳамоҳангӣ бо хадамоти давлатӣ амал менамоянд. Ин намуди ҳамкорӣ байни бахши давлатӣ ва хусусӣ яке аз сабабҳои самаранокии сиёсати шуғл дар Шветсия дониста мешавад, зеро он

рақобатро дар соҳаи хизматрасонии шуғл афзоиш дода, сифати хизматрасониҳоро беҳтар менамояд.

Бо дарназардошти рушди бозори ҷаҳонии меҳнат ва интернасионализатсияи мутахассисон, Конфедератсияи байналмилалии агентиҳои хусусии шуғл (International Confederation of Private Employment Agencies – CIETT, ҳоло ассоциацияи World Employment Confederation) дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муассир мебозад. Вазифаи асосии ин ташкилот ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои ширкатҳои хусусии кадрӣ, инчунин ҳамоҳангсозии таҷриба ва стандартҳои фаъолияти онҳо дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Он талош мекунад, ки бо фароҳамсозии муҳити танзимшуда ва шаффоф, агентиҳои хусусии шуғл тавонанд дар раванди афзоиш ва устувории бозорҳои меҳнат нақши мусбат бозанд.

Дар ҳамин ҳол, таҷрибаи Канада, хусусан дар шароити буҳрони ҷаҳонии молиявии солҳои 2008 - 2009, ҳамчун намунаи устувории иқтисодӣ ва самаранокии танзими бозори меҳнат барҷаста арзёбӣ мешавад. Ҳарчанд ММД-и Канада дар соли 2009 ба андозаи 2,5% коҳиш ёфт, ин нишондиҳанда нисбат ба коҳиши 3,5%-и ММД дар ИМА камтар буд. Ин далел нишон медиҳад, ки Канада тавонист таъсири манфии буҳронро ба бозори меҳнат нисбатан самаранок маҳдуд созад, ки он ба механизмҳои фаъоли дахолати давлатӣ, барномаҳои ҳифзи ҷойҳои кор ва захираҳои бозомӯзии кормандон асос ёфта буд.

Таҷрибаи кишварҳое чун Шветсия ва Канада нишон медиҳад, ки ҳамгироии манфиатҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ, танзими устувори бозори меҳнат ва омодагии муассисаҳои давлатӣ ба вокуниш ба буҳрон, заминаи муҳими суботи шуғл ва ҳифзи қувваи кориро дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Ин таҷриба метавонад барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун намунаи муосири сиёсати шуғл ва идоракунии самараноки бозори меҳнат хизмат кунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити ин буҳрон, системаҳои танзимкунандаи бозори меҳнат дар Канада хеле самаранок амал карданд.

Ҳукумат тавассути амалисозии барномаҳои махсуси дастгирии меҳнат ва шуғл, аз ҷумла ба маблағгузорӣ ба созмонҳои шуғл ва таъсис додани имкониятҳои таълимӣ ва бозомӯзӣ барои муҳоҷирон ва аҳолии осебпазир, кӯшиш кард, ки таъсироти манфии иқтисодӣ ва нобаробарии иҷтимоии эҳтимолӣ дар бозори меҳнатро коҳиш диҳад.

Яке аз омилҳои муҳим дар муваффақияти танзими бозори меҳнат дар Канада шиддат ва дурустии муносибатҳои байни ҳукумат, муассисаҳои шуғл ва муассисаҳои таълимӣ ва бозомӯзӣ мебошад, ки дар натиҷа метавонад шумораи шахсони бекор ва вазъиятҳои марбут ба нокифояи шуғлро коҳиш диҳад. Ин амалҳоро, ки дар давраи таназзул низ идома ёфт, дигар кишварҳо ба таври ҷиддӣ омӯзиш ва истифода мекунанд.

Таҳқиқи таҷрибаи байналмилалии танзими бозори меҳнат нишон медиҳад, ки сиёсати шуғл дар кишварҳои мухталиф бо истифода аз механизмҳои гуногун пеш бурда мешавад. Хадамоти шуғли аҳолӣ нақши муҳимро дар таъмин кардани самаранокии тақсимоти меҳнат, махсусан барои ҷавонон дар шароити тағйироти иқтисодӣ, мебозад. Ассотсиатсияҳои умумиҷаҳонии хадамоти шуғли аҳолӣ, ки дар беш аз 80 кишвар фаъолият мекунанд, бо истифода аз шабакаи офисҳои ҳудудӣ, бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии бозори меҳнат ивазкунии фаъолро роҳандозӣ мекунанд. Вақте ки дар кишварҳои пешрафта, ба монанди « ... Германия ва Канада, хадамоти шуғл нақши муҳими сиёсати шуғлро иҷро мекунад, дар кишварҳое, чун ИМА ва Британияи Кабир, агентҳои хусусӣ ҳамчунин дар бозори меҳнат фаъолият мекунанд, ки метавонад таъсироти гуногун ба сатҳи шуғли аҳолӣ дошта бошад» [86].

Дар баробари хадамоти давлатӣ, дар кишварҳои хориҷӣ агентиҳои хусусӣ, ки ҳамчун агентҳои кадрӣ амал мекунанд, низ фаъолият мекунанд. Дараҷаи аҳамияти онҳо дар кишварҳо бо ҳам фарқ мекунад. Масалан, дар ИМА ва Британияи Кабир, фаъолиятҳои ин агентиҳо дар асоси иҷозатномадиҳӣ ва назорат сурат мегиранд, дар ҳоле ки дар Япония онҳо маҳдуд карда мешаванд ва фақат барои гурӯҳҳои муайяни касбии коргарон иҷозатнома дода мешавад.

Дар Шветсия, фаъолияти хадамоти шуғл дар қолаби хадамоти хусусӣ пурра манъ аст.

Дар сатҳи байналмилалӣ, Конфедератсияи Байналмилалии Агентиҳои Хусусии шуғл мавҷуд аст, ки дар он 49 федератсияҳои миллӣ ва 8 ширкати бузургтарини байналмилалӣ, ки ба масъалаи интихоби кадрҳо ва ҷобаҷогузории онҳо барои созмонҳои пешқадам сарукор доранд, шомил мебошанд.

Мақсади асосии бозори меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ ташаккул ва таҳияи иқтидори меҳнатии ҷавонон аст, ки бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва майлҳои ҷавонон, инчунин ниёзҳои асосии оянда, барои ташаккули сиёсати шуғли давлатӣ вазифаҳои асосии интихоб ва омода кардани кадрҳои мувофиқро иҷро мекунад.

Воҳидҳои таркибии низоми салоҳиятҳои касбиро дар давлатҳои хориҷа дар шакли графикӣ чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 2.3.1.).

Аҳаммияти ниҳоди таҳлилшаванда на танҳо дар ҳалли мушкилоти касбӣ ва иҷтимоӣ, балки ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати кадрии давлатӣ арзёбӣ мешавад. Ин ниҳод ба нигоҳ доштани захираи стратегӣ, ки дар рушди муассири давлат ва иқтидори инсонии ҷавонон нақши муҳим мебозад, равона шудааст.

Таҷрибаи аксари кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки фаъолият дар соҳаи роҳнамоии касбӣ дорои хусусияти системавӣ буда, ба татбиқи эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва талаботи махсуси мутахассисони баландихтисос таъсир мерасонад. Ин тадбирҳо ба рушди шахсии ҷавонон ва сатҳи касбии онҳо кӯмак мерасонанд.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи интихоби касбу ҳунар барои ҷавонон нишон медиҳад, ки сиёсати роҳнамоии касбӣ дар кишварҳои Аврупо ба воситаи шабакаи ягона амалӣ мешавад, ки зиёда аз 200 иштирокчиён ва нозиронро аз 30 кишвари ҷаҳон муттаҳид мекунад. Масалан, «Europian Lifelong Guidance Policy Network» (ELGPN) ва Маркази Байналмилалии Рушди Карера (ICCDPP) барои мубодилаи натиҷаҳои амалисозии сиёсати роҳнамоии касбӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд.

Дар давлатҳои хориҷӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос ба воситаи институтҳои таълими дуалӣ ва шарикони иҷтимоӣ амалӣ мешавад, ки нақши муҳим дар таҳкими иқтидори кадрии кишварҳо мебозанд.



Расми 2.3.1. - Воҳидҳои таркибии низоми салоҳиятҳои касбӣ дар давлатҳои хориҷа

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [208].

Институти таълими дуалӣ дар кишварҳои аврупоии пешрафта (Австрия, Германия, Швейтсария, Шветсия, Британияи Кабир, Хитой, Япония ва ғайра) як раванди муҳим барои омодасозии мутахассисони баландихтисос ба ҳисоб меравад. Модели дуалӣ, ки фаъолият ва таълимро бо ҳам ҳамоҳанг мекунад, имконият медиҳад, ки ҷавонон дар дохили корхонаҳо ва дар шароити воқеии меҳнат омӯхта ва таҷриба ҳосил кунанд. Германия дар таҳияи ин модель пешсаф буда, он ҳамчун намунаи таълимии дуалӣ дар тамоми Иттиҳоди Аврупо эътироф шудааст.

Ин модел дар соҳаҳои гуногуни иқтисодии кишвар, махсусан дар соҳаҳои техникӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, бомуваффақият фаъолият мекунад ва се ҷузъи муҳими онро ташкил медиҳад: самаранокии иқтисодӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва рушди шахсии ҷавонон.

Шарикии иҷтимоӣ дар кишварҳои хориҷӣ муҳим аст, ки вазифаҳои он ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоиро дар бар мегирад. Шарикии иҷтимоӣ барои ҳалли масъалаҳои шуғли ҷавонон ва мутобиқшавии онҳо ба бозори меҳнат таъсир мерасонад. Барои рушди беҳтари модели таълими дуалӣ, механизми таъсиси шарикӣ дар соҳаҳои иқтисодии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим аст.

Дар кишварҳои пешрафта, ба корфармоён барои ҷалби мутахассисони ҷавон пешниҳод кардани имкониятҳои молиявӣ ва имтиёзҳо дар шакли субсидияҳо, ҷуброн барои музди меҳнат, озод кардани корфармоён аз пардохти саҳмияҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳои андоз кӯмак мерасонад.

Ҳамин тавр, бар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ду модели асосии танзими бозори меҳнат мавҷуданд, ки ҳар яке барои ҳалли масъалаҳои шуғл ва меҳнат бо роҳҳои гуногун амал мекунад. Яке аз онҳо низоми дахолати фаъол ба танзими шуғл аст, ки дар он давлат нақши фаъолро барои таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон ва таҳия ва амалисозии сиёсати шуғли аҳолӣ мебозад. Дигар низоми озоди танзими шуғл мебошад, ки дар он бозор, бо камтарини дахолат аз ҷониби давлат, амал мекунад ва асосан ба қувваи кории бозорӣ ва хусусиятҳои он вобаста аст. Ҳар як модели мазкур вобаста ба

шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар кишварҳои мухталиф татбиқ мешавад. Ҳар яке аз ин низомҳо хусусиятҳои хоси худро дошта, аз моделҳои алоҳидае иборатанд, ки дар онҳо хусусиятҳои асосии низомҳои мазкур зоҳир мешаванд.

Аз таҳлили таҷрибаҳои ҷаҳонии кишварҳои пешрафта метавон ба хулоса омад, ки дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ заминаҳо ва шароитҳои воқеӣ барои татбиқи чунин таҷрибаҳои муассир дар соҳаи танзими бозори меҳнат вуҷуд доранд. Ҳадафи асосии ин тадбирҳо коҳиш додани шиддат дар бозори меҳнат, таъмини шуғли устувори аҳолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корист. Шароити мавҷуда аз ҷумла иқтидори меҳнатии аҳолӣ, имкониятҳои рушди соҳаҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо ва дастрасӣ ба захираҳои моддӣ, табиӣ ва инсонӣ метавонад ҳамчун асоси боэътимоди амалигардонии механизмҳои иловагии танзими шуғл хидмат кунад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз қабили Шветсия, Канада, Фаронса, ИМА ва Ҷопон, нишон медиҳад, ки истифодаи дурусти механизмҳои танзими меҳнат ва сиёсати иҷтимоӣ метавонад боис ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, нигоҳдории шуғли мавҷуда ва ҷалби гурӯҳҳои осебпазир ба фаъолияти меҳнатӣ гардад. Ин механизмҳоро дар бар мегиранд:

- мусоидат ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;
- ҳавасмандгардонии корфармоён барои ҷалби қувваи корӣ маҳаллӣ;
- истифодаи хадамоти миёнаравӣ ва дастгирии инфрасохтории бозори меҳнат.

Дар шароити Тоҷикистон, мутобиқсозии чунин таҷрибаҳо бо хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ метавонад ба рушди устувори бозори меҳнат ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар кишвар мусоидат намояд. « ... Дар мисолҳои ин кишварҳо, ҳамчун Британияи Кабир, Шветсия, Канада ва дигарон, стратегии танзими бозори меҳнат бо истифода аз субсидияҳо, имтиёзҳои андоз, ки барои корфармоён ва кормандон пешниҳод мешавад, васеъ истифода мешавад».

Дар ҳамин ҳол, дар Тоҷикистон низ, ба назар мерасад, ки татбиқи чунин таҷрибаҳо, бо дарназардошти хосиятҳои бозори меҳнати кишвар, метавонад

кӯмак намояд. Механизмҳои танзими бозори меҳнат, ки вобаста ба равандҳои муҳоҷират ва ба таври мустақил амал мекунанд, метавонанд барои беҳтар кардани вазъи шуғл дар кишвар ва боқӣ мондани сатҳи баланди шуғли аҳолӣ дар ҷойҳои кории расмӣ ва ғайрирасмӣ нақши муҳимро бозанд.

Дар ин ҷода, таъмини ҳамкориҳои мустақил байни мақомот ва муассисаҳои хос, кӯмак ба инкишофи иқтидори кадрии кишвар ва мусоидат ба ҷалби муҳоҷирон ба бозори меҳнат барои таъмини мувозинат байни шуғл ва муҳоҷират метавонад як стратегияи муфид бошад. Таҳлилҳои мушаххас дар робита ба муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалби манбаъҳои меҳнатӣ ва эҷоди ҷойҳои нави кории бо сифати баланд дар дохили кишвар низ метавонанд барои танзими бозори меҳнат дар мамлакатҳои рушдёбанда ва дар Тоҷикистон низ самарабахш бошанд (расми 2.3.2.).



Расми 2.3.2. - Модели омезиши усулҳои бозорӣ ва танзими давлатии бозори меҳнат.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Тавре ки аз расми 2.3.2. бармеояд, сиёсати давлатии танзими бозори меҳнат вобаста ба вуҷуд доштани равандҳои муҳоҷират ё набудани онҳо самтҳои муайяни худро дар тӯли вақт тағйир медиҳад. Дар шароити маҳдуд будани равандҳои муҳоҷират, давлат бояд бештар ба сарчашмаҳои дохилии таъмини шуғл такя намояд. Вақте ки муҳоҷират камтар аст, сиёсати давлатии танзими шуғл бештар ба таҳияи механизми самараноки воридшавии аҳолӣ ба бозори меҳнат, таъмини ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар ва рушди соҳаҳои иқтисодии дохилӣ, ки бо шуғли аҳолӣ алоқаманданд, равона мешавад.

Аз тарафи дигар, дар ҳолате, ки равандҳои муҳоҷират фаъол ва номусоиди хоҳишмандон барои муҳоҷират ба дигар кишварҳо зиёд мешавад, давлат имконият дорад, ки сиёсати шуғл ва танзими бозори меҳнатро бештар ба таъмини таҷдиди сохтори иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ бо бозорҳои ҷаҳонии меҳнат равона кунад. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки талабот ва пешниҳоди меҳнат дар бозори меҳнат ба таври фаъолтар ба ҷаҳони берун пайваст шавад ва нақши муҳоҷирон дар таъмини нишондодҳои иқтисодии кишвар бештар шавад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашудаи алоқамандии танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират, механизми танзими бозори меҳнат метавонад ба ду роҳ таҳия шавад: аввал, равандҳои муҳоҷиратро дар назар мегирад, ки ба ташкили сиёсати муҳоҷират ва мақсадҳои иҷтимоии марбут ба муҳоҷирон таваҷҷӯҳ мекунад. Дуюм, механизме, ки на танҳо ба муҳоҷират, балки ба рушди самарабахши иқтидори меҳнатии дохилии кишвар ва таъмини шуғли дохилӣ диққат медиҳад, ки ба тавсеаи имкониятҳои корӣ ва беҳтар кардани шароити меҳнат барои аҳолии маҳаллӣ равона мешавад (расми 2.3.3.). Ин ду механизми танзими бозори меҳнат метавонанд ба кишварҳо ё минтақаҳои гуногун вобаста ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо истифода шаванд.

Механизмҳои танзимкунӣ, ки дар шароити афзоиш ё камшавии муҳоҷират амал мекунанд, бояд ба эҳтиёҷоти иқтисодӣ, иҷтимоии ва шуғлии аҳолии кишвар мутобиқ шуда, роҳҳои мувофиқ барои идоракунии захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи онҳо пешниҳод намоянд.



Расми 2.3.3. – Усулҳои танзими бозори меҳнат бо назардошти равандҳои муҳоҷират.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст

Дар шароити кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти таъсири амиқи раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими шуғл бо равиши мутавозин ва асоснок таҳия ва татбиқ гардад. Муҳоҷирати меҳнатӣ, ки имрӯз барои бисёре аз шаҳрвандон ягона воситаи дарёфти даромад гардидааст, дар баробари паҳлуҳои мусбат, як қатор таъсироти манфӣ низ дорад аз ҷумла камшавии қувваи кории фаъол дар бозори дохилӣ, заъфи рушди кадрҳои миллии баландихтисос ва вобастагии рӯзафзуни иқтисоди миллӣ аз маблағҳои воридоти берун. Бо назардошти ин, ниёзи ҷиддӣ ба татбиқи ислоҳоти муфассал дар самти танзими бозори меҳнат ба миён меояд. Чунин ислоҳот бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини шароити муносиби иқтисодӣ барои шаҳрвандон дар дохили кишвар равона шаванд. Яъне, давлат бояд тадбирҳоеро рӯи даст гирад, ки ҳадафи онҳо баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат, эҷоди ҷойҳои кори доимӣ ва боэътимод, инчунин таъмини шуғли устувор ва расмӣ дар соҳаҳои калидии иқтисод бошад. Танҳо дар сурати мавҷудияти имкониятҳои воқеӣ барои фаъолияти меҳнатии арзанда дар дохили кишвар, мешавад интизор шуд, ки раванди муҳоҷирати меҳнатӣ коҳиш ёфта, бозори меҳнат таҳти назорати самараноки сиёсати давлатӣ қарор мегирад.

Дар баробари ин, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки механизми дуруст барои рушди соҳаи иқтисод дар шароити гузариш танҳо дар ҳолате амалӣ мешавад, ки саъйи системавӣ дар заминаи роҳандозии амалҳои мусбӣ дар бахши меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ, сиёсати кӯмакҳои иҷтимоӣ ва таъмини устувор дар низоми иқтисодӣ муттаҳид шавад. Ҳамзамон, барои кам кардани таъсири муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва паст кардани шиддат дар бозори меҳнат, муҳим аст, ки низоми ҳуқуқии кишвар ба ҷалби ҳадафмандонаи қувваи корӣ ба соҳаҳои муҳим, бахусус дар бахши кишоварзӣ ва саноат такмил дода шавад.

Қобили таъкид аст, ки мувофиқи таҷриба, муҳим аст, ки ҳукумат механизми сиёсати муҳоҷирати меҳнатиро бо такя ба манфиатҳои муҳоҷирон ва аҳолии маҳаллӣ таҳия намуда, барои мусоидат ба барқарор кардани

иқтисоди миллӣ корҳои мукаммале анҷом диҳад. Важно, ки ин тадбирҳо ҷорӣ шаванд бо мақсади ҳавасманд кардани рушди соҳибкории хурд, ҳамчунин беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ, ки эҳтиёҷотҳои ба муҳоҷирон ва аҳолии деҳот барои шуғл муаррифӣ менамояд.

Барои гирифтани натоиҷи муваффақ дар соҳаи шуғл ва муҳоҷират, ба таҳияи сиёсатҳои дуруст ва амалии иҷрои онҳо дар бахши ҷамъиятӣ, корфармоён ва агентиҳои хусусӣ зарурати муҳимтарин мебошад. Ин метавонад ба коҳиш додани муҳоҷирати ғайрирасмӣ, баланд бардоштани сатҳи муҳити иқтисодӣ ва шуғли иқтисодӣ дар кишвар, инчунин мусоидат ба рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба шуғли расмии иқтисод мансуб бошад.

Маблағҳои интиқолшуда аз муҳоҷирони меҳнатӣ бояд барои самаранок истифода бурда шаванд, то ки на танҳо сатҳи камбизоатӣ дар кишвар коҳиш ёбад, балки инфрасохтор ва иқтисоди маҳаллии кишвар низ рушд ёбад. Масалан, маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва соҳибкории хурд метавонанд мусоидат кунанд, ки аҳолии муҳоҷирони меҳнатӣ имкони таъсиси ҷойҳои корӣ ва манбаи даромадро дар муҳити маҳаллӣ пайдо кунанд. Ин дурусти амалӣ шудани тадбирҳои иқтисодӣ ва шуғлро таъмин мекунад, ки миқдори истифодаи меҳнат дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт то сатҳи беҳтаршудаи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири амиқ мерасонад.

Тадбирҳои давлат ва муассисаҳои хусусии шуғл дар ду самт равона шаванд: пешгирии бекории умумӣ ва рушди қобилияти иқтисодии маҳалҳо ва барҳам додани фаъолияти ғайрирасмӣ дар аҳолии мустақиман фаъол. Ҳифзи иҷтимоии ахборот, яъне мусоидат ба дастрасии шаҳрвандон ба ҷойҳои корӣ озод ва таъмини раванди бомуваффақият дар он соҳаҳое, ки ҳоло камбуди кормандон доранд, аҳамияти муҳим дар таҳияи кӯшишҳои миллии расидан ба рушди устувор ва пешрафт дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират хоҳад дошт.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Хулосаҳо дар бораи таҳқиқи таҷрибаи хориҷии танзими бозори меҳнат ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки хадамоти шуғли аҳолӣ дар танзими бозори меҳнат дар аксарият кишварҳо мақоми махсусро ишғол мекунад. Он як ниҳоди муҳими иҷрои самараноки тақсимоти меҳнат ва барои мутобиқсозии ахбори меҳнат дар ҷавонҳои боқимонда дар бозори меҳнат бо таваҷҷуҳ ба тағйироти иқтисодӣ мебошад. Хизматҳои шуғл дар чунин кишварҳо бо мақсади коҳиш додани бекорӣ ва беҳтар кардани вазъи меҳнат дар тамоми даврaҳои иқтисодӣ фаъолият мекунанд.

2. Ҳангоми таҳлили системаи роҳнамоии касбӣ, ки ба ҷавонон вобаста аст, маълум мешавад, ки бо вуҷуди баъзе фарқиятҳо, қарордоди якранги касбӣ ва омодасозии кадрҳо тавассути марказҳои байналмилалӣ барои мубодилаи натиҷаҳои фаъол аз ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои касбӣ тарҳрезӣ мешавад. Ин самт аз рӯи сармоягузорӣ ва дастгирии ҷавонон барои мувофиқ кардани қобилиятҳои онҳо бо талаботҳои бозори меҳнат аҳамияти хосса дорад.

3. Дар сиёсати ҷорӣ дар кишварҳои хориҷӣ, шарикии иҷтимоӣ мақоми муҳимро ба миён мегузорад, ки барои бо ҳамкорӣ, мутобиқсозии роҳнамоии касбӣ ва соддасозии муҳити шуғл, ки ҳам вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии меҳнатиро дар бар мегирад, таъсири мусбат дорад. Иштироки тамоми субъектҳои иҷтимоии кишвар дар таҳияи сиёсати шуғли аҳолӣ ба беҳтар кардани вазъи бозори меҳнат ва бароҳат кардани тағйироти сохторӣ мусоидат мекунад.

4. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, ду системи асосии танзими бозори меҳнат фарогир аст: системи танзими шуғли фаъол ва низоми танзими озод. Ҳар як аз ин низомҳо хусусиятҳои махсуси худро дорад ва талабот ва стратегияҳои хосро барои мутобиқсозии бозори меҳнат пешниҳод мекунад. Шумораи кишварҳо, ки ин ду низомро омезиш медиҳанд, афзуда истодааст, зеро онҳо беҳтар метавонанд бо вазъияти воқеии иқтисодӣ ва бозори меҳнат мутобиқ шаванд.

5. Пажуҳиши анҷомшуда равшан месозад, ки дар шароити кунунии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои воқеӣ ва шароити мусоиди институсионалӣ барои татбиқи таҷрибаҳои муассири танзими бозори меҳнат, ки дар кишварҳои пешрафта муваффақона истифода мешаванд, мавҷуд

аст. Ин таҷрибаҳо, ки ба коҳиши шиддати иҷтимоӣ дар бозори меҳнат, афзоиши ҷойҳои кории расмӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазир равона шудаанд, метавонанд ба шарти мутобиқсозии оқилона бо муҳити миллӣ ва захираҳои мавҷуда, самаранок истифода шаванд. Бо вуҷуди ин, барои татбиқи ҳадафҳои зикршуда, таҳия ва ба роҳ мондани механизмҳои муассири дастгирии шуғл, рушди инфрасохтори бозомӯзии касбӣ, бозсозии сиёсати муҳоҷират ва устуворсозии равандҳои бозсозии иқтисодӣ бо истифода аз таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ зарур мебошад.

6. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки истифодаи фишангҳои мутавозини сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва сиёсати шуғл ба натиҷаҳои назаррас оварда мерасонад. Ин фишангҳо аз ҷумлаи ислоҳоти андозӣ барои корфармоён, барномаҳои ҳавасмандгардонии корҷӯён, ташкили хизматрасониҳои миёнаравии муассир ва шабакаҳои бозомӯзии касбӣ мебошанд. Онҳо на танҳо барои нигоҳ доштани ҷойҳои мавҷудаи кор ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, балки барои ҷалби гурӯҳҳои камрақобат, аз ҷумла ҷавонон, занон, шахсони маъюб ва муҳоҷирони баргашта низ хидмат мекунанд.

7. Бунёди низоми мутобиқсозии динамикии бозори меҳнат бо талабот ва равандҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ, яке аз омилҳои калидии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таҳкими рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон амалӣ намудани чунин стратегия, ки таҷрибаи байналмилалиро бо шароити миллӣ ҳамоҳанг мекунад, метавонад як роҳи воқеан муассир барои ҳалли мушкилоти шуғл ва таҳкими суботи иҷтимоӣ гардад.

БОБИ 3. АЛОҚАМАНДИИ МУҲОҷИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҷИКИСТОН

3.1.Такмили консепсияҳои назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои он

Таърихи рушди инсоният як раванди доимии муҳоҷирати сармояи инсонӣ тавассути сарҳадҳои гуногун, аз ҷумла этникӣ ва миллӣ буда, шиддатёбии ин раванд дар ҷаҳони муосир торафт бештар мушоҳида мешавад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бинобар афзоиши аҳамияти ҷузъи зеҳнии сармояи инсонӣ теъдоди ҳарчи бештари кишварҳо ба дониш ва иттилоот таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Муҳоҷирати зеҳнӣ ҳамчун омил муҳим ва муосири таъсиррасон ба бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равнақ меёбад. Кишварҳои, гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон, аз сабаби афзоиши талабот ба мутахассисон ва эҳтиёҷоти босуръат ба дониш ва таҷрибаи баланд, дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии худ дар ҷустуҷӯи кадрҳои баландихтисос ҳастанд. Дониш ва малакаҳо ба як омили муҳими рақобатпазирӣ табдил ёфтаанд, ки барои кишварҳо ба як манбаи стратегӣ табдил мегардад.

Сармояи воқеии иқтисоди пешрафта ба ақидаи олими амрикоӣ П. Друкер, дониш ба ҳисоб меравад ва кормандони меҳнати зеҳнӣ ба гурӯҳе табдил ёфтаанд, ки арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеаро муайян мекунанд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии илм ва технология, баррасии масъалаи муҳоҷирати зеҳнӣ ва таҳияи усулҳои муассири танзими он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти афзоянда пайдо мекунад. Муҳоҷирати зеҳнӣ яъне ҳаракати кадрҳои соҳибихтисос ва донишмандон ба кишварҳои дигар дар баробари таҳдидҳои эҳтимолӣ, инчунин имкониятҳои васеъ барои рушди миллиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, таҳияи консепсияи назариявӣ ва амалии истифодаи оқилонаи муҳоҷирати зеҳнӣ метавонад як унсури муҳими сиёсати бозори меҳнат ва рушди неруи инсонӣ гардад.

Ин раванд дар шароити Тоҷикистон метавонад ба беҳбудии фазои меҳнатӣ, такмили қобилияти касбии кадрҳои миллӣ ва бозгардондани

мутахассисони баландихтисос мусоидат намояд. Дар баробари ин, ҷалби мутахассисони хориҷӣ барои таҳкими соҳаҳои стратегии кишвар аз ҷумла илм, технология, маориф, тандурустӣ ва иқтисод метавонад ба интиқоли дониш, таҷриба ва технологияҳои муосир мусоидат карда, заминаи рушди устувори кадрии кишварро фароҳам оварад.

Бо истифодаи механизмҳои оқилонаи идоракунии муҳоҷирати зеҳнӣ аз ҷумла таҳияи барномаҳои “мутахассиси тоҷик дар хориҷ”, эътирофи тахассус ва таҷрибаи касбии муҳоҷирони зеҳнӣ, шароити мусоиди бозгашт ва кор дар ватан Тоҷикистон метавонад беҳтарин таҷрибаҳои байналмилалиро ба низоми миллии меҳнат ва идоракунии захираҳои инсонӣ ворид намояд. Ин на танҳо ба коҳиши камбуди кадрҳо дар бахшҳои муҳим мусоидат мекунад, балки сатҳи рақобатпазирии бозори меҳнатро низ боло бурда, ба некуаҳволии умумии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Табдил додани муҳоҷирати зеҳнӣ аз як таҳдиди эҳтимолӣ ба захираи рушди миллӣ бояд ба яке аз афзалиятҳои стратегӣ дар сиёсати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардад.

« ... Шиносоӣ бо асосҳои назариявии таҳқиқи равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ нишон дод, ки дар илми иқтисод як қатор назарияҳо ҳангоми арзёбии ин раванд истифода карда мешаванд, ки онҳо дар шакли назарияҳои» «мубодилаи дониш ва таҷриба», «самараи мағзҳо», «норасоии мағзҳо», «ихроҷи дохилии мағзҳо», «гардиши мағзҳо» маъруф ҳастанд. Ин назарияҳо ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии таъсиррасони раванди муҳоҷирати зеҳниро баррасӣ мекунанд.

Тамоюлҳои шабеҳ дар соли 1998 консепсияи навро ба вуҷуд оварданд - «гардиши мағзҳо». Мафҳуми «гардиши мағзҳо» ба ҳаракатҳои даврии муҳоҷират, ки одамон барои таҳсил ва кори минбаъда ба хориҷ сафар мекунанд ва баъдан бо таҷрибаи касбӣ ва дониши ба даст оварда баргашта, мавқеи худро дар ватан баланд мекунанд, ишора мекунад. Ин раванд на танҳо барои шахс, балки барои кишвар низ манфиатовар аст, зеро он боиси рушди захираҳои инсонӣ, ҷалби маърифат ва кӯмак ба ноил шудан ба мақсадҳои рушди устувор мегардад. Тарафдорони мафҳуми «гардиши мағзҳо» бар ин назаранд, ки ин

шакли муҳоҷират дар оянда, бахусус дар сурати коҳиш ёфтани тафовути иқтисодӣ миёни кишварҳо афзоиш хоҳад ёфт.

«Мағзҳо» аксар вақт ба ватанашон аз ҷиҳати молиявӣ кумак мекунанд. Ин кумак метавонад бевосита, масалан, дар шакли интиқоли пул ва молу маҳсулот ба оила ва дӯстон пешниҳод карда шавад. « ... Таҳқиқотҳои Хазинаи байналмилалии тараққиёти хоҷагии қишлоқ нишон медиҳанд, ки дар соли 2006, тақрибан 150 миллион муҳоҷири коргар, ки дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ» фаъолият мекунанд, зиёда аз 300 миллиард доллар ба ватанҳои худ интиқол додаанд. « ... Ин маблағҳо на танҳо ба беҳтар шудани вазъи иқтисодии кишварҳо мусоидат мекунад, балки барои рушди инфрасохтор, беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва кӯмак ба корфармоии шаҳрвандони ин кишварҳо низ аҳамияти» зиёд доранд.

Барои муқоиса донорҳои байналмилалие, ки ба кишварҳои рӯ ба иикишоф кӯмак мекунанд, дар соли 2006 барои барномаҳои байналмилалии кӯмакрасонӣ 104 миллиард доллари ИМА харҷ кардаанд ва сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ин кишварҳо 167 миллиард долларро ташкил додааст. Аз рӯйи арзёбии Бонки умумиҷаҳонӣ шаҳрвандони баъзе кишварҳои ҷаҳон, ки дар дигар кишварҳо вазифаҳои баландро ишғол мекунанд, аксар вақт ба кушодани филиалҳои ширкатҳои байналмилалӣ дар кишварҳои худ кумак мекунанд.

Солҳои 1960 - 1970 чунин мешумориданд, ки аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ба кишварҳои пешрафтаи саноатӣ рафтани олимон, муҳандисон ва мутахассисони соҳаи тиб барои кишварҳои тавлидкунандаи он оқибатҳои комилан манфӣ дошта, ба таъминоти кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ дар донишгоҳҳо ва дастрасии кадрҳо дар саноати онҳо таъсир мерасонад.

Раванди бозгашти донишу малака ва пуле, ки муҳоҷирон ба Ватан мефиристанд, суръат гирифт. Он чизе, ки як вақтҳо «фирори мағзҳо» номида мешуд, ҳоло ҳамчун «гардиши мағзҳо» ба чашм мерасад.

Дар ибтидо дар равиши «гардиши мағзҳо» баҳсҳое бартарӣ доштанд, ки ба ангезаҳои шахсии муҳоҷирон нигаронида шудаанд. Сабабҳои муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос асосан бо ҳавасмандгардонии иқтисодӣ,

дурнамои эҷодиёти муваффақ дар муҳити нави иҷтимоӣ, дастрасӣ ба таҷҳизоти пешрафтаи истеҳсолӣ, хоҳиши шароити бароҳати зиндагӣ, сатҳи баланди амнияти шахсӣ, таҳсилоти шоиста шарҳ дода шуданд, ки барои кӯдакон ва ғайра асоснок карда мешаванд. Алакай дар охири солҳои 90-ум маълум гардид, ки ангезаи шахсӣ воқеияти вусъати муҳоҷирати зеҳниро пурра инъикос намекунад ва ин раванд на бештар бо шароити кӯтоҳмуддат ё субъективӣ, балки шароити объективӣ муайян карда мешавад. Рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ байналмилаликунонии ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ ва ташаккули фазои ҷаҳонии иқтисодиёти донишбунёдро суръат бахшид. Самаранокии ҳамкории байни ширкатҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва муассисаҳои давлатӣ, ки ба равандҳои инноватсионӣ машғуланд, зиёд шуд. Ҳамзамон, механизмҳои нави шарикии фаромиллӣ, масалан, фондҳои байналмилалӣ, ки мубодилаи зеҳнӣ дар бозори баландихтисоси меҳнатро ҳавасманд мекунанд, пайдо шуданд. Илова бар ин, паҳншавии технологияи иттилоотӣ имкон дод, ки раванди байналмилаликунонии дониши инсонӣ хеле тезонида шавад ва дар ин замина муҳити нави иҷтимоӣ ба вуҷуд ояд, ки аз ҳудуди давлатӣ берун меравад. Аз ин рӯ, ҷонибдорони барҳӯрд ба муҳоҷирати зеҳнӣ ҳамчун як раванди «гардиши мағзҳо» бар ин бовараанд, ки он на танҳо боқӣ мемонад, балки дар ояндаи наздик боз ҳам шадидтар хоҳад шуд.

Дар илми иқтисодиёт маъмулан се равиши калидии консептуалии категорияи «муҳоҷирати байналмилалии зеҳнӣ» маъмул аст, ки равиши «табодули дониш ва таҷриба», «воридшавии мағзҳо» ва «фирори мағзҳо»-ро дар бар мегирад. Дар доираи консепсияи якум муҳоҷирати зеҳнӣ пеш аз ҳама ҳамчун ҳаракати табиии сармояи зеҳнӣ дар бозори байналмилалии меҳнат, ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ баррасӣ карда мешавад ва сарфи беҳуда ё ғайрисамараноки мағзҳоро инкор менамояд. Дар доираи консепсияи дуюм муҳоҷирати зеҳнӣ ҳамчун талафоти умумии қувваи кории баландихтисос барои кишвари содиркунанда баррасӣ карда мешавад. Ин консепсия собит менамояд, ки дар натиҷаи фирори мағзҳо сатҳи зиндагонӣ ва қобилияти иқтидорӣ ба худрушдкунӣ паст шуда, мавқеи рақобатии мамлакат

дар тақсимоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) осебпазир ва имкониятҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ заиф мегарданд.

Ҳамзамон, дар таҳлили таъсири муҳоҷирати зеҳнӣ, концепсияи «секунҷа» низ мавҷуд аст, ки ба муносибатҳои мутақобили кишварҳои содиркунандаи қувваи коргарӣ, воридкунандаи қувваи коргарӣ ва таъсири умумии он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ назар андозад. Ин таҳлил кӯшиш мекунад, ки таъсири гуногунҷабҳа ва мураккаби муҳоҷирати зеҳнӣ, ба мисли муҳоҷирати мутахассисон ва коргарони баландихтисос, дар ҳамаи зинаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои марбута ва ҷаҳони муттаҳидро дар як чаҳорчӯба арзёбӣ намояд.

Дар консепсияи мазкур моделҳои талафот ва манфиатҳои мубодилаи мутақобилаи кадрҳои баландихтисоси зеҳнӣ дар сатҳи макро ва микроиқтисод таҳия карда шудааст. Инкишофи «гардиши мағзҳо» дар асоси давра ба давра «ба хориҷи кишвар ба таҳсил рафтан - гирифтани касб - баргаштан ба ватан»-ро таъкид менамояд. Чунин нуқтаи назар ба раванди муҳоҷирати зеҳнӣ нисбатан самаранок аст, зеро ҷаҳонишавӣ бо ташаккули фазои ягонаи бозори меҳнат мусоидат менамояд.

Муносибатҳои номбаршуда оид ба муайян кардани мазмуни муҳоҷирати байналмилалии зеҳнӣ, ба андешаи мо, ҳамдигарро пурра мекунанд. Дар доираи чунин муҳоҷират, интиқолдиҳандагони сармояи зеҳнӣ табодули таҷриба ва донишро амалӣ мекунанд, ки на танҳо барои ба даст овардани даромад, балки барои баланд бардоштани сатҳи зеҳнӣ ва касбӣ низ самаранок мебошад. Ин раванд на танҳо барои кишварҳои воридкунанда муфид аст, балки барои кишварҳои содиркунанда низ фоидаи амиқ дорад, зеро таҷриба ва дониш, ки бармегардад, метавонанд дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ватан нақши муҳим дошта бошанд.

Дар адабиёти нашрӣ теъдоди олимон ва мутахассисони баландихтиссосе, ки муддати тӯлонӣ бидуни маҳрумият аз шаҳрвандии Тоҷикистон дар хориҷ кор мекунанд, нишон дода нашудааст ва аз ин рӯ, ба даст овардани маълумоти дақиқ дар ин самт хело душвор аст. Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки маълумоти

омори расмӣ вазъи воқеии ҳаракати муҳоҷирати сармояи зеҳнӣ дар кишвари моро пурра инъикос намекунад. Аз рӯйи таҳқиқотҳои сотсиологӣ шумораи чунин муҳоҷирон даҳҳо ҳазор нафарро ташкил менамояд. Тибқи таҳқиқоти Бонки умумииҷаҳонӣ ба ҳисоби миёна камтар аз 10% шаҳрвандони давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки маълумоти олӣ доранд, ба ҳиҷрати мағзӣ рӯ овардаанд. Олимон ва дигар намояндагони касбҳои илмию техникӣ, ки хоҳиши тарк кардани кишварро доранд, аз тариқи шабакаҳои дар ихтиёрашон буда, аз қабили интернет кор ёфтанро афзал медонанд. Аз ин рӯ, ба истилоҳ муҳоҷирати зеҳнии соягӣ ҷой дорад, ки мутахассисони баландихтисос бидуни тағйири шаҳрвандӣ ва бидуни огоҳӣ ба мақомоти сабти муҳоҷирати кишвари худ барои истиқомати доимӣ ба хориҷа мераванд.

Тадқиқоти Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (ОЭСР) низ дар самти муҳоҷирати зеҳнӣ «самараи домино»-ро ошкор кардааст, ки мувофиқи он ҳангоми «фирори мағзҳо» дар мамлакат ҷойи онҳоро муҳоҷирон аз давлати дигар соҳиб мегарданд. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи доминоро дар бахши сохтмон мушоҳиа намудан мумкин аст, ки ҷойҳои холишудаи кории мутахассисони ватаниро дар ин бахш мутахассисони Хитой соҳиб мегарданд.

Аз замони эълони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвар бо оқибатҳои нохуши хуруҷи аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирати зеҳнӣ, рӯ ба рӯ шуд. Раванди муҳоҷиратро метавон ба чанд мавҷ ҷудо кард. Марҳилаи аввал дар солҳои аввали пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ рух дод, вақте ки кадрҳои баландихтисос, асосан русзабон, кишварро тарк карданд. Дар мавҷи дуюм, ки ба давраи задухӯрдҳои дохилӣ рост омад, дар баробари аҳолии русзабон, аҳолии маҳаллӣ низ ба муҳоҷират шурӯъ намуд. Мавҷи сеюм дар давраи пас аз низоъ оғоз ёфт, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба кишварҳои ИДМ ва кишварҳои ғарбӣ рафтанро оғоз карданд, ки ин «фирори мағзҳо» аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бисёрҷониба шуд. Сохтори муҳоҷирати зеҳнӣ низ тағйир ёфт: имрӯз мутахассисони дорои унвонҳои илмӣ ва ҷавонони умедбахш барои гирифтани маълумоти олӣ ба хориҷи кишвар муҳоҷир мешаванд.

Дар айни замон, Россия ба як макони аслии муҳоҷирини зиёии тоҷик табдил ёфтааст, ки инро метавон бо чанд омил шарҳ дод. Аввалан, барои аксари мутахассисон забони русӣ забони корӣ аст ва онҳо метавонанд дар ҷомеаи русӣ ва бозори меҳнат ба осонӣ ҷойгоҳи худро пайдо кунанд. Дуюм, барои мутахассисони техникӣ, табибон ва омӯзгорон барномаҳои махсуси кӯчонидани аҳолӣ ба ҳудуди ФР вуҷуд доранд. Танҳо дар давраи солҳои 2007-2014, 123 номзади илм ва 92 доктори илм аз Тоҷикистон ба Федератсияи Россия барои истиқомати доимӣ кӯчиданд. Дар ҷумҳурӣ аз сабаби аз даст додани мутахассисони бомаҳорат дар соҳаҳои илм, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, саноат ва дигар соҳаҳо нарасоии кадрҳо ба амал меояд.

Таҳлили нашрияҳои мавҷуда ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии яке аз муаллифони ин асар аз 17 - уми июн то 5 - уми августи соли 2019 дар шаҳрҳои бузурги Тоҷикистон нишон дод, ки иқтидори муҳоҷирати зеҳнӣ барои рушди кишвар бо сабабҳои объективӣ, нодида гирифта мешавад. Имконият дар он аст, ки мутахассисони ҷумҳурӣ ҳангоми кор дар мамлакатҳои мутараққӣ таҷрибаи бебаҳо андӯхта, дар оянда барои инкишофи илм, истеҳсолот ва тарбияи мутахассисони ҷавон истифода бурда мешавад. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши мунтазами захираҳои «диаспораи зеҳнӣ»-и тоҷик ба миён омадааст, ки дақиқ кардани маълумот дар бораи шумора ва ихтисоси муҳоҷирони баландихтисос аз ҷумҳуриро тақозо мекунад. Дар ҳамин ҳол, дар ояндаи наздик мушкилоти иқтисодӣ ба Тоҷикистон имкон намедиҳад, ки таҷрибаи кишварҳои дигар дар мавриди ҳавасмандгардонии бозгашти мутахассисони ватаниро амалӣ созад. Агар дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ сухан ронем, бояд қайд кард, ки дар илми маонӣ ва баён ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ин мушкилот дар қатори авлавиятҳо қарор надорад. « ... Ҳарчанд дар « Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 « эътироф шудааст, ки сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии берунӣ аз кишвар кадрҳо ва мутахассисони соҳибихтисосро «шуста» мекунад» ва ин метавонад ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Ҳамчун механизми ҳавасмандгардонии муҳоҷирати зеҳнӣ метавонем кӯшишҳои кишварро барои

таҳияи барномаҳои зудбадали академӣ дарҷ кунем. Мисоли равшан Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» мебошад, ки тавассути он дар донишгоҳҳои пешрафтаи хориҷӣ мутахассисони серталаб омода мешаванд. Дар солҳои таҳсили 2014-2018 103 нафар донишҷӯёне, ки ин стипендияро гирифтаанд, донишгоҳҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмии хориҷиро, аз ҷумла 69 нафар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ ва 34 нафар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва тиббиро хатм кардаанд. Аксари хатмкунандагони «Дурахшандагон» алакай дар мақомоти давлатии ҷумҳурӣ кор мекунанд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти «фирори мағзҳо» рӯ ба рӯ аст.

Дар айни замон, барои ҷумҳурӣ таҳияи ва омода кардани омори боэътимод дар бораи шумораи муҳоҷирони зиёӣ зарур аст. Қадами навбатӣ бо онҳо ба вуҷуд овардани алоқаи доимӣ ва ба сифати шарикон барои ширкат дар тараққиёти ҷумҳурӣ мебошад.

Дар асоси таҳлилҳо муҳоҷирати мағзҳо мо ба ангезаҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, ки бо хоҳиши беҳтар кардани вазъи молиявӣ, талош барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассус, дарк намудани имкониятҳо, манфиатҳои касбӣ ва ғайра алоқаманд аст. Буҳрони имрӯзаи илм дар кишвар ба вазъи номуносиб барои рушди соҳаи илм алоқаманд аст. Кам шудани маблағҳои давлатӣ барои илм, таваҷҷуҳ надоштани сохторҳои соҳибкорӣ ба мусоидат ба рушди илму техника, паст будани музди меҳнат ва бад шудани шароити меҳнат, инчунин набудани талабот ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва мунтазам паст шудани обрӯи илм, аз ҷумла, ба далели ин масъалаҳо буҳрони имрӯзаи илм дар кишвар ба вуҷуд омадааст. Ин омилҳо ба тадқиқоти илмӣ ва рушд дар соҳаҳои мухталиф таъсири манфӣ мерасонанд, ки барои рушди бунёдии кишвар зарур аст.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи кормандони ташкилотҳое, ки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва конструкториро анҷом медиҳанд, дар соли 2021 ба 4446 нафар расид, ки ин нисбат ба соли 1991 камшавии 4055 нафар ва нисбат ба соли 2010 1310 нафарро

нишон медиҳад. Гарчанде теъдоди докторони илм дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 зиёд аст, дар муқоиса бо солҳои 2000-2020 новобаста аз зиёдшавии ҳимояҳои докторӣ, ба дараҷаи назаррас кам гардидаст. Теъдоди номзадҳои илм дар мамлакат дар муқоиса ба соли 1991 969 нафар кам аст. Камшавии доктори илм, номзади илм ва шумораи кормандони фаъолияти илмӣ - техникӣ дошта дар мамлакат гувоҳи он аст, ки онҳо ё ба ҳиҷрати зеҳнӣ рӯ овардаанд ва ё дар дохили мамлакат истифодаи носамарии «мағзӣ»-и онҳо ба роҳ монда шудааст.

Ҷадвали 3.1.1. - Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар солҳои 2015 - 2023

Солҳо	1991	1995	2000	2005	2010	2015	2019	2020	2021	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
Ҳамагӣ, нафар	8501	3062	5376	4891	5756	3704	4505	4269	4446	7272	-1229
доктори илм	226	105	351	415	334	328	362	337	322	336	110
номзади илм	1835	551	967	1245	896	748	839	849	866	933	98

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 68].

Дар соли 2022, тибқи маълумоти расмӣ, 173 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандии Федератсияи Россияро қабул намудаанд, ки нисбат ба соли 2021 афзоиши назарраси 40%-ро нишон медиҳад. Қисми муайяни ин афзоиш ба гурӯҳи мутахассисон тааллуқ дорад, ки дар доираи барномаҳои давлатӣ оид ба кӯчонидани аҳолӣ (масалан, барномаи кӯчонидани ҳамватанон дар Федератсияи Россия) ба хориҷи кишвар ҳиҷрат мекунанд. Танҳо тибқи ин барнома, ҳамасола зиёда аз 1500 оила Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк мекунанд, ки чунин раванд наметавонад ба тавозуни бозори меҳнатии дохилӣ бетаъсир боқӣ монад.

Яке аз соҳаҳое, ки аз ҳиҷрати мутахассисон сахт осеб мебинад, соҳаи тандурустӣ мебошад. Сабабҳои асосии афзоиши ҳиҷрати зеҳнӣ дар ин бахш, пастии музди меҳнат, набудани шароити муносиб барои фаъолияти касбӣ ва маҳдудияти имкониятҳои рушди касбӣ дар дохили кишвар ба ҳисоб мераванд. Мутобиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо дар шаш моҳи аввали соли 2020 зиёда аз 674 табиб ва 1350 корманди миёнаи тиббӣ, аз ҷумла ҳамшираҳои шафқат, ба кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Арабии Яман ва як қатор давлатҳои минтақаи Африқо ҳиҷрат кардаанд. Ин раванд ҳиҷрати зеҳнӣ нишондиҳандаи нигаронкунандаи коҳиши иқтидори инсонӣ дар соҳаҳои калидии миллӣ мебошад. Имтиёзҳо ва имкониятҳои афзалиятноки касбӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ дар кишварҳои қабулкунанда сабаби асосии азми табибон ва дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ барои ҳиҷрат мебошанд. Агар ин тамоюл идома ёбад, хатарҳои дарозмуддат ба сифати хизматрасонии тиббӣ, таъмини кадрӣ ва амнияти иҷтимоии кишвар афзоиш хоҳанд ёфт. Барои муқовимат бо ин раванд, зарур аст, ки стратегияҳои устувори нигоҳдорӣ ва ҳавасмандсозии кадрҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тавассути баланд бардоштани музди меҳнат, беҳсозии шароити кор ва имкониятҳои рушди касбӣ дар дохили кишвар, роҳандозӣ гарданд.

Бо дарназардошти маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти кадрӣ дар низоми тандурустии кишвар дар сатҳи ташвишовар қарор дорад. Ҳоло дар мамлакат норасоии 3021 табиб ва 1701 нафар корманди миёнаи тиббӣ, аз ҷумла табибони оилавӣ, ба қайд гирифта шудааст. Ин норасоӣ, ки дар тамоми минтақаҳои кишвар эҳсос мешавад, ба сифати хизматрасонии тиббӣ, дастрасии аҳолӣ ба ёрии аввалияи тиббӣ ва мизони сарбории кормандони амалкунанда таъсири манфӣ мерасонад.

Илова бар ин, оморҳои ахир нишон медиҳанд, ки ҳамасола аз 100 то 1600 табиб ба таври ихтиёрӣ тарки вазифа менамоянд. Танҳо дар соли 2021, 1656 нафар табибон бо хоҳиши худ аз кор озод шудаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 вақте ки 1007 нафар табиб тарки кор карданд 64,44% зиёд мебошад. (Ниг. ҷадвали 3.1.2.) Ин маълумот эҳтимоли афзоиши ҳиҷрати зеҳнӣ ё “фирори табибон”-ро тасдиқ мекунад.

Таҷзияи динамикаи мазкур гувоҳи он аст, ки низоми тандурустӣ на танҳо аз ҳисоби набудани кадрҳои нав осеб мебинад, балки аз рӯи нигаронии аз даст додани кадрҳои соҳибихтисос низ ба як буҳрони кадрӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин

раванд дар ҳолест, ки аксари табибон ва кормандони тиббии миёна бо сабаби шароити номуносиби кор, сатҳи пасти музди меҳнат, маҳдудияти рушди касбӣ ва фишорҳои иҷтимоӣ рӯ ба муҳоҷират меоранд.

Бартарафсозии ин мушкилот аз тадбирҳои маҷмӯӣ тақозо менамояд: баланд бардоштани музди меҳнат дар бахши тиб, таъмин намудани шароити муносиб барои фаъолияти касбӣ, таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ, таҳияи барномаҳои махсуси ҳавасмандсозӣ барои табибон дар минтақаҳои дурдаст ва, аз ҳама муҳим, ҷорӣ намудани механизмҳои бозторандаи ҳиҷрати кадрҳои соҳибихтисос. Танҳо бо чунин равиш метавонад давлат бо буҳрони кадрӣ дар соҳаи тандурустӣ муваффақона мубориза барад.

Ҷадвали 3.1.2. - Теъдоди табибоне, ки тарки вазифа намуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 - 2021

Солҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2021/ 2015**
Ҳамагӣ, нафар	1007	1229	1381	1425	1501	820	1656	649

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [44]

Ҳамин тариқ, барои ҷамъбаст хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳоҷирати мутахассисон тақрибан ҳамон сабабҳои муҳоҷирати меҳнати беихтисосро дорад: маоши паст, набудани шароити зарурӣ барои кор, талабот ба натиҷаҳои илмӣ ва паст будани нуфузи илм дар ҷомеа, хеле кам кардани харочоти дохилӣ барои тадқиқот ва лоиҳакашии фондҳо, инчунин набудани дурнамо.

Рушди сифатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаштан ба модели саноатӣ-аграрӣ шарти асосии кам кардани муҳоҷират ва татбиқи муҳоҷирати дохилии имконпазир мебошад. Барои таъмин намудани суръати кофии тараққиёти иқтисодиёт дар мамлакат истеҳсолоти баландтехнологиро тараққӣ додан лозим аст. Ин ба таъсири синергетикӣ ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам дар ҷомеа оварда мерасонад. Таҳия ва татбиқи сиёсати тағйирпазири давлатӣ

ҷиҳати ташаккули ҳавасмандии ҷавонон ба фаъолияти илмӣ коркард ва амалӣ карда шавад.

Яке аз сабабҳои асосие, ки муҳоҷирони баландихтисос аксар вақт аз бозгашт ба ватан худдорӣ мекунанд, ин тарс аз муҳити фарҳангӣ, илмӣ ё тиҷоратие, ки барои нигоҳдорӣ ё такмил додани заминаи малака заруранд, аз даст дода мешавад. Муҳити созгор барои рушди касбӣ ва таъмини шароити мувофиқ барои кор дар соҳаҳои илмӣ ва техникии муосир боиси он мешавад, ки онҳо эҳтиёт мекунанд, ки ба муҳити номусоид ва камбағалтаи имкониятҳо баргарданд. Аксари хатмкунандагони донишгоҳҳои хориҷӣ аз кишварҳои рӯ ба инкишоф метарсанд, ки ҳангоми бозгашт ба ватан бо сабаби мушкилоти маъмурӣ ва маҳдудиятҳои раводид аз мубодилаи дониш маҳрум мешаванд.

Кӯшиши боздоштани муҳоҷирати одамони соҳибмаълумот ва соҳибихтисос чун қоида, самарае намедиҳад. Вобаста ба таҷрибаи ҷаҳонӣ як қатор усулҳои танзими раванди ҳиҷрати мутахассисонро ба хориҷи мамлакат арзёбӣ менамоем.

Дар ҳалли масъалаи «фирори мағзҳо» ва таъмини нигоҳдории захираҳои зеҳнӣ ҳеҷ гуна «натиҷаи зуд» дида намешавад ва ин умуман, ба талошҳое дахл дорад, ки барои ҷалби насли ояндаи олимон, муҳандисон ва мутахассисон ба илм ва технология нигаронида шудаанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ танзими муҳоҷирати зеҳнӣ дар заминаи се мафҳуми сиёсати танзими ҳиҷрати қувваи коргарӣ ба хориҷа ва аз хориҷ ба дохил ба амал меояд, ки ба принсипҳои се самти асосии танзими микро ва макроиқтисодӣ асос ёфтааст. Истифодаи ин ё он мафҳуми мушаххас аз ҷониби давлат бештар аз он вобаста аст, ки он донор ё гирандаи сармояи зеҳнӣ аст. Мафҳуми «дахолат накардан», ки аз ҷониби кишварҳои пешрафта васеъ истифода мешавад, ба эҳтироми манфиатҳои кишварҳои қабулкунанда нигаронида шудааст. Он ба радди куллии дахолати давлат ба раванди муҳоҷирати байналмилалии зеҳнӣ, ки бо татбиқи пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҷаҳони муосири ҳамгирошаванда номувофиқ аст, асос ёфтааст. Ҳама гуна шаклу усулҳои танзими давлатии ин ҳуқуқҳо озодии шахсро маҳдуд

мекунанд ва аз ин рӯ, қобили қабул нестанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба паҳншавии мафҳуми «тамоюли оянда» мусоидат мекунанд ва ақида доранд, ки мушкилоти танзими муҳоҷирати зеҳнӣ танҳо дар оянда ва дар сатҳи касирулмиллӣ, дар ҳоле ки ҳамеша эҳтироми манфиатҳои шахсият ва давлати содиркунанда метавонад ҳал шавад. Минбаъд давлат бо фароҳам овардани шароити хеле мусоиди корӣ онҳоро ба ватан бармегардонад.

Мафҳуми «танзими фаъол», ки дар кишварҳои содиркунандаи сармояи зеҳнӣ васеъ истифода мешавад, ба имкони бунёдӣ ва имконпазирии танзими мақсадноки давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ вобаста аст. Ин равиш бо истифода аз воситаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва дигар механизмҳо амал мекунад, ки мақсади асосии он нигоҳдории сармояи зеҳнӣ дар мамлакат ва пешгирии талафоти он мебошад. Танзими фаъол имкон медиҳад, ки сармояи зеҳнӣ дар кишвар нигоҳ дошта шавад ва манбаъҳои эҷодии инсонӣ барои рушди иқтисод ва технологӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи зиёд ба сиёсати муҳоҷират маҳз дар заминаи таҳияи барномаҳои муҳоҷирати дубора ва ҳадди ақал ҷалби «мақсаднок»-и мутахассисони баландихтисос дода мешавад.

Равишҳо ба муҳоҷирати зеҳнӣ ва моделҳои танзими ин равандро баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро баровардан лозим аст. Бозори ҷаҳонии қувваи корӣ баландихтисос васеъ шуда, нисбатан раванди фаррохтар ва байналмилалишударо ифода менамояд. Муҳоҷирати зеҳнӣ имрӯз на танҳо ба гардиши шахсиятҳои баландихтисос, балки ба табодули дониш, таҷриба ва технология низ мубаддал шудааст. Ҳар як кишвар, ки дар ин раванд иштирок мекунад, барои барҳам додани монеаҳои вуҷуддошта ва мусоидат кардан ба ҷалби муҳоҷирони зеҳнӣ, инчунин таъмини шароити мувофиқ барои ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ, бояд механизми муассир ва равишҳои самаранокро таҳия кунад. Тамоюлҳое, ки рушди онро тавсиф мекунанд, хусусиятҳои ҳам «фирори мағзҳо» ва ҳам «гардиши мағзҳо»-ро муттаҳид мекунанд. Ҳамзамон, равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ на танҳо дар хати байни кишварҳои давраи гузариш ва рӯ ба инкишоф, балки дар сатҳи як гурӯҳи кишварҳои мутараққӣ низ асимметрӣ мебошанд.

Давлатҳои аврупоӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои рафъи норасоии кадрҳои баландихтисос тавассути дастгирии вуруди муҳоҷирони зеҳнӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд, вале барномаҳои махсуси давлатӣ, ки фаъолона дар хориҷа амалӣ мешаванд, ҳанӯз натиҷаҳои дилхоҳ надодаанд. Норасоии мутахассисон, бахусус дар соҳаи илмҳои дақиқро аксари кишварҳои пешрафта ҳанӯз бартараф накардаанд. Талаботи зиёди муҳоҷират ба кадрҳои баландихтисос дар кишварҳои рӯ ба инкишоф мавҷуд аст, ки онҳоро на танҳо мутахассисони олӣ, балки мутахассисони миёнаи тахассусӣ низ манфиатдор мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар баъзе мавридҳо, талаботи махсус барои мутахассисони соҳаи технологияҳои «дуалӣ» (технологияҳои истифодаи дугона) вуҷуд дорад, ки барои амалисозии дуҷониба ва муваффақияти рушд дар соҳаҳои технологӣ ва истеҳсолот зарур мебошанд.

Барои кам кардани хатарҳои ба вуҷудомада бояд аз ҷониби тамоми аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ чораҳои муштарак андешида шаванд, ки ба ҷуброни мутавозини зарари «кишварҳои ирсолкунанда» аз талафоти мутахассисони баландихтисос дар натиҷаи муҳоҷирати берунии онҳо расонида шудааст.

Набудани танзими самараноки равандҳои муҳоҷирати зеҳнии беруна метавонад боиси зиёд шудани номутавозунии сохторҳои касбӣ ва тахассусии кормандони баландихтисос, афзоиши миқёси талафоти моликияти зеҳнии миллӣ, кам истифода шудани дониши касбие гарданд, ки зиёиён дар дохил ва хориҷ аз кишвар ба мақсадҳои миллӣ ба даст овардаанд. Ба андешаи мо, танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ бояд ба ҳалли афзалиятҳои миллӣ дар давраи дарозмуҳлат нигаронида шуда бошад.

Дар шароити таҳкими робитаҳои байналмилалии илмӣ ва вусъати равандҳои ҷаҳонишавӣ, равандҳои ҳиҷрати зеҳнӣ, махсусан муҳоҷирати олимон, ба як чолиши муҳим барои кишварҳои дорои иқтидори илмии маҳдуд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, табдил ёфтаанд. Ҷилавгирӣ аз ин раванд, бо вуҷуди душвориҳои объективии он, танҳо дар сурати таҳия ва татбиқи сиёсати муассири давлатӣ дар бахши илм ва инноватсия имконпазир аст. Мавқеи олимон дар рушди илм, технологияи муосир ва рақобатпазирии байналмилалии

кишвар бениҳоят калидӣ мебошад. Аз ин рӯ, давлат вазифадор аст, ки шароити мусоид ва рақобатпазирро барои фаъолияти илмии кадрҳои баландихтисос фароҳам оварад. Ин шароит бояд ба меъёрҳои муассисаҳои илмии пешрафтаи ҷаҳонӣ мутобиқ бошад ва имкон диҳад, ки олимон фаъолияти худро на танҳо дар чорчуби маҳдуди миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ роҳандозӣ намоянд.

Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ дар дохили кишвар, таҳияи стратегияи давлатии ҳимоя ва боздорандагии муҳоҷирати зеҳнӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои олимон, дастгирии молиявӣ, дастрасӣ ба инфрасохтори замонавии илмӣ ва рушди касбии устувор равона гардидааст, зарур мебошад. Илова бар ин, татбиқи барномаҳои баргардонидани олимони дар хориҷ фаъолиятдошта, аз ҷумла тавассути пешниҳод намудани грантҳо, таъмини ҷойҳои корӣ боэътимод ва имкониятҳои иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ метавонад нақши муассир дошта бошад. Сармоягузории ҳадафманд ба илм, махсусан ба насли ҷавони олимон, ки ояндаи илмии мамлакатро дар асри XXI муайян мекунанд, бояд ба яке аз афзалиятҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоии кишвар табдил ёбад. Рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва иҷтимоӣ-гуманитарӣ, рушди кластерҳои инноватсионӣ ва шарикӣ бо марказҳои илмии ҷаҳонӣ метавонанд илми ватаниро ба сатҳи рақобатпазирӣ бароранд. Танҳо дар ҳолати ба вуҷуд овардани чунин муҳити илмию тадқиқотӣ, Тоҷикистон метавонад на танҳо ҷараёни фурӯпошии захираи зеҳниро боздорад, балки баръакс, онро ба як имконияти рушд ва таҳкими иқтидори миллии худ табдил диҳад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашудаи назариявӣ ва вазъи амалии муҳоҷирати зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки чораҳои амалӣ дар самти табдили муҳоҷирати мағзҳо ба гардиши мағзҳо андешида шавад. Зеро истилоҳи «гардиши мағзҳо» бештар ҳаракатҳои даврии мутахассисонро ба хориҷа барои таҳсил ва кор, пас аз бозгашт ба ватан ва баланд бардоштани мақоми касбии онҳо аз ҳисоби салоҳиятҳои наве, ки дар давоми будубош дар хориҷа ба даст овардаанд, муайян мекунад. Ин раванд, ки он ба табодули таҷриба ва дониш байни кишварҳо ва иқтисодҳои гуногун

мусоидат мекунад, ба баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва илмии мутахассисон ва дар ниҳоят ба рушди иқтисодӣ ва илмии ватанӣ кӯмак мерасонад.

Бо дарназардошти он ки дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мавқеи кунунии худро аз ҳисоби гардиши ақлҳо дар бозори ҷаҳонии меҳнат мукаммал гардонад ва таваҷҷуҳи асосии мутахассисони ҳиҷраткардаро барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар оянда ҷалб кунад, бахусус дар сурати мавҷуд будани имкони ҷойгиркунии барномаҳое, ки ба муҳоҷирати дубораи мутахассисон имкон фароҳам меоварад.

Зуҳуроти нисбатан равшани он бо тамоюли ба ватан баргаштани мутахассисоне, ки дар хориҷа муддати дароз таҳсил ва ё кор кардаанд, алоқаманд аст. Ин муҳоҷирони зеҳнӣ ба муҳити иҷтимоии мамлакат таъсири мусбат расонида, ба он салоҳият ва таҷрибаи иловагӣ меоранд. Вале раванди «гардиши мағзҳо»-ро ҳодисаи табиӣ, ки ба шарофати вазъияти басо объективӣ ба ҳаёт дохил мешавад, ҳисоб кардан нодуруст мебуд.

Таҷрибаи «гардиши мағзҳо» на танҳо дар заминаи бозгашти муҳоҷирони зиёӣ ба ватани таърихии худ ва дурнамое, ки барои онҳо дар ин ҷо мақоми баланд боз мекунад, инкишоф меёбад. Шаклҳои гуногуни фаъолияти якҷояи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо олимони мамлакатҳои гуногун, ки бо тағйир додани ҷойи кор ё истиқомат алоқаманд нестанд, торафт бештар маъмул шуда истодааст. Нашрияҳои муштараки илмӣ, иштирок дар грантҳои илмӣ ва шартномаҳои кӯтоҳмуддат барои хондани лексияҳо, гузаронидани аудит ё машваратҳои тиббӣ ба як шакли маъмули мубодилаи зеҳнӣ байни мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷа, эҷоди маҳсулоти нави фаъолияти зеҳнӣ, ки аз рӯйи хусусиятҳои худ байналмилалӣ мебошанд, ба ҳодисаҳои маъмулӣ табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, шарикии дурдаст, ки тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ миёнаравӣ мекунанд, ҳанӯз ҳам наметавонанд робитаҳои мустақими касбиро иваз кунанд. Муҳоҷирати олимон ҳам ба афзоиши ҳамкориҳо байни муҳаққиқони кишварҳои гуногун ва ҳам байни илми саноатӣ ва академикӣ мусоидат мекунад.

Боз як ҷиҳати манфиатноки «гардиши мағзҳо» дар он аст, ки шаҳрвандон дар хориҷа таҳсил мекунанд, таҷриба мегиранд ва баъди таҳсил кадрҳои соҳибтахассуси рақобатнок шуда, даромад ба даст меоранд. Нахуст, хонаводаҳои худро дар Тоҷикистон таъмин мекунанд, баъдан дар ватани худ ширкатҳо мекушоянд ва ё ин ё он соҳаро сармоягузорӣ карда, дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳм мегиранд. Ба ғайр аз сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ боз манфиатҳои маънавиро низ ба инобат бояд гирифт, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ маънавиёт ва боғочи маърифатӣ ба кишвар ворид мешавад.

Дар заминаи зарурати мувозинати ҷараёни муқобили муҳоҷират аз кишвар ба хориҷа ва аз хориҷа ба кишвар, муҳоҷирати зеҳнӣ ба мамлакатро омили ҷуброни муҳоҷират донистан лозим аст. Тоҷикистон на танҳо як кишвари фиристанда, балки кишвари қабулкунандаи муҳоҷирони таҳсилотӣ низ мебошад.

Тавсеаи танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ дар мамлакатро дар асоси қабули барномаҳои махсус бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ амалӣ намудан мумкин аст. Инчунин, маблағгузории илми ватаниро тавассути лоиҳаҳои мақсаднок ва пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорони дуништалаб зиёд кардан лозим аст.

Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки шароитҳо дар самти сафарбаркунии ихтиёрии ҳамватанони соҳибихтисос аз хориҷа ба минтақаҳои саноатии мамлакат ва имкониятҳои мусоид барои бозгашти кормандони илмӣ аз хориҷа фароҳам оварда шавад.

Дар баробари ин, барои муҳоҷирони соҳибтахассусе, ки ба ватан баргаштаанд, зарур аст чораҳои ҳавасмандӣ аз қабили ҷорӣ намудани суратҳисобҳои махсуси депозитӣ, фурӯши қитъаҳои замин барои сохтмон, ташкили фонди манзили алтернативӣ, кушодани суратҳисоби асъорӣ барои ҳамлу нақли бебоҳи автомобилӣ ва молҳои мавриди ниёзи мардум, ташкили фонди махсуси нафақа андешида шавад.

Раванди ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар низоми иқтисодӣ ва ҳамзамон, дар бозори меҳнат тағйироти ҷиддиро ба вуҷуд оварданд.

Динамика ва сохтори демографии аҳолӣ, чӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама ба таърихи пешинаву сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он, инчунин, хусусиятҳои фарҳангӣ ва миллӣ вобаста мебошад. Ҳар як ҷомеа ва давлат бо хосиятҳои хос ва омилҳои хос ба самтҳои муайян дар рушди демографии худ мерасад. Ин омилҳо ба таъсиргузорӣ ба сатҳи таваллуд, хушбахтӣ, ҳаёт ва сатҳи умумии иҷтимоии аҳолӣ кӯмак мерасонанд, ки барои амалисозии сиёсати демографӣ ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозанд. Шиносоӣ бо вазъи демографии ҷаҳон нишон медиҳад, ки тамоми давлатҳо дар якҷоягӣ тамоюли устувори зиёдшавии аҳолии ҷаҳонро ифода менамоянд.

Сохтори демографӣ дар ҷаҳон, ки ба ду ҷиҳати муқобил марбут аст, ҳамчун як муаммо ва чолиш дар таҳлил ва ба роҳ мондани сиёсати демографӣ баррасӣ мешавад. Ҷиҳати аввали он бо буҳрони демографӣ алоқаманд буда, ки дар он такрористеҳсоли аҳолӣ аз талабот қафо мемонад ва ин ҳолатро ҳамчун «коҳиши демографӣ» меноманд. Дар баъзе кишварҳо ин коҳиш дар натоиҷи демографӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад, ки барои кам кардани афзоиши аҳолӣ, кӯмакҳои иҷтимоӣ ва тартибдиҳии захираҳои миллӣ зарур аст.

Ҷиҳати дуюм, ки бо суръати афзудани аҳолӣ вобаста мебошад, ба «таркиши демографӣ» маълум аст. Дар ин ҳолат, як давлат бо суръати баланд аҳолии худро ба вуҷуд меоварад, ки бо камбуди захираҳои моддӣ ва шароити иқтисодии мутобиқ шудан намекунад. Дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон, сатҳи афзоиши аҳолӣ нисбат ба талабот ба неъматҳои моддӣ (захираҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ) бардурӯғ буда, метавонад мушкилот ва таваррумро ба вуҷуд орад, ки мушкилоти муҳими сиёсати иқтисодӣ ва демографӣ аст.

Мушоҳида нишон медиҳад, ки дар аксарияти кишварҳои чаҳон тамоюли нисбатан бо суръати баланд зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ҳис карда мешавад. Ин ба он оварда расонидааст, ки дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф «таркиши

демографӣ» ба миён омадааст ва мустақиман аз таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, дину мазҳаб ва ғайра муайян карда мешавад.

Ҳоло шумораи аҳолии ҷаҳон ба 8,073 млрд. нафар расидаасту мувофиқи пешгӯиҳои Созмони Миллали Муттаҳид соли 2050-ум 10 млрд. нафарро ташкил хоҳад дод. Бояд тазаккур дод, ки афзоиши аҳолӣ минбаъд ҳам бештар дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф рух хоҳад дод. Соли 1950 таносуби байни аҳолии мамлакатҳои тараққикардаву рӯ ба инкишоф 1:2, соли 1985- 1:3-ро ташкил дод ва он дар ибтидои асри XXI ба 1:4 расида буд.

Аз ин рӯ, вазъи масоили демографӣ дар ҷаҳони муосир, ки дар он равандҳои муҳоҷират авҷ мегирад, ба як қатор омилҳои экологӣ, хурокворӣ, энергетикӣ ва дигар масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Афзоиши аҳолӣ ва таносуби он бо захираҳои табиӣ, ки бо муҳити зист, об, энергия ва захираҳои хӯрокворӣ алоқаманд аст, манбаъҳои асосии ташвиши марбут ба муҳоҷирати мардумро ташкил медиҳад. Буҳрони экологӣ ва таҳдидҳои марбут ба тағйироти иқлим дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, инчунин паст шудани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар баъзе кишварҳо, метавонанд одамонро маҷбур кунанд, ки барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ ба дигар минтақаҳо ва кишварҳо муҳоҷират кунанд. Аз ин нуқтаи назар, масоили демографӣ диққати олимон ва доираҳои давлатдоронро торафт ба худ ҷалб мекунад. Дар аксари мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон афзоиши аҳолӣ нисбатан паст шуд, дар баъзеи онҳо ҳолатҳои депопулятсионӣ ба амал меояд.

Гузариши демографӣ ҳоло на дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон оғоз ёфтааст. Аксари кишварҳои қитъаҳои Африка, Осиё, инчунин кишварҳоии азъои ОПЕК то кунун аз ин ҳолат истисноанд. Афзоиши миёнаи солонаи аҳолӣ дар ин мамлакатҳо ҳам зиёд аст (қариб 30 %).

Ҳангоми таҳлил ва банақшагирии захираҳои меҳнатӣ чунин мафҳумҳо истифода карда мешаванд: «аҳолӣ», «захираҳои меҳнатӣ», «аҳолии аз лиҳози иқтисоди солим», (шуғл дар истеҳсолот), «аҳолии ғайри қобили меҳнат»,

«сармояи инсонӣ». Мафҳуми «сармояи инсонӣ» қисми аҳолии барои иштирок дар истеҳсолоти муосир омодакардашударо дар бар мегирад.

Андозаи захираҳои меҳнатӣ андозаи иқтидори меҳнати зинда ё «захираи» қувваи коргариро, ки ҷамъият барои қонеъ намудани талаботои худаш дар ихтиёр дорад, ифода менамояд.

Маълумоти омории кишварҳои саноатии рушдёфта нишон медиҳад, ки беш аз 45% аҳолии онҳо аз ҳисоби қишри қобили меҳнат (аз синни 15 - сола боло) ташкил меёбад, ки ин як нишондиҳандаи муҳимми захираҳои инсонӣ ва иқтидори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар кишварҳои рӯ ба рушд бошад, бо сабаби хусусиятҳои демографӣ ва зарурати шомилшавии бармаҳали ҷавонон ба бозори меҳнат, ин нишондод аз синни 12 - 14сола боло ҳисоб карда мешавад. Ҳатто дар бархе кишварҳои камтараққии Африқо, ҳолатҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки кӯдакони аз синни 6 - сола ба меҳнати фаъол ҷалб карда мешаванд, ки ин нишондиҳандаи фишорҳои сахти иқтисодию иҷтимоӣ ва норасоии сиёсати ҳимояи иҷтимоии кӯдакон дар чунин давлатҳост.

Ин вазъ ба фарқҳои ҷиддии сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва стандартҳои меҳнатӣ миёни кишварҳои гуногуни ҷаҳон ишора мекунад. Азнавҷойгиркунии аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ, бештар зери таъсири омилҳои зерин сурат мегирад:

1. Шароити номусоиди иқтисодӣ ва норасоии ҷойи кор норасоии имкониятҳои шуғл ва маоши паст аҳолиро маҷбур месозад, ки барои дарёфти ҷойи кор ба дигар минтақаҳо ё кишварҳо кӯч банданд.

2. Рушди ноинҳирофи инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ нобаробарии рушди минтақаҳо ва набудани дастрасӣ ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва нақлиёт боиси ҷустуҷӯи муҳити беҳтар мегардад.

3. Омилҳои демографӣ афзоиши табиии аҳолӣ ва зиёдшавии қишри ҷавони қобили меҳнат ба сатҳи баланди арзаи қувваи корӣ ва афзоиши фишор ба бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

4. Муҳоҷирати экологӣ фишорҳои муҳити зист, аз ҷумла хушксолӣ, камбизоатӣ, таназзули заминҳои кишоварзӣ ва тағйирёбии иқлим, аҳолиро ба муҳоҷирати иҷборӣ водор мекунад.

5. Омилҳои сиёсӣ ва амниятӣ ноустувории сиёсӣ, низоъҳо ва бесуботии амниятӣ низ боиси муҳоҷирати маҷбурии аҳолӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, сабабҳои азнавҷойгиркунии аҳолӣ ҳамеша дар алоқамандии зич бо хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва сиёсиву амниятии кишвар ё минтақа қарор доранд ва барои таҳияи сиёсати самараноки меҳнат ва муҳоҷират, таҳлили ин сабабҳо аҳамияти стратегӣ доранд.

Ҷойгиршавии аҳолӣ дар сатҳи глобалӣ хусусияти ғайримутаносиб дорад ва мувофиқи маълумоти мавҷуда, тақрибан 82 фоизи аҳолии ҷаҳон дар танҳо 10 фоизи масоҳати хушкӣ мутамарказ шудаанд. Қисми назарраси ин аҳолӣ дар минтақаҳои наздисоҳилӣ ва наздисарҳадии дорои инфрасохтори нисбатан рушдёфта ва имкониятҳои табиии мусоид ба сар мебаранд. Чунин консентратсияи баланди аҳолӣ дар ҳудудҳои маҳдуд ба омилҳои гуногун, аз ҷумла иқлим, қобилияти истеҳсолии замин, дастрасии захираҳои обӣ, шартҳои мусоиди иқтисодӣ ва шиддати равандҳои урбанизатсионӣ алоқаманд аст. Баръакси ин, минтақаҳои кӯҳӣ, биёбонҳо ва ҷангалҳо, ки бо шароити табиию иқлимии мушкил ва инфрасохтори суст фарқ мекунанд, бо зичии пасти аҳолӣ тавсиф мешаванд. Ин нобаробарии ҷойгиршавӣ на танҳо пайомадҳои демографӣ дорад, балки ба масоили рушди устувори иқтисодӣ, идоракунии фазоии ҳудудҳо ва таъмини мутавозунии иҷтимоӣ таъсири мустақим мерасонад, ки зарурати таҳияи сиёсатҳои ҳадафманд ва устувори минтақавиро ба миён мегузорад.

Ҳангоми ҳаракати табии аҳолӣ чунин нишондиҳандаҳо истифода карда мешаванд:

– коэффитсиенти фавт;

– коэффитсиенти таваллуд;

– коэффитсиенти ҳаракати табиӣ (фарқияти коэффитсиенти таваллуд ва фавт);

– коэффитсиенти зиёдшавии солона:

P = (Pr / Pm) * 100%,

дар ин ҷо: Pr – зиёдшавии аҳолӣ дар давоми сол; Pm – миқдори миёнаи аҳолӣ дар давоми сол.

Тараққиёти иқтисодӣ дар ҳар як давлат ва дар масштаби ҷаҳонӣ бо захираҳои меҳнатӣ пайваст аст. Дар ин раванд, сифати қувваи коргарӣ нақши калидӣ мебозад, ки дар шакли хусусиятҳои коргар таҷассум меёбад. Ин хусусиятҳо қобилият ва омодагии коргаронро барои иҷрои вазифаҳои муайян дар соҳаҳои гуногун нишон медиҳанд. Ҳамин тавр, сифати қувваи корӣ метавонад дар шакли маърифати касбӣ, маҳорати техникӣ, эҷодкорӣ ва омодагии ҷисмонӣ ва равонӣ барои фаъолият ва истеҳсолот таҷассум ёбад.

Иқтидори истеҳсолии қувваи коргарӣ сифатҳои равонӣ ва ҷисмонии коргар, саломатӣ, сатҳи маълумоти умумӣ ва касбӣ, малакаю маҳорати корӣ, сатҳи умумии тараққиёти фарҳанги он, ки ба шароитҳои гуногуни ҳаёт алоқаманданд, ифода менамояд. Ин хислатҳо дар аксари ҳолатҳо ба сатҳи тараққиёти иҷтимоию-иқтисодии зернизомҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва давлатҳои алоҳида алоқаманд аст.

Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсири манфиатноки иқтисодӣ барои кишвар ҳамзамон бо чолишҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии дар паҳлӯи он вобаста аст. Аз як тараф, муҳоҷирони меҳнатӣ сармояи эҳтиётӣ ва маблағҳоро ба кишвар интиқол медиҳанд, ки ин ба иқтисодиёт барои рушди соҳибкории хурд ва инфрасохтор кӯмак мерасонад. Аз ҷониби дигар, ин раванди муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад боиси талафоти аниқ дар қувваи корӣ дар соҳаҳои муайян, ки мутахассисон ва ҷавонон ба хориҷ рафтаанд, шавад.

Ҳар як гурӯҳи муҳоҷирон, хоҳ онҳо шаҳрвандони оддӣ бошанд ё мутахассисони баландихтисос, бо як мақсад – таъмин кардани зиндагии беҳтар ва кӯмак ба оилаҳояшон – ба кишварҳои хориҷӣ сафар мекунанд. Маҳз даромадҳо ва маблағҳое, ки онҳо барои истифодаи худ ва оилаҳояшон мефиристанд, метавонанд шоҳиди эҳёи иқтисодии дохили кишвар бошанд. Мухталифиятҳои сиёсӣ ва норасоии шароити муҳити корӣ дар кишвар

ҳамзамон метавонанд мавҷудияти муҳоҷиронро дар хориҷ бо монеаҳо ва хатарҳои мухталифи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муҷаҳҳаз созанд.

Барои коҳиш додани мушкилоти ҷудошавии оилаҳо ва баланд бардоштани самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ, Тоҷикистон бояд як системаи ҳуқуқӣ ва созмонҳои дахлдорро таъсис диҳад, ки вазифаашон ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон ва таъмини хидматрасонии мувофиқ барои онҳо мебошад. Ин системаи ҳуқуқӣ бояд ба муҳоҷирон имконият диҳад, ки дар кишварҳои қабулкунанда ҳуқуқҳои худро ба таври дуруст ба эътибор бигиранд, инчунин воситаҳои кофӣ барои ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар раванди муҳоҷират таъмин шаванд. Ба ҷуз ин, бояд механизмҳои ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷират байни кишварҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон ба вуҷуд оянд, ки ба муҳоҷирон имконият медиҳад, ки равандҳои муҳоҷиратро бехатар ва самараноктар анҷом диҳанд. Ба таҳким додани имкониятҳои муҳоҷирон дар дохили кишвар ва бозгашти онҳо ба Ватан пас аз таҷриба ё кор дар хориҷа, лозим аст ки системаҳои ҷуброн ва ташкили ҷойҳои кории арзанда барои онҳо дар кишвар муҳайё карда шаванд.

Барои амалисозии самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ, низоми дуруст ва шаффофияти интиқолдиҳии маблағҳои муҳоҷирон, ки ба иқтисоди мамлакат кӯмак мерасонад, муҳим аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сиёсати дуҷониба ва бисёрҷонибаеро таҳия кунад, ки муҳоҷиронро на танҳо аз ҳолатҳои иқтисодӣ, балки аз нигоҳи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ таъмин кунад.

Бо истифода аз имкониятҳои муҳоҷирон ва сармоягузорӣ ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ, инчунин кӯмак кардани онҳо дар расидан ба мақсадҳои олии иҷтимоии худ, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад сатҳи иқтисодии давлатро ба сатҳи нав бардорад. Иқтидори номаҳдуди муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ ба пешрафт ва суботи иқтисодӣ барои тамоми кишвар бо тамоми имкониятҳо кӯмак мекунад, ва агар онҳо дастгирии дуруст ва қонунӣ гиранд, метавонанд ба пешрафти миллӣ, рушди соҳибкории хурд, рушди соҳаҳои техникии соҳаҳои нақлиёт, кишоварзӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ва сохтмон мусоидат кунанд.

Дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон то ин замон нагирифтани маълумоти умумӣ байни аҳолӣ ва махсус ҳолатҳои бесаводнокӣ имконнопазир аст. Дар аввалҳои солҳои 90 дар ҷаҳон 948 млн. бесавод (дар с. 1970 - 890 млн.) ба қайд гирифта шуда буд. Аз ин 917 млн. дар давлатҳои ҷаҳони сеюм зиндагонӣ мекунанд, ки 1/3 аҳолии умумии ба балоғатрасидаро ташкил медиҳад. Зиёда аз 55%-и бесаводон ба Ҳиндустон (50% аҳолӣ) ва Хитой (21%-и аҳолӣ) рост меоянд. Сатҳи бесаводӣ, инчунин дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (63%-и занҳо ва 37% мардҳо) ва Африқои тропикӣ (53% занҳо ва 33%-и мардҳо), ҳамзамон, дар давлатҳои араб (56% занҳо ва 32% мардҳо) ба қайд гирифта шудааст. Дар мамлакатҳои саноатии муттараққӣ сатҳи босаводӣ баланд аст, вале дар инҷо низ 31,5 млн. ҷавонони болиғ асосан дар Аврупои Ҷанубӣ зиндагӣ менамоянд.

Ба таври воқеъбинона, дар давраи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти сохторӣ ва макроиқтисодӣ ба миён омаданд, ки таъсири онҳо ба бозори меҳнат амиқ ва дарозмуддат буд. Аз ҷумла, коҳиши истеҳсолот, ки дар заминаи буҳрони иқтисодӣ ва харобии инфрасохтор пас аз низои дохилӣ ба вуҷуд омад, дар шароити бекурбшавии баланди асъор боиси пастшавии арзиши воқеии қувваи корӣ гардид. Ин раванд ба кам шудани қудрати харидории аҳолӣ ва беарзиш шудани музди меҳнат мусоидат кард. Илова бар ин, ҷараёни босуръати хусусигардонӣ ва таҷдиди сохтори моликият, ки бештари он бе барномаи иҷтимоии ҳамроҳ сурат гирифт, сабаби ихтисори оммавии кормандон дар бахши давлатӣ шуд. Бахши хусусии навташкил низ, дар марҳилаи ибтидоии ташаккул, наметавонист тамоми захираҳои меҳнатиро ҷабби худ кунад. Аз ин рӯ, талабот ба қувваи кории иловагӣ ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ назар ба солҳои қабл ба таври ҷиддӣ коҳиш ёфт.

Муҳим он аст, ки ин тағйироти сохторӣ ва коҳиши истеҳсолот бо рушди демографӣ ҳамзамон сурат мегирифтанд, яъне шумораи аҳолии қобили меҳнат мунтазам меафзуд. Дар натиҷа, байни афзоиши пешниҳоди қувваи корӣ ва камбуди талабот ба он номувозинӣ пайдо шуд, ки ба шиддат гирифтани мушкилоти шуғл, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва фаъолияти ғайрирасмии

иқтисодӣ замина гузошт. Хулоса кардан мумкин аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди равандҳои бозсозии иқтисодӣ, таъсири манфии омилҳои макроиқтисодӣ ва демографӣ ба бозори меҳнат назаррас буд, ва ин ҳолат ниёз ба таҳияи сиёсати мукаммали шуғл ва дастгирии иҷтимоии аҳолиро беш аз пеш мубрам сохт.



Расми 3.1.1. - Суръати афзоиши ва тағйирёбии шумораи аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014-2023.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 13-50].

Маълумоти пешниҳодшуда дар расми 3.1.1. шаҳодат медиҳад, ки дар давраи солҳои 2014 - 2023 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ҳамасола 2,3% ва аҳолии қобили меҳнат 2,6% афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл, аз як ҷониб, нишондиҳандаи тавсеаи потенсиали захираҳои инсонӣ ва иқтисодии кишвар мебошад, вале аз ҷониби дигар, боиси афзоиши шиддат дар бозори меҳнат гардидааст. Зеро чунин афзоиши босуръати аҳолии қобили меҳнат дар шароити маҳдудияти ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар, ба таври объективӣ ба зиёд шудани арзаи қувваи корӣ нисбат ба тақозо оварда мерасонад. Дар ин замина, кӯчиши қувваи корӣ барзиёд ба хориҷи кишвар яъне муҳоҷирати меҳнатӣ ба як роҳи алтернативии истифодаи нерӯи меҳнатӣ табдил ёфтааст. Ин раванд, бо вуҷуди сабуксозии фишори дохилӣ дар бозори меҳнат ва таъмини маблағҳои воридотӣ, ҳамзамон оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷиддӣ ба бор меорад, аз ҷумла, пошхӯрии сохтори оила, коҳиши иқтидори кадрии маҳаллӣ ва вобастагии иқтисод аз маблағҳои муҳоҷирон.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ва низоми иқтисодии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бозори меҳнат на танҳо ба ҳаҷм ва сифати қувваи корӣ вобаста аст, балки ба ҳаракатпазирӣ ва ҷуғрофиёи он низ таъсири бевосита дорад. Гардиши дохилии қувваи меҳнат дар дохили кишвар ва ҳаракати он ба берун аз ҳудуд, бештар ба омилҳои зер вобаста аст:

- нобаробарии рушди иқтисодӣ ва саноатӣ дар минтақаҳои гуногун, ки ба нобаробарии тақсими ҷойҳои кор ва имкониятҳо оварда мерасонад; набудани инфрасохтори меҳнатӣ ва саноатӣ дар баъзе минтақаҳо, ки сокинонро ба муҳоҷират водор мекунад;
- ғайрифаъол будани механизмҳои бозори дохилии меҳнат, ки имкони тақсим ва мутобиқ кардани қувваи корӣ бо эҳтиёҷоти иқтисоди маҳаллиро маҳдуд мекунад.

Бо дарназардошти суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, эҳтимол меравад, ки дар солҳои наздик арзаи қувваи меҳнатӣ идома ёфта, дар сурати нокифоя будани ҷойҳои корӣ ва равандҳои ҳамоҳангсозии бозори меҳнат, фишори иҷтимоиву иқтисодӣ афзоиш ёбад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон зарур аст, ки дар баробари рушди минтақаҳо ва индустрикунонии иқтисод, низоми самараноки идоракунии қувваи корӣ, сиёсати мутамаркази шуғл, ва механизмҳои дастгирии бозгашти муҳоҷирони зеҳнӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд.

Аз маълумоти расми 3.1.1. мушоҳида мешавад, ки аҳолии мамлакат дар солҳои 2014 - 2023 тамоюли афзоиш доштааст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳолии қобили меҳнати мамлакат 59,5 %-и шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, сохтори ҷинсӣ ва синну солии ҷавони аҳолӣ имкон медиҳад, ки хулоса намоем; ҳукумати кишвар бояд барои тамоми захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии бозгашта ҷойҳои корӣ таъсис диҳад.

Вақте ки муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ба хориҷ мераванд, онҳо на танҳо бо мушкилоти шахсии корӣ рӯбарӯ мешаванд, балки метавонанд ба таъсири манфии муҳоҷират ба оилаҳои худ дар дохили кишвар дучор шаванд.

Аз як тараф, муҳоҷирони меҳнатии мардон баъди рафтан ба хориҷа бо вуҷуди баъзе муваффақиятҳои иқтисодӣ ва касбӣ, оилаҳои нав ташкил мекунанд ва ба оилаҳои худ дар Тоҷикистон кумак намекунанд, ки ин ҳолат боиси вайрон шудани оилаҳо ва шикастии шабакаи дастгири онҳо мегардад.

Ҷудо шудани ҳамсарон ва фарзандон аз якдигар, ки сарчашмаи асосии таъминоти молиявӣ ва маънавии оилаҳоро аз даст медиҳанд, метавонад ба таъсири манфии ҷиддии иҷтимоии иқтисодӣ ба оилаҳо ва кӯдакон оварда расонад. Кӯдакони чунин оилаҳо аксаран ба камбизоатӣ, шенасоии номувофиқ ва дигар мушкилоти иҷтимоӣ дучор мешаванд, ки метавонад боиси бештар шудани сатҳи осебпазирии онҳо дар оянда гардад.

Аз ин рӯ, дар Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират бояд тадбирҳои таъсиррасон ва муҳофизатӣ барои муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо дар дохили кишвар пешбинӣ шаванд. Сиёсати мувофиқи муҳоҷират бояд барои ҳалли ин мушкилот роҳҳои муайян ва самаранокро муайян кунад, то ки муҳоҷирон аз таъсири манфии муҳоҷират барои оилаҳои худ дар Тоҷикистон канорагирӣ намоянд. Ин метавонад бо роҳи таҳким додани рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии оилаҳо бо сафарбар кардани манбаъҳои гуногуни кӯмакҳои давлатӣ амалӣ шавад [21].

Таъсири дигари ин раванд ба он мусоидат мекунад, ки кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дур аз волидайн тарбия меёбанд. Вобаста ба ин, дар солҳои охир раванди нави муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ба монанди муҳоҷирати оилавӣ оғоз гардидааст, ки кӯчиши оилаҳоро аз Тоҷикистон ба давлатҳои дигар зиёд намудааст. Оилаҳои муҳоҷири меҳнатӣ тавассути барномаҳои гуногун ба хориҷи кишвар сафар намуда, дар он давлатҳо зиндагиро бо оилаҳояшон идома медиҳанд. Дар оянда ин ҳолат метавонад якбора ба камшавии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва камшавии аҳолии қобили меҳнат оварда расонад.

Хусусияти рушди демографии ҷумҳурӣ рушди иқтидори меҳнатиро пешакӣ муқаррар кардааст. Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли

2023 дар муқоиса бо соли 2015 бештар аз 1155,1 ҳазор нафар зиёд шудааст. Нишондоди охир дар тамоми маълумотҳои бозори меҳнат, махсусан дар оморҳои аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ва машғул ба иқтисод сабт шудааст.

Ҷадвали 3.1.3. - Ҷараёни инкишофи нишондодҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2023 (бо %)

Нишондодҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
Шумораи синну соли миёнаи аҳолӣ	25,7	25,7	26,1	26,3	26,50	26,66	26,67	26,66	26,68	0,98
Захираҳои меҳнатӣ бо %,	62,6	61	60,9	60,7	60,4	59,1	60,1	59,1	61,1	-1,5
Аҳолии машғул дар иқтисодиёт	29,1	27,8	27,5	27	26,9	26,3	26,4	26,8	26,9	-2,2
Бекорони расман эътирофшуда	2,3	2,3	2,2	2,1	2,0	2,1	2,1	2,1	1,8	-0,5

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 73-109].

Аз маълумоти ҷадвали 3.1.3. бараъло мушоҳида мешавад, ки ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби аҳолӣ бетағйир боқӣ монда, танҳо дар соли 2022 афзоиши он ба назар мерасад. Дар ҳоле, ки ҳиссаи аҳолии машғул дар иқтисодиёт то андозае поён рафта, аз 27,8% ба 26,3% расидааст. Нишондодҳо дар бораи бекорони расман ба қайдгирифташуда дар ҳадди 2,2% вазъи муътадил қарор дорад, вале маълумоти нишондиҳандаи шумораи ғайрифаъоли иқтисодӣ то 0,2% афзудааст. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи таъсиси ҷойҳои корӣ дар иқтисод ё барзиёдии кор суст ба роҳ монда шудааст. Аз маълумоти ҷадвали мазкур бармеояд, ки захираҳои меҳнатӣ солҳои охир нисбатан коҳиш ёфта истодааст. Гирифтани шаҳрвандии Россия, ғолибият дар бозии «ГРИН КАРТ» як қисми аҳолии қобили меҳнатро ба хориҷи кишвар муқимӣ намудааст.

Барзиёдии захираҳои меҳнатӣ - падидаи хоси бозорҳои кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Тоҷикистон аст. Тибқи назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот, ин на танҳо сабаби махсусгардонии содироти молҳои меҳнатталаб, балки сабаби муҳоҷирати қувваи корӣ низ мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзаи қувваи корӣ нисбат ба тақозо ба қувваи корӣ зиёд мебошад. Аз ин рӯ,

аҳолии кишвар бо сабаби набудани ҷойи кори мувофиқ ва музди кори нисбатан паст муҳоҷирати меҳнатии берунаро интихоб менамоянд. Ҳамасола дар кишвар ҷиҳати бартараф намудани ин ҳолат таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба нақша гирифта мешавад, то таносуби байни арза ва тақозои қувваи корӣ баробар карда шавад.

Назарияи неоклассикӣ, бахусус бо саҳми барандаи Ҷоизаи Нобел Уилям Артур Люис, масъалаи мавҷудияти арзаи зиёди қувваи корӣ дар иқтисодиётро ба таври мукаммал ва системавӣ таҳлил кардааст. Люис дар модели машҳури худ модели дугонаи рушди иқтисодӣ, ки онро баъзан «модели Люис» меноманд, нишон медиҳад, ки дар кишварҳои дар ҳоли рушд, бахусус дар бахши иқтисод (кишоварзӣ, ҳунармандӣ), қувваи корӣ аз ҳад зиёд аст ва бо музди хеле паст фаъолият мекунад. Ин қувваи “барзиёд” дар шароити надоштани алтернатива, омода аст бо ҳар гуна шарт кор кунад, ки ин дар бозори меҳнат ба шаклгирии мувозинати ғайримуқаррарӣ оварда мерасонад.

Асоси назариявии чунин таҳлилҳо омӯзиши мутавозин ё номутавозини байни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат мебошад. Дар шароити муосири Тоҷикистон, ки иқтисоди он дар ҳолати гузариш аз низоми нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ қарор дорад, мушкилоти номувозинӣ байни талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он ба таври равшан эҳсос мешавад. Аз як ҷониб, афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва шумораи зиёдтари ҷавонони таҳсилёфта, аз ҷониби дигар маҳдудияти ҷойҳои кории расмӣ ва паст будани қобилияти шароити иқтисоди дохилӣ ба ин неру, чунин вазъро ба вуҷуд овардааст.

Асоси таҳлили бозори меҳнатро муайян кардани талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳодҳои он фаро мегирад. Хусусияти бозори меҳнати Тоҷикистони муосир ба мутобиқат накардани талабот ва пешниҳод хос аст. Ин хусусият танҳо марбут ба кишвари мо нест, балки ба ҳама мамалакаҳое, ки иқтисоди давраи гузаришро аз сар мегузаронанд, дахл дорад. Фарқиятро бояд муайян кунем, ки аз ду унсури бозори меҳнат кадом бартарӣ дорад: талабот ба меҳнат ё пешниҳодҳои он».

Талабот ба қувваи корӣ аз вазъи иқтисодӣ, сатҳи механизатсия ва автоматизатсияи меҳнат ва ҳамчунин, арзиши он вобастагӣ дорад. Пешниҳоди қувваи корӣ вобаста ба як қатор омилҳо, аз ҷумла шумора ва фаъолнокии аҳолӣ, сатҳи маълумотнокӣ, касбият, салоҳият, ҳаракат дар бозори меҳнат ва андозаи музди меҳнат муайян мешавад. Ин омилҳо таъсири назаррас ба ҳолати бозори меҳнат доранд, ки метавонад манзараи шуғли аҳолиро, таҳаввулоти меҳнатии коргарон ва талаботи соҳаҳо муайян созад.

Шумораи қувваи корӣ, ки на танҳо аз афзоиши аҳолӣ, балки аз ҷиҳати фаъолнокии мардум дар бозори меҳнат низ вобаста аст, як фишангест барои арзёбии вазъи шуғл дар кишвар. Сатҳи маълумотнокӣ ва касбияти аҳолӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳими дигар мебошанд, ки имкониятҳо ва талаботро дар бозори меҳнат ба коргарон фароҳам меоранд.

Ҳаракати қувваи корӣ, ки на танҳо ба муҳоҷират, балки ба интихоби кор ва ҷойгиршавии коргарон дар бозори меҳнат алоқаманд аст, таъсир мерасонад. Истифодаи салоҳиятҳои касбӣ ва маросимҳои иҷтимоии меҳнат низ метавонанд ба шеваи иҷрои вазифаҳои корӣ ва талаботи бозори меҳнат таъсир гузоранд.

Ниҳоят, андозаи музди меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар бозори меҳнат низ ба мувозинати қувваи корӣ ва дастёбӣ ба ҷойҳои корӣ таъсир мерасонад, ки на танҳо аз макони кор, балки аз самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар вобаста аст.

Дар ҷумҳурӣ захираи асосии қувваи корӣ арзон аст, вале дар ин ҳолат муайян кардан муҳим аст, ки чӣ гуна он истифода мешавад, вобаста ба соҳа ва минтақаҳо чӣ гуна тақсим мешавад, талабот ба он чӣ гуна аст ва пешниҳодҳои он дар кадом ҳолата аст.

Нишондоди асосие, ки ба шаклгирии талаботу пешниҳодҳои бозори меҳнат таъсир мерасонад, музди меҳнат аст. Ҳавасмандии нафарони соҳибистеъдод ба меҳнат ва пешниҳод кардани маҳорати худ дар ивази подош маҳз аз сатҳи музди меҳнат вобаста аст. (ҷадвали 3.1.4.)

Агар ба таҳлили ҷараёни инкишофи музди меҳнат дар ҷумҳурӣ тавақҷуҳ кунем, нишондодҳои охир чунинанд.

Ҷадвали 3.1.4. - Таносуби музди миёнаи меҳнатии моҳонаи коргарони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар солҳои 2015 – 2023

Нишондодҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
I. Ҷумҳурии Тоҷикистон: Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳ-нати коргарон, бо сомонӣ	878,91	962,16	1144,19	1233,82	1335,52	1393,78	1541	1760,29	2013,11	56,4
бо доллари ИМА	142,6	122,8	133,8	134,83	140	135	136,2	175,6	185,6	23,2
II. Федератсияи Россия: музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон, бо доллари ИМА	551	656	555	610	663	702	767,8	755	873,11	36,9
Таносуб дар музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии коргарони ФР бо %	25,8	18,7	24	22	22,1	19,2	17,7	23,2	21,2	13,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 238].

Аз ҷадвали 3.1.4. боло дида мешавад, ки сатҳи музди меҳнат дар Федератсияи Россия нисбат ба Тоҷикистон бештар аст ва ин ангезае барои рафтани аҳолии қобили меҳнати ба муҳоҷирт меафзояд. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки сатҳи музди меҳнат дар Тоҷикистон бо вуҷуди тамоюл ба афзоиш доштан, дар муқоиса бо музди меҳнат дар Россия дар сатҳи паст боқӣ мемонад. Агар соли 2015 музди меҳнат 142,6 доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас, дар соли 2020 ин нишондод ба 135 доллар ИМА баробар шуда, дар соли 2023 ба 185,6 долари амрикоӣ рост меояд. Музди миёнаи меҳнати моҳона дар Россия дар ҳамин давра аз 549 доллари ИМА соли 2015, дар соли 2020 то 702 ва дар соли 2023, 873, 11 доллар ИМА расидааст. Таносуби музди миёнаи моҳона дар Россия 10,8 %-ро ташкил медиҳад. Дар муқоисаи боло қурби асъор дар назар гирифта нашудааст. Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ангезаи асосии фаъолнокии аҳолӣ дар муҳоҷират фарқият дар музди меҳнат аст,

ки барои ба кор рафтани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷ, махсусан ба Федератсияи Россия мусоидат мекунад. Солҳои охир бо чунин сабаб самтгирии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ низ тағйир ёфтааст ва шаҳрвандони кишвар дар баробари Россия, инчунин давлатҳои Аврупоиро низ интихоб менамоянд, ки музди кор дар ин давлатҳо аз музди кори миёнаи моҳонаи Тоҷикистон ва Россия хеле баландар мебошад. Вале давлатҳои Аврупоӣ барои шаҳрвандони давлатҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон ҳамагӣ барои 6-моҳ раводид медиҳанд, ки хеле кам мебошад. Новобаста аз он, ки музди кор дар Аврупо хеле баланд аст, гирифтани раводид, иҷозати кор вақти зиёдро талаб менамояд. Муҳоҷирони меҳнатӣ иҷозати воридшавӣ ба аврупоро тақрибан як сол интизор мешаванд. Агар аз ҷониби вазоратҳои дахлдор бо корфармоёни аврупоӣ ҷиҳати сафарбар намудани аҳолии қобили меҳнат созишнома имзо шавад, барои бартараф намудани нобаробарии арза ва тақозои қувваи корӣ мусоидат менамояд.

Барои ошкор кардани ангезаҳои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ миёни муҳоҷирони дохилӣ, ки дар соҳаҳои сохтмону хизматрасонӣ фаъолият мекунанд, пурсиш гузарондем. Пурсиш нишон доданд, ки қисми бештари муҳоҷирони меҳнатии дохилиро дар пойтахт сокинони вилояти Хатлон (56% аз шумораи умумии пурсидашудагон, 17% сокинони вилояти Суғд, 23% сокинони ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 4% сокинони ВМКБ) ташкил медиҳанд.

Новобаста аз он ки маълумоти оморӣ наметавонад бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври комил ва фарогир инъикос намояд, баландравии нишондиҳандаи музди миёнаи меҳнат метавонад ҳамчун натиҷаи ислоҳоти ниҳодӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими шуғл арзёбӣ гардад. Ин тамоюли мусбат, пеш аз ҳама, ба беҳбуд бахшидани муҳити меҳнатӣ ва танзими расмии музди меҳнат аз ҷониби сохторҳои марбутаи давлатӣ иртибот аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳар гуна ислоҳоти ниҳодӣ ва ташкилӣ аз ҷумла, бозсозии механизмҳои идоракунии бозори меҳнат, таҷдиди сохтории бахшҳои иқтисод, ва татбиқи барномаҳои рушди кадрӣ метавонад ба афзоиши талабот ба қувваи кории соҳибихтисос ва мутахассисони баландмалака

мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, таҳлили сохтории бозори меҳнат нишон медиҳад, ки чандирии арзаи қувваи корӣ танҳо дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз ҷумла дар бахшҳои алоқа, хизматрасониҳои молиявӣ ва технологияҳои иттилоотӣ эҳсос мегардад. Дар дигар соҳаҳо, ба хусус дар бахшҳои анъанавии иқтисод, ба мисли кишоварзӣ ва саноати коркард, паст будани музди меҳнат ва номатлуб будани шароити меҳнатӣ боиси беҳаракатии кадрҳо ва кам будани ангеза барои фаъолияти меҳнатии пурсамар мегардад. Махсусан, тарки ҷойи кор дар соҳаи кишоварзӣ, ки ба пасттарин сатҳи музди меҳнат алоқаманд аст, ба таври назаррас мушоҳида мешавад.

Тибқи модели неоклассикӣ ва хусусан амсилаи пешниҳодкардаи Уилям Артур Люис, дар шароити набудани сармоягузории кофӣ, фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолӣ ва суст будани раванди индустрикунонӣ, қувваи кории изофии мавҷудбуда, махсусан дар деҳот, имкони ҷалб шудан ба бахшҳои саноатиро надорад. Дар чунин шароит, барои дарёфти сатҳи беҳтари рӯзгор, қисмати зиёди аҳолии қобили меҳнат ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ рӯ меоранд, ки он тадриҷан ба як механизми устувори танзими бозори меҳнат табдил ёфтааст. Дар доираи ҳамин модел, ки ба шароити Тоҷикистон комилан мутобиқ аст, раванди муҳоҷирати қувваи меҳнатӣ ба хориҷи кишвар пеш аз ҳама ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон ҳамчун ҷавоб ба норасоии ҷойҳои кории дохилӣ ва музди меҳнати паст арзёбӣ мегардад. Аммо шиддат гирифтани сиёсатҳои муҳоҷиративу ҳуқуқии кишварҳои мизбон, аз ҷумла сахт шудани меъёрҳои ҳуқуқии Федератсияи Русия нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, боиси маҳдуд шудани имкониятҳои кории муҳоҷирон гардида, шумораи зиёди онҳо ба ватан баргаштаанд. Тибқи маълумоти оморӣ, дар давраи солҳои 2016 - 2017 беш аз 300 ҳазор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, ки ин нишондиҳанда бозгӯкунандаи ҷиддӣ шудани мушкилоти бозори меҳнат ва зарурати таҳияи механизмҳои нави мутобиқсозии қувваи кории баргаштаро тақозо мекунад. Ин рақам нишон медиҳад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ барои иқтисоди Тоҷикистон аҳамияти назаррас дорад, зеро бозгаштҳои муҳоҷирон бо худ таҷриба, малакаҳои касбӣ ва баъзан сармояи аввалияро барои

рушди иқтисод ва соҳибкорӣ меоранд. Дар соли 2020, бо сабаби паҳншавии бемории ҳамагири COVID - 19 ва баста шудани сарҳадҳои аксари давлатҳои ҷаҳон, зиёда аз 500 ҳазор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нияти муҳоҷирати меҳнатӣ доштанд, натавонистанд кишварро тарк кунанд ва маҷбур шуданд дар дохили мамлакат дар ҷустуҷӯи ҷойи кор бошанд. Ин ҳолат зарурат ва муҳимияти бознигарии сиёсати шуғли дохилиро таъкид намуд, зеро бозори меҳнати кишвар барои қабули чунин ҳаҷми қувваи корӣ, дар шароити камбуди инфрасохтор ва ҷойҳои кории расмӣ, омода набуд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба сохтори демографӣ на танҳо ба таври мустақим, аз тариқи коҳиши шумораи аҳолии иқоматкунанда, балки ба таври ғайримустақим низ таъсири амиқ мерасонад. Аз ҷумла, тавассути мавқуф гузоштани таваллуди фарзандон, суст шудани вазъи саломатии муҳоҷирони корӣ, кам шудани сатҳи иштироки онҳо дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва заъфи пайвастагиҳои оилавӣ. Ин падидаҳо метавонанд дар дарозмуддат ба коҳиши қобилияти демографӣ ва иҷтимоии кишварҳо, бахусус кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ, боис гарданд.

Муқоисаи фоида ва зиёни муҳоҷирати меҳнатӣ ба омилҳои гуногун аз ҷумла, сатҳи рушди иқтисодӣ, сохтори бозори меҳнат, шиддати бекорӣ ва имкониятҳои ҷалби дохилии қувваи корӣ вобаста мебошад. Барои кишварҳое мисли Тоҷикистон, ки дорои иқтисоди нисбатан осебпазир, вобаста аз бахши кишоварзӣ ва бо инфрасохтори саноатии маҳдуданд, муҳоҷирати меҳнатии танзимнашуда метавонад оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошад. Норасоии нерӯи корӣ дар деҳот, ки аксаран манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд, боиси коҳиши ҳаҷми истеҳсолот ва паст шудани иқтидори иқтисодии минтақаҳо мегардад. Аз ин рӯ, танзими оқилонаи равандҳои муҳоҷират ва таҳкими сиёсати шуғли дохилӣ ба яке аз вазифаҳои калидии давлат табдил ёфтааст.

Аз тарафи дигар, дар кишварҳои бо сатҳи рушдёфта, содироти қувваи корӣ метавонад манфиатҳои назаррасро ба вуҷуд орад, чун ки онҳо метавонанд муҳоҷиронро бо малакаҳо ва таҷрибаҳои гуногун дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ бо

дастрасӣ ба пулҳои интиқолӣ истифода баранд, ки барои рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар ватани худ кӯмак мекунанд.

Бо дарназардошти ин, муҳоҷирати аҳолиро ба доимӣ (бебозгашт) ва муваққатӣ ҷудо кардан мумкин аст. Муҳоҷирати бебозгашт ба тағйири ниҳоии ҷойи истиқомати доимӣ алоқамандӣ дорад, ҳамзамон, ба ду шарт ҷавобгӯ аст: якум, аҳолӣ аз маконе ба макони дигар мекӯчад; дувум, ин кӯчиш ҳамроҳ бо ивазшавии ҷойи истиқомати доимӣ сурат мегирад. Муҳоҷирати бебозгашт (бо тағйирёбии ҷойи истиқомат) ба суръати афзоиши шумораи ҳайати ҷинсӣ-синну солии аҳолӣ мустақиман таъсир мерасонад. Бақайдгирии муҳоҷирати бебозгашт аз ҷониби мақомоти омор дар асоси талошҳои воридшавӣ (бақайдгирӣ) ва хориҷшавӣ (азқайдбарорӣ) амалӣ мешавад, ки дар шуъбаҳои шиносномадиҳии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пур карда мешаванд.

Миқдори солонаи муҳоҷирати бебозгашт, ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ тағйироти назаррасро аз сар гузаронида аст. Пас аз афзоиши якбораи муҳоҷирати бебозгашт дар ибтидои солҳои 90-ум, ки шумораи муҳоҷирон дар соли 1993 беш аз 200 ҳазор нафарро ташкил медод, аз соли 1994 то 2000-ум камшавии назаррас дар он мушоҳида шуд. Ин камшавӣ метавонад ба сабабҳои гуногун, аз ҷумла вазъи иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, таъсири воқеаҳои ҷамъиятӣ ва дигар омилҳои байналмилалӣ вобаста бошад.

Дар солҳои минбаъда гардиши муҳоҷирати бебозгашт афзоиш ёфта, соли 2000-ум ба 6,1% баробар шуд. Гардиши муҳоҷират дар шаҳрҳо соли 2010 27,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин нишондод соли 2000 ба 26,2 ҳазор нафар баробар буд. Соли 2019 ин нишондод ба 38,9 ҳазор нафар расидааст. Дар деҳот гардиши муҳоҷират дар соли 2000 16,5 ҳазор ва соли 2015 43 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки дар давоми 19 сол, яъне аз соли 2000 то 2019 гардиши муҳоҷират аз 42,6 то ба 95,4 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст.

Соли 2019 шумораи нафарони ба ҷумҳурӣ воридшуда 40,9 ҳазор нафарро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2000 11,9% афзудааст. Шумораи хориҷшудагон низ дар давраи мазкур рӯ ба афзоиш дорад. Агар соли 2000-ум шумораи хориҷшудагон 11,9 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас, дар соли 2019 ин

нишондод ба 54,5 ҳазор нафар баробар шудааст. Нишондоди афзоиши муҳоҷират дар давраи таҳқиқшуда ҳамоно манфӣ боқӣ мемонад ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи нафароне, ки барои кор ба хориҷа мераванд, нисбат ба нафарони воридшаванда хеле зиёд аст. Ҷараёни муҳоҷиршавӣ аз деҳот дар соли 2016 8,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 2005 35,8% кам аст. Вобаста ба маҳалҳои шаҳрнишин соли 2016 890 нафарро ташкил додааст, ки дар қиёс бо соли 2007 30,8% кам шудааст.

Дар умум, солҳои 2015–2019 камшавии муҳоҷират аз маҳалҳои шаҳрнишин 41 ҳазор нафар ва аз деҳот 21,8 ҳазор нафарро ташкил додааст. Дар давраи солҳои 2005 то 2019 дар рушди равандҳои муҳоҷирати сатҳи минтақавӣ тағйирот ба амал омад. Афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ бо тағйири ҷойи истиқомати сокинони вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ мушоҳида мешавад. Гардиши муҳоҷират аз ВМКБ 2,3 маротиба афзоиш ёфта, 2,6 ҳазор нафарро ташкил додааст. Аз вилояти Хатлон дар муқоиса бо соли 2005 30,2% (41,32 ҳазор нафар) ва аз НТҶ 22,7% (21,9 ҳазор нафар) афзуда, аз вилояти Суғд нисбат ба соли 2005 зиёд шудааст (2,1 ҳазор нафар). Натиҷаҳои муҳоҷирати аҳолӣ вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷадвали 3.1.5.оварда шудааст.

Таҳлили маълумоти оморӣ аз соли 2015 то 2023 вобаста ба минтақаҳо нишон медиҳад, ки муҳоҷирати бебозгашт хусусиятҳо ва тамоюли гуногун дорад. Таҳлил дар асоси ду нишондиҳандаи демографӣ – афзоиши муҳоҷират ва гардиши муҳоҷират нишон медиҳад, ки вазъи муҳоҷирати бебозгашт дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яксон нест. Афзоиши муҳоҷират дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот соли 2019 нисбат ба соли 2015 кам шудааст. Сабаб дар он аст, ки дар ҳамин давра шумораи хориҷшудагон аз маҳалҳои шаҳру деҳот зиёд шудааст.

Ҷадвали 3.1.5. - Натиҷаҳои муҳоҷирати аҳолӣ вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2023 (ҳазор нафар)

Нишондодҳо	Эзҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)
Ҷумҳурии Тоҷикистон	I	35,3	33,3	37,5	42,1	40,9	34,7	33,5	30,3	27,0	- 8,3
	II	40,1	37,6	41,1	45,1	54,5	42,6	40,8	39,1	34,9	-5,2
	III	4,8	-4,3	-3,6	-3,0	-13,6	- 7,9	-7,3	-8,8	-7,9	3,1
	IV	**75,4**	**70,9**	**78,6**	**87,2**	**95,4**	**77,3**	**74,3**	**69,4**	**61,9**	**13,5**
ВМКБ	I	0,6	0,6	0,7	0,7	0,7	0,6	0,5	0,6	0,6	0
	II	1,8	1,8	1,9	1,7	1,9	1,6	1,3	1,4	1,2	-0,6
	III	1,2	-1,2	-1,1	-1,0	-1,2	- 1,0	-0,8	-0,9	-0,6	- 0,6
	IV	**2,4**	**2,4**	**2,6**	**2,4**	**2,6**	**2,2**	**1,8**	**2,0**	**1,8**	**-0,6**
Вилояти Суғд	I	7,3	6,2	6,4	6,9	7,8	6,4	7,7	6,8	6,0	1,3
	II	9,5	8,4	9,0	9,5	11,2	9,4	9,2	8,7	1,2	-8,3
	III	-2,2	-2,2	-2,6	-2,6	-3,4	- 3,0	-1,5	-1,9	1,6	0,6
	IV	**16,8**	**14,6**	**15,4**	**16,4**	**19**	**15,8**	**16,9**	**15,5**	**7,2**	**-9,6**
Вилояти Хатлон	I	12,8	13,4	14,4	18,0	16,0	14,4	14,3	13,4	13,6	0,8
	II	17,8	17,3	18,1	22,6	25,3	20,5	18,2	17,4	16,6	-1,2
	III	-5,0	-3,9	-3,7	-4,6	-9,3	-6,1	-4,0	-4,0	-3,1	-1,9
	IV	**30,6**	**30,7**	**32,5**	**40,6**	**41,3**	**34,9**	**34,8**	**30,8**	**30,2**	**-0,4**
ш. Душанбе	I	4,9	5,2	6,7	7,2	6,8	6,3	5,1	4,8	3,2	-1,7
	II	2,9	3,1	4,5	5,1	3,8	3,4	4,4	3,8	3,7	0,8
	III	2,0	2,1	2,1	2,1	3,0	2,9	0,7	1,0	- 0,4	-1,6
	IV	**7,8**	**8,3**	**11,2**	**12,3**	**10,6**	**9,7**	**9,5**	**8,6**	**6,9**	**-0,9**
НТҶ	I	9,6	7,9	9,3	9,3	9,6	7,0	5,9	4,7	3,5	-6,1
	II	8,1	6,9	7,6	6,2	12,3	7,7	7,6	7,8	5,8	-2,3
	III	1,5	1,0	1,7	3,1	-2,7	- 0,7	-1,7	-3,1	-2,3	0,8
	IV	**17,7**	**14,8**	**16,9**	**15,5**	**21,9**	**14,7**	**13,5**	**12,5**	**9,3**	**8,4**
Эзоҳ: I-Шумораи воридшудагон, нафар;II-Шумораи хориҷшудагон, нафар; III-Афзоиши муҳоҷират;IV-Гардиши муҳоҷират											

Сарчашма : таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 35 - 40].

Чунонки аз ҷадвали 3.1.5. мушоҳида мешавад, камшавии нишондиҳандаи афзоиши муҳоҷират дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад.

Дар давраи таҳқиқшуда, гардиши умумии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоишро нишон медиҳад, ки ин раванд махсусан дар шаҳри Душанбе бо суръати бештар ба қайд гирифта шудааст. Ин афзоиш дар мутавозин бо вусъати шумораи аҳолии пойтахт сурат гирифта, шаҳодат аз

шиддат гирифтани раванди консентратсияи аҳолӣ дар маркази маъмурӣ ва иқтисодии кишвар медиҳад. Ҳамзамон, дар ҳамаи минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ низ суръати гардиши муҳоҷират боло рафтааст, ки нишондиҳандаи равшани ташаккул ва таҳкими равандҳои муҳоҷирати доимӣ дар дохили кишвар мебошад. Аз ҷумла, дар солҳои 2015 то 2023, ҳаҷми гардиши муҳоҷират дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон тақрибан ду баробар зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд, баръакси минтақаҳои зикршуда, афзоиши нисбии гардиши муҳоҷират асосан дар солҳои 2015 - 2016 мушоҳида шуда, минбаъд ин раванд тадриҷан коҳиш ёфта, дар соли 2019 ба сатҳи нишондиҳандаҳои соли 2015 баробар шудааст. Ин ҳолат ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, имконҳои шуғл, фарсудашавии захираҳои иҷтимоӣ ва тағйирёбии динамикаи демографӣ дар минтақаҳо алоқаманд буда, зарурати таҳлили амиқи сиёсати танзими муҳоҷират ва тақсими мутавозини қувваи кориро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ пеш мегузорад.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ тағйирот дар қонунгузории (ба қонунгузории муҳоҷират) ФР, ки аз январи соли 2016 татбиқи онҳо шуруъ шуд, шумораи нафаронеро, ки аз 3 то 5 сол ҳаққи вуруд ба ФР-ро надоранд, зиёд намуд. « ... Барои вайрон кардани қонунгузории Федератсияи Россия тибқи маълумоти Хадамоти Федералии муҳоҷирати ФР бештар аз 315438 нафар шаҳрвандони ҶТ ба феҳристи онҳое дохил шудаанд, ки вурудашон аз 3 то 5 сол ба ҳудуди ФР манъ аст». Ҳамчунин, 400 ҳазор нафар шаҳрвандони ҶТ ба гурӯҳи хавф шомил шудаанд. Ин ҳолатҳо ба назар инҷониб ба вазъи бозори дохилии меҳнат таъсири манфӣ дорад, зеро бештар аз 300 ҳазор нафаре, ки аз Россия ихроҷ (депорт) шудаанд, бояд дар дохили мамлакат барои худ кор пайдо кунанд.

Муҳоҷирати дохилӣ дар Тоҷикистон бо мақсади бартараф кардани нобаробариҳои иқтисодӣ ва ҷуғрофии кишвар ба вуҷуд омадааст. Ин раванд, ки аввал дар минтақаҳои кӯҳӣ ва сераҳолии кишвар шуруъ шуд, ҳоло то охири солҳои 2000-ум ба як ҷузъи муҳимми сиёсати иҷтимоии кишвар табдил ёфтааст. Ташаббусҳои ҳукумати кишвар барои кӯчондани аҳолӣ ба минтақаҳои

дорои заминҳои бекорхобида, бо мақсади беҳтар кардани шуғл, фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ва равнақ додани бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва саноат, ба амал омадаанд. Дар натиҷа, дар давоми солҳои 2001-2017 зиёда аз 10 000 оила бо шумораи зиёди аҳолии кӯчондашударо ба минтақаҳои марказӣ ва водиҳо интиқол дода шуд.

Масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, бо мушкилоти инфрасохторӣ ва захираҳои маҳдуд алоқаманд аст. Ба ин омилҳо, низ камбуди ҷойҳои корӣ ва боқимондаи маҳдудияти шароити зиндагӣ барои муҳоҷирон эҳсос мешавад, ки барои зиндагии онҳо мушкилот ба бор меоварад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам кардани ин мушкилот тадбирҳо андешидааст, ки аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок, фароҳам овардани замин барои сохтмон, таъмини оби нӯшокӣ ва кӯмакҳо дар бахши иҷтимоӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, омилҳои дигар, ба монанди беҳсозии роҳҳо, инфраструктураи иҷтимоӣ ва ташкил намудани муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, зарур аст. Аз ин рӯ, талаботи муҳими ҳукумат дар самти кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ - беҳтар кардани ҳамоҳангии мақомоти маҳаллӣ ва давлатӣ мебошад, ки ба таъмини шароити зиндагӣ, мусоидат ба амалӣ намудани сиёсати муҳоҷират ва мусоидат дар эҷоди ҷойҳои корӣ бо музди арзанда мусоидат мекунад.

Барои амалишавии ин сиёсатҳо, зарур аст, ки вазорату идораҳои дахлдор ҳамкорӣ ва муносибатҳои самарабахши байниидоравиро таҳия намоянд, ки ба маҳалҳои муҳоҷиршуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва кӯмак ба мардум дар шифо додани мушкилот мусоидат кунад. Бо вуҷуди душвориҳои дар боло зикршуда, иқтидори муҳоҷирони дохилӣ ва манбаъҳои ғайримарказии он метавонад дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоии ҷумҳурӣ таъсири манфии ҳолатҳоро коҳиш диҳад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар хулоасҳо дар таҳқиқоти такмили консепсияҳои назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои он:

1. Фароҳам овардани шароит барои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии зиёиён, баланд бардоштани обрӯю эътибор ва мақоми иҷтимоии олим, коргари соҳибихтисоси муҳандисию техникӣ дар ҷамъият. Ин як раванди хеле мураккаб ва тӯлонӣ буда, иштироки фаъоли мақомоти танзимкунанда ва муассисаҳои молиявии давлатро талаб мекунад.

2. Баланд бардоштани дараҷаи музди кори зиёиёни илмӣ, корпуси муҳандисӣ, коргарони ихтисоснок.

3. Таъсиси агентӣ дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди робита бо ҳамватанони муҳоҷиршуда дар хориҷа ва дастгирии онҳо бо роҳи таъсиси барномаҳои муштараки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ, таҳкими робитаҳои касбӣ ва фароҳам овардани шароит барои бозгашти онҳо ба ватан.

4. Таҳия ва татбиқи сиёсати миллӣ ба маблағгузории афзалиятноки таҳқиқотҳое, ки ба манфиатҳои илмии кишвар ҷавобгӯ мебошанд, дастгирии мактабҳои илмӣ, олимони лаёқатманду сермаҳсул, махсусан ҷавононе, ки ояндаи кишвар бо онҳо алоқаманд аст.

5. Татбиқи мунтазами шарти афзалиятнок нисбат ба самтҳои муҳимтарини тадқиқоти илмӣ ва ташкилотҳои илмие, ки фаъолияти онҳо барои нигоҳ доштани пояҳои неруи илмии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар арсаи ҷаҳонӣ аҳамияти калон дорад.

6. Дарёфти имкониятҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи илмию техникӣ дар асоси ҳамкориҳои байнидавлатии мутақобилан судманд, то ки кишварҳои манфиатдор дар маблағгузории як қисми иқтидори илмии мамлакат бар ивази дастрасӣ ба захираҳои зеҳнии он иштирок намоянд.

7. Рушди робита бо олимони муҳоҷир ва барқарор кардани робита бо онҳо ҳамчун манбаи муҳимми берунии кишвар.

8. Таҳия ва татбиқи барномаҳои танзими давлатии муҳоҷирати байналмилалии олимон ва мутахассисон, ки ба ҷилавгирӣ аз хуруҷи захираҳои баландихтисос равона шудаанд.

9. Шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андешаи мо, истифодаи консепсияи илмии «гардиши мағзҳо» дар раванди арзёбии ҳиҷрати зеҳнӣ вазъи воқеии равандҳои муҳоҷиратро инъикос хоҳад кард. «Гардиши мағзҳо» механизмест, ки ҳамчун суръатбахши пешрафти илму техникӣ хизмат мекунад ва ба шарофати он ҷиҳатҳои мусбати «фирори мағзҳо» нигоҳ дошта шуда, ҷиҳатҳои манфии он то андозае баратараф карда мешавад.

10. «Гардиши мағзҳо» таҷрибаомӯзии донишҷӯён, аспирантҳо ва олимони ҷавон дар хориҷи кишвар, пас аз бозгашт ба ватан ва паҳн кардани донишҳои андӯхтаро дар назар дорад. Ба эътиқоди анъанавӣ, ин раванд танҳо вақте имконпазир аст, ки дар кишварҳо сатҳи некуаҳволии иқтисодӣ тақрибан баробар бошанд, вале чунин мешуморем, ки ин мубодила дар байни кишварҳои дорои иқтидори муқоисашавандаи рушди илмӣ оқилона аст: муассисаҳои касбии таълимӣ бояд навкунӣ (модернизатсия) ва аз лиҳози моддӣ - техникӣ аз нав муҷаҳҳаз шаванд; ташкил ва тақвияти заминаи муосири моддӣ - техникӣ ва таълимӣ-методӣ, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ва мутахассисони соҳаи истеҳсолот, аз ҷумла алоқаи зич бо кордиҳандагон, ба хусус кордиҳандаҳои хориҷӣ самти муҳимми омодасозии коргарон мебошад; агентиҳои давлатӣ ва шахсии шуғли аҳолӣ бояд дар таъмини ҷойи кори расмии шаҳрвандони ҶТ нақши калидӣ дошта бошанд; вобаста ба талаботи бозори дохилию хориҷӣ таълими касбҳои мавҷуда ба нақша гирифта шуда, бояд дигар касбҳои серталаб низ омода карда шаванд; барои арзёбии тамоюлҳои тағйирот дар бозори дохилии меҳнат танзим ва роҳандозии ташхисҳои семоҳаи қувваи корӣ хеле зарур аст. Маълумоти дар натиҷаи таҳқиқ бадастомада имкон медиҳад, ки тағйиротро дар муносибат бо аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ва ғайрифаъол, шумораи бекорон, коргарони бахши ғайрирасмии иқтисод, шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ва амсоли инҳоро муайян кунем.

3.2. Омилҳои асосии коҳишёбии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон

Муҳоҷират ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва таърихӣ, дар тамоми марҳилаҳои рушди ҷомеа мавҷуд буда, ҳамеша зери таъсири маҷмӯи омилҳои

гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ қарор гирифтааст. Гарчанде ки сабабҳои муҳоҷирати инсонҳо метавонанд шаклҳои мухталиф дошта бошанд, таҳлили равандҳои муосир нишон медиҳад, ки омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи муҳоҷират дар ҷаҳони имрӯза пеш аз ҳама ба нобаробарии иқтисодӣ байни кишварҳо, таносуби номувозини демографӣ, пешрафти суръатноки илм ва технология, инчунин тағйирот дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ иртибот доранд. Ин омилҳо на танҳо ангезаи муҳоҷиратро тақвият мебахшанд, балки самт, шакл ва шиддати он низ тавассути таъсири мутақобилаашон муайян мегардад. Ҳамин тавр, муҳоҷиратро метавон ҳамчун ҷараёни мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ кард, ки дар заминаи тағйироти ҷаҳонӣ сурат мегирад ва бо рушди устувор, амнияти инсонӣ ва низоми бозори меҳнат дар саросари ҷаҳон пайванди зич дорад.

Тибқи маълумоти СММ, ҳоло дар ҷаҳон тақрибан 212 миллион нафар одамон дар хориҷ аз кишвари худ зиндагӣ мекунанд, ки ин зиёда аз 2% аҳолии сайёраро ташкил медиҳад. Ин муҳоҷират, ки аз ҷониби шаҳрвандони кишварҳои гуногун, бахусус кишварҳои рӯ ба инкишоф равона мешавад, на танҳо бо оқибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, балки бо таъсироти иқтисодӣ низ алоқаманд аст [78, с 17].

Дар солҳои 90-ум, баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвар ба мушкилоти ҷиддие мувоҷеҳ шуд. Муҳоҷират бо мақсади таҳсил ва кор боиси афзоиши назарраси сафарҳои шаҳрвандони Тоҷикистон ба кишварҳои дигар гардид. Бештар аз ҳама, муҳоҷирати меҳнатӣ бо сабабҳои иқтисодӣ, ба мисли бекорӣ, набудани ҷойҳои корӣ, музди ночиз ва шароити сангини зиндагӣ ба вуҷуд омад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва муҳоҷирати одамон дар баробари хурӯҷ кардани кишварҳо, хусусан дар натиҷаи буҳрони иқтисодӣ, афзоиши неруи кории қобили корӣ ва нокифоии захираҳои меҳнатӣ дар дохили кишвар ҷой гирифтааст. Муҳоҷирати шахсон дар натиҷаи набудани ҷойҳои кории муносиб, шиддати вазъи иқтисодӣ, инчунин ба ҷанги шаҳрвандии

кишвар, ки як қисми аҳолиро маҷбур намуд, ки барои зиндагӣ ва ё таҳсил ба кишварҳои ҳамсоя ё кишварҳои дурдаст сафар кунанд.

Вазъи муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири омилҳои гуногун, ки аз як тараф иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ва аз тарафи дигар, урфу одатҳо ва анъанаҳои миллӣ, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, қарор дорад. Ин омилҳо дар маҷмуъ таъсири калон ба рушди бозори меҳнат, тақсимоти захираҳои меҳнатӣ ва эҷоди ҷойҳои корӣ дар кишвар мерасонанд. Аз ин рӯ, ба мо зарур аст, ки омилҳои манфии дарҷгардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, оқибатҳои онро муайян созем. Вобаста ба ин омилҳои болозикрро дар зер тасвир менамоем (расми 3.2.1.).



Расми 3.2.1. - Гурӯҳбандии омилҳои ба рушди бозори меҳнат таъсиррасон
Сарчашма: Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Аз омилҳои дар расми 3.2.1. тасвиргардида бармеояд, ки аҳолии қобили меҳнат пеш аз ҳама, ба унсурҳо ва падидаҳое такя менамоянд, ки мушкилоти онҳоро осон гардонад.

Пас аз пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аксари корхонаҳо якбора аз фаъолият бозмонда, муносибатҳои иқтисодӣ вайрон гардиданд ва аҳолии

қобили меҳнат аз ҷойи кор маҳрум шуданд. Шароити зиндагӣ басо сангин гардид, хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, заводу фабрикаҳо оғоз ёфт ва ҷанги шаҳрвандӣ шурӯъ шуд. Чунин ҳолат ба ташаккули инфрасохтори гуногун таъсир гузошт ва якбора ба коҳишёбӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ оварда расонид.

Дар солҳои аввали истиқлолият, вақте ки вазъи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мураккаб ва вазнин буд, муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар мерасид, ки як роҳи осон барои беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ аст. Аммо дар солҳои охир, махсусан пас аз соли 2010, масъалаи муҳоҷирати одамони бомаърифат ва соҳибихтисос, ки боис ба талафоти назаррас барои кишвар гардид, тадриҷан ба як падидаи ташвишовар табдил ёфт [9]. Муҳоҷирати мутахассисон ва олимони баландихтисос, ки дар илм ва соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ барои кишвар зарурӣ мебошанд, имрӯз дар адабиёти илмии Тоҷикистон ҳамчун «фирори мағзҳо» маъруф аст.

Раванди муҳоҷирати ҷавонон ва мутахассисони соҳибихтисос ба кишварҳои пешрафта, ки аксаран бо имкониятҳои беҳтари зиндагӣ, рушди касбӣ ва шароити мусоиди корӣ алоқаманд аст, метавонад ба таври ҷиддӣ ба иқтисоди миллии кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири манфӣ расонад. Ин гурӯҳи аҳолӣ, ки дорои дониш, малака ва қобилияти татбиқи лоиҳаҳои илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ мебошанд, яке аз захираҳои муҳими стратегии рушди миллиро ташкил медиҳанд. Аз даст додани чунин қувваи кории баландихтисос боиси заиф гардидани потенсиали илмӣ-техникӣ, коҳиши сатҳи навовариҳо ва маҳдуд шудани имкониятҳои рақобатпазирии иқтисодиёт дар сатҳи байналмилалӣ мешавад [269]. Бо назардошти афзоиши ин раванд дар заминаи таҳаввулоти глобалӣ, тағйирёбии низоми арзишҳо, рушди иқтисоди донишбунёд ва таҳдидҳои афзояндаи амниятӣ, муҳоҷирати зеҳнӣ бояд на танҳо ҳамчун падидаи иҷтимоиву демографӣ, балки ҳамчун масъалаи амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоии миллӣ арзёбӣ гардад. Ин маънои онро дорад, ки давлатҳо бояд барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ, хусусан ҷавонони соҳибихтисос, сиёсати мукаммал таҳия намоянд аз ҷумла бо фароҳам

овардани шароити мусоиди касбомӯзӣ, таҳсилоти рақобатпазир, муҳити инноватсионӣ ва имкониятҳои рушду рушди касбӣ дар дохили кишвар. Танҳо дар чунин шароит метавон ба коҳиши муҳоҷирати зеҳнӣ ва таҳкими иқтидори кадрии миллӣ ноил гардид.

« ... Ҳукумати Тоҷикистон барои ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисон дар кишвар ва кам кардани оқибатҳои манфии муҳоҷирати зеҳнӣ бояд сиёсати махсуси таълимию касбӣ, ҳавасмандгардонӣ барои мутахассисон ва имкониятҳо барои рушди онҳо дар дохили кишварро таҳия кунад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир ба мушкилоти муҳоҷират дучор гардид, ки натиҷаи он, бахусус барои мутахассисони баландихтисос, ба пастравии раванди рушди иқтисодӣ ва бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон, ки аксар вақт ба кишварҳои пешрафта меравад, агарчи барои муҳоҷирон фоидаҳои молиявӣ ва имкониятҳои беҳтари зиндагиро пешниҳод мекунад, вале барои иқтисоди миллӣ ва вазъи иҷтимоии кишвар мушкилоти назаррас ба вуҷуд меорад.

Муқоисаи савдои байналмилалӣ ва таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ дар таҳлили моделҳои макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки афзоиши муҳоҷирати мутахассисон ва ғайримутахассисон боиси коҳиш ёфтани сармоягузорӣ, сатҳи даромаднокӣ ва истеҳсолоти иқтисодӣ мегардад. Ҳамчунин, зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатии баландихтисос метавонад сатҳи музди меҳнатро дар кишвар баланд кунад, аммо ин, дар навбати худ, боиси коҳиш ёфтани нархи сармоя ва захираҳои табиӣ ва замин мегардад.

Модели таҳлили савдои байналмилалӣ бо истифода аз мувозинати муҳоҷирати меҳнатӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат талабот ба омилҳои истеҳсолот коҳиш ёфта, сармоя ва қувваи кории камихтисос ба соҳаҳои хизматрасонӣ интиқол меёбанд. Аз ин рӯ, ҳукумати Тоҷикистон бояд тадбирҳоеро ҷорӣ кунад, ки муҳоҷирати меҳнатии баландихтисосро танзим ва таваҷҷуҳи мутахассисон ба иқтисоди дохилӣ ҷалб кунад [201].

Фирори мағзҳо, ки бештар дар байни кишварҳои рӯ ба инкишоф ва пешрафта рух медиҳад, ба раванде ишора мекунад, ки дар он мутахассисони баландихтисос ва бомаҳорат аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ба кишварҳои саноатӣ кӯч мекунанд. Ин раванд боиси коҳиш ёфтани имкониятҳои рушди иқтисодӣ, хусусан дар соҳаи илму техника ва ҳосилнокии коргарӣ дар кишварҳои кишвари мизбон мешавад.

Ҷаҳонишавии иқтисод ва суръат ёфтани рақобат барои ҷалби мутахассисони баландихтисос, ки ба кишварҳои пешрафта кӯч мекунанд, бештар таваҷҷӯҳ ба манфиатҳои ин кишварҳоро ҷалб мекунад. Кишварҳои пешрафта бо истифода аз сиёсатҳои интихоби сифатнок ва такмили шароити кор ва таҳсил барои мутахассисон рақобат мекунанд.

Барои кишварҳои рӯ ба инкишоф, хуруҷи сармояи инсонӣ ва талафоти он ба иқтисодиёт ҷуброн кардан хеле душвор аст. Ҳар сол, кишварҳо хароҷоти зиёд барои таълим, омодасозии мутахассисон ва рушди сармояи инсонӣ сарф мекунанд, ки ба ҳар ҳол муфт аз даст меравад. Таъсири манфии ин раванд метавонад боиси коҳиши сатҳи некуаҳволии мардум, дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон шавад.

Ба назар мерасад, ки ҳузури мутахассисон ва сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт барои рушди кишварҳо муҳим аст. Вале, агар кишвари қабулкунандаи мутахассисон ба онҳо шароити беҳтари кор, таҳсил ва зиндагӣ пешниҳод кунад, чунин муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад барои кишварҳои рӯ ба инкишоф на танҳо хатарсоз, балки як манбаи аслии фоида ва камшавии камбизоатӣ гардад. Раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба Федератсияи Россия рост меояд, ки дар он ба ҳар сол қариб 90% муҳоҷирон сафар мекунанд. Боқимондаи муҳоҷирон ба дигар кишварҳо, хусусан кишварҳои ИДМ ва кишварҳои Ғарбӣ, муҳоҷират мекунанд. Ин раванд дар таърихи иқтисодии Тоҷикистон бо таъсири назаррас рӯ ба рӯ шудааст, ки ба коркард ва тақсимоти қувваи корӣ, инчунин ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир мерасонад. (диаграммаи 3.2.1.)

Диаграммаи 3.2.1. - Динамикаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия дар солҳои 2015 – 2023



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40].

Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи таҳлили сохтори демографӣ ва сатҳи таҳсилоти муҳоҷирон, дорои хусусиятҳои мушаххаси гендерӣ ва синнусолӣ мебошад. Зиёда аз 94,3 фоизи муҳоҷирони меҳнатиро мардон ташкил медиҳанд, ки ба ҷузъе аз хусусиятҳои меҳнати физикӣ ва талаботи бозори меҳнат дар кишварҳои қабулкунанда вобастагӣ дорад. Занон дар ин раванд танҳо 5,7 фоизро ташкил медиҳанд, ки ба маҳдудиятҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва имкониятҳои маҳдуди шуғли занон дар муҳоҷирати беруна иртибот дорад. Аз ҷиҳати синнусолӣ, бахши асосии муҳоҷирони меҳнатӣ шахсони ҷавон, махсусан гурӯҳи синнии 15 - 29 сола мебошанд, ки 56 фоизи умумии муҳоҷиронро дар бар мегиранд. Ин нишондиҳанда аз як тараф, ба коҳиши имкониятҳои шуғл барои ҷавонон дар дохили кишвар ва аз тарафи дигар, ба баланд будани иқтидори меҳнатии ин гурӯҳи аҳолӣ ишора мекунад. Гурӯҳи дигари муҳими муҳоҷирон шахсони синни миёна 30 - 49 сола мебошанд, ки 40,5 фоизро ташкил медиҳанд. Синни миёнаи муҳоҷирон, тибқи таҳқиқот, 30 солро ташкил медиҳад, ки мувозинати байни омодагии касбӣ ва қобилияти кориро ифода мекунад. Дар самти таҳсилот, маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки танҳо 21,9 фоизи муҳоҷирон соҳиби таҳсилоти касбӣ мебошанд, ки аз ин ҷумла 8,8 фоиз дорои таҳсилоти

олӣ, 5,1 фоиз дорои таҳсилоти миёнаи махсус ва 6,9 фоиз таҳсилоти ибтидоии касбӣ доранд. Бештари муҳоҷирон, яъне 63 фоиз, дорои таҳсилоти миёнаи умумии пурра буда, 13,3 фоиз танҳо таҳсилоти умумии асосӣ доранд. Ин нишондиҳандаҳо ба номувофиқати сохтори таълим бо ниёзҳои бозори меҳнат дар дохил ва хориҷи кишвар ишора мекунанд ва зарурати таҳияи стратегияи мутобиқсозии касбҳои омӯзишӣ бо бозори меҳнатро таъкид менамоянд.

Дар таҳлили динамикаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 - 2020 метавон дид, ки ин раванд зери таъсири омилҳои мутааддиди дохилию хориҷӣ ташаккул ёфтааст. Тибқи маълумоти оморӣ, дар солҳои 2015 - 2019 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ тамоюли афзоишро нишон дод, ки ин ҳолат пеш аз ҳама натиҷаи таҳаммулнопазирии бозори дохилии меҳнат нисбат ба афзоиши захираҳои корӣ, сатҳи пасти шуғл, норасоии ҷойҳои кории расмӣ ва паст будани музди меҳнат дар соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ мебошад. Афзоиши пайвастаи шумораи муҳоҷирон дар ин марҳила, инчунин ба таконҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии баъдидавраи гузариш ва зарурати пайдо кардани манбаъҳои алтернативии даромад барои оилаҳо иртибот мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар соли 2020 дар заминаи паҳншавии пандемияи COVID-19, басташавии сарҳадҳо ва маҳдудиятҳои шадиди сафар ба кишварҳои асосии қабулкунандаи муҳоҷирон, пеш аз ҳама Федератсияи Россия, коҳиши назарраси шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба қайд гирифта шуд. Ин падида на танҳо ба пастшавии имкониятҳои муҳоҷират, балки ба ташаннуҷи бозори дохилии меҳнат низ сабаб гардид, зеро ҳазорон нафар қувваи корӣ, ки қаблан дар хориҷ кор мекарданд, маҷбур шуданд дар дохили кишвар ҷойи кор ҷустуҷӯ кунанд. Бо вуҷуди мушкилоти зикршуда, дар ин давра як қатор тадбирҳои ҳукуматӣ ҷиҳати танзими бозори меҳнат ва коҳиш додани вобастагӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, ҳамасола таъсиси зиёда аз 100 ҳазор ҷойи нави корӣ дар дохили кишвар дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла саноат, сохтмон, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ, то андозае шиддати муҳоҷиратро коҳиш дод ва барои қисми муайяни аҳолӣ имконияти машғул шудан ба шуғли расмиро фароҳам овард. Ин тадбирҳо, гарчанде ки таъсири куллии фаврӣ набахшиданд,

заминаи гузариш ба модели бозори меҳнати устувор ва дохилимеҳварро фароҳам сохтанд. Ҳамзамон, аҳолии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшуда ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Тибқи ҳисобҳо, аз соли 2015 то 2023 шумораи аҳолӣ 34,1 фоиз афзуда, захираҳои меҳнатӣ бо суръати миёнаи солонаи 3,4% рушд ёфтанд. Ин омил бозори меҳнатро дар муҳосиботи стратегии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба унсури калидӣ табдил медиҳад, зеро дар оянда низ тамоюли афзоиши аҳолии қобили меҳнат идома хоҳад ёфт. Афзоиши захираҳои меҳнатӣ, ки зери таъсири омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҷуғрофӣ ба амал меояд, зарурати ташкили низоми устувори мутобиқсозии талаботу пешниҳоди бозори меҳнатро тақозо мекунад. Дар шароити мазкур, зарур аст, ки сиёсати давлатии танзими шуғл бо дарназардошти принсипҳои баробарии имкониятҳо, рушди шуғли босифат, баланд бардоштани рақобатпазирии кадрҳо, диверсификатсияи иқтисодиёт ва тавсеаи инфрасохтори истеҳсолӣ амалӣ гардад. Илова бар ин, бояд тамаркузи махсус ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан ҷавонон, занон ва шахсони аз муҳоҷират баргашта равона карда шавад, то ки захираҳои меҳнатии миллӣ дар доираи кишвар фаъол гардонида шаванд ва муҳоҷирати меҳнатӣ танҳо як интихоб, на зарурат бошад.

Ҷадвали 3.2.1. - Динамикаи рушди захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳаз. нафар.)

Нишондиҳандаҳо	2010	2015	2020	2022	2023	Муқоиса 2023 / 2010 (+-)
Захираҳои меҳнатӣ, ҳамагӣ	4530	5111	5625	5754	5990	1460
аз ҷумла: - аҳолии фаъоли иқтисодӣ	2280	2437	2557	2600	2675	395
аз ҷумла: - аҳолии машғул	2233	2380	2506	2545	2625	392
Бекорони расман ба қайд гирифташуда	48	57	51	55	50	2
Аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ	2250	2674	3068	3154	3315	904
аз ҷумла: - хонандагон	557	602	670	628	725	168
- сатҳи бекорӣ, дар % ба аҳолии фаъоли иқтисодӣ	2,1	2,3	2,1	2,1	1,8	-0,3

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 57].

Бо вуҷуди рушди назаррас дар афзоиши қувваи корӣ, номутаносибии муайян байни афзоиши қувваи корӣ ва афзоиши аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар Тоҷикистон ҳанӯз боқӣ мемонад. Ин нишон медиҳад, ки самаранокии сиёсати шуғли ҷумҳурӣ ба таври кофӣ таъмин нашудааст.

Таҳлили афзоиши миёнаи солонаи захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нишон медиҳад, ки суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ 8,56% бештар аст. Вале вазъи кунунӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нишон медиҳад ихтилофи байни талаботи объективӣ ва сиёсати шуғл, инчунин назорати заифи давлат дар бозори меҳнат, ба мушкилот дар рушди иқтисод ва беҳдошти шуғл ишора мекунад.

Таҳлили тамоюлҳои рушди бозори меҳнат дар даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ паст аст. Шуғли ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфтааст, ҳафтаҳои кории барзиёд зиёдтар шудаанд, ва механизмҳои шарикии иҷтимоӣ дар амал заъиф шудаанд. Аҳамияти фаъолияти иттифоқҳои касаба коҳиш ёфтааст, музди меҳнат бо таъхир дар робита бо таваррум танзим мешавад, ва болоравии нархи озуқа оқилона роҳандозӣ намешавад.

Вазъияти мушкилот дар шуғл дар деҳот ва сатҳи бекории номутаносиб дар минтақаҳои Тоҷикистон, ҳамчунин равандҳои муҳоҷирати ғайрирасмии аҳолӣ, хусусан дар миёни мутахассисони баландихтисос, масъалаҳои муҳими ин соҳа ҳастанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар кардани вазъи шуғл ва рушди иқтисодӣ як қатор чорабиниҳои муассирро амалӣ менамояд. Як самти асосии сиёсати иқтисодии кишвар саноатикунонии босуръат аст, ки ҳамчун яке аз ҳадафҳои чоруми миллӣ муайян карда шудааст. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 - уми декабри соли 2018, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «саноатикунонии босуръати кишвар бояд ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад, ки ин иқдом ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад» [203].

Татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ дар амал барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад. Вақте ки саноатикунонии босуръат рушд мекунад, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиши муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар таъмин мегардад. Ҳамин тариқ, иқтисодиёт рушд мекунад, ва сатҳи зиндагии мардум ба таври назаррас беҳтар мегардад.

Ҳар сол, тибқи « ... Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани сатҳи шуғл ва коҳиш додани бекорӣ дар кишвар то 100 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода мешавад». Барномаҳои дарозмуддат, ки то соли 2030 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи кориро ба вуҷуд меоранд, дастрасии аҳолиро ба ҷойҳои корӣ ва рушди бозори меҳнат мусоидат хоҳанд кард. Бо вуҷуди захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва саноатӣ, Тоҷикистон имкониятҳои васеи рушди агросаноатӣ ва ҳамкорӣ бо бозорҳои муваффақи Россия, Қазоқистон, Хитой, Афғонистон ва Покистон дорад, ки ин тамоми бахши иқтисоди кишварро ба рушди устувор ва самарабахш оварда мерасонад.

Таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми муҳими барномаи инноватсионӣ барои беҳтар намудани иқтисоди миллӣ мебошад. Мувофиқи таҳлилҳо, 30%-и савдои байналмилалӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегардад, ки ин нишон медиҳад аҳамияти калон ва нақши калидии онҳо дар рушди иқтисодӣ. Ҳадафи асосии таъсиси МОИ ин таъмини самараноки иқтисодиёт, афзоиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва рушди иқтидори содиротии кишвар аст. Инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ин минтақаҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат дар мубориза бо бекорӣ мебошад.

Дар ҳудуди кишвар 5 минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) фаъолият мекунанд, ки дар масоҳати 1752,1 гектар ҷойгир шудаанд. МОИ Суғд, Данғара, Панҷ, Ишкошим ва Кӯлоб ҳар сол тахминан 10 ҳазор ҷойи кории навро таъсис медиҳанд, ки мусоидат мекунад ба коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ.

Яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ ин рушди соҳибкории хурд ва миёна мебошад. Ин сектор барои аксари шаҳрвандони Тоҷикистон шакли асосии шуғлро ташкил медиҳад. Бо мақсади рушди ин соҳа, барномаҳои гуногуни дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ амалӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, соҳибкории хурд ва миёна дар Тоҷикистон ҳанӯз ба рушди комил нарасидааст. Барои такмил додани ин соҳа, таҳияи методологияи баҳодиҳии пардохтпазирии ширкатҳои нав ва татбиқи сиёсати махсус дар ноҳияҳои дурдаст бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии минтақаҳо зарур аст. Рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳии аграрӣ ва кӯҳӣ ва ё ташкили корхонаҳои хурду миёна дар самти дорусозӣ аҳамияти зиёде доранд, ки ин ҳама барои коҳиши муҳоҷират ва беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Барои нигоҳ доштани рушди соҳа ва таъмини фаъолияти муназзами МОИ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як барномаи махсуси андозбандиро қабул кардааст. Ба таваҷҷуҳ бояд расонем, ки дар МОИ кишвар бар асоси қарорҳои қабулшуда, андозҳо аз маҳсулоти истеҳсолшуда дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои содирот, амволи ғайриманқул ва дигар хадамоти иқтисодӣ ками назаррас доранд. Ин сиёсати андозбандӣ бо мақсади ҷалби сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва беҳтар намудани иқтисоди кишвар амалӣ мешавад.

Дар арафаи таҷдиди инфрасохтор ва рушд ёфтани бахши сайёҳӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъсиси шароити мусоид барои рушди соҳаҳои нави хизматрасонӣ ва саноатӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот диққати махсус дода аст. Дар ин ҷода, татбиқи сиёсати давлатии рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки як аз самтҳои муҳимми стратегияи рушди кишвар аст, метавонад асоси рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардад. Ин сиёсати давлатӣ имконият медиҳад, ки захираҳои табиӣ ва фарҳангии кишвар самаранок истифода шаванд ва барои беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои кор ва беҳтар намудани шароити иҷтимоии аҳолӣ мусоидат кунанд.

Дар баробари ин, бо рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, имкониятҳои шуғли аҳолӣ фароҳам меояд, ки имконотро барои муаррифии таъриху фарҳанг ва анъанаҳои бойи тоҷикон ба ҷаҳон таъмин мекунад. Ин раванд, инчунин ба рушди инфрасохтори саноат, боғҳои фарҳангӣ ва майдончаҳои варзишии нав мусоидат менамояд, ки самараи он дар баланд бардоштани сифати зиндагии мардум ва татбиқи мақсадҳои рушди миллӣ ба назар мерасад.

Дар муҳити муттаҳидшудаи иқтисодӣ, ин тадбирҳо барои сатҳи баланди шуғл, беҳтар шудани кӯмакҳои давлатӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои гуногун, дар асоси сиёсати давлат ва соҳаи саноат нақши муҳим доранд.

Дар солҳои охир, Тоҷикистон дар бахши сайёҳӣ ва туризм ба як макони ҷолиб ва бамаврид барои сайёҳон табдил ёфтааст. Таъсиси 200 ширкатҳои сайёҳӣ дар ҳудуди кишвар ва афзоиши бештари соҳаҳои хизматрасонӣ бо мақсади рушди туризм, инчунин кам кардани монеаҳо барои дарёфти хидматҳои баландсифати сайёҳӣ, ба раванди рушди туризм дар мамлакат мусоидат мекунад. Ба ташаккул ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла сохтмони меҳмонхонаҳо, роҳҳои нақлиёт, хидматрасониҳои баландсифат ва беҳтар намудани шароити амният ва маърифати фарҳангӣ, аҳамияти бузург дода мешавад.

Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва сармоягузориҳо дар бахши туризм имконияти нави рушдро барои Тоҷикистон фароҳам овардаанд. Натиҷаҳои назаррас дар самти сайёҳӣ, ки дар таҳлилҳо ва натиҷаҳои баҳогузории байналмилалӣ ба назар мерасанд, шаҳодат медиҳанд, ки кишвар дар риштаи рушди туризм бо истифода аз манбаъҳои табиӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, дар сатҳи ҷаҳонӣ комёбиҳои зиёд ба даст овардааст.

Дар баробари муаррифии ҷойҳои зебои табиӣ ва таърихии Тоҷикистон, бо истифода аз таҳлилҳои омори ҷаҳонии сайёҳӣ, кишвар мо дар шеносоии мавзеъҳои туристӣ ва ташкили шароити мусоиди сайёҳӣ бо даъвати аҳолии ҷаҳонӣ барои баромадҳои сайёҳӣ мавқеи хосро соҳиб кардааст.

Беҳтар намудани сифати хидматрасонии туристӣ, ташкили манзилҳои меҳмонӣ ва дигар объектҳои зарурии инфрасохторӣ барои баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонии кишвар ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ аҳамияти махсус дорад. Ин тадбирҳо барои афзоиши самаранокии иқтисодиёт ва рушди кишвари мо, ба хусусан дар соҳаи сайёҳӣ ва хидматрасонӣ, нақши калидӣ мебозанд.

Барои идомаи равандҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд сиёсати давлатии шуғл дар самти сохтани инфрасохтории устувор ва миқёси васеи саноатӣ равона карда шавад. Ин сиёсати стратегӣ на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, балки ба таъмини рушди устувори соҳаҳои асосии иқтисодиёт, ки барои коҳиш додани бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷа аҳамияти муҳим доранд, низ мусоидат мекунад.

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ба саноат ва соҳаҳои истеҳсолӣ бояд дар маркази сиёсати давлатии кишвар қарор гирад. Инчунин, роҳандозии стратегияи мувозинатноки байни саноат, кишоварзӣ ва хидматрасонии сайёҳӣ на танҳо бо мақсади ҳавасманд кардани корфармоён ва ба таъмини ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандон кӯмак мекунад, балки барои рушди иқтисоди миллӣ дар тӯли вақт равишҳои муфид ва устувор ба вуҷуд меорад.

Барои аз байн бурдани монеаҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии коргарон дар бозори меҳнат, муҳим аст, ки бозгардонидани мутахассисони баландихтисос ва такмили малакаи онҳо дар дохили кишвар дастгирӣ ва фароҳам овардани шароити мувофиқ барои рушди онҳо дар соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шавад. Ин равиш кӯмак мекунад, ки нерӯи кории баландихтисос дар кишвар нигоҳ дошта шавад ва барои таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодӣ мусоидат мекунад.Ин равиш на танҳо ба коҳиши муҳоҷирати мағзҳо, балки ба ҷалби сармояи зеҳнӣ ва дар маҷмӯъ ба пешрафти иқтисодиёту илм мусоидат мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, хусусан муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ, сиёсати ҳавасмандгардонӣ ва танзими дурустро амалӣ созад. Ба гуфтаи коршиносон,

ҷалби муҳоҷирони дохилӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ, рушди бахшҳои саноат, маҳалҳо ва шаҳрҳо, ба фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ кӯмак мерасонад. « ... Ба ин мақсад, бунёди инфрасохтор дар минтақаҳои деҳот, аниқтар ба роҳ мондани дастгирии муҳити иҷтимоии аҳолӣ ва муҳити кории самарабахш ва тарғиб кардани фарҳанги баландихтисос ба аҳолӣ муҳим аст».

Аҳамияти нақши ҳукумати кишвар дар татбиқи лоиҳаҳои рушди иқтисодӣ, бо фароҳам овардани имтиёзҳо барои соҳибкории хурд ва миёна, инчунин мукаммал намудани сиёсати иҷтимоӣ дар баробари амалҳои сиёсати шуғл, бояд дар маркази фаъолият қарор гирад.

Диққати махсус ба рушди соҳибкории хурд ва миёна, ки метавонад ба афзоиши шуғл ва коҳиши бекорӣ мусоидат кунад, зарур аст. Соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон барои аксари сокинон як шакли дастрас ва муассир барои шуғл мебошад. Бо вуҷуди ин, рушди ин бахш бо монеаҳо ва мушкилотҳои зиёде, аз ҷумла камбуди дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ, норасоии дониши касбӣ ва набудани шароити мувофиқ барои рушди устувори ин корхонаҳо, рӯ ба рӯ аст.

Дар ин маврид, таҳияи методологияи баҳодиҳии пардохтпазирии ширкатҳои нав як кори муҳим аст. Ба ҷои истифодаи механизмҳои номасофат ва мантиқҳои кӯтоҳмуддат, давлат ва мақомоти дахлдор бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳамоҳангсозии сиёсати қарздиҳӣ, имтиёзҳо ва кӯмакҳои молиявӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна ба рушди устувори онҳо кӯмак мерасонад. Ба ин восита, низоми ба стандарти байналмилалӣ мувофиқ таҳия кардани лоиҳаҳо ва таҳлилҳои иқтисодӣ, ба корхонаҳои хурд ва миёна дар ташкили бизнес ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои аҳолии маҳаллӣ кӯмак хоҳад кард.

Ҳамзамон, амалисозии сиёсати ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии ин бахш ба миқёси иқтисодии кишвар барои баланд бардоштани иқтидори иҷтимоии кишвар ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Вобаста ба гуфтаҳои боло дар диссертатсия кӯшиш намудем, ки алоқамандии рушди иқтисоди милли ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатиро таҳлил намоем.

« ... Дар шароити муосир интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ барои бисёр давлатҳои ирсолкунандаи қувваи корӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми даромади аҳолӣ ба ҳисоб рафта, дар ташакулёбии буҷети оилавӣ, афзоиши тақозои аҳолӣ ва рушди иқтисодии кишвар саҳмгузор мебошанд. Интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ барои давлатҳои пасошӯравӣ хеле муҳим мебошад. Дар миёнаи қарни бистум дар доираҳои иқтисодӣ вобаста ба манбаъҳо ва омилҳои рушди иқтисодии мамлакатҳои дар ҳоли рушд баҳсҳои фаъоли илмӣ шурӯъ шудаанд» [305].

Манбаъҳо ва омилҳои эҳтимолии рушди иқтисодӣ аз пешниҳоди қувваи барзиёди корӣ ва сармоягузориҳо ба неруи ҷисмонӣ ва инноватсияҳои технологӣ то сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ « ... (СМХ), истеҳсолоти умумии омилҳо (тавассути мусоидат ба ташаккули сармояи инсонӣ) ва самараи қарзи афзоянда дар R&D тағйир ёфтаанд. Минбаъд, олимон таъсири ҳадафмандонаи омилҳои институтсионалиро чун озодии иқтисодӣ, эътидоли сиёсӣ, низоми ошкоркунии иттилоот ва амсоли инҳо ба рушди иқтисодӣ таҳлил намуданд.

Муддати нисбатан каме гузаштааст, ки интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ (remittances) ҳамчун омили таъсиргузор дар рушди иқтисодӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба таҳлил гирифта шуд. Аксари муҳаққиқон исбот кардаанд, ки дар бештари давлатҳои дар ҳоли рушд пулҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз манбаъҳои муҳимми даромади хонаводаҳо ва ҳамзамон, манбаи муҳимми рушди иқтисоди миллӣ ва қисме аз ММД-ро ташкил медиҳад. Аммо дарёфти посух ба ин суол, ки ҳамон қисми ММД то кадом андоза бузург аст ва интиқоли маблағҳо ба динамикаи иқтисодии давлати қабулкунандаи ин маблағ чӣ гуна таъсир дорад? – аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Баъзе олимон хусусияти гуногун доштани алоқамандии интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодиро таъкид кардаанд. Дар чанде аз асарҳои ҷудогона таъсир надоштани интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодии давлатҳои дар ҳоли рушд асоснок карда мешавад. Муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки мушкилоти дастрасӣ ба иттилооти вобаста ба ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирон таҳлили ин алоқамандиро душвор мекунад.

Миқдори маблағҳои интиқолшуда ба кишварҳои дар ҳоли рушд дар соли 2013 $ 404 млрд. гуфта шудааст, ки дар қиёс бо соли 2012 3,5% зиёд аст. Соли 2014 ин нишондод аллакай ба $ 436 млрд. баробар шуд. Тибқи пешгӯиҳо интиқоли маблағ дар кишварҳои дар ҳоли рушд ба ҳисоби миёна дар давоми се соли оянда 8,4% афзоиш меёбад. Мувофиқи арзёбиҳои Бонки умумиҷаҳонӣ соли 2016 интиқоли маблағҳо ба $ 601 миллиард баробар шудааст» [309]. Омили асосии афзоиши ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ба кишварҳои худи онҳо, пеш аз ҳама, бо афзоиши даромади муҳоҷирон дар кишварҳои қабулкунанда марбут аст. Вақте ки иқтисодиёти ин кишварҳо рушди устуворро таҷриба мекунанд ва бозори меҳнат музди муносиб ва имкониятҳои васеи шуғлро пешниҳод менамояд, қобилияти муҳоҷирон барои ирсоли маблағ ба ватани худ афзоиш меёбад. Илова бар ин, пастшавии қурби асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар кишварҳои қабулкунандаи маблағ, боиси афзоиши арзиши воқеии интиқол дар кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ мегардад, ки он низ ба афзоиши ҷараёни интиқол таъсири мусбат мерасонад.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, соли 2014 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бузургтарин кишваре буд, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷиронро ба дигар кишварҳо таъмин кард ҳаҷми умумии он $56 миллиардро ташкил дод. Дар зинаи баъдӣ Арабистони Саудӣ ($37 млрд) ва Федератсияи Русия ($33 млрд) қарор гирифтанд. Соли 2015 бошад, аз рӯи ҳаҷми маблағҳои қабулшуда, Ҳиндустон ($72 млрд), Чин ($64 млрд) ва Филиппин ($30 млрд) дар радифи аввал қарор доштанд. Ин кишварҳо, ки ҳамчун ретсипиентҳои асосии маблағҳои муҳоҷири шинохта мешаванд, аз вуруди доимии маблағҳои хориҷӣ ҳамчун як манбаи муҳимми даромад истифода мебаранд. Ҳамзамон, густариши

шадиди муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳое нигаронида шудааст, ки шароити нисбатан хуби меҳнат, муҳити ҳуқуқии нисбатан суботнок ва инфрасохтори мукаммали молиявӣ доранд. Ин кишварҳо на танҳо муҳоҷиронро бо ҷойи кор таъмин мекунанд, балки имкони интиқоли осон, арзон ва боэътимоди маблағро низ фароҳам меоранд, ки ҷузъи муҳими ҷараёни иқтисоди ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили гардиши маблағҳои муҳоҷирон бояд дар заминаи муносибатҳои мутақобилаи бозорҳои меҳнат, сиёсати муҳоҷиратӣ ва рушду танзими инфрасохтори молиявии ҷаҳонӣ анҷом дода шавад.

Тибқи маълумоти Бонки Байналмилалӣ, маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар кишварҳои рӯ ба рушд на танҳо яке аз манбаъҳои муҳими даромади шахсӣ ба ҳисоб мераванд, балки дар миқёси макроиқтисодӣ низ нақши калидӣ мебозанд. Аз ҷумла, дар давраи солҳои 2012 - 2014 ҳиссаи маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар кишварҳои муайян ба сатҳи бесобиқа расид. Ба гунаи равшан, дар ҳамин давра ҳиссаи ин маблағҳо дар ММД-и Тоҷикистон 41,7%, дар Қирғизистон 30,3%, ва дар Непал 29,9%-ро ташкил дод, ки нишондиҳандаи вобастагии баланди иқтисодҳои мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва захираҳои пулии беруна мебошад.

Ҳоло тибқи арзёбиҳои гуногун, зиёда аз 900 ҳазор шаҳрванди қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ аз кишвар, асосан дар Федератсияи Русия, фаъолият доранд. Чаҳор кишвари пасошӯравӣ Арманистон, Гурҷистон, Молдова ва Украина низ дар зумраи кишварҳое қарор доранд, ки ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ дар сохтори ММД-и онҳо сатҳи баландро ишғол менамояд. Барои аксари ин кишварҳо, Русия манбаи асосии интиқоли маблағ маҳсуб мешавад 40% маблағҳои интиқолшудаи Арманистон, Гурҷистон, Молдова ва Украина, ва то 79% маблағҳои интиқолӣ ба Қирғизистон маҳз аз Федератсияи Русия ворид мешаванд. Маълумоти оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар бархе кишварҳои хурд, аз ҷумла Тоҷикистон, маблағҳои интиқолии муҳоҷирон на танҳо як манбаи муҳими суботи иҷтимоӣ ва дастгирии истеъмолии хонаводаҳо мебошанд, балки ба таври воқеӣ бо ҳаҷми

ММД баробар ва ҳатто болотар ҳастанд. Ба гуфтаи Бонки Ҷаҳонӣ, дар баъзе давраҳо маблағҳои интиқолшуда дар Тоҷикистон то 52%, дар Қирғизистон 31%, ва дар Непал ва Молдова 25%-и ММД-ро ташкил додаанд [315].

Ин сатҳи баланд нишон медиҳад, ки иқтисоди кишварҳои мазкур, аз ҷумла Тоҷикистон, ба ҷараёни маблағҳои муҳоҷиратӣ сахт вобаста мебошад. Дар шароити чунин вобастагӣ, ҳар гуна тағйирот дар сиёсати муҳоҷирати кишварҳои қабулкунанда ба монанди Россия метавонад таъсири амиқи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ расонад. Аз ин рӯ, таҳияи стратегияи миллии идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва диверсификатсияи сарчашмаҳои рушди иқтисодӣ барои коҳиши чунин вобастагӣ зарурияти таъхирнопазир маҳсуб меёбад.

Диаграммаи 3.2.2. - Феҳристи давлатҳое, ки ҳиссаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ММД-и онҳо бештар аст дар соли 2024.



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [315]. World Development Indicators and World Bank Development Prospects Group. - URL: URL: http://data.worldbank.or

«Стратегияи минтақавии муосиргардонии саноатӣ Осиёи Ҷанубиро тӯли чанд даҳсола бо суръати миёнаи 5%-и рушди иқтисодӣ таъмин кард». [338] « ... Дороиҳои асосии мутлақи иқтисодҳои миллии давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ захираҳои инсонии дорои ҳиссаи баланди синну соли қобили меҳнат ва захираҳои пуркунандаи неруи меҳнатӣ аз ҳисоби аҳолии то 14 сола мебошад. Афзалиятҳои демографии рақобатпазири ба вуҷудомада имкони зиёд шудани

аҳолии аз лиҳози иқтисоди фаъолро дар ояндаи наздик таъмин мекунанд. Тибқи пешгӯиҳо бештар аз 300 млн нафар дар давоми даҳсолаи навбатӣ ба синну соли қобили меҳнат мерасанд. Таъсиси ҷойҳои корӣ барои онҳо ба рушди иқтисодӣ дар минтақа мусоидат мекунад» [96]. Айни замон, аҳолии қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 60%-и шумораи умумии аҳолии мамлакатро ташкил медиҳад. Ҳар сол дар мамлакат ба ҳисоби миёна 150-200 ҳазор ҷои корӣ ба вуҷуд меояд. Вале ба сабаби сатҳи пасти музди меҳнат дар марҳилаи кунунӣ аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ муҳоҷиратро интихоб мекунанд.

Маълумоти таърихӣ ва таҳлили оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар сатҳи глобалӣ бо суръати босубот ва рӯзафзун рушд кардааст. Аз ҷумла, агар дар соли 1990 ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ 49 миллиард доллари ИМА (бо қурби соли 2011) арзёбӣ мешуд, пас то соли 2015 ин нишондиҳанда ба 352,471 миллиард доллари ИМА расид, ки афзоиши солонаи миёнаи он 8,2%-ро ташкил медиҳад. Ин далел равшан нишон медиҳад, ки маблағҳои ирсолшудаи муҳоҷирон ба яке аз ҷузъҳои калидии низоми молиявии байналмилалӣ табдил ёфтаанд [335]. Илова бар он, ба маблағҳои расмии интиқолшуда бояд ҳаҷми муайян ва назарраси интиқолоти ғайрирасмӣ низ илова карда шавад, ки тавассути шабакаҳои шахсӣ, нақлиёти хусусӣ ва василаҳои ғайримарбут ба низоми бонкиву пулфиристӣ сурат мегиранд. Аз ин рӯ, ҳаҷми воқеии маблағҳои интиқолшуда метавонад аз маълумоти расмӣ дида дидаву огоҳона бештар бошад, ки ин нақши боз ҳам муҳимтари онҳоро дар иқтисоди кишварҳои дар ҳоли рушд таъкид мекунад.

Соли 2015, тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, дар зиёда аз 60 кишвари ҷаҳон маблағҳои интиқолии муҳоҷирон ҳадди ақал 1% ММД-и кишварҳоро ташкил додаанд. Дар бархе кишварҳо ин нишондиҳанда ба маротиб бештар буда, нишондиҳандаи нақши сармояи муҳоҷирӣ дар суботи иқтисодӣ ва ҳифзи истеъмоли дохилӣ мебошад [335]. Маблағҳои муҳоҷиратӣ, аз ин рӯ, на танҳо воситаи кӯмаки мустақим ба хонаводаҳо мебошанд, балки ба сифати як манбаи устувори воридоти асъори хориҷӣ, тақвияти неруи харидорӣ, тақвияти соҳаҳои хизматрасонӣ ва нигоҳдории тавозуни пардохтҳо низ хидмат мекунанд.

Вобастагии рӯзафзуни кишварҳои камтараққӣ ба ин манбаъ зарурати таҳияи стратегияҳои идорашавандаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои воридотиро, ба мисли сармоягузорӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ, боз ҳам мубрамтар менамояд.

Муҳимияти стратегӣ ва макроиқтисодии маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар кишварҳои рӯ ба рушд дар солҳои охир ба таври равшан собит гардидааст. Тибқи таҳлилҳои иқтисодӣ, дар даҳсолаи охир ҳаҷми умумии маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ба таври миёна сеяки даромадҳои умумии содиротии кишварҳоро ташкил дода, аз сармояи хусусии воридотӣ ду баробар ва аз трансфертҳои расмии давлатӣ кумакҳои байналмилалӣ сеюним маротиба бештар будааст. Ин омор нишон медиҳад, ки дар шароити маҳдудияти сарчашмаҳои анъанавии маблағгузорӣ, интиқоли маблағ аз тарафи муҳоҷирон ба яке аз воситаҳои муҳими пуштибонии иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Дар солҳои охир, маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар кишварҳои дар ҳоли рушд ба миқёс ва ҳаҷме расидаанд, ки онҳоро бо сармаягузориҳои мустақими хориҷӣ (FDI) ва дигар шаклҳои кӯмаку қарзҳои байналмилалӣ қобили муқоиса гардонидаанд. Ин тамоюл нишон медиҳад, ки новобаста аз он ки вазни ин маблағҳо дар иқтисоди кишварҳо яксон нест, барои аксар кишварҳои дорои иқтисоди осебпазир, онҳо манбаи муҳими даромад, суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон метавонанд барои таъмини истеъмоли хонаводаҳо, сармоягузорӣ ба маорифу тандурустӣ, пуштибонии соҳаҳои хизматрасонӣ, ва ҳатто бунёди инфрасохтори маҳаллӣ хидмат намоянд. Бо роҳандозии сиёсатҳои муассир, ин маблағҳоро метавон аз манбаи истеъмолӣ ба манбаи рушди истеҳсолӣ ва инноватсионӣ табдил дод. Ҳамин тариқ, дар шароити набудани сармояи кофии дохилӣ ва маҳдудияти кӯмакҳои беруна, маблағҳои муҳоҷирӣ ҳамчун як захираи молиявии муҳим ва стратегӣ аҳамияти рӯзафзун касб мекунанд.

Маблағи интиқолшудаи муҳоҷирон дар тавозуни пулии кишварҳои рушдкунанда бештар афзалият дорад, зеро ин маблағҳо ба рушди иқтисоди

маҳаллӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд. Онҳо метавонанд барои дастгирии соҳаҳои мухталифи иқтисод, аз қабили соҳаи кишоварзӣ, сохтмон, саноат ва хизматрасонӣ истифода шаванд, ки боиси афзоиши шуғл ва коҳиши бекорӣ мегарданд.

Ин раванд дар кишвари Тоҷикистон низ ба назар мерасад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ва даромадҳои онҳо барои такмил додани вазъи молиявии оилаҳо ва дастгирии рушди иқтисодии мамлакат аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Вобаста ба ин, истифодаи самаранок аз маблағҳои интиқолӣ ва сафарбар кардани онҳо барои рушди соҳаҳои муҳим метавонад ба хидматрасонии беҳтари ҷомеа ва рушди устувори кишвар кӯмак расонад.

Маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар сатҳи иқтисоди миллӣ, алалхусус дар кишварҳои дар ҳоли рушд, асосан барои қонеъсозии эҳтиёҷоти рӯзмарраи хонаводаҳо истифода мешаванд. Қисми зиёди ин маблағҳо ба хариди маҳсулоти ниёзи аввалия аз қабили хӯрокворӣ, либос, доруворӣ ва пардохти ҳаққи манзил равона мегарданд. Ин раванд на танҳо ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар сатҳи хонавода мусоидат мекунад, балки шароити зиндагии онҳоро дар сатҳи наздик ба меъёрҳои байналмилалии иҷтимоӣ нигоҳ медорад. Бо вуҷуди он ки самараи иҷтимоии кӯтоҳмуддати маблағҳои интиқолшуда возеҳ ва эҳсосшаванда аст, паёмадҳои макроиқтисодии дарозмуддати онҳо то ҳол пурра таҳқиқ нашудаанд. Масалан, то кадом андоза ин маблағҳо метавонанд ба афзоиши маҳсулоти дохилӣ, беҳбудии нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ, рушди истеҳсолот ё диверсификатсияи иқтисодӣ таъсир расонанд масъалаҳое мебошанд, ки дар сатҳи илмии сиёсати иқтисодӣ ҳанӯз баҳсталаб боқӣ мондаанд.

Бо дарназардошти хусусияти хусусӣ ва ғайрирасмии маблағҳои интиқолӣ, онҳо дар асос моҳиятан аз ҷараёнҳои бевоситаи буҷетӣ озод буда, ҳамчун манбаи мустақими маблағгузории талаботи истеъмолӣ ва потенсиалии сармоягузорӣ хидмат карда метавонанд. Яъне, агар шароити зарурӣ ва муҳити иқтисодӣ барои табдил додани ин маблағҳо ба сармояи истеҳсолӣ фароҳам гардад масалан, тавассути ташкили заминаҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна, дастрасии молиявӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузории маҳаллӣ пас

ин маблағҳо метавонанд ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва таҳкими суботи макроиқтисодӣ мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирон набояд танҳо ҳамчун воситаи дастгирии иҷтимоӣ баррасӣ гардад, балки он метавонад ба сифати қувваи муҳими таҳрики рушди устувор ва сиёсати миллии сармоягузорӣ ба таври стратегӣ истифода шавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, давлат бояд механизме таҳия намояд, ки имкониятҳои истифодаи ин маблағҳоро барои рушди бахшҳои афзалиятнок, аз ҷумла инфрасохтор, истеҳсолоти хурд ва таълим, васеъ гардонад.

Бо дарназардошти он, ки сиёсатмадорон ва иқтисодшиносон дар муқоиса бо манбаъҳои дигар сармоягузорӣ, интиқоли маблағҳоро ҳамчун як манбаи муҳим барои рушди иқтисодӣ арзёбӣ мекунанд, таҳлили дуруст ва систематикӣ дар бораи таъсири интиқоли маблағҳо барои рушди иқтисоди миллӣ муҳим аст. Танзими дурусти интиқоли маблағҳо барои мусоидат ба рушд ва беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ дар кишварҳои рушдкунанда метавонад ҳамчун як абзор амал кунад.

Танзими интиқоли маблағҳо дар ду самт муҳим аст:

1. Ҷустуҷӯ ва таъсиси механизмҳо барои равона кардани воситаҳои пулӣ: механизмҳо бояд ҷойгир шаванд, ки ин маблағҳоро ба самтҳое равона кунанд, ки ба рушди иқтисодӣ кӯмак мерасонанд. Масалан, маблағҳо метавонанд барои рушди соҳаҳои стратегӣ, аз қабили инфрасохтор, кишоварзӣ, саноат ва илм равона шаванд, ки дар натиҷа маҳсулнокии кор ва ҳосилнокии иқтисодӣ афзоиш ёфта, шуғл ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ зиёд мешавад.

2. Амалӣ намудани чораҳо ки барои рушди иқтисодии иҷтимоӣ: Танзим кардани интиқоли маблағҳо на танҳо барои рушди иқтисодӣ, балки барои беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолӣ низ зарур аст. Ин метавонад дар бар гирад, ки маблағҳо барои беҳтар кардани системаҳои таълимӣ, тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии оилаҳои осебпазир равона шаванд. Бо таъсиси механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва таҳия кардани сиёсатҳои дуруст, метавон рушди устувори иҷтимоии иқтисодро таъмин кард.

Танзими дуруст ва самараноки интиқоли маблағҳо метавонад ба муҳити иқтисодии мустаҳкам ва устувор барои рушди дарозмуддат дар кишварҳо мусоидат кунад. Ин равиш на танҳо дар ҳалли мушкилоти кӯтоҳмуддат кӯмак мекунад, балки дар стратегияи рушд ва таҳкими устувории иқтисодӣ дар оянда низ нақши муҳим мебозад. Ин амал метавонад заминаи мустаҳками молиявӣ барои таъмини рушди устувор ва беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолии кишварҳо фароҳам оварад.

Ҷиҳати хулосаҳои пешниҳодшуда, муҳаққиқон ва мутахассисон воқеан ин назарро доранд, ки дар баъзе ҳолатҳо, интиқоли маблағҳо метавонанд таъсири каме дар рушди иқтисоди давлатҳои ретсипиент (ки ба онҳо маблағҳо интиқол дода мешаванд) дошта бошанд. Ба гуфтаи Адолфо Бараҷес, намояндаи ХБА, сармоягузориҳои муҳоҷирон, ки тӯли даҳсолаҳо ба ватанҳояшон фиристода шудаанд, на танҳо таъсири рӯзафзун дар рушди иқтисодӣ доранд, балки намоиш додани динамикаи мусбат дар иқтисоди миллӣ низ номумкин аст. Ба андешаи мутахассисон, агар интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисоди кишвар мусоидат намояд, ин ба шароитҳои муайян вобаста аст [286].

Ҳақиқат аст, ки ҳарчанд интиқоли маблағҳои муҳоҷирон метавонад ба иқтисодиёти миллии кишвар манфиат орад, таъсири манфии он, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ бармеояд, низ мавҷуд аст. Дар мавриди фаъолияти муҳоҷирон дар иқтисоди кишвар, агар онҳо дар ватан кор накунанд ва бо сармояи худ танҳо ба истеъмол ва ё рушди хонаводаҳояшон кӯмак кунанд, боиси афзоиши даромад дар сатҳи маҳаллӣ ва ба иқтисоди миллӣ таъсири мусбат мерасонанд. Дар чунин ҳолат, ин маблағҳо як шакли дастгирии иҷтимоии манфиатбахш буда, метавонанд сатҳи зиндагии муҳоҷирон ва аъзои оилаҳояшонро беҳтар созанд. Вақте ки маблағҳои интиқолшуда ба сармояи инсонӣ табдил намеёбанд, балки танҳо ба афзоиши талабот барои ҷойҳои корӣ ва истеъмол дар сатҳи иқтисодии маҳаллӣ кӯмак мерасонанд, таъсири манфӣ ба иқтисоди миллӣ метавонад ба назар расад. Агар иқтисодиёт танҳо бо маблағҳои интиқолшуда афзоиш ёбад, аммо захираҳои меҳнатӣ ва сармояи инсонӣ тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ баромада бошанд, ин метавонад сабаби

пастшавии сифати қувваи кории кишвар ва кам шудани истеҳсолоти дохилӣ гардад.

Самараи таъсири маблағҳои интиқолии муҳоҷирон ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар кишварҳои дар ҳоли рушд ба як қатор омилҳои муҳими ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, тарзи муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахсони қабулкунандаи маблағ дар қонунгузории миллӣ яъне мақоми "резидент" ё "ғайрирезидент" будани онҳо ба он таъсир мерасонад, ки чӣ гуна ин маблағҳо дар ҳисоботи расмии иқтисодӣ, аз ҷумла дар сохтори ММД, инъикос мешаванд. Агар қонунгузорӣ маблағҳои воридшуда аз хориҷро ҳамчун воридоти шахсии резидентҳо эътироф намояд, ин маблағҳо метавонанд ба талаботи умумии дохилӣ ва истеъмолӣ ворид шуда, ба таври расмӣ ба нишондиҳандаҳои рушди ММД таъсир расонанд. Илова бар ин, тағйирот дар қонунгузории андозӣ ва молиявӣ, ки ба танзими маблағҳои интиқолӣ ва мақоми муҳоҷирон дахл дорад, метавонад ба арзёбии суръати воқеии рушди иқтисодӣ таъсири мустақим расонад. Дар аксари кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, коргарони хориҷӣ дар бахшҳои каммузд фаъолият мекунанд, ки ин боиси пардохти андози кам мегардад ва дар натиҷа саҳми расмии онҳо дар ММД-и давлатҳои ретсипиент (қабулкунанда) паст арзёбӣ мешавад.

Дар баробари ин, тағйироти манфии курси асъор дар давлатҳои асосии қабулкунандаи муҳоҷирон, махсусан коҳиши арзиши рубли русӣ, ба кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири назарраси манфӣ мерасонад. Ҳангоми коҳиши қурби асъор, ҳаҷми воқеии маблағҳои интиқолшуда дар ифодаи асъори миллӣ коҳиш ёфта, қудрати харидории аҳолии вобаста ба ин маблағҳо заиф мешавад. Дар кишварҳое, ки иқтисоди онҳо ба интиқоли маблағҳои муҳоҷирӣ такя дорад, чунин буҳрон метавонад ба буҳрони фарогири молиявию иҷтимоӣ оварда расонад, ки таъсири он дар сатҳи макроиқтисодӣ бо ченакҳои дурақама яъне бо коҳиши ду рақамии ММД, истеъмол ва сармоягузорӣ арзёбӣ мешавад. Таъсири маблағҳои интиқолии муҳоҷирон ба иқтисоди миллӣ мураккаб ва бисёрҷанба буда, ба механизми

ҳуқуқии шомилсозии онҳо ба гардиши расмии иқтисодӣ, инчунин ба устувории иқтисодии кишварҳои қабулкунанда сахт вобаста аст. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи системаи ҳуқуқии шаффоф ва мутавозин, ки имкони истифодаи оқилонаи ин маблағҳоро дар доираи сиёсати миллии рушди иқтисодӣ фароҳам орад, ба таври хос муҳим мебошад.

Дар ҳолати ҷорӣ шудани фишорҳои иқтисодӣ, ба монанди коҳиш ёфтани нархи нафт ва таҳаввулоти манфӣ дар қурби рубл, эҳтимоли бозгашти муҳоҷирон ба ватан зиёд мешавад. Ин раванди бозгашти муҳоҷирон метавонад як сабаби муҳим барои тағйирот дар иқтисоди миллӣ бошад, ки хусусан барои кишварҳои қабулкунанда, ба монанди Тоҷикистон, ки ба маблағҳои интиқолӣ вобастагӣ доранд, муҳим аст.

Вақте ки муҳоҷирон, ки беш аз 800 ҳазор нафар дар Русия кор мекунанд, маблағҳои худро ба ватан мефиристанд, ин маблағҳо як манбаи муҳим барои таъмини оилаҳои онҳо, рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва, ҳамзамон, беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Ин интиқолҳо кӯмак мекунанд, ки сатҳи некуаҳволии ҷомеа беҳтар шавад ва барои рушд дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла маишат, тандурустӣ ва таҳсил, зарурӣ бошад. Дар шароити вазнини иқтисодӣ, ки нархи нафт ва дигар ашёи воридотӣ коҳиш ёфтааст, ин интиқолҳои маблағ метавонанд ҳамчун манбаи кумак барои рушди маҳаллӣ ва таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ амал кунанд.

Аммо, бо бозгашти муҳоҷирон ба ватан, кишвар бояд омодагии бештарро барои шуғли онҳо ва таъмини шароити зиндагии қобили қабул дошта бошад. Ин ҳолат метавонад ба афзоиши талабот барои ҷойҳои корӣ ва беҳтар намудани инфрасохтор таъсир расонад, ки дар навбати худ мушкилотро ба аҳолии маҳаллӣ ва иқтисоди кишвар ворид мекунад. Барои ҳалли ин масъала, зарур аст, ки стратегияи дуруст ва омодагии ҷиддии давлатӣ ба фаъолияти меҳнатии бозгашташударо амалӣ созем. Бо назардошти муҳимияти ин ҷараён, Тоҷикистон бояд механизми муассир барои интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва барномаҳои дастгирӣ барои рушди оилаҳо ва шуғл таҳия кунад.

Агар онҳо ба Ватан бозгарданд, иқтисоди мамлакат наметавонад онҳоро бо ҷои кор таъмин кунад, ки ин боиси мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа мешавад.

« ... Имрӯзҳо чанд сабаби асоснок барои осон кардани танзими давлатии раванди интиқоли пулҳои муҳоҷирон вуҷуд дорад. Роҳи боз ҳам дастрас шудани хизматрасонии осон мавҷуаст. Маълумоти дастраскардаи Remittance Prices Worldwide (RPW) ба хеле кам шудани арзиши фиристодани пул бо роҳи интиқол ишора кардааст» [316].

Тавре ки дар давоми даҳсолаи аввали асри XXI мушоҳида шуд, интиқоли маблағҳо тавассути шабакаҳои расмии молиявӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шиддат ёфт. Масалаи, дар солҳои 2008 ва 2010, ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ нисбат ба соли 2004 2 ва 1,8 маротиба зиёд гардид.

Ин ҷо муҳим аст ду сабаби афзоиши ҳаҷми интиқоли маблағро зикр кунем. Якум, ҳаҷми интиқоли маблағҳо тавассути каналҳои расмӣ (бонкҳо ва операторҳои интиқоли воситаҳои пулӣ) афзудааст. Дуюм, ин афзоиш ба сабаби зиёд шудани шумораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба амал омад, ки ба ҳаҷми интиқоли маблағҳо низ таъсир намуд.

Пас аз соли 2014 ҳаҷми интиқоли маблағҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон якбора кам шуд. Ин пеш аз ҳама ба вазъи ногувори сиёсӣ дар Украина ва таъсири он ба иқтисоди Россия алоқамандӣ дорад.

Расми 3.3.2 - Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз соли 2008 то 2024.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [316].

Дар миёни муҳаққиқон доир ба таъсири интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисоди кишварҳое, ки қувваи кориро содирот мекунанд, хулосаи ягона мавҷуд нест. Бархе аз онҳо бовар доранд, ки ин раванди молиявӣ таъсири мусбат ба рушди иқтисод дорад, дар ҳоле ки дигарон таъсири манфии онро нишон медиҳанд. Гурӯҳи сеюм низ ишора мекунанд, ки байни ин ду тағйирот, яъне таъсири мусбат ва манфӣ, алоқамандии назаррас нест.

Ҷонибдорони ҳамбастагии мусбат миёни интиқоли маблғаҳо ва рушди иқтисодӣ нисбатан зиёданд. Масалан, А. Солимано. [320], П. Ҷулиано ва М. Руиз-Арранз, Ж. Мундака ва дигарон [310], З. С. Султонов. [237].

П. Ҷулиано ва М. Руиз-Арранз ба хулоса мерасанд, ки интиқоли маблағҳо ба сатҳи рушди молияи кишвар таъсир мерасонад. Бо истифода аз маълумоти панелии 101 кишвари ҷаҳон, онҳо муайян карданд, ки интиқоли маблағҳо метавонад рушди иқтисодии кишварҳои қафомондаро таъмин кунад.

Бо вуҷуди ин, барои баъзе аз олимон кореллятсияи манфии миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ назар мерасад, махсусан дар сатҳи пасти иқтисодиёт. Барҳақ, хулосаҳои онҳо ҳамчун як қонуният пазируфтан душвор

аст ва бо далелҳои дигар бояд таҳқиқ шаванд. « ... Ба ибораи дигар, як қатор тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кӯмак ба иқтисодиёт аз тариқи интиқоли маблағҳо, махсусан дар кишварҳои пасттараққӣ, бештар дар соҳаҳои хидматрасонӣ ва инфрасохтор мушоҳида мешавад, ба мисли туризм, савдо, бонкҳо ва хурок».

Аз ҷониби дигар, баъзе таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаҳои мутахассисони баландихтисос, масалан, кишоварзӣ ва саноат, интиқоли маблағҳо таъсири манфӣ мерасонад, ки тавассути кам шудани сармояи инсонӣ ба фаъолияти иқтисодӣ асар мегузорад.

Дар Тоҷикистон, бо зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳоло қувваи кории бузург бештар аз содироти мол даромад меорад, ки дар натиҷа талабот дар бозор афзоиш ёфта ва аз он, иқтисоди кишвар бо мушкилоти тиҷорат ва соҳибкории хурд рӯбарӯ мешавад. Ба эҳтимоли зиёд, коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва кӯмак ба рушди истеҳсолоти дохилӣ метавонад боиси эҳёи соҳаҳои дохилии кишвар, аз ҷумла кишоварзӣ гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ ҳамчунин нишон медиҳанд, ки хонаводаҳое, ки маблағҳои интиқолшуда доранд, дар истеҳсолоти кишоварзӣ фаъолиятҳои ками дошта, ҳангоми кам шудани муҳоҷирати меҳнатӣ, хонаводаҳои бидуни муҳоҷири меҳнатӣ бештар дар соҳаи кишоварзӣ фаъол мешаванд, ки нишон медиҳад, ки муҳити иҷтимоии муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо ба коҳиши истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир мерасонад.

Воситаҳои пулии интиқолшудаи муҳоҷирон дар низоми муосири иқтисоди ҷаҳонӣ яке аз унсурҳои муҳими суботи молиявӣ ва дастгирии иқтисоди кишварҳои дар ҳоли рушд ба ҳисоб мераванд. Дар шароити девалватсияи асъори кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, чунин маблағҳо метавонанд қурби мубодилаи асъорро барои кишварҳои ретсипиент устувор кунанд, зеро бо болоравии қурби асъори хориҷӣ (масалан, доллари ИМА ё евро) дар муқоиса бо асъори миллӣ, ҳаҷми номиналии маблағҳои воридшуда дар асъори дохилӣ зиёд мешавад. Ин ба муҳоҷирон имконият медиҳад, ки маблағҳои бештарро ба наздикон фиристанд ва, ба ҳамин васила, қудрати

харидории хонаводаҳои қабулкунанда боло меравад. Бо вуҷуди он ки таъсири маблағҳои интиқолшуда ба рушди иқтисодӣ на ҳамеша мустақим ё дарозмуддат мебошад, мақомоти иқтисодӣ бояд ин манбаъро ҳамчун қувваи пуштибонии талаби дохилӣ ва устувории иҷтимоӣ дар назар гиранд. Маблағҳои муҳоҷирон дар аксар ҳолатҳо наметавонанд ҷойгузини манбаъҳои классикии рушди эндогенӣ шаванд, яъне онҳо ҷойи сармоягузории тавлидӣ, рушди инфрасохтор ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти дохилиро пурра намегиранд. Бо ин вуҷуд, дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ ва бахши хусусӣ, ин трансфертҳо метавонанд пуштибони буҷети хонаводаҳо, таъминкунандаи талабот ба хизматрасониҳои асосӣ (маориф, тандурустӣ, манзил) ва таҳрикдиҳандаи рушди маҳаллӣ бошанд.

Дар кишварҳои қабулкунанда, маблағҳои интиқолии муҳоҷирон манбаи воқеии афзоиши имкониятҳои иқтисодӣ ва мутобиқсозии захираҳои маҳдуд гардидаанд. Дар сатҳи хонавода, ин маблағҳо аксар вақт барои хароҷоти аввалия, пасандоз, пардохти таҳсил ва ҳатто таъсиси соҳибкории хурд истифода мешаванд. Дар сатҳи макроиқтисодӣ бошад, онҳо бо мусоидат ба гардиши пулӣ, рушди бозори дохилӣ ва устувории иҷтимоӣ аҳамияти назаррас доранд. Бо ин асос, дар таҳияи сиёсати макроиқтисодӣ ва барномаҳои миллии рушди иқтисодӣ зарур аст, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ҳамчун захираи воқеӣ ва стратегӣ дар назар гирифта шавад. Ин маънои онро дорад, ки механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои табдили ин маблағҳо ба сармояи истеҳсолӣ, хонасозии дастрас, бунёди инфрасохтори маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ бояд дар меҳвари стратегияҳои давлатӣ қарор гиранд.

Муҳоҷирати доманадор метавонад ба фаъолнокии иқтисодии кишваре, ки муҳоҷирон аз он ҷо мебароянд, ба ҷамъшавии сармояи инсонӣ ва ба ин восита ба соҳаҳои муайяни бозори дохилии меҳнат, аз ҷумла маълумоти олӣ, тандурустӣ, илм, хидматрасонӣ ва ғайра таъсири манфӣ дошта бошад. Махсусан, дар кишварҳое, ки дар миёни муҳоҷирон шумораи зиёди мутахассисон қарор доранд ва ба ҷои онҳо касони дигарро пайдо кардан душвор аст, ин мушкилӣ бештар ба назар мерасад.

Агар ҳукумат натавонад ислоҳоти самарабахши иҷтимоӣ иқтисодиро таҳия ва роҳандозӣ намояд, дар гумон аст, ки интиқоли маблағҳо ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат карда тавонанд. Интиқоли маблағҳо бо табиати худ наметавонанд ҷаззобияти сармоягузории ҳудудиро баланд кунанд ва муҳаррики рушди иқтисодӣ бошанд. Танҳо сиёсати томи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба баланд бардоштани некуаҳволии мардум, афзоиши самаранокии бозорҳои амалкунанда ва беҳтар кардани таъминоти иҷтимоӣ равона шудааст, метавонад шароити саҳмгузории муҳоҷират ва интиқоли маблағҳоро дар рушди иқтисодӣ фароҳам оварад. « ... Вазифаи стратегии ҳукуматҳои маҳаллӣ дар он аст, ки бояд омилҳои мусбату манфии таъсири муҳоҷиратро тавре ба ҳам оранд, ки таъсири тавассути сиёсати муҳоҷират ба дастомада ба рушди иқтисод ва тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат натиҷаҳои мусбат дошта бошад».

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

1. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар аз вазъи буҳронии бозори меҳнат, набудани миқдори зарурии ҷойи кор, музди меҳнати паст, ва афзоиши неруи қобили кор вобаста мебошад. Ҳамчунин, як қисми аҳолӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ бо сабабҳои сиёсӣ ба кишварҳои дуру наздик муҳоҷиратро ихтиёр карданд, ки ин низ як омил буд, ки муҳоҷирати меҳнатиро ташвиқ кард.

2. Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, сиёсӣ, демографӣ ва ҷуғрофӣ алоқаманд аст. Рушди босамари бозори меҳнат омили асосии баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва нишондиҳандаи муҳим барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Дар шароити муосири иқтисодӣ, омили муҳими рушди бозори меҳнат мушкилоти бекорӣ ва кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ки на танҳо ба талабот дар бозори корӣ, балки ба як раванди мураккаби иҷтимоӣ алоқаманд аст. Мухолифат бо муҳоҷирати меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғл дар

дохили кишвар як ҷузъи муҳим барои устуворӣ ва таҳкими иқтисодиёти миллӣ мебошад.

3. Таҳлилҳои омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии шуғл ва истифодаи иқтидорҳои меҳнатии кишвар дар шаклҳои гуногуни ташкили меҳнат ба таври амиқ таҳлил ва муқоиса карда мешавад. Баррасии самаранокии шуғл ва ташкили меҳнат дар даврaҳои дарозмуддат, ки тағйироти муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба назар мегирад, барои таҳияи сиёсати муассир ва мутобиқсозии бозори меҳнат бо талаботи муосир кӯмак мекунад.

4. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки муҳоҷирати меҳнатии ҳам мутахассисон ва ҳам ғайримутахассисон рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва сатҳи даромаднокии сармоягузориро дар сатҳи макроиқтисод коҳиш медиҳад ва инчунин истеҳсоли бахшҳои гуногуни иқтисодиётро кам мекунад. Аз тарафи дигар, зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатии баландихтисос сатҳи музди меҳнатро дар маҷмуъ баланд мебардорад ва дар навбати худ нархи сармояро, ки сармояи ҷисмонӣ, захираҳои табиӣ ва заминро дар бар мегирад, коҳиш медиҳад.

5. «Фирори мағзҳо» ин раванди номатлубест, ки дар байни кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф ташаккул меёбад, ки дар ҷараёни он қувваи кории бомаҳорат ва баландихтисос аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ба кишварҳои пешрафтаи саноатӣ интиқол дода мешавад ва дар натиҷа фоида барои кишварҳои саноатӣ ва зарари азим барои кишварҳои рӯ ба инкишоф меорад.

6. Таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои рушди бозори меҳнат дар иқтисоди Тоҷикистон дар даҳсолаи охир самаранокии бениҳоят пасти истифодаи захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад. Шуғли ғайрирасмӣ рушд мекунад, тамоюлҳои марбут ба ҳафтаҳои кории барзиёд меафзоянд, аҳамияти механизми шарикии иҷтимоӣ аз даст меравад, фаъолияти иттифоқҳои касаба дида намешавад, музди меҳнат бо таъхир дар робита бо таваррум ҷуброн карда мешавад ва болоравии нархи озуқа оқилона танзим намешавад.

7. Ба сифати омили муҳими таҳрики рушди устувори иқтисоди миллӣ, афзоиши динамикии иқтидори истеҳсолӣ дар соҳаи саноат, ки дар асоси

истифодаи захираҳои табиии дохилӣ амалӣ мегардад, дорои аҳамияти калидӣ мебошад. Таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсоли неруи барқ, тавсеаи фаъолияти истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккули зерсохтори технологӣ барои рушди металлургияи сиёҳ ва рангавӣ, инчунин рушди саноати масолеҳи сохтмон, маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ, ҳамчун муҳаррикҳои асосии тавсеаи иқтисоди саноатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ амал хоҳанд кард. Ин раванд боиси диверсификатсияи сохтори иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави кор ва афзоиши даромади умумии миллӣ мегардад.

8. Маълумоти таҳлилӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда собит месозанд, ки дар аксари кишварҳои дар ҳоли рушд, маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ на танҳо ҳамчун манбаи муҳими даромади аҳолӣ, балки ҳамчун омил ва воситаи рушди иқтисодии миллӣ амал мекунанд. Дар даҳсолаи охир, ҳаҷми миёнаи ин маблағҳо тақрибан сеяки даромадҳо аз содиротро ташкил дода, аз ҷиҳати миқдор ду баробар аз сармояи хусусии мустақим ва чандин маротиба аз кӯмакҳои расмии хориҷӣ пеш гузаштааст. Маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ба беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ, тақвияти талаботи дохилӣ, сармоягузорӣ дар маорифу тандурустӣ ва рушди бахшҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолии кишварҳо таъсири мусбат расонида, ба сифати захираи муҳими иқтисодии стратегӣ арзёбӣ мегарданд.

3.3. Механизми таъсири давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон

Дар раванди таҳлили сиёсати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур аст, ки маҷмӯи муносибатҳои мутақобилан вобаста ва ҷанбаҳои мураккаби ин падида, ки ба сатҳи дохилию хориҷии идоракунии давлат таъсир мерасонанд, ба таври амиқ ва системавӣ дарк карда шаванд. Сиёсати муҳоҷират, бахусус дар шакли муҳоҷирати меҳнатӣ, бояд ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияи рушди миллӣ ва сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ гардад. Механизми ташаккул ва амалӣ сохтани ин сиёсат дорои аҳамияти калидии сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад,

зеро он дар баробари фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ барои аҳолӣ ва таъмини манбаъҳои молиявии беруна, ҳамзамон ба суботи бозори меҳнат, коҳиши шиддати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони муҳоҷир мусоидат мекунад. Дар ин замина, таҳияи сиёсати муҳоҷират бояд на танҳо ба танзими ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ, балки ба тавсеаи ҳамкорӣ бо кишварҳои қабулкунанда, таъсиси низоми муассири ҳифзи ҳуқуқии муҳоҷирон, мутобиқгардонии қувваи корӣ бо талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ, ва истифодаи ҳадафманди маблағҳои интиқолии муҳоҷирон равона карда шавад. Ҳамоҳангии сиёсати муҳоҷират бо сиёсати иҷтимоӣ, демографӣ, маориф, шуғл ва равобити байналмилалӣ бояд шарти муҳими баланд бардоштани самаранокии умумии сиёсатгузории давлатӣ дар ин самт бошад.

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омилҳои истеҳсолӣ амал мекунанд, ки дар шароити бозори меҳнат ба таносуби талабот ва пешниҳоди онҳо таъсир мерасонанд. Бо ин маъно, захираҳои меҳнатӣ ба ҷойҳое муҳоҷират мекунанд, ки дар он ҷо талабот ба коргарон вуҷуд дорад ва ба ниёзҳои қувваи кории муташаккил мувофиқат мекунанд. Дар шароити имрӯза, фарқияти музди меҳнат дар байни кишварҳои гуногун як аз ангезаҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳоҷирати меҳнатӣ як падидаи навест, ки ба рушди иқтисодӣ ва сиёсати дохилию хориҷии кишвар таъсир мерасонад. Вобаста ба сиёсати давлат ва шароити иқтисодӣ, ҳамкории байни захираҳои меҳнатии маҳаллӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад барои беҳбуди вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат кунад.

Аз рӯйи маълумотои омории моҳҳои январ-марти соли 2019-ум 553868 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштаанд. Аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ 526787 нафар муҳоҷирони меҳнатиро мардҳо (95,1%) ва 27081 нафарро занҳо (4,9%) ташкил додаанд. Ҳиссаи зиёди муҳоҷирони меҳнатиро аҳолии синни қобили меҳнат, яъне асосан ҷавонони синни 15-29-сола 251547 нафар (45,4%), синни 30-44-сола 218871 нафар (39,5%) ва синни аз 45 то 65-сола 83450 нафар (15,1%), ташкил менамояд [199, 465].

Ҷадвали 3.3.1. - Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯйи муҳлати будубош, аз рӯйи маълумотҳои оморӣ 2016.

	Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз рӯи муҳлат барои кор рафтананд			
	ҳамагӣ	камтар аз 6 моҳ	7-12 моҳ	аз 12 моҳ зиёдтар
Нафар				
Ҳамагӣ	553868	156538	150064	246886
Шаҳр	79290	18662	15400	45228
Деҳа	474578	137876	134664	201658
Мардҳо	526787	150115	143825	232467
Занҳо	27081	6423	6239	14419
ВМКБ	5654	697	1578	3378
Суғд	205959	51649	55031	98898
Хатлон	197286	47676	60998	88612
Душанбе	3807	1309	734	1764
НТҶ	141162	55207	31723	54233

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, 305].

Ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ бештар аҳолии деҳотро ҷалб менамояд. Аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 474578 нафар аз маҳалҳои деҳот (85,7%) бошад ва 79290 нафар (14,3%) аз маҳаллҳои шаҳрӣ мебошанд [199, 465].

Мувофиқи маълумоти шуъбаи раводид ва бақайдгирии Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва шиносномадиҳӣ (ОВИР)-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 2-юми декабри соли 2017 ҳамагӣ 489828 нафар шаҳрвандон бо дархост мурочиат намуда, соҳиби шиносномаи хориҷӣ гардидаанд, аз ҷумла аз ВМКБ 10452 нафар, вилояти Хатлон 126839 нафар, вилояти Суғд 154509 нафар, шаҳри Душанбе 38561 нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 122967 нафар, минтақаи Кӯлоб 36509 нафар. Инчунин, дар ҳудуди Федератсияи Россия 8563 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шиносномаҳои хориҷӣ таъмин карда шудаанд [199, 450].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои ногувор дар бозори меҳнат ин номувозинатии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад.

Диаграммаи 3.3.1. Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2015-2023 (ҳазор нафар)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 137].

Тибқи нишондиҳандаҳои диаграммаи 3.3.1. дар байни пешниҳоди қувваи корӣ ва талаботи он тафовути назаррас ҷой дорад, ки дар солҳои охир боз ҳам зиёд шуда истодааст. Пешниҳоди қувваи корӣ сол ба сол тамоюли афзоиш дошта, талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ бошад, баръакс поён рафта истодааст. Агар дар соли 2011 талаботи корхонаҳо ҳамагӣ 18,1% пешниҳоди қувваи кориро ташкил медод, дар соли 2017 бошад, ин нишондиҳанда ба 9,9% расид. Дар соли 2017 ба як ҷойи корӣ 10 нафар талабгор рост меомад, ки нигаронкунанда буд. Аз як тараф, ҳолати мазкур бо мушкилотҳои ташкили ҷойҳои нави корӣ алоқаманд аст, аз ҷониби дигар бошад, аз самаранокии пасти фаъолияти ташкилоту мақомотои дахолдорӣ давлатӣ, аз ҷумла хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ва марказҳои таълимии калонсолон дар ин самт шаҳодат медиҳад [6].

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди таҳаввулоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дар тӯли солҳои ахир як марҳалаи муҳим дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар маҳсуб мешавад. Тавсеаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити иқтисоди миллӣ, ки захираҳои корӣ ҳанӯз кам нестанд, ба ҳалли

мушкилоти бекорӣ ва таҳкими шуғли аҳолии кишвар кӯмак мерасонад. Ба худомӯзии иқтисоди миллӣ, ки бо истифода аз манфиатҳои бузурги мансабҳои байналмилалӣ ва талаботҳои ҷуғрофии глобалӣ ҳамгиро карда мешавад, кӯмак мекунад.

Вазъи мураккаби демографӣ дар Тоҷикистон ва афзоиши босуръати қувваи корӣ имкон медиҳад, ки кишвар ба бозори меҳнат дар ҷаҳон ҳамчун таъминкунанда (фурӯшанда) коргарон ворид шавад. « ... Ин ба маънии фароҳам овардани имкониятҳои фаровон барои таъмини муҳоҷирони меҳнатӣ бо ҷойи кор, ироаи интиқоли маблағҳо ба иқтисод ва таъмини рушди соҳавии даромад» аст. Тоҷикистон метавонад дар шомил шудан ба бозори меҳнат ба чаҳорчӯбаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ҳамчун манбаи қувваи корӣ, ки бо худ манфиат ва беҳбуди оилаҳоро бо ғояи шароити дӯстона ба иқтисоди миллӣ арзиш мебахшад, барои беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва ба даст овардани зиндагии бештар самарабахш равона гардонад.

Ҷадвали 3.3.2. - Муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023

Шумораи аҳолии кӯчидаомада		**Шумораи аҳолии кӯчидарафта**		**Афзоиши аҳолӣ аз муҳоҷират**	
Ҳазор нафар	ба ҳисоби (%) фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта	Ҳазор нафар	ба ҳисоби (%) фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта	Ҳазор нафар	ба ҳисоби (%) фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта
Соли 2015					
35,3	-10,2%	40,1	14,5%	-4,8	-15,8%
Соли 2016					
33,3	-5,7%	37,6	-6,3%	-4,3	-10,5%
Соли 2017					
37,5	11,2%	41,2	10,2%	-3,7	-14%
Соли 2018					
42,1	11%	45,1	8,7%	-3	-19%
Соли 2019					
40,9	-2,8%	54,5	17,3%	-13,6	-78%
Соли 2020					
34,7	15,1%	42,6	- 21,9%	-7,9	42%

					Идомаи ҷадвали 3.3.2.
Соли 2021					
33,5	-3,5	40,8	- 4,3%	-7,3	-18%
Соли 2022					
30,3	-9,6	39,1	-4,2%	-8,8	-22,6%
Соли 2023					
27,0	10,9	34,9	10,8%	-7,9	10,3%

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 35].

Муҳоҷирати бебозгашт бо иваз кардани маҳалли истиқомат аз рӯйи маълумоти қайди ҳуҷҷатҳои ашхоси кӯчидаомада ва кӯчидарафта дар шуъбаҳои шиносномаидиҳи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 муҳоҷирати дарозмуддати дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷумҳурӣ кам шудааст.

Шумораи умумии муҳоҷирон (шумораи аҳолии кӯчидаомада ва ҷамъи шумораи аҳолии кӯчидарафта) 19,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 6,4% кам мебошад, аз ҷумла аҳолии кӯчидаомада 9,2 ҳазор нафар ва аҳолии кӯчидарафта 10,6 ҳазор нафарро ташкил намуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи аҳолии кӯчидаомада 5,2% ва шумораи аҳолии кӯчидарафта 7,4% кам шудааст.

Камшавии шумораи умумии муҳоҷирон бо иваз кардани ҷойи истиқомат дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба моҳҳои январ - марти соли 2018 дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, мушоҳида мешавад. Дар ВМКБ шумораи умумии муҳоҷирон 15,2% кам шуда, 445 нафар, дар вилояти Суғд 6,3% (4,2 ҳазор нафар), дар вилояти Хатлон 11,9% (9,3 ҳазор нафар)-ро ташкил додааст. Дар шаҳри Душанбе шумораи умумии муҳоҷирон 18,8% зиёд шуда, 1,4 ҳазор нафар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 0,9% зиёд шуда, 4,5 ҳазор нафарро ташкил намудааст.

Шумораи умумии муҳоҷирати аҳолӣ дар деҳот дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 7,4% кам шуда, 13,2 ҳазор нафар ва дар шаҳрҳо 4,5% кам шуда, 6,6 ҳазор нафарро ташкил додааст. Ҳиссаи

муҳоҷирони шаҳрӣ нисбат ба шумораи умумии муҳоҷирон 33,5%-ро ташкил дод (дар моҳҳои январ-марти соли 2018-ум 32,9%-ро ташкил медод), ҳиссаи муҳоҷирони деҳот бошад, 66,5%-ро ташкил дод (ин шумора дар моҳҳои январ-марти соли 2018-ум 67,1%-ро ташкил медод).

Диаграммаи 3.3.2. - Муҳоҷирати аҳолӣ дар солҳои 2015-2023 (ҳазор нафар)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 63].

Аз муҳоҷират камшавии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ (шумораи муҳоҷирони кӯчидаомада тарҳи муҳоҷирони кӯчидарафта) дар соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2014-ум 11,6% кам шуда, 4500 ҳазор нафарро ташкил додааст. Аз муҳоҷират камшавии аҳолӣ дар ин давра дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад.

Тоҷикистон аз муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвараш дар хориҷа бевосита вобастагӣ дорад ва айни замон, ягон соҳаи хоҷагии халқи мамлакат мисли маблағҳои гузаронидашудаи муҳоҷирони меҳнатӣ буҷети давлатиро ғанӣ гардонида наметавонад.

Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ айни замон, дар Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ба танзим даровардани равандҳои он дар қаламрави давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд [164].

Мутобиқи маълумотои « ... Созмони Милали Муттаҳид, солҳои 60-уми асри гузашта миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон ҳамагӣ 65 млн. нафарро ташкил медод ва соли 2018 шумораи онҳо то 514 млн. нафар афзуд» [348]. Ҳамзамон, коршиносони СММ дар асоси таҳлил ва дурнамо изҳор менамоянд, ки равандҳои муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон боз ҳам пурзӯр гардида, то соли 2050 шумораи муҳоҷирон дар кишварҳои ҷаҳон ба 965 млн. нафар мерасад.

Ба буҳрони молиявии иқтисодӣ нигоҳ накарда, миқдори муҳоҷирони байналмилалӣ дар кишварҳои саноатии тараққиёфта сол аз сол зиёд мегардад ва ин нишондиҳанда дар аввали асри XXI афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, сатҳи бекорӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ нисбат ба коргарони маҳаллӣ ду баробар зиёд аст ва баъзе давлатҳо бо назардошти ҳавасмандии молиявӣ ва истифода бурдани қувваи кории арзон бозгашти муҳоҷирони хориҷиро халалдор менамоянд. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки дар бисёри ҳолатҳо давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷирони хориҷӣ қонунгузории худро такмил намедиҳанд ва ба Конвенсияҳои байналмилалӣ шомил намегарданд, зеро намехоҳанд уҳдадориҳои иловагиро ба дӯш дошта бошанд.

Ба ҳар гуна шароити душвору таҳқиромез нигоҳ накарда, муҳоҷирони хориҷӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо қарор доранд, зеро ҳисоб мекунанд, ки шароит дар зодгоҳашон боз ҳам бадтар мебошад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти дар ҳолати ивазшавӣ қарор доштани сиёсати давлатии муҳоҷират дар кишварҳои хориҷи дуру наздик ва дигаргун шудани хусусиятҳои муҳоҷирати аҳолӣ масъалаҳои муҳоҷират бояд пайдарҳам аз ҷониби созмонҳои байналмилалии бонуфуз ва коршиносони ботаҷриба мавриди омӯзишу тадқиқотҳои илмӣ қарор гирифта, танзими равандҳои он дар ҳамкории давлатҳои интиқолдиҳандаву қабулкунандаи муҳоҷирон ҳамчун масоили аввалиндараҷа ба роҳ монда шавад. (Ҷадвали 3.3.3)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ диққати ҷиддӣ дода, кӯшиш мекунад, ки механизми самараноки танзими онро барномарезӣ ва амалӣ созад. Дар ин замина, сиёсати

давлат дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун як қисми муҳим ва стратегӣ дар ҷараёни рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар эътироф мешавад. Ташкили низоми дуруст ва муташаккил барои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ на танҳо ба беҳтаршавии вазъи шуғл ва беҳдошти сатҳи зиндагии муҳоҷирон, балки ба рушди иқтисод ва иҷрои стратегияҳои дарозмуддат барои рушди миллӣ мусоидат мекунад.

Ҷадвали 3.3.3. - Муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилии бебозгашт (бо иваз кардани ҷойи истиқомат) дар моҳҳои январ-марти солҳои 2014-2023 (ҳазор нафар)

	2014			2023		
	Шумораи аҳолии кӯчаидаомада	Шумораи аҳолии кӯчидарафта	Аз муҳоҷират кам шудан (-) ва афзудани аҳолӣ (+)	Шумораи аҳолии кӯчаидаомада	Шумораи аҳолии кӯчидарафта	Аз муҳоҷират кам шудан (-) ва афзудани аҳолӣ (+)
Ҷумҳурии Тоҷикистон	39,6	45,3	-5,7	27,0	34,9	-7,9
Шаҳр	16,6	17,0	-0,4	10,9	10,8	-0,1
Деҳот	23,1	28,3	-5,2	16,1	15,9	-0,2
ВМКБ	0,4	1,3	-0,9	0,6	1,2	0,6
Вилояти Суғд	7,4	9,7	-2,3	6,0	7,6	-1,6
Вилояти Хатлон	14,6	21,3	-6,7	13,6	16,6	-5
ш.Душанбе	5,7	3,3	2,4	3,2	3,7	0,5
НТҶ	11,1	8,8	2,3	3,5	5,8	-2,3

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 35- 39].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа бояд ба пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва номуташаккил дар асоси ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодии ҷараёни муҳоҷират, якҷоя бо тарафи қабулкунанда ташкил намудани системаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалб намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа тавассути воситаҳои ахбори умум ҷиҳати мубориза алайҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ нигаронида шавад.

Аз таҳлили механизми таъсири давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ хулосаҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва такмил додани қонунгузории амалкунандаи кишвар бо дарназардошти вазъи имрӯзаи ҷомеа ва талаботои санадҳои меъёрии байналмилалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст.

2. Ба дараҷаи баланд ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷират байни мақомотҳи дахлдори давлатӣ ва ҳамзамон, талаб кардани масъулияти шахсии ҳар як роҳбари аввали вазорату идораҳо ҷиҳати ҳалли душвориҳо дар ин самт.

3. Бо мақсади ҳалли душвориҳо дар идоракунии равандҳои муҳоҷират ва беҳтар намудани вазъи муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи кишвар, аз байн бурдани нофаҳмиҳои байни идоравӣ ва таъмин намудани ҳамоҳангсозии масъалаҳо дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, инчунин қабул кардани қарорҳои саривақтию тақдирсоз дар сатҳи олӣ.

4. Бо дарназардошти афзалиятнок будани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷомеа ва доимо мавриди омӯзиш қарор додани он аз тарафи Парлумон, дар назди ин мақомот ташкил кардани Кумита ё Комиссия оид ба масъалаҳои муҳоҷират. Вобаста ба ин дар ҳайати Парлумон шомил намудани намояндагони сазовор аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ – тоҷикони бурунмарзӣ.

5. Аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди назорат қарор додани ҷараёни иҷрои супоришҳои чандинкаратаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва қарорҳои дахлдор дар соҳаи муҳоҷират, муқоисаи вазъи муҳоҷират дар 10 соли охир, баҳодиҳӣ ва қабули чораҳо.

6. Гузаронидани санҷиши ҳаматарафа ва шаффоф нисбат ба он шахсоне, ки корхонаю идораҳои давлатиро шахсӣ намуда, ба ҷойи рушд додани он бо технологияҳои муосир ва нигоҳдорию таъсис додани ҷойҳои корӣ доимӣ, баръакс соҳаҳои хоҷагии халқро заиф намуданд.

7. Пурзӯр намудани фаъолияти намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа ва намояндагиҳои мақомоти муҳоҷират бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишварамон, ки дар хориҷа будубош доранд.

8. Ба таври расмӣ таъмин намудани мусофирати меҳнатӣ пурра ба эътибор гирифта шавад.

9. Мувофиқа намудани қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ бо кишварҳо (ҳамкор)-и хориҷӣ.

10. Бо ташкили семинарҳои омӯзишӣ шинос намудани муҳоҷирони меҳнатӣ бо қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии давлате, ки ба он сафар мекунанд.

11. Барқарор намудани иқтидори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ.

12. Дар деҳоти Тоҷикистон ташкил намудани корхонаҳои хурди коркарди пӯст, пашм ва корхонаҳои тайёр намудани шарбат аз меваю сабзавот (бо дастгирӣ ва маблағгузории тоҷирон ё ҳукуматҳои маҳалӣ).

Таҳлилҳо нишон дод, ки новобаста аз сатҳи тараққиёти давлатҳо муҳоҷирати қувваи корӣ дар доираи тамоми давлатҳо амалӣ мешавад. Чунин самтҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи кориро ҷудо намудан мумкин аст:

- аз давлатҳои рӯ ба инкишоф ба давлатҳои мутараққӣ; дар доираи давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққинамуда; (асосан бо мақсади ғайрииқтисодӣ); дар байни давлатҳои рӯ ба инкишоф (асосан, байни ДНИ ва давлатҳои Аморати Араб); « ... байни давлатҳои аъзои ОПЕК ва дигар давлатҳои рӯ ба инкишоф аз давлатҳои собиқ Шуравӣ ба давлатҳои саноатии мутараққӣ; муҳоҷирати коргарони соҳаи илм, муттахассисони маълумотнок аз давлатҳои саноатии мутараққӣ ба давлатҳои рӯ ба инкишоф»;

- бозори меҳнат, ки аз талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ иборат аст, ҷараёни инкишофёбанда буда, таъсири байниҳамдигарии маҷмуи захираҳои меҳнатӣ ва ҷойҳои кориро инъикос менамояд;

- дар маҷмуъ, шумораи аҳолии ҷумҳурӣ аз ҳисоби афзоиши табиӣ зиёд шуда истодааст, ки он тавозуни манфии муҳоҷиратро бартараф менамояд.

Сиёсати давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими рушди устувор ва эҷоди шароити мусоид барои муҳоҷирон ва аҳолии маҳаллӣ таҳия ва амалисозӣ мешавад. Механизми асосии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста ба чанд ҳадафи муҳим аст, ки ба беҳбуди вазъи

иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар кӯмак мекунад. Баъзе аз чораҳои аслӣ, ки барои танзими равандҳои муҳоҷират андешида мешаванд, ба таври зерин иборатанд:

- рушди устувор ва мутавозун: барномасозии тадбирҳои мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, ки тавассути амалисозии «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва таҳкими пешрафт дар минтақаҳои гуногуни кишвар амалӣ карда мешавад»;
- сатҳи иҷтимоишавии аҳолӣ: ташаккули талабот ва муқаррароти ахлоқию маънавӣ, ки ба ҳолати табиии муҳоҷирати меҳнатӣ ҷавобгӯ буда, ба манфиатҳои миллӣ мувофиқанд. Ин тадбирҳо кӯмак мерасонанд, ки ҷомеаҳои маҳаллӣ эҳсоси масъулият ва ҳамкориҳоро дар баробари муҳоҷирон тақвият диҳанд.
- такмили қонунгузории миллӣ: таъмини ҳимояи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои муҳоҷирон бо такмили қонунгузории миллӣ. Ин бо мақсади рафъи мушкилоти муҳоҷирон ва фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои муҳоҷирати осон ва бехатар анҷом дода мешавад.

Сиёсати давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд самти асосӣ амалӣ мешавад, ки ба беҳтар кардани шароити муҳоҷират ва рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар равона шудаанд. Он дар шаклҳои зерин амалӣ мешавад:

1. Ворид кардани кишвар ба бозори байналмилалии меҳнат: Истиқбол ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷа кор мекунанд ва ба бозори меҳнати байналмилалӣ ворид мешаванд.

2. Барномасозии рушди иҷтимоии иқтисодӣ: Омодасозии барномаҳо ва чорабиниҳои давлатӣ, ки ба рушди мутавозини бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвар, аз ҷумла бозори меҳнат, равона мешаванд.

3. Кӯчонидани мутаносиби аҳолӣ: Кӯчонидани аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот ва мавзеъҳои баландкӯҳ бо мақсади рушди баробари ҳамаи минтақаҳо.

4. Ҳамоҳангии фаъолиятҳои мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ: Ташкили ҳамоҳангии байни мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ барои дастгирии самараноки сиёсати муҳоҷират ва таъмин кардани инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот.

5. Ташаккули муҳити мусоиди муҳоҷирати меҳнатӣ: Таҳияи шароити мусоид барои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки барои аъзои оилаҳои муҳоҷирон ва ҷомеа ба манфиат хоҳад буд.

6. Риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ: Имконият додан ба ҳамгироии гурезагон ва расонидани кӯмакҳои лозимӣ ба онҳо, ки ба такмили сиёсати муҳоҷират мусоидат мекунад.

7. Таъмини шуғли шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа: Интихоби муҳоҷирон барои фаъолияти корӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва мониторинги вазъи онҳо дар хориҷа.

8. Таҳкими бахши сайёҳӣ: Мусоидат ба рушд ва истифодаи имкониятҳои сайёҳӣ дар кишвар, ки метавонад ба рушди иқтисод ва шуғли аҳолии маҳаллӣ кӯмак кунад.

9. Идоракунии самараноки равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ: Такмили механизмҳои идоракунӣ, мониторинг ва таҳлили раванди муҳоҷирати меҳнатӣ барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар.

Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилотҳои зиёд мувоҷеҳ гашт ва дар чунин вазъияти ҳам барои ҳукумат ва ҳам барои аҳолӣ мушкил тадбири муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷ аз кишвар роҳи раҳоӣ аз ин ваъзияти сангин гардидааст.

Дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд. Дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд буд. Соли 1991 миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба 2308 адад расида буд. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон 425 ададаш корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 ададашон корхонаҳои саноати сабук буданд. Ҷанги шаҳрвандӣ (1992 -1997) ба фаъолияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

нақши манфӣ гузошт. Корхонаҳои саноатии Тоҷикистон аз соли 1996 ба ин сӯ аксар зарарovар ҳисоб мешудаанд. Зеро аз як тараф истеҳсоли молҳои саноатӣ коҳиш ёфтанд, аз ҷиҳати дигар маҳз ҳамон солҳо воридоти молҳои саноатии хориҷӣ ба ҷумҳурӣ хеле афзоиш ёфт. Дар натиҷа аз як тараф, аксарияти корхонаҳои саноатӣ аз фаъолият бозмонданд, аз тарафи дигар, он корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд, маҳсулоташон бо молҳои ба ҷумҳурӣ воридгардида рақобат карда наметавонистанд.

Тӯли солҳои охир бахши саноати кишвар низ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ то соли 2019, 2164 корхонаи нави истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Теъдоди коргарони ин корхонаҳо 842000 нафарро ташкил медиҳад. Соли 2019 дар кишвар дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан 2164 адад корхона, дар соҳаи саноати коркард 1746 адад корхона ва дар соҳаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 168 адад корхона фаъолият менамоянд.

Агар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 ҳамагӣ 15674 миллион сомониро ташкил диҳад, дар соли 2022 бошад, он 43025 млн сомониро ташкил дод, ки 1,7 маротиба афзундааст. Миқдори корхонаҳо низ тамоюли зиёдшавиро доранд, зеро дар соли 2015 ҳамагӣ 2310 адад буд ва дар соли 2022 бошад, 2802 ададро ташкил медиҳад. Сабаби асосии зиёд шудани корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла саноатӣ ин имтиёзҳову имкониятҳои фароҳамовардашуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (ҷадвали 3.3.4).

Ҷадвали 3.3.4. - Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Муқоиса 2023 / 2015 (+-)
	2015	2017	2018	2022	2023	
Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ)	16939	23835	26362	42988	46857	29918
Шумораи миёнаи коркунони истеҳсолӣ (ҳаз.наф.)	81,2	86,8	85,6	86,3	87,5	6,3

Идомаи ҷадвали 3.3.4.						
Миқдори корхонаҳо, воҳид	2310	1999	2161	2802	3453	1141

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 253].

« ... Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 23 январи соли 2021» иброз доштанд, ки тамоми кишоварзон аз ҳама намуди андозсупорӣ озод карда шуданд [204].

Таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар аксари соҳаҳо то ҳол дар ҳолати коҳиш қарор дорад. Ба истиснои чанд навъ маҳсулоти алоҳида, ки истеҳсоли онҳо дар солҳои охир тамоюли афзоиш нишон додааст, бахши зиёди маҳсулоти саноатӣ наметавонад ба сатҳи истеҳсоли солҳои қаблӣ, аз ҷумла ба нишондодҳои ибтидои солҳои 1990, баробар гардад. Дар бархе соҳаҳо коҳишот на танҳо идома доранд, балки шакли устувор гирифта, нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ба маротиб аз ҳадди солҳои 1991 поин боқӣ мондаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки саноати миллӣ дар баъзе бахшҳо то ҳол наметавонад барқарорсозии пурраи иқтидорҳоро таъмин намояд, ки ин бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла, фарсудагии фондҳои асосӣ, набудани сармоягузории кофӣ, норасоии кадрҳои тахассусманд ва маҳдудиятҳои инфрасохторӣ шарҳ дода мешавад. Дар чунин шароит, зарурати рушди стратегии саноати истеҳсолӣ, таҷдиди техникӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод бештар аз пеш эҳсос мегардад.

Дар тӯли солҳои соҳибихтиёрии кишвар, истеҳсоли зиёда аз 8 намуди маҳсулоти саноатӣ қатъ шуда, зиёда аз 18 намуди он коҳиш ёфтааст. Маҳсулотҳое, ба монанди нафт (аз ҷумла конденсати газ), газ, консерваҳо, шампан, матоъҳо ва матоъҳои бофанда, ки истеҳсолашон коҳиш ёфтааст, ба назар мерасанд. Гарчанде истеҳсоли молҳо, ба монанди равғани растанӣ, консерваҳо, ангур, коняк, сигор ва як қатор дигар молҳо барқарор шуда бошад ҳам, ҳаҷми истеҳсоли онҳо нисбат ба соли 1991 хеле кам боқӣ мондааст.

Дар ҷадвали 3.3.5. динамикаи тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар оварда шудааст.

Ҷадвали 3.3.5. - Динамикаи тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991- 2023.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Муқоиса 2023 / 1991 (+-)
	1991	2000	2010	2015	2022	2023	
Ангишт *(ҳазор тонна)*	313	22,2	199,7	1041,9	2393,6	2084,2	7,6 маротиба
Масолеҳи сохтмонии ғайриъмаданӣ (*ҳазор. м^3*)	6118	97,7	467,0	1167,4	1689,8	1709,5	-4408,5
Равғани растанӣ *(ҳазор тонна)*	76,1	23,1	14,1	10,0	24,8	25,8	-50,3
Асфалт *(ҳазор тонна)*	-	-	8257	141041	174881	423717	2,1 маротиба
Семент *(ҳазор тонна)*	1013	54,8	288,2	1418	4243	4456	4,1маротиба
Қолинҳо ***(*** *млн. м^2)*	7,6	0,3	0,6	1,2	2,7	2,2	-5,4

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 255-262].

Маълумоти овардашуда аз ҷадвали 3.3.5. шаҳодат медиҳад, ки дар даҳсолаи аввали пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аксарияти соҳаҳои истеҳсолии кишвар коҳиши шадиди ҳаҷми маҳсулоти саноатиро таҷриба кардаанд. Ҳамин тавр, истеҳсоли ангишт аз 313,0 ҳазор тонна дар соли 1991 то ба 22,2 ҳазор тонна дар соли 2000 коҳиш ёфтааст, ки ин коҳиш қариб 93% ҳаҷмро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ғайриъмаданӣ аз 6 118 ҳазор метри мукааб то ба 1 689,8 ҳазор метри мукааб расида, нишондиҳандаи коҳиш бештар аз 72% мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли равғани растанӣ низ дар ин даврa аз 76,1 ҳазор тонна то ба 24,8 ҳазор тонна коҳиш ёфта, коҳиши қариб 67%-ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли семент яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди инфрасохтор - аз 1 013 ҳазор тонна то 54,8 ҳазор тонна паст рафта, коҳиши он зиёда аз 94% мебошад. Истеҳсоли масолеҳи деворӣ аз 270,8 миллион дона то ба сатҳи номаълуми поён ва қолинҳо аз 7,6 миллион метри мураббаъ то 0,3 миллион метри мураббаъ коҳиш ёфтаанд, ки ҳарду коҳишоти назарраси 98%-ро нишон медиҳанд. Таҳлили тамоюлҳо нишон медиҳад, ки ин коҳиши истеҳсолот дар солҳои 1991 - 2000 зери таъсири омилҳои сохторӣ ва системавӣ, аз ҷумла пош хӯрдани низоми хоҷагидории шӯравӣ, халалдор гардидани занҷираҳои

таъминот ва тақсимот, норасоии сармоя, афзоиши бекорӣ ва ноустувории сиёсӣ сурат гирифтааст. Бо вуҷуди ин, баъди соли 2000, ва махсусан то соли 2016, дар як қатор соҳаҳо нишонаҳои эҳёи истеҳсолот ва тамоюли афзоиши ҳаҷми маҳсулот мушоҳида мешаванд. Ин афзоиш нишондиҳандаи оғози марҳилаи барқарорсозии баъзе иқтидорҳои саноатӣ буда, дар пасманзари беҳбудии муҳити макроиқтисодӣ, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва ислоҳоти соҳаи саноат имконпазир гардидааст. Ин тамоюл бояд дар заминаи сиёсати муназзами саноатсозии миллӣ, дастгирии давлатӣ ва рушду навсозии инфрасохтори техникӣ тақвият ёбад.

« .... 26 - уми декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуда, зарурати то 22 % расонидани ҳиссаи соҳаи саноатро дар ММД иброз доштанд. Қайд намуданд, ки «расидан ба ин ҳадаф рушду нумуи иқтисодӣ ва зиндагии осудаю шоистаи аҳолии кишварро таъмин хоҳад кард. Бо назардошти аҳамияти бузурги ҳадафи мазкур дар мамлакат аз ҷониби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ даҳҳо коргоҳҳои истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд» [203].

Саноатикунонии босуръати Тоҷикистон як ҳадафи стратегии асосии кишвар мебошад, ки барои таъмини устувории иқтисодӣ, кӯмак дар коҳиши сатҳи бекорӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум равона шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шуруъ кардани ин раванд, асосан тавассути Стратегияи рушди саноат, ба ташаккули корхонаҳои нави саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва пешрафти иқтисоди миллӣ тавассути техникологияҳои муосир иқдомҳои зиёдеро ба амал оварда аст.

Вақте ки дар гузашта кишвар ҳамагӣ 358 корхона бо 33 ҳазор ҷойи корӣ дошта буд, имрӯз шомили 2800 корхона бо зиёда аз 85 ҳазор ҷойи корӣ мебошад. Ба сифати намуна, танҳо дар соли 2022 500 коргоҳи нав бо 6 ҳазор ҷойи корӣ таъсис ёфта, сатҳи истеҳсоли маҳсулот дар кишвар ба 43 миллиард

сомонӣ расидааст. Бо вуҷуди ин, ниёз ба афзоиши корҳои саноатӣ бо технологияҳои муосир ва коҳиши вобастагии кишвар аз воридот ҳанӯз мавҷуд аст.

Ҳадафи саноатикунонии босуръат дар Тоҷикистон дар кӯтоҳмуддат ба коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ, баланд кардани иқтидори содиротӣ ва таъмини талаботҳои аслии соҳаҳои саноатии ватанӣ равона шудааст. Сиёсати саноатикунонӣ бо истифода аз сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба таври зарурӣ таҳким ёфта, барои дарозмуддат беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва инкишофи инфрасохтори саноатӣ дар кишвар мебошад.

Барномаҳои ҳукумат барои рушди саноат, ба хусус « .... дар соҳаҳои металлургия, техникаи кишоварзӣ, саноати энергетикӣ, саноати кимиё ва сохтмон, талаб мекунанд, ки танҳо бо истифодаи стратегияҳои дуруст, илмӣ ва технологияҳои муосир метавон сатҳи саноатро бо мақсади ноил шудан ба сатҳи 30% дар ММД-и « кишвар ва сатҳи коркард дар саноат ба 75.5% расондан амалӣ гардад.

Ҳудуди ҷумҳуриро 93% кӯҳҳо ташкил менамояд, ки дар деҳот набудани ҷойи кори доимӣ мушкилоти асосӣ мегарданд ва ҷавонон рӯ ба муҳоҷирати меҳнатӣ меоранд ва ин хатар ба он оварда мерасонад, ки дар деҳоти дурдаст набудани ҷавонон ва коҳиш ёфтани қувваи корӣ ба чашм мерасад.

Дар асоси ҳадафи чоруми стратегӣ ҷумҳурӣ дар деҳоти дурдасти мамлакат корхонаҳои саноатӣ сохта ба истифода дода шаванд ва ин амал боиси аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ рушд ёфтани деҳот ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин будани аҳолии деҳот мегардад.

« ... Дар мавриди Солҳои рушди саноат эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 дар ҳудуди кишвар корхонаҳои нави саноатӣ сохта ба истифода дода шуда, барои ҳар як корхонаҳои саноатӣ воситаҳои гардон ва таҷҳизотҳои техникӣ ворид мегарданд». Вале набудани мутахассисони ватанӣ барои истифодаи таҷҳизоти замонавии воридгардида тақозо мекунад, ки ширкатҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизоти саноатӣ кормандони худро ба ин кор ҷалб мекунанд ва дар асоси шартномаи басташуда, одатан музди меҳнати

баландтарро нисбат ба мутахассисони маҳаллӣ пардохт мекунанд. Ҳамаи ин хароҷот ба дӯши соҳибкорони ватанӣ дар шакли қарз ё уҳдадорӣ зам мешавад. Аз ин рӯ, ба корхонаҳои саноатии ватанӣ тавсия медиҳем, ки барои дар самти худ тайёр намудани мутахассиси баландпоя бо макотиби таҳсилоти олии касбии кишвар ва хориҷа ба мувофиқа расанд.

« ... Ҳадафи саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии мамлакат эълон шудааст, на танҳо барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум», балки барои рушди устувори иқтисодиёт ва таъмин намудани рушди технологӣ ва илми бунёдӣ мебошад. Ҳукумати кишвар мақсад дорад, ки технологиҳои муосирро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодии миллӣ роҳандозӣ кунад, ба хусус барои ҷавонон имкониятҳои мусоид барои рушди феҳристи илмҳои техникӣ ва технологиро фароҳам оварад.

Сиёсати саноатӣ пас аз ба даст овардани истиқлолият дуруст таъриф шуда, ба самти тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр, бо истифодаи захираҳои маҳаллӣ ва ҳарчӣ бештар манбаъҳои ашёи хоми дохилӣ равона гардид. Барномаи саноатикунонии кишвар дар ҳоло ба муқобили воридоти маҳсулоти хом ба рушди истеҳсолот ва таъмини молрасонии дохилӣ саҳм мегузорад. « ... Аз ҷумла, бо ворид кардани технологияҳои нав ва истифодаи оптималии захираҳои хом, Тоҷикистон дар панҷ соли охир ба маблағи умумии 44 миллиард сомонӣ маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол намуда», вобастагии бозори истеъмолии кишвар аз маҳсулоти воридотӣ коҳиш ёфтааст.

Танҳо дар панҷ соли охир дар Тоҷикистон 300 корхонаҳои нави саноатӣ бо 6500 ҷойи нави корӣ фаъол гардида, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар бахшҳои гуногуни саноат, аз ҷумла дар соҳаи маъдан, металлургия, энергетика ва техникӣ ташкил шуданд. Вагарна, нақшаи саноатикунонии босуръат кишвар ба ҳамгироии инкишофи техникӣ ва технологӣ ва ба он таъсир кардани рушди соҳаҳои муосир, ҳамчун як самти калидии рушди иқтисодӣ, оғоз ёфта аст.

Гузариш ба модели саноатикунонии босуръати икшвар шароит фароҳам меоварад, ки дар кишвар масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ ҳал карда шуда, масъалаҳои ҷойдоштаи иқтисодӣ дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва болобардории некуаҳволии мардуми он беҳтар шавад. Дар баробари расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ, ки гузариш аз модели аграрию-саноатии рушд ба модели саноатию-аграриро пешбинӣ менамояд, имконияти давлатро дар мукаммалгардонии сохтори содиротии кишвар боло бардошта, барои ноил гардидан ба тавозунии мусбати савдо мусоидат хоҳад намуд.

Баъди эълон гардидани ҳадафи чорум мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар соли 2019 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саноат тағйироти ҷиддӣ ба вуқуъ омада, 219 корхонаи нави саноатӣ таъсис дода шуд, ки дар онҳо ҷойҳои кории нав ташкил карда шуд. Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт аз теъдоди умумии корхонаҳои таъсисёфта, 38 корхонаи саноатӣ дар бахши саноати вазнин, 53 дар бахши саноати сабук, 50 дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва 62 корхона дар бахши саноати озуқаворӣ таъсис дода шудааст.

Диаграммаи 3.3.3. - Корхонаҳои саноатӣ дар 2023



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 35].

Вобаста ба минтақаҳои кишвар дар вилояти Суғд 59 корхонаи нави саноатӣ бо 969 ҷойҳои нави корӣ, дар вилояти Хатлон 57 корхонаи саноатӣ бо 678 ҷойи корӣ ва Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон 3 корхонаи саноатӣ бо 87 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд. Дар шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти

кишвар 60 корхонаи нави саноатӣ таъсиси дода шуд, ки 812 нафар сокинони шаҳро бо ҷойи корӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. (расми 3.3.3).

Қобили зикр аст, ки « ... Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392 тасдиқ шудааст». Он таҷассумгари дурнамои рушди кишвар дар даҳсолаи оянда вобаста ба тамоюлҳои дар соли охир ба вуқуъомада мебошад.

Дар стратегияи мазкур се сенарияи рушди иқтисодиёти кишвар пешбинӣ карда шудааст: « ... инертсионӣ, индустриалӣ ва индустриалию инноватсионӣ. Сенарияҳои зикргардида дар асоси таҳлили амиқ пешбинӣ карда шуда, дар онҳо як қатор фарзияҳои муҳим аз қабили татбиқи афзалиятҳои миллӣ, тамоюлҳои демографӣ дар кишвар, истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда, имкониятҳои инвеститсионӣ, самараи ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба инобат гирифта шудаанд» [22].

Дар стратегияи мазкур таваҷҷуҳи махсус барои истифодаи васеъи омилҳои дохилӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ зоҳир карда шудааст. Сиенарияи мазкур хусусияти пешгирикунандаи тараққиётро дар асоси рушди манбаъҳои дохилӣ, фаъолсозии иштироки Тоҷикистон дар равандҳои минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ, камкунии вобастагии нисбии кишвар аз воридоти озуқаворӣ ва тамоюл ба воридоти технологияҳои муосир пешбинӣ мекунад. Суръати афзоиши миёнасолонаи ММД 6-7%-ро ташкил медиҳад, ҳаҷми ММД дар давраи пешбинишаванда 2,6 маротиба афзоиш меёбад ва ҳаҷми он ба ҳар нафар аҳолӣ 2 маротиба зиёд мешавад.

Аз рӯйи чунин сенарияи рушд суръати афзоиши ММД аз рӯйи панҷсолаҳо мутаносибан 5-6% (солҳои 2016-2020), 6-7% (солҳои 2021-2025) ва 7-8% (солҳои 2026-2030)-ро ташкил медиҳад [22].

Тибқи нишондоди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар ҳудуди кишвар 100 ҳазор ҷойҳои нави кори таъсис дода мешавад [22]. Ба ақидаи мо, то соли 2030 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 миллиону 800

ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешавад ва он ба муҳоҷиршавии шаҳрвандони мамлакат таъсири мусбат мерасонад [22].

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа омиле мебошад, ки ба низоми таъмини зиндагии аксарияти оилаҳои Тоҷикистон таъсири калон мерасонад. Ҷараёни асосии муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои ИДМ равона карда шудааст, ки дар байни онҳо шумораи зиёд ба Федератсияи Россия (беш аз 90%) ва боқимонда ба Қазоқистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ дуру наздик мераванд. Тақрибан 5% муҳоҷирон ба кишварҳои хориҷи дур мераванд. Беш аз 90% муҳоҷирони меҳнатиро мардҳо ташкил медиҳанд, ки дар баробари ин, қисми фаъол ва қобили меҳнатӣ мебошанд. Танҳо 25-30% муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар ФР дорои мақоми аз ҳама ҷиҳат танзимгардида мебошад. Ҳарчанд, ин нишондиҳандаҳо сол аз сол афзоиш ёфта истода бошанд ҳам, дар баробари он садҳо ҳазор шаҳрвандони кишвар, ки барои ба даст овардани даромад ба хориҷа меравад ва шароити арзандаи кор ва зиндагиро дар хориҷа надоранд. Мухоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа асосан ба кори мавсимӣ машғуланд, аз ин рӯ, қисми зиёди онҳо дар аввали баҳор ва тобистон ба хориҷа сафар мекунанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар бозори меҳнат дар баробари кормандони баландихтисос нақши махсусро дар рушди саноат кормандони ихтисоси нокифоядошта мебозанд. Агар давлатҳои мутараққии саноатӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳоҷират бештар ба ҷалби қувваи кории соҳибтахассус таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, давлатҳои рӯ ба инкишоф ба мисли ФР барои дар баробари кормандони соҳибтахассус ба қувваи коргарии тахассуси пастдошта низ зиёд эҳтиёҷ доранд, ки онҳо мушкилоти норасоии кормандонро дар соҳаи сохтмон ва бахши кишоварзӣ ҳал хоҳанд намуд.

Дар асоси маъумотҳои омори ФР дар чор соли охир дар қаламрави ФР дар қайди мақомоти андоз бақайдгирии шаҳрвандони Ҷуҳмурии Тоҷикистон дар диаграммаи 3.3.4. нишон дода шудааст.

Диаграммаи 3.3.4. - Шумораи умуми муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Федератсияи Россия.



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [279].

Мувофиқи қонунгузории ФР барои ҳар як шаҳрванди хориҷие, ки дар қаламрави он ҳамчун муҳоҷири расмӣ фаъолият менамояд, ки дар як моҳ 5200 рубл барои пардохт намудани андоз (патент)-и давлат муқаррар шудааст. Дар асоси нишондиҳанадҳои дар диаграммаи 3.2 овардашуда таҳлил намудем, ки дар як сол аз ҳисоби як муҳоҷири тоҷик 62400 рубл ба буҷети ФР пардохт мегардад. Танҳо дар соли 2020 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии шарҳвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон 335,2 ҳазор нафар [132, с 107] дар ҳудуди ФР ҳамчун муҳоҷири расмӣ ба фаъолияти меҳнатӣ иҷозат дода шудаанд (патент), ки ба буҷети ин кишвар ба маблағи 20916480 милн рубл ворид гаштааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари муҳоҷирони меҳнатӣ, манфиатҳои муҳоҷират ба давлати қабулкунандаи он зиёд мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми таъмини рушди устувори саноат дар кишвар онҳо метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ дар дохили кишвар фаро гирифта шуда, дар баробари саҳмгузорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар шароити мусоиди зистро дар дохили кишвар барои худ фароҳам оваранд. Маҳз, саноатикунонии босуръат ва таъсири корхонаҳои нави саноатӣ дар даҳсолаи наздик метавонад тамоюли рӯоварии

аҳолии кишварро ба хориҷи кишвар кам гардонида, истифодаи самараноки донишу малакаҳои онҳоро дар дохили кишвар ба роҳ монад. Ҳамаи ин дар навбати худ ба болоравии иқтидори содиротии маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуда, сарчашмаҳои воридоти асъори хориҷиро дар дохили кишваро зиёд мегардонад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

1. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ба танзим даровардани равандҳои он дар ҳудуди давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳалли онҳо дар сиёсати дохилӣ ва берунии давлат яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад, диққати ҷиддӣ дода, то дараҷае танзими давлатии онро ба роҳ мондааст.

2. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа бояд ба пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва номуташаккил дар асоси ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодии ҷараёни муҳоҷират, якҷоя бо тарафи қабулкунанда ташкил намудани системаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалб намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа тавассути воситаҳои ахбори умум ҷиҳати мубориза алайҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ нигаронида шавад.

3. Барои мукаммал гардонидани механизми таъсири давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ тавсия дода мешавад, ки қонунгузориҳои марбута дар соҳаи муҳоҷират такмил дода шаванд:

- ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷират байни мақомотҳои дахлдори давлатӣ ба дараҷаи баланд ба роҳ монда шавад;

- нофаҳмиҳои байни идоравӣ аз байн бурда шуда, ҳамоҳангсозии масъалаҳо дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, инчунин, қабул кардани қарорҳои саривақтию тақдирсоз дар сатҳи олӣ таъмин карда шавад;

- фаъолияти намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа ва намояндагиҳои мақомоти муҳоҷират бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишвар тавсеа бахшида шавад.

4. Гузариш ба модели саноатикунонии босуръат дар кишвар имконият медиҳад, ки масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва дигар мушкилоти иқтисодӣ, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум таъсир мерасонанд, беҳтар ва самараноктар ҳал карда шаванд. Ин равиш барои таъмини рушди иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳо ва амалишавии сиёсатҳои муфид дар сатҳи миллии иқтисод кӯмак мерасонад.

5. Дар ҷараёни расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ, ки гузариш аз модели аграрию-саноатӣ ба модели саноатию-аграрӣ пешбинӣ мекунад, давлат метавонад имкониятҳои худро барои такмили сохтори содиротии кишвар ва афзоиши ҳаҷми содирот истифода барад. Ин тадбирҳо дар ниҳоят ба муваффақияти иқтисодӣ, таҳкими тавозуни мусбати савдо ва таъмин кардани устувории молиявии кишвар мусоидат хоҳанд кард.

6. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа омиле мебошад, ки ба низоми таъмини зиндагии аксарияти оилаҳои Тоҷикистон таъсири калон мерасонад. Ҷараёни асосии муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ба кишварҳои ИДМ равона карда шудааст, ки дар байни онҳо шумораи зиёд ба Россия ва боқимонда ба Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ мераванд.

7. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар бозори меҳнат дар баробари кормандони баландихтисос нақши махсусро дар рушди саноат кормандони ихтисоси нокифоядошта мебозанд. Агар давлатҳои мутараққии саноатӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳоҷират бештар ба ҷалби қувваи кории соҳибтахассус таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, давлатҳои рӯ ба инкишоф ба мисли ФР барои дар баробари кормандони соҳибтахассус ба қувваи коргарии тахассуси пастдошта низ зиёд эҳтиёҷ доранд, ки онҳо мушкилоти норасоии кормандонро дар соҳаи сохтмон ва бахши кишоварзӣ ҳал хоҳанд намуд.

8. Таҳлил нишон медиҳанд, ки дар баробари муҳоҷирони меҳнатӣ, манфиатҳои муҳоҷират ба давлати қабулкунандаи он зиёд ба чашм мерасад. Аз

ин рӯ, ҳангоми таъмини рушди устувори саноат дар кишвар онҳо метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ дар дохили кишвар шуда, дар баробари саҳмгузорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар шароити мусоиди зистро дар дохили кишвар таъмин намояд.

9. Маҳз саноатикунонии босуръат ва таъсири корхонаҳои нави саноатӣ дар даҳсолаи наздик метавонанд тамоюли муҳоҷирати аҳолии кишвар ба хориҷро кам кунанд, бо ин роҳ имконият медиҳанд, ки донишу малакаҳои касбӣ ва кории аҳолӣ самараноктар истифода шаванд. Ин равиш на танҳо барои таҳкими иқтисоди миллӣ, балки барои рушди соҳаҳои саноатӣ ва хизматрасонӣ дар дохили кишвар, инчунин беҳтар кардани сатҳи шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳамаи ин, дар навбати худ ба болоравии иқтидори содиротии маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуда, сарчашмаҳои воридоти асъори хориҷиро дар дохили кишваро зиёд мегардонад.

БОБИ 4. ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУҲОҷИРАТ, ҶАҲОНИШАВӢ ВА РАҚАМИКУНОНӢ

4.1. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими муҳоҷират ва бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо таъсири равандҳои рушди илм ва технологияҳои рақамӣ барои иҷрои корҳои фосилавӣ, ташаккули низоми кори фосилавӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоид пайдо шуданд. Дар ин бахши бозори меҳнат, ки ба кори фосилавӣ асос меёбад, мутахассисони соҳибтахассуси дорои малакаҳои касбии зиёд ширкат меварзанд ва музди меҳнати онҳо низ нисбат ба музди меҳнати миёнаи дар мамлакат муқарраргардида зиёдтар аст. Илова бар ин, наздики 90%-и кормандони дар низоми фосилавӣ фаъолияткунанда дар зодгоҳи худ умр ба сар мебаранд, ки ин ба кам шудани сатҳи муҳоҷирати корӣ аҳолии мамлакат боис мешавад. Онҳо донишҳои нав ба навро аз худ намуда, ба бозори меҳнати корӣ фосилавӣ пешниҳод менамоянд.

То шуруи бемории фарогир COVID–19 ташкили кори фосилавӣ камтар мушоҳида мешуд. Дар давраи COVID–19 бо сабаби набудани имконияти дар истеҳсолот пурра фаъолият намудани ҳайати корхона қисме аз корхонаҳо фаъолияти корхонаҳоро боз дошта онро ба шакли фосилавӣ гузарониданд. Истифодаи кори фосилавӣ аз тарафи баъзе кишварҳо ангуштшумор буд ва ҷалби ин гуна кормандон дар шароити кунунӣ, пас аз ба охир расидани мавҷи сеюм ва чоруми бемории сироятии COVID–19 ба як реҷаи анъанавӣ мубаддал гардид.

Аз нигоҳи мо раванди ҷалби кормандони кори фосилавӣ дар ҷаҳон дар раванди мавҷи сеюм ва чоруми бемории COVID–19 дар натиҷаи баста шудани тамоми сарҳадоти Ҷумҳурии Халқии Чин ба амал омад ва ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ аз кор боз монданд. Мутахассисон бекор гардиданд, дар бозори меҳнати

кори фосилавӣ ширкат варзидаанд ва аз ҷониби ширкатҳои Ҷумҳурии Халқии Чин мутахасиссони бонуфузи ширкатҳои ҷаҳонӣ ба кор ҷалб гардиданд, ки имрӯз раванди фаъолияти молу маҳсулоти бозори Ҷумҳурии Халқии Чин ба ҳамагон маълум аст.

Дар раванди мавҷи сеюм ва чоруми бемории COVID–19 дар бозори меҳнати кори фосилавии ҷаҳон танҳо 1 миллион нафар шарҳвандони Ҷумҳурии Ҳиндустон аз рӯи ихтисоси барномасозӣ ширкат варзиданд, ки аз ҳисоби иштирок ва иҷрои кори фосилавӣ 1,2 миллиард доллар ба Ҷумҳурии Ҳиндустон интиқол гардидааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва таҳлилҳои қаблӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки бозори меҳнати Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз бозорҳои пешрафтаи бозори меҳнати кори фосилавӣ ба ҳисоб меравад ва таҷрибаи ин кишвар нишон медиҳад, ки шаҳрвандоне, ки аз Ҷумҳурии Ҳиндустон дар хориҷи кишавар фаъолият менамоянд, музди меҳнат ва даромади калон ба даст меоранд, ки қисми зиёди онро ба ватани худ Ҷумҳурии Ҳиндустон интиқол медиҳанд. Аз ҳисоби маблағҳои интиқолгардида марказҳои ройгони омӯзиши барномасозӣ таъсис дода мешаванд ва аҳолии ҳамон минтақа барои омӯзиш ҷалб мегардад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Ҳиндустон, ки дар хориҷи кишвар кору фаъолият намуда истодаанд, аз ширкатҳои бонуфузи калони ҷаҳонӣ супоришҳои барномасозиро қабул намуда, ба марказҳои таъсисдодаи худ барои иҷрои кор интиқол менамоянд.

Таҷрибаи бозори меҳнати кори фосилавии Ҷумҳурии Ҳиндустон нишон медиҳад, ки аз ҷониби мутахассисони пуртаҷриба дар бозори кори фосилавӣ ширкат меварзанд, барои идома додани иштирок дар бозори меҳнати кори фосилавӣ ҷавонони Ҷумҳурии Ҳиндустон ба кор ҷалб мегарданд.

Дар бозори меҳнати кори фосилавӣ музди меҳнати барномасозӣ аз ҳама ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнатии кори фосилавӣ ширкат меварзанд, боарзиштар мебошад, аз ин рӯ, шарҳвандони Ҷумҳурии Ҳиндустон ба ин ихтисоси бозори меҳнати кори фосилавӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.

Кори фосилавӣ фаъолияти мустақили мутахассисонро таъмин менамояд ва мутахассисон ба ҳайати коллективи меҳнатӣ дохил нашуда, дар асоси шартнома метавонанд вазифаҳои меҳнатиро иҷро намоянд.

Дар бозори меҳнати кории фосилавӣ асосан меҳнати зеҳнӣ пешкаш карда мешавад, ки ин боиси навоварӣ дар кори ширкатҳои муосир мебошад. Раванд ва фаъолияти кори фосилавӣ тариқи шабакаҳои интернетӣ ва телекоммуникатсионӣ сурат мегирад.

Барои пайдо намудани ҷойи кор иштироккунандагони бозори меҳнати кори фосилавӣ тариқи шабакаҳои интернетӣ ба иртибот баромада, дар асоси пешниҳоди кори корфармо ва иҷрокунандаи кор дар асоси шартномаи муайян корро иҷро мекунанд.

Дар раванди фаъолияти бозори меҳнати кори фосилавӣ ихтисосмандони гуногун ширкат варзида метавонанд, ки дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда муайян гардидаанд ва дар ҷадвали 4.1.1 оварда шудаанд.

Ҷадвалӣ 4.1.1. – Номгӯи ихтисосҳои ширкаткунанда дар бозори меҳнати кори фосилавӣ

№	Номгуӣ ихтисосҳо
1.	***Барномасози телефон.*** Барнома барои дастгоҳи мобилӣ, ки одатан дар системаи оператсионии Android ё iOS кор мекунад. Ба маънои васеътар, барнома ҳама гуна забони барномасозӣ, аз ҷумла барномаи онлайн аст.
2.	***Барномасозии компютерӣ.*** Барномасозии компютерӣ раванди навиштан ва ташкили маҷмуи дастурҳо мебошад, ки онҳо ба воситаи забонҳои барномасозии компютерӣ, аз қабили C++, Java, JavaScript, HTML, Python, Ruby ва Rust фаъолият менамоянд.
3.	***Блогер.*** Ин шахсест, ки блоги худро дар Интернет роҳандозӣ мекунад, ки дар он мундариҷа дар мавзӯи муайян нашр мекунад. Блогерҳо метавонанд ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонанд, масалан, одамонро барои истифодаи баъзе маҳсулот ё хизматрасониҳо ҳавасманд кунанд.
4.	***Дизайнер***. Шахсе, ки дар соҳаҳои мухталифи саноат машғул аст (аз ҷумла, меъмор, дизайнер, рассом, ороишгари плакатҳо ва дигар графикаи таблиғотӣ, веб-дизайнер мебошад.

Идомаи ҷадвали 4.1.1.	
5.	***Меъмор***. Мутахассиси баландихтисос, ки фаъолияти он ба таҳияи консепсияҳо ва қабули қарорҳои меъморӣ нисбат ба объектҳои гуногун - биноҳо, иншоот, ҳудудҳо нигаронида шудааст.
6.	***Молшинос.*** Шахсе мебошад, ки вобаста ба пешниҳод ва фурӯши молҳо фаъолият мекунад.
7.	***Муҳосиб. Шахсе, ки доир ба фаъолияти самти молиявӣ, даромад ва хароҷот дар корхона масъул аст.*** Вазифаҳои муҳосиб тақсимот, назорат ва ҳисоб намудани даромад ва саривақт пардохт намудани музди меҳнат ба кормандон, пардохти андозҳо ва пешбурди баҳисобгирии молиявӣ машғул аст. Барои муҳосибон дар ҳама ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки баҳисобгирии молиявӣ гузаронида мешавад, талабот зиёд мебошад.
8.	***Мураббии варзишӣ***. Тренер барои омодагии ҷисмонӣ, техника, тактика, стратегияро муайян мекунад.
9.	***Мушовир.*** Шахсе мебошад, ки дар кӯмак бо машварати ӯ дар қабули ҳар гуна қарори роҳбар ё роҳбарияти ягон ташкилот иштирок мекунад.
10.	***Омӯзгорони таълимӣ***. Мутахассисе мебошад, ки бо донишҷӯёни курс дарсҳои видеоӣ мегузаронад, дар доираи фанҳои худ донишро ба онҳо мерасонад.
11.	***Равоншинос.*** Мутахассисе мебошад, ки олами ботинии одам, психика ва сохтори он, инчунин, муносибати онҳоро бо муҳити зист меомӯзад.
12.	***Тарҷумон.*** Шахсе мебошад, ки барои тарҷумаи ҳар гуна ҳуҷҷатҳо ва филмҳо машғул мебошад.
13.	***Таҳлилгар.*** Мутахассисе мебошад, ки дар соҳаи муайяни фаъолият ба тадқиқоти таҳлилӣ ва ҷамъбасткунӣ машғул аст, усулҳои таҳлилиро хуб медонад, одатан равандҳоро пешгӯӣ карда, барномаҳои ояндадори рушдро таҳия карда метавонад.
14.	***Таҳриригар***. Мутахассисе мебошад, ки бо матн кор мекунад, яъне мазмуни онро мувофиқи талаботи жанри муайян сохти, тафтиш ва ислоҳ мекунад, нашрия (китоб, журнал, рӯзнома ва ғайра)-ро барои чоп тайёр мекунад.
15.	***Хабарнигор.*** Мутахассисе мебошад, ки барои эҳё намудани фарҳанг, таърих, ҷомеашиносӣ ва ғайра, ки даврaҳои пурраи эҷод ва идоракунии журналистикаи амалӣ дар ҷомеа, таъсири он ба тағйирот дар равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

Сапрчашма: таҳияи муаллиф дар асоси талаботи бозори меҳнати кори фосилавӣ

Аз нишондодҳои ҷадвали дар боло овардашуда хулоса кардан мункин аст, ки дар раванди фаъолият мутахассисон дар якчанд ширкатҳо фаъолият карда метавонанд.

Дар бозори меҳнати кори фосилавӣ бештари шартномаҳо муваққатӣ мебошанд, зеро ҳаҷми кор аз рӯи талаботи кори пешниҳодгардида иҷро мегардад ва рақобати комил вуҷуд дорад. Фаъолияти кори фосилавӣ барои иштироккунандагони бозори меҳнат оқибатҳои мусбат ва манфиро доро мебошад. Аз нигоҳи мо, дар муқоиса бо корфармо корманде, ки дар бозори меҳнати корӣ фосилавӣ иштирок менамояд, бартариҳои зиёдро доро мебошад.

Дар бозори меҳнати кори фосилавӣ ду истилоҳ вуҷуд дорад, ки аз якдигар фарқкунанда мебошанд: фриланс ва фрилансер:

А) Фриланс - ин кор дар асоси шартномаи шаҳрвандӣ мебошад.

Б) Фрилансер – ин коргари озод мебошад.

Дар асоси маълумоти International Workplace Group, дар соли 2022 дар ҷаҳон корҳои фосилавӣ 42,5% - ро ташкил дода ва 87 % коргарон дар асоси реҷаи кори гибрид фаъолият намуданд [287].

Тибқи маълумот то соли 2028 73% ширкатҳо нақша доранд, ки аз кори фосилавӣ истифода хоҳанд бурд. Дар асоси таҳлил ва арзёбиҳои коршиносон, чунин афзоиш бештар ба воридшавии оммавии намояндагони насли ба истилоҳ рақамӣ ба бозори меҳнат алоқаманд аст [288].

Дар раванди таҳлилҳо мо бо оморҳое вохӯрдем, ки айни ҳол дар сарорсари дунё зиёда аз 75 миллион ба кори фосилавӣ машғул мебошанд, ки аз ин шумора 50 миллион нафар дар Амрико ва зиёда аз 20 миллион дар Аврупо, зиёда аз 3,5 миллион дар қаламрави Федератсияи Руссия ба кори фосилавӣ машғул мебошанд ва ин бозори меҳнати кори фосилавӣ дар раванди рушди кайҳонӣ афзоиш ёфта истодааст.

Соли 2006 Конференсияи байналмилалӣ оид ба бозори меҳнат багузор гардид, ки дар он аз ҷониби мутахасиссон ба пайдоиш ва рушд ёфтани бозори меҳнати кори фосилавӣ маърӯзаҳо пешниҳод гардид, вобаста ба фаъолияти бозори меҳнати кори фосилавӣ он ҷо тавсияҳо тасдиқ ва тарҳрезӣ гардидааст,

ки иштироки шаҳрвандони дигар давлатҳои хоирҷӣ дар бозори меҳнати кори фосилавии хориҷа тариқи маҷозӣ фаъолият намоянд ва аз ҷониби давлатҳои қабулкунандаи кори фосилавӣ, инчунин аз ҷониби давлатҳои таъминкунадаи мутахасиссиони кори фосилавӣ барои ба танзим даровардани бозори меҳнати кори фосилавӣ механизмҳои нав ба нави гуногунро кашф намуданд, аз ҷумла:

- Дар Ҷумҳурии Полша аз ҷониби давлат қонун қабул гардид, ки дар он чунин дарҷ шудааст: нисбат ба кормандоне, ки вазифаҳои бар дӯши худ доштаро берун аз қаламрави Ҷумҳурии Полша иҷро менамоянд. Ин раванди муносибати меҳнатӣ дар асоси созишномаи меҳнатӣ байни корманд ва корфармо бо истифода аз технологияҳои телекоммуникатсонӣ дар амал татбиқ мешавад.
- Дар Ҷумҳурии Чехия қонун дар бораи фаъолияти бозори меҳнати кори фосилавӣ қабул гардидааст, ки тибқи он корманди фосилавӣ новобаста аз минтақаи ҷойгир гардидаашон бояд сари вақт кори дар дӯшбудаи худро иҷро намояд, асос ёфтааст.
- Дар Ҷумҳурии Булғористон дар қонун оид ба меҳнат дарҷ гардидааст, ки корҳое, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Булғористон иҷро мешаванд, мақомоти соҳавӣ дар қабули кормандони кори фосилавӣ ва иҷрои кори онҳо таввақуҳи зиёдро доро мебошанд.
- Дар Ҷумҳурии Нидерланд муносибатҳои меҳнатӣ аз рӯйи натиҷаҳои гуфтушунид барпо намудани шартномаи меҳнатӣ барои категорияҳои одамони алоҳида дар асоси шартҳои гуногун пешбинӣ карда мешавад. Дар шартнома «Graphmedia», ки ба ноширон тааллуқ дошта ва нишон медиҳад, ки ба коргарони хонагӣ тааллуқ дошта, вазифаҳои дар ӯҳдаи худ доштаро иҷро менамоянд ва таҳти назорати корфармо кор намекунанд [307].
- Дар Ҷумҳурии Португалия шартҳои кори фосилавӣ дар шартномаи меҳнатии дар он басташуда дар шакли хаттӣ муқаррар карда мешаванд. Дар кори фосилавӣ фаъолияти корманди берун аз корхона ҳуқуқҳояшон ҳимоя карда мешавад.

➢ Дар Ҷумҳурии Лихтенштейн қонунҳои амалкунандаи меҳнатӣ хусусияти хоси худро доро мебошанд, ки тибқи онҳо ҳар як корхона дар асоси оинномаи худ фаъолият менамояд ва дар оинномаи корхона танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо шахсони озод кори мустақилона пешбинӣ карда шудааст ва ҳар як роҳбари корхона метавонад дар асоси шартномаи меҳнатии корманди кори фосилавӣ ба кор қабул намояд.

➢ Дар Англия қонун дар бораи кори фосилавӣ қабул гардидааст, ки кормандони кори фосилавӣ дар асоси шартномаи байни корманд ва корфармо тариқи технологияҳои коммуникатсонӣ иҷро намудани корҳои дар ӯҳдадоштаи худро иҷро намоянд [324].

➢ Дар Ҷумҳурии Перу дар қонуни умумии меҳнат нишон дода шудааст, ки шартномаи байни корманд ва корфармо дар асоси бидуни ҳузурии якдигар тариқи маҷозӣ баста мешавад, ки тамоми технологияҳо ва компютери корманди кори фосилавӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Перу қарор дорад, таҳти назорати қаътии корфармо мебошад.

➢ Дар Ҷумҳурии Италия дар шартномаҳои меҳнатии кори фосилавӣ дарҷ гардидааст, ки кормандон дар давоми рӯзи корӣ бояд 2-4 соат бо кормандони корхона ё ширкат дар тамос бошанд [303].

Дар раванди омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ механизми танзими давлатии бозори меҳнати кори фосилавӣ ба хулоса омадан мункин аст, ки ин падидаи нави бозори меҳнати кори фосилавӣ ба бозори меҳнати баъзе аз давлатҳо таъсири манфии худро мерасонад, аз ҷумла, пардохтҳои ҳатмии андозӣ ва таъмин набудани аҳолии қобили меҳнати ба ҷойи кори доимӣ. Паҳлуи мусбати бозори меҳнати кори фосилавӣ ба бозори дохилии меҳнатии баъзе аз кишварҳо таъсирбахш мебошад, аз ҷумла, кормандони кори фосилавӣ аз зодгоҳи худ дур набуда, маблағи калон ба даст меоранд ва дар раванди фаъолияти меҳнатӣ метавонанд дар якчанд ширкат фаъолият намоянд.

Дар раванди таҳқиқ ва омӯзиши кори фосилавӣ муайян гардид, ки омӯзиш ва хусусиятҳои кори фосилавӣ дар таҳқиқоти доктриналӣ ба се самт ҷудо мешавад:

1) Гурӯҳи олимон бар ин назаранд, ки барои эътироф кардани кор ҳамчун кори фосилавӣ истифода бурдани воситаҳои овозӣ кофӣ аст [73].

2) Кори фосилавӣ бо истифода аз интернет ба роҳ монда мешавад [239].

3) Фаъолияти мутахассисони кори фосилавӣ ҳамчун кор бо истифода аз компютер ё телефони дорои интернети муайян мебошад [295].

Дар асоси гуфтаи боло инкишоф ва рушд ёфтани бозори меҳнати кории фосилавӣ бояд аз ҷониби ҳукумати мамалакат механизми танзими давлатии бозори меҳнати кории фосилавӣ таҳия ва омода карда шавад. Тайёр намудани мутахассисион дар қаламрави ҷумҳурӣ барои иштирок варзидан дар бозори меҳнати кории фосилавӣ омода карда шаванд.

Айни ҳол, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори меҳнати кори фосилавии ғайрирасмӣ фаъолият дорад ва барои ба танзим даровардани чунин раванд бояд корҳои муайянеро сари вақт ба сомон расонидан лозим мебошад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими муҳоҷират ва бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мункин аст:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шавад, вобаста ба корҳои фосилавӣ.

2. Таҷрибаи давлатҳои рушдёфтаро дар танзими давлати бозори меҳнатӣ кори фосилавӣ ба монанди Италия, Перу, Португалия истифода карда шавад.

3. Аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ бояд музди меҳнат баробар музди меҳнати шарвандони хориҷие, ки дар ватани худ кору фаъолият менамояд мутобиқат карда шавад.

4. Аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ дар якҷоягӣ бо мақомотҳои дахлдори давлатии шумораи кормандони бозори меҳнат кори фосилавиро зиёд намудан барои рушд ва тараққиёти корхонаҳои ватанӣ.

5. Аз ҷониби ширкатҳо шартномаи меҳнатӣ дар асоси кафолати байни давлатҳо баста шавад.

6. Шумораи зиёди иштироккунандагонро аз мутахасиссони ватанӣ дар бозори меҳнати фосилавӣ зиёд намудан зарураст.

7. Ташкил ва муаррифӣ намудани бозори меҳнати кори фосилавӣ дар қаламрави мамлакат аз ҷониби Вазорати меҳнат ва муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Аз ҳисоби иштироккунандагони бозори меҳнати кори фосилавӣ ба буҷаи давлат маблағҳои иловагӣ ворид мегардад.

9. Ҷоннок намудани раванди фаъолияти бозори меҳнатӣ кори фосиалвӣ дар қаламрави кишвар. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки истифодабарии шакли фосилавии шуғл хароҷоти истеҳсолии корхонаҳоро барои иҷораи бино, хароҷоти ҷорӣ барои истифодаи барқ, об ва ғайра коҳиш дода барои ҷалби заноне, ки дар нигоҳубинашон кудакони хурд доранд мусоидат менамояд.

4.2. Нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират

Ташаккул ва рушди нави низоми иқтисодиёти муосир дар оғози асри XXI ва тағйирот дар низоми иқтисодиёти мамлакатҳои низоми иқтисоди нақшавӣ дошта таъсир расонида, дигаргуниҳои навро дар ҷаҳон ба миён оварда.

Дар шароити муосири рушди илм ва техника барои тақсим намудани захираҳои моддӣ имконпазир мебошад ва рақобатпазирӣ пайдо шуда, рушди илм ва техника таъсири худро ба ҳамаи паҳлуҳои муносибатҳои бозори меҳнат мусоидат намудааст ва нақши махсусро иҷро менамояд.

Рушди равандҳои технологияҳои рақамӣ, ки босуръат инкишоф ва рушд карда истодааст ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният ва истеҳсолот ворид гаштааст, бозори меҳнатро тағйир дода истодааст, ки ҷойҳои махсусро ишғол менамояд.

Новобаста аз он, ки маҳфуми «иқтисоди рақамӣ» соли 1995-и асрӣ гузашта истифода шуда буд, айни ҳол таъсири рақамикунонии иқтисодӣ дар бозори меҳнат мақоми махсусро доро мебошад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рушди

технологияҳои рақамӣ дар давраи гузариши сенарияи иқтисоди аграгию-саноатӣ ба саноатию - аграрӣ куллан фарқкунанда ва хос мебошад [100, с 177-179].

Иқтисоди рақамӣ яке аз моделҳои нави муосир буда, фаъолияти бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатиро ошкор намуда ва муайян намудани фаъолияти хосро доро мебошад. Иқтисоди рақамӣ дар бозори меҳнат мустақилиятро барои кишварҳои таъминкунандаи қувваи корӣ ва қабулкунандаи қувваи корӣ ба роҳ мондааст.

Раванди гузариши давлатҳо аз як сектори иқтисодӣ ба дигар сектори иқтисодӣ аз мафҳуми иқтисодӣ ба иқтисодиёт дар илми муосири иқтисодӣ ва қонунгузории муосири иқтисоди рақамӣ номида мешавад. Иқтисоди рақамӣ наметавонад, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат таъсири худро нарасонад.

Раванди рақамикунонии иқтисодӣ барои ноил гардидани корфармоён ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаҳои худ ва нигоҳ доштани мавқеи худ дар бозори меҳнат ва ба даст овардани фоидаи зиёд ниёзманд мешаванд, ки аз нейротехнологияҳо, зеҳни сунъӣ, технологияҳои квантӣ, шабакаҳои интернетӣ, робототехникаҳо, технологияҳои алоқаи бесим ва технологияҳои рақамӣ асоси пайдоиши рақамикунони иқтисодӣ мебошад, истифода намоянд.

Гузариш ба равандҳои рақамикунонии иқтисодӣ на танҳо хислати миқдориро доро мебошад, балки хусусиятҳои сифатии муносибатҳои меҳнатиро ифода менамояд. Омилҳои зиёде вуҷуд доранд, ки барои тағйирот дар бозори меҳнат бештар таъсир мерасонанд ва ҳар яке аз онҳо барои паҳншавии рақамикунонии бозори меҳнат алоқаманд мебошанд:

- ✓ ***Раванди автоматикунонӣ*** – ин иваз кардани меҳнати одамон ба меҳнати роботҳо мебошад;
- ✓ ***Раванди рақамикунонӣ*** – табдил додани ашё ва ҳуҷҷатҳои воқеӣ ба рақамӣ;
- ✓ ***Раванди истифодаи платформаҳои онлайни*** – ин ҳамчун миёнарав барои ташкили муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори меҳнат мебошад.

Дар асоси таҳлилҳои бамиёномада таҷриба нишон дод, ки дар давраи охирҳои бартараф кардани бемори COVID-19, ки паҳншавии платформаҳои онлайнии бозори меҳнати кори фосилавӣ ба яке аз тамоюлҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ташаккул ёфтани шаклҳои нави меҳнат боиси бад шудани шароити меҳнат дар ҷаҳон мегардад, аз ҷониби корфармоён ба кор ҷалб гардидани мутахасиссон мушкил гардид.

Ба ақидаҳои Скляр М.А., Кудрявтсева К.В. «равандҳои истифодаи технологияҳои рақамикунонӣ дар истеҳсолоти муосир ва афзоиши шумораи ҷойҳои кори холӣ низ таъсир мерасонад» [238, с 26-30].

Дар раванди рақамикунонӣ шумораи ҷойҳои кории холӣ дар технологияҳои информатсонӣ таъсис дода мешавад.

Аз нигоҳи мо вақтҳои охир раванди рақамикунонии иқтисодӣ шумораи мутахассисони соҳаҳои технологияҳои информатсиониро дар ҳоли афзоиш қарор дода ва таъсири технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, дар бахши ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои хизматрасонӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси таҳлилҳои овардашуда дар як қатор кишварҳо талабот ба қувваи корӣ дар соҳаҳои иҷтимоию – иқтисодӣ, энергетика, сохтмон ва дигар хизматрасониҳои ғайридавлатӣ хеле зиёд ба назар мерасад ва дар бахши давлатӣ талабот ба назар намерасад.

Дар асоси талаботи қувваи корӣ дар бахши саноат, хизматрасониҳои тиҷоратӣ, нақлиёт ва дигар хизматрасониҳо тариқи платформаҳои онлайнӣ ба роҳ монда мешавад ва бозори меҳнат дар асоси талаботи қувваи корӣ ба вуҷуд омада, рушд намуда ва мутахасиссони он афзоиш меёбанд.

Дар шароити муосир ва рақамикунонии иқтисодӣ, дигаргуниҳои ҷаҳонишавӣ, ширкатҳо ҳамкориҳоро бо шарикони гуногуни худ дар саросари ҷаҳон тақвият мебахшанд.

Раванди рақамикунонии иқтисодӣ мутахасиссонро бори дигар барои ташкилоту корхонаҳо нишон дод, ки мутахасисон нақши босазо дар ташкилотҳо ва корхонаҳо мебозад. Дар шароити муосир «ташкилотҳо дар

навбати худ аз низоми анъанавии меҳнатӣ ба раванди низоми фосилавӣ корӣ мегузараанд» [273, с 347-351].

Айни ҳол ба назар мерасад, ки раванди рақамикунонии иқтисодӣ ба бозори меҳнат таъсир расонидааст, ширкатҳо ҳамкориҳоро барои мизоҷон боз ҳам осонтар ва содатар мегардонад.

Аз истифодаи платформаҳои онлайнӣ ташкилотҳо дар бозори меҳнат зуд тағйирёбанда мебошанд ва рақобати комилро барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба роҳ мемонад. Рақамикунонии иқтисодӣ барои ҳамкориҳо дар шабакаҳои иҷтимоии байналмилалӣ хусусиятҳои хосро доро мебошад. Рушди платформаҳои онлайнӣ дар бозори хизматрасонии бозори меҳнат нақши муҳимро мебозад. Ин раванд бо истифода аз захираҳои инсонӣ, ки тариқи технологияҳои рақамӣ фаъолият менамоянд, маблағ ба даст меорад, ифода меёбад.

Дар раванди фаъолияти платформаҳои онлайнӣ ва ***ширинг – иқтисод,*** иқтисоди муштарак ё мубодилаи иқтисодӣ рушд меёбад, ки дар он ҷо хариди мол ва хизматрасониҳои анъанавӣ, ба одамон бартарӣ медиҳад, ки онҳоро бо дигар мубодилаҳо ҷалб намоянд ё ба иҷро гиранд.

Мутахассисони баланд маҳорат дошта дар бозори меҳнат тариқи платформаҳои онлайнӣ дар як вақт метавонад дар якчанд ширкатҳо ва корхонаҳо тариқи фосилавӣ фаъолият намоянд.

Рақамикунонии иқтисодӣ имкониятҳои навро барои фаъолияти шуғли мустақил фароҳам меорад. Тариқи платформаҳои онлайнӣ кор бидуни реҷаҳои муайян ба роҳ монда мешавад ва новобаста аз он, ки корманд аз куҷо мебошад ва дар куҷо кор иҷро мегардад, дар хона ё ин ки дар ошхона ва дигар макони имконпазир барои корманд. Ин раванди рақамикунонии иқтисодӣ барои шахсоне, ки имконияташон маҳдудбуда, инчунин занон ва дигар сокинони минтақаҳои дурдаст имконият медиҳад, ки барои ширкат намудан дар бозори меҳнат бошад.

Аксарияти мутахассисон тавассути платформаҳои - онлайнӣ ҳамарӯза фаъолият менамоянд ва ё қисман бо кори дигар машғул мешаванд, ки ин раванд дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ талаботи навро ба вуҷуд меорад.

Аз нигоҳи мо дар асоси таҳқиқоти ба амал омада ва таҳлилҳо нишон медиҳад, ки платформаҳои онлайнӣ аз ҷониби мутахассисон барои зиёд кардани даромадҳо ва ташкил намудани тиҷоратҳои шахсии худ ва корҳои мавсимӣ (сохтмон) 50% истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, муайян гардид, ки тахминан 50% корҳо дар асоси талаботи мизоҷон барои иҷрои кор ба роҳ монда мешавад.

Дар давраи бемории COVID-19, корхонаҳо ва ташкилотҳо аксари мутахасиссони баландихтисосро дар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, санъат, фарҳанг, савдои чакана, сохтмон ва соҳаи хизматрасонӣ аз даст додаанд. Дар асоси ақидаҳои баъзе аз коршиносон ва олимон дар ояндаи наздик қисми фаъолияти меҳнатӣ дар ҳамаи соҳаҳои мавҷуда аз ҷониби роботҳо иҷро мегарданд.

Бо назардошти чунин ақида «... платформаҳои онлайнӣ дар даҳсолаи ояндаи охир то 50% амалиёти меҳнатӣ дар саросари ҷаҳон мункин аст, ки тавассути рақамикунонӣ ба анҷом расонида шавад ва бисёре аз ихтисосҳо ва касбҳо аз байн мераванд ва ба ҷойи онҳо ихтисосҳои нав ва касбҳои нав пайдо мегарданд ва такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳоро талаб менамояд» [101, с 174-190].

Ба ақидаи Новикова И.В.,: «...равандҳои рақамикунонии иқтисодӣ натанҳо тағйирёбии миқдорирор дар бозори меҳнат ба вуҷуд овардааст, балки тағйиротро дар низоми ҳамкориҳои корфармо ва коргар низ ба вуҷуд овардааст» [145, с 150-159].

Равандҳои рақамикунонии иқтисодӣ сабабҳои асосии ба вуҷуд овардани муносибатҳои корҳои фосилавӣ мебошад, ки боиси равандҳои ғайримарказӣ гардидани фаъолияти меҳнатии вақт ва фазо гардид. Бозори меҳнат имрӯзҳо ба таври виртуалӣ ташаккул меёбад ва модели классикии шуғл кӯҳна мегардад. Дар раванди банақшагирии дарозмуддати роҳҳои касбомӯзӣ барои кормандон

монеаҳо ба миён меоянд, зеро ки ихтисосҳои мушаххас пойдор ва дарозмуддат боқӣ намемонанд ва низ кафолат дар бозори меҳнат ғайриимкон боқӣ мемонад.

Дар асоси талаботи ба миёномадаи бозори меҳнат дар шароити рақамикунонии иқтисодӣ мутахасиссони пуртаҷриба ва маҳоратдошта дар шароити тағйирёбандаи бозори меҳнат боқӣ мемонад.

Бо дар амал татбиқ гардидани низоми рақамикунонии иқтисодӣ талаботи кор бо фазо ва вақт камтар алоқаманд мебошад, ки ба кормандон мустақилияти зиёдтарро пешкаш менамояд. Барои бақайдгирии рафтуомади кормандон ва риояи интизоми меҳнатӣ дар ҷаҳон ва корхонаҳои азим ва ширкатҳои шахсӣ шароити мусоидро ташкил менамояд, то ин ки бақайдгирии электронӣ тавассути нишондодҳои электронӣ ба роҳ монда шудааст, назорати мониторинги кори кормандон тариқи веб-камераҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар низоми рақамикунонӣ маълум нест, ки дахолати корфармо ба ҳаёти шахсии кормандон, истифодаи вақти истироҳати онҳо чӣ гуна ба роҳ монда мешавад. Дар асоси талаботи рақамикунонӣ корманд ҳақ надорад, ки ба зангҳо ва паёмҳои электронӣ ва СМС–ҳои аз роҳбарият дар вақти ғайрикорӣ ҷавоб надиҳанд.

Дар раванди рақамикунонӣ корфармо ва коргар барои барпо намудани муносибатҳои молиявӣ ва бастани шартнома, имзои электронӣ ба роҳ монда мешавад.

Нуқтаи муҳими рақамикунонӣ ин ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ мебошад, ки аз ҷониби коргарон содир кардани он корфармо тавассути технологияҳои рақамӣ меомӯзанд. Масалан, дар вақти муайян тамос нагирифтани корманд бо корфармо тариқи онлайнӣ, мушкилот ба вуҷуд омада ҳангоми муайян намудан ва исбот кардан дар додгоҳ ба миён меоянд, ки ё ин ҳузур надоштан бо сабабҳои техникӣ.

Нуктаи дигари муҳими рақамикунонӣ метавонад ба миён ояд, ки «...масалан, вобаста ба сабти вақт, агар он дар натиҷаи корношоямии компютер ё таҷҳизоти барномавӣ, дар натиҷаи вирус ё амали худи корманд ва ғайра ба амал ояд» [145, с 150-159].

Дар бунёди рақамикунонии иқтисодӣ корхонаҳо ва машваратҳои дастаҷамъии корфармо ва коргарон нақши босазоро мебозанд. Нахустин таҳқиқоти муқоисавии таъсири рақамикунонӣ ба ҳуқуқи меҳнати коллективӣ (кор дар платформаҳои онлайнӣ баррасӣ карда шуд) дар доираи СБМ гузаронида шуд. Бо вуҷуди ин, ҳалли универсалӣ барои бисёр кишварҳои ҷаҳон қобили қабул нест.

Равандҳои ҷорӣ гардидани технологияҳои навӣ рақамикунонӣ дар корхонаҳо аз ҷониби корфармо пешниҳод мегардад. Оид ба истифодаи кормандон аз технологияҳои комуникатсионӣ, метавонад равандҳои гузаришро осон намояд.

Раванди рақамикунонӣ ба муносибатҳои меҳнатии коллективии байни корфармоён ва кормандон на танҳо дар шаклҳои ғайриодии шуғл, балки ба муносибатҳои анъанавии меҳнатӣ ва тамоми бахшҳои иқтисодиёт таъсир мерасонад, зеро раванди технологияҳои компютерӣ ва рақамӣ ташкили ҳамкории шарикони иҷтимоиро ба куллӣ тағйир медиҳанд.

Танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар рақамикунонии иқтисодӣ ба имкониятҳои назаррас ноил мегардад. Равандҳои рақамикунонии истеҳсолот ва иҷтимоиёт дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси барномаи миллии “Иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба роҳ монда мешавад.

Дар даврaҳои ба охир расидани бемории COVID–19 корҳои фосилавӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таварри назарас афзоиш ёфтанд. Истифодаи платформаҳои онлайнӣ дар кишвар яку якбора дар доираи талаботи қувваи корӣ рушд намуд. Низоми истифодабарии платформаҳои онлайнӣ ин миёнарав байни корхона ва корманд мебошад ва тамоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии меҳнатиро дигаргун намуда, танзими иловагиро талаб намекунад. Аз ҷониби дигар рушд намудани чунин платформаҳои онлайнӣ қобилияти мутахассисонро ба васеъ намудани имкониятҳои шуғл мусоидат менамояд.

Тағйир ёфтани низоми бозори меҳнат дар асоси талаботи рақамикунонии иқтисодӣ ба он оварда расонид, ки барои баланд бардоштани сифати танзими

он заминаҳои мувофиқи қонуниро талаб мекунад. Ба вуҷуд омадани касбҳои нав ба таври васеъ талаботро ба кадрҳои нав ба миён меорад, ҳавасмандиро зиёд мегардонад ва омӯзиши мутахассисони иштироккунандагони бозори меҳнати фосилавиро афзоиш медиҳад.

Дар натиҷаи тағйир ёфтани низоми бозори меҳнат динамикаи рақамикунонӣ ба вуҷуд омадааст, ки афзоиши ихтисосҳо ва ҷойҳои кориро ифода менамояд ва ихтилофҳои байни малакаҳои касбии коргаронро талаб мекунад.

Рушди пай дар пайи шаклҳои рақамикунонии иқтисодӣ ба расмият даровардани муносибатҳои байни корманд ва корфармо, усулҳои навро барои назорат намудан ҷорӣ менамояд, ки ба сиёсати давлатии кишварҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқат намояд. Рушди технологияҳои коммуникатсонӣ боиси муваффақ гардидани мутахассисон барои иҷрои вазифаҳои меҳнатии худ нигоҳ доштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат мебошад.

Раванди рақамикунонии бозори меҳнат оқибатҳои манфиро низ доро мебошад. Низоми раванди рақамикунонӣ ба бисёр мутахассисон имконият намедиҳад, ки донишҳои навро оид ба фаъолияти зарурӣ сари вақт аз худ намоянд. Аз ҷониби дигар, корфармоён на ҳама вақт равандҳои технологияҳои рақамии муосирро сари вақт татбиқ мекунанд, ки ин боиси афзоиши бекорӣ мегардад.

Ин мушкилиҳо, ки хусусиятҳои хосро доро мебошад, барои танзими давлатии бозори меҳнат таҳия гардидаанд, ки пешгириҳо аз оқибатҳои манфии эҳтимолиро тақозо мекунанд.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Иқтисоди рақамӣ раванди нави иқтисодӣ буда ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимою иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон таъсир расонидааст, аз ҷумла ба муносибатҳои бозори меҳнат дар бахши меҳнати инфиродӣ ва коллективӣ.

2. Арзиши меҳнати зеҳнӣ нисбат ба меҳнатӣ ҷисмонӣ афзоиш меёбад.

3. Корфармо барои ба даст овардани корманд ҳавасмандиро зиёд менамояд.

4. Омода намудани платформаҳои онлайнӣ барои ташкил намудани бизнеси шахсии мутахассисон мебошад, ки дар раванди фаъолият даромади иловагиро ба даст меоранд.

4.3. Истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ ба миён омадаанд, ки метавонанд дар оянда ба шаклҳои маъмулии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ табдил ёбанд.

Дар асоси талаботҳои бозори меҳнат шаклҳои нави меҳнат ба миён меояд, ки барои қонеъ намудани талаботҳои корфармо ва барои омода намудани мутахасиссони баландмаҳорат ва соҳибмаълумот барои ширкат варзидан дар бозори меҳнат шароит фароҳам меорад. Баъди тағйиротҳои кулии муносибатҳои иқтисодӣ ва ба итмом расидани бемори COVID – 19 дар ҷаҳон аз ҷониби олимон ва коршиносонӣ ватани ва хориҷӣ амсилаҳои нав дар иқтисодиёт эҷод намуда истодаанд, ки ин амсилаҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон нақши босазоро иҷро менамояд.

Дар раванди таҳқиқот мо ба шаклҳои нави меҳнат вохӯрдем, ки ин амислаҳои нав буда барои ҷоннок намудани равандҳои фаъолияти бозори меҳнат ба роҳ монда шудааст, мақсад ва нақши ин шаклҳои нави меҳнатро дар бозори меҳнат таҳлил ва баррасӣ менамоем.



Расми 4.3.3. - Шаклҳои нави меҳнат дар бозори меҳнат

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Таҳлили шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар бозори меҳнат дар расми 4.3.3. оварда шудааст, ки мо онро ба чор шакл ҷудо намудем. Ин шаклҳои фаъолияти меҳнатӣ барои танзими муносибатҳои нави меҳнатӣ метавонанд мусоидат намоянд.

Дар раванди таҳқиқ мо модели аутсорсинг шакли нави шуғлро дар бозори меҳнат баррасӣ менамоем, ки он дар ташаккули бозори меҳнати кори фославӣ нақши муҳимро иҷро менамояд.

Аутсорсинг – аз калимаи алнглисӣ ***(Outsourcing)*** гирифта шудааст маънояш истифодаи захираҳои беруна мебошад. Дар равнди фаъолияти бозори меҳнат ин амсила шакли нави меҳнат баҳисоб рафта, ҳамчун ташкилот дар асоси шартномаҳои байни корфармо ва худ вазифаҳои ба ӯҳдадоштаи худро иҷро менамояд.

Аутсорсинг ҳамчун маҳфум, модел ва падидаи нав буда дар асри XX дар ИМА пайдо гардидааст. Раванди таҳқиқиот нишон дод, ки дар шароити муосир бисёре аз ширкатҳои пешрафта истифодаи аутсоринг барои равандҳои тиҷоратӣ дар алоҳидаги барои хизматрасонӣ истифода мебаранд.

Принсипҳои асосии аутсорсинг аз инҳо иборат мебошад:

- Ташкили мустақилонаи фаъолиятро ба роҳ мемонад;
- Нисбати дигар мутахассисони мубориза баранда мебошанд;
- Дигар мутахасисони пуртаҷрибаро ҷалб менамояд;

Принсипҳои дар боло зикргардида дар шароити муосири иқтисодӣ рақобатпазир баҳисоб рафта роҳҳои баланд бардоштани самаранокии ширкат ва мустаҳкам намудани мавқеи он дар бозори меҳнат мебошад.

Раванди фаъолияти аутсорсинг нишон дод, ки дар асоси талаботи корхонаҳо мутахасиссони пуртаҷриба барои қонеъ гардидани корфармо ширкат меварзанд.

Бояд қайд намуд, ки то чи андоза эҳтиёҷоти ширкат ба мутахасиссон бо талаботи мавсимӣ дар бозори меҳнат мувофиқат менамояд агар мувофиқат намояд чаро мутахасиссон бо дигар ширкатҳо таваҷҷуҳ менамоянд. Коршиносон қайд менамоянд, ки « ... ин равандҳо метавонад имконияти зуд ба кор қабулнамудани кормандро ба таври назарас маҳдуд намояд « [75].

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикрнамуда бояд қайд намуд, ки ширкатҳои аутсорсингӣ барои хизмат расонидан дар бозори меҳнат ва ҳал намудани мушкилоти корхона ва ташкилотҳо нақши босазоро иҷро менамояд. Механизми танзими он вобаста аз фаъолияти кори ширкатҳои аутсорсингӣ мебошад.

Расми 4.3.1. – Намуҳои аутсорсинг дар фаъолияти бозори меҳнат

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Дар асоси расми дар боло оварда шуда намудҳои фаъолияти аутсорсингӣ дар соҳаҳои алоҳида нишон дода шудааст, ки барои ҳал намудани мушкилотҳо дар соҳаҳои гуногун мусоидат намуда метавонад.

Амсилаи нави дигари бозори меҳнат ин аутстаффинг баҳисоб меравад.

Аутстаффинг – аз калимаи англисӣ ***(Outstaffing)*** гирифта шуда маънояш захираҳои кадрҳо мебошад. Дар бозори меҳнат ин модели нави меҳнат кори фосилавиро дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои мутахассисон барои иштирок намудан дар лоиҳаи муштарак дар асоси бастани шартнома фаъолият менамоянд. Дар ин равандҳо дар якҷоягӣ мутахасиссон корро иҷро намуда, назорат ва идора менамоянд.

Аутстаффинг ин фаъолияти меҳнати киромавӣ мебошад, ки ба расмият дароварда намешавад, корфармо ба воситаи миёнаравҳо муносибатро барпо менамояд.

Дар бисёри кишварҳо чунин муносибати меҳнати байни ширкатҳои аутстаффинг ва кормандон шартнома баста мешавад ва фаъолияти меҳанти онҳо танзим ва назорат бурда мешавад. Ҳуқуқҳои шаҳрвандии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Дар раванди фаъолияти бозори меҳнат ва рушди иқтисодиёт соҳаҳои зиёде вуҷуд дорад, ки онҳо ба хизматрасониҳои аутстаффинг талаботи зиёдро доро мебошад. Грязнова А.Г., қайд менамояд, ки « ... ин ба ширкатҳое тааллуқ дорад, ки махсусан ба фаъолияти мавсимӣ машғуланд ва ҷойҳои кори штатӣ дар ширкатҳо надоранд « [54].

Вазифаҳои асоси фаъолиятҳои ширкатҳои аутстаффинг аз инҳо иборат мебошад:

а) назорат намудани мутахасиссони интиқол дода шударо назорат намуда ва чӣ гуна иҷрои корҳои онҳо ба итмом мерасад;

б) ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои кормандони интиқолёфта;

в) кормандони ҷалбгардида набояд аз ҳуқуқ ва шароити корӣ, инчунин дар эҳтиёҷоти онҳо барои иҷрои вазифаҳои ба онҳо гузошта шуда аз ҷониби

роҳбарияти корхона дар муқоиса бо корманди доимии ширкат осепбпазир мебошад.

Дар шартномаи баста шудаи байни ташкилотҳо, шартҳои зерини корӣ дарҷ гардидааст, ки ба кор қабулшаванда ва вазифаҳои онҳо ва муҳлати ба кор қабул зиёда аз 9 – моҳ дарҷ карад мешавад.

Расми 4.3.2. – Аутстаффинг дар соҳаҳо

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Аз нишондоди расмси 4.3.2. бар меояд, ки аутстаффинг дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт фаъолият менамояд ва барои ҳалли корҳои ташкилотҳо сафарбар мегарданд.

Раванди таҳқиқот нишон дод, ки амсилаи Краудсорсинг дар раванди фаъолияти бозори меҳнати муосир нақши босазоро доро мебошад.

Краудсорсинг – аз калимаи англисӣ ***(Crowdsourcing)*** гирифта шуда маънояш истифодаи захираҳо мебошад. Дар раванди фаъолияти бозори меҳнат ин модел метаваонад дар вақти кори як гурӯҳ одамон кор саривақт ва дар баронмаҳои кори корхона кумакҳоро расонанд.

Дар шароити муосир шакли дигари шуғли аҳолӣ дар фазои маҷозӣ краудсорсинг маҳсуб меёбад, ва шакли муносибатҳои меҳнатиеро ифода мекунад, ки дар доираи он як қисми вазифаҳои меҳнатӣ ба шахсони номуайян ба воситаи шабакаҳои компютерӣ (интернетӣ)барои кори муштарак дар асоси фаъолияти ҷамъиятӣ дода мешавад. Ин шакли фаъолияти меҳнатӣ пардохти камтарини музди кор ё умуман мавҷуд набудани онро низ пешбинӣ менамояд. Одамон дар ин лоиҳаҳо бештар барои баланд бардоштани касбият ва маҳорати шахсии худ ё барои пайдо намудани робитаҳои нави корӣ истифода менамоянд. Яке аз чунин лоиҳаҳои калонтарини краудсорсингӣ лоиҳаи Википедия мебошад, ки дар он қисме аз мутахасисон маълумотҳоро бе гирифтани маблағи муайян ва бе барасмиятдарории фаъолияти меҳнатӣ иҷро менамоянд. Ин лоиҳаро корхонаҳо инчунин барои дарёфти мутахасисони соҳибкасб дар соҳаҳои гуногун истифода менамоянд. Лоиҳа аз марҳилаҳои муайян иборат мебошад: марҳилаи якум шиносоӣ бо вазифаҳои гузошташуда; мустақилона кор кардан; кори коллективӣ; якҷоя фаъолият намудан бо корфарморо дар бар мегирад. Дар натиҷаи чунин санҷиш корфармо мутахасисони соҳибкасбро бе раванди мутобиқшавӣ ба кор қабул менамояд. Яъне ин шакли муносибатҳои меҳнатӣ шакли маъмулии таҷрибагирӣ (стажировка)-ро иваз менамояд. Мутахассисоне, ки аз ин марҳилаҳо мегузаранд барои кори доимӣ дар соҳа омода мешаванд ва дараҷаи касбияти худро пешакӣ нишон медиҳанд.

Равандҳои фаъолияти модели краудсорсинг ин падидаи нав буда дар ташаккули бозори менҳатӣ кори фосилавӣ нақши калонро иҷро менамояд, ки ин низоми заминави нав асос меёбад барои дигаргуниҳои иқтисодиёти ҷамъмиятии бозори меҳнат, тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ширкатҳо навигариҳои нав ба навро ҷорӣ менамоянд.

Климан Воб Ридер қайд менамояд, ки « ... амсилаи краудсорсинг ба шаклҳои муносибатҳои бозори меҳнат алоқаманд буда он дар ташкилоти тиҷоратӣ як қисми вазифаҳои мушаххасро барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, иҷро намуда дар асоси талаботи мардум тариқи сомона дархостҳои онҳоро қонеъ мегардонад « [296].

Расми 4.3.3. – Равандҳои фаъолияти Краудсорсинг дар бозори меҳнат

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Аз руи нишондоди расми дар боло оварда шуда муайян гардид, ки краудсорсинг дар раванди фаъолият худ як чанд вазифаҳоро иҷро менамояд, ки барои ҳали мушкилотҳои ташкилотҳо ва корхонаҳо сафарбар мегардад.

Дар раванди таҳқиқ мо ба хулосае омадем, ки краудсорсинг амсилаи нави бозори меҳнат буда барои фаъолияти дастаҷамъонаи мутахасиссони пуртаҷриба ба шумор меравад. Дар маҷмӯъ краудсорсинг вазифаҳои хело зиёдро барои рақамикунонии иқтисодиёт амалӣ менамояд.

Амсилаи нави дигари бозори меҳнат ин амсилаи фирлан**с** мебошад.

Фриланс – аз калимаи англисӣ ***(Freelfncer)*** гирифта шуда маънояш коргарӣ озод мебошад. Дар раванди фаъолияти бозори меҳнат ин модел ҳамчун як кори содда карда шуда буда ва маблағи зиёд бадаст оварда мешад.

Фрлансерҳо ин шахсони мустақил ба ҳисоб рафта онҳо озодиро интихоб намуданд ва мехоҳанд, ки дар лоиҳаҳои афзалиятнок иштирок намоянд ва вазифаҳое, ки мехоҳанд иҷро намоянд ва бо онҳо ҳамкорӣ судмандро бароҳ

монанд. Корҳое, ки аз ҷониби фрлансерҳо дар бозори меҳнат иҷро мегардад чунин корҳоро дар бар мегирад:

- Барномасозӣ (PHP, CSS, таҳияи барномаҳо, таҳияи вебсайт, Java Script ва ғайра);
- Тарҷумаи матнҳои хориҷӣ;
- Навиштани мақолаҳои илмӣ ва вокунишӣ;
- Навиштани гузоришҳо дар асоси супоришҳо;
- Таҳияи корҳои курсӣ барои донишҷӯён;
- Навиштани рисолаҳои тахасуссӣ;
- Таҳия намудани лоҳияҳои дизайнерӣ (ороиши хона, меҳмонхонаҳо дохилӣ ва берунӣ).

Дар асоси таҳлилҳо ва вазифаҳои дар боло оварда шуда фрилансерҳо метавонанд дар алоҳидагӣ лоиҳаҳои худро дар бисёр ҷойҳо бидуни ҳамроҳ шудани дигар шарикон пешниҳод намоянд.

Раванди амалишавии амсилаи фриланс, рушди илм ва техникаи комуникатсонӣ, пайдоиши рақамикунонии иқтисодиёт ин ба он оварда расонид, ки дар он ҷойҳои муваққатӣ корхона ва ташкилотҳо бо коргарони мустақил ба муҳлати кутоҳ шартнома баста мешавад. Ин гуна равандро “Гиг иқтисодиёт” меноманд. Корхонаҳо ва ташкилотҳо захираҳоро дар шакли фоида сарф менамоянд барои корхона ва омӯзиши кормандон сарф менамоянд, онҳо метавонанд бо коршиносон барои лоиҳаҳои мушаххас шартнома банданд, ки кормандони пуртаҷрибаро аз даст надиҳанд.

Вақтҳои охир ба мушоҳида мерасад, ки чунин фаъолият ба монанди омӯзиши фриланс, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳо суръат мегирад ва мутахасиссон метавонанд барои таҳия намудани барномасозӣ курсҳои зиёдеро пайдо намоянд ва дар бозори меҳнати кори фосилавӣ ширкат варзанд.

Дар раванди фаъолияти амсилаи фриланс даромадҳо зиёд гардида некӯаҳволӣ хуб гардида ва хатарҳои зиёд низ пайдо мегардад аз ҷумъла, музди ноустворр, суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, рӯзҳои истироҳати пардохтшаванда ба назар мерасад.



Расми 4.3.4. – Равандҳои фаъолияти Фриланс дар бозори меҳнат

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Дар расми дар боло оварда нишон дода шудааст, ки раванди фаъолияти амсилаи Фриланс як чанд вазифаҳор иҷро менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло оварда шудаи амсилаи фирланс хулоса намудан мункин аст, ки амсилаи фриланс ҳамарӯза дар байни кишварҳо маълумтар мешавад ба иқтисодиёти кишварҳои гуногун таъсири назарасро мерасонад. Фаъолияти чунин амсила аз он иборат мебошад, ки сохта нашудани коллективи меҳнатӣ ва инчунин набудани дилбастагӣ ба ҷой кор мебошад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шаклҳои нави шуғли аҳолӣ, ки дар зербоби мазкур номбар карда шудаанд, дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва истифодабарии технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт барои кам кардани шиддати бекорӣ дар бозори меҳнати дохилӣ мусоидат хоҳанд намуд.

1. Шаклҳои нави шуғли аҳолӣ барои баланд бардоштани касбияти кормандон, дарёфти мутахасисони соҳибкасб, бе муҳлати санҷишӣ ба кор қабул намудани аҳолии қобили меҳнат мусоидат менамоянд.

2. Шаклҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат барои сабук намудани номувозинатии байни тақозо ва арзаи қувваи корӣ манфиатнок мебошад.

3. Ҷиҳати танзими бозори фосилавии шуғл ва ҳимояи мутахассисони озодкор ё кормандоне, ки дар доираи лоиҳаҳои нави шуғли аҳолӣ фаъолият менамоянд бояд тадбирҳои судманд андешида шаванд то ҳуқуқу манфиатҳои кормандон, ки дар доираи ин лоиҳаҳо бо ширкатҳои хориҷӣ фосилавӣ шуғл меварзанд ҳимоя карда шавад. Инчунин қафолаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо низ бояд таъмин карда шавад. Зеро дар оянда бо назардошти ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ дар иқтисодиёт ин шаклҳои муносибатҳои меҳнатӣ рушд хоҳанд кард.

4. Дар асоси таҳлилҳои овардашуда бояд қайд намуд, ки дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ташкил ва назорати корҳои фосилавӣ таъсис дода шавад ва вазифаҳои ин раёсат чунин мебошанд:

4.1. Танзими ҷойҳои кори холӣ дар корхонаҳои қалamрави ҷумҳурӣ;

4.2. Таъсис додани сомонаи ягонаи ҷойҳои кори холӣ дар корҳонаҳо ва ширкатҳои ватанӣ;

4.3.Иштирок дар бастани шартномаҳои сетарафа дар байни корфармо, корманди кирояи фосилавӣ фаъолияткунанда;

4.4.Дар таҳия ва пардохти музди меҳнати кормандони кори фосилавӣ дар қалamрави кишвар новобаста аз шакли моликияти корхона;

4.5.Таҳияи омори солона вобаста ба ташкили ҷойи кор ва иштироки шаҳрвандони хориҷӣ дар бозори меҳнати кори фосилавӣ дар кишвар;

4.6.Омода намудани мутахассисон барои иштирок намудан дар бозори меҳнати корӣ фосилавӣ дар дохил ва хориҷӣ кишвар.

БОБИ 5. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ КОҲИШЁБИИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ

5.1. Модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз мушкилоти асосие, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, ҳолати номувозиниати тақозо ва арзаи қувваи корӣ мебошад, ки пеш аз ҳама номувофиқати ҳайати касбӣ ва тахассуснокии кормандро нисбат ба ҷойҳои кории озод ифода мекунад. Ҳолати номувозинатиро дар бозори меҳнат як қатор сабабҳо ба вуҷуд меорад, ки муҳимтаринашон ихтилоф байни ҳаҷм ва сохтори ҷараёнҳои воридот ва хориҷи қувваи корӣ дар бозори меҳнат, дар муддати кӯтоҳ ба талаботи тағйирёбанда ба кадрҳои баландихтисос ҷавобгӯ набудани механизми бозорӣ, давомнокии раванди омодасозии кадрҳои баландихтисос, набудани танзими самаранок ва муассири давлатӣ оид ба тайёр намудани шумораи зарурии кадрҳои баландихтисос ба шумор меравад.

Аз тарафи дигар, бозори меҳнат дар шароити вобастагии сахт ба дараҷаи музди меҳнат амал мекунад, яъне талабот ба қувваи корӣ бо талаботи маҷмуӣ танзим карда мешавад ва рафтори одамон аз манфиатҳои иқтисодии шахсӣ вобаста аст. Олимон собит кардаанд, ки рушд ва фаъолияти бозори меҳнат бо ҳолатҳои номутавозунӣ алоқаманд аст, ки дар ниҳоят сабаби бекорӣ мегардад. Агар дар бозори меҳнат баробарӣ вуҷуд надошта бошад, пас, бозор дар шароити каср ё зиёдатии захираҳои меҳнатӣ фаъолият дорад.

Дар шароити муосир дар низоми ҳамкории бозори меҳнат бо дигар намудҳои бозорҳо дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд, ки дар натиҷаи тағйирот дар низоми муносибатҳои меҳнатӣ, тақсимоти дубора дар сохтори соҳавӣ, касбӣ ва тахассусии кормандон бо пайдоиши шаклҳои тағйирёбандаи шуғл ба вуҷуд меоянд. Рушди бозори меҳнат бо набудани мувозинатии тақозо ва арза ба қувваи корӣ алоқамандии зич дорад. Масъалаи мазкур дар

он зоҳир мешавад, ки бисёре аз корхонаҳо бо мушкилоти нарасидани кадрҳои баландихтисос, набудан ё нокифоя будани сатҳи мутахассисон барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо ва тамоми соҳаҳо дучор меоянд.

Шиддати мушкилоти нобаробарӣ дар бозори меҳнат дар шароити муосири рушди иқтисодӣ аҳаммияти зиёд пайдо мекунад. Аз даст додани иқтидори меҳнатӣ ҳам дар сатҳи демографӣ ва ҳам дар миқёси муҳоҷират, «афзоиши сатҳи бекорӣ ва коҳиши фаъолияти иқтисодии аҳолӣ намояндагони мақомоти давлатиро водор месозад, ки барои такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ва риояи талаботи корхонаҳо ва мутобиқати соҳаҳои рақобатпазири онҳо чораҳои оқилона андешанд» [153, с 171-183].

Барои бартараф намудани ҳолати номувозинатӣ дар бозори меҳнат ва ноил гардидан ба мувозинати макроиқтисодӣ зарур мешуморем, ҷанбаҳои назариявии таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнатро таҳқиқ намуда, вобаста ба он вазъи амалии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ намоем. Чунин тарзи масъалагузорӣ имкон медиҳад, ки сабабҳои чунин номувозинатиро ошкор карда, модели таъмини ҳолати мувозинатиро барои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқи моделҳои ҷойдошта пешниҳод намоем.

Сарфи назар аз рушди назарраси асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди бозори меҳнат дар иқтисодиёти ватанӣ, ҷанбаҳои зиёди бозори меҳнат вобаста ба тавозуни он ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи моделҳои таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти ошкорсозии омилҳои ба он таъсирасон ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда метавонад ба ҳолати нотавозунии бозори меҳнат таъсир расонанд ва боиси муайян кардани аҳамияти натиҷаҳои бадастомада гарданд.

Дар баробари ин, собит гардидааст, ки таҳқиқи усулҳои таъмини ҳолати тавозунӣ барои арзёбӣ ва пешгӯии тақозо ва арза ба захираҳои меҳнат таърихи хеле тӯлонӣ доранд. « … Асосгузори мактаби ҷаҳонии арзёбии тавозуни захираҳои меҳнатӣ дар илми иқтисод академик С. Г . Струмилин»

[236, с 13] ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар асарҳои М. Я. Сонин масъалаҳои нақшагирии тавозуни меҳнат ва тақсимоти захираҳои меҳнатӣ баррасӣ шудаанд [233, с 345].

«Баррасии нисбатан муфассали методологияи таҳияи тавозуни меҳнат ва пешгӯии шуғли аҳолиро В. Г. Костаков ва П. П. Литвяков дар пажуҳишҳои худ анҷом додаанд» [106].

Таҳияи тавозуни захираҳои меҳнатӣ бо мақсади пайваст намудани захираҳои аҳолии қобили меҳнати кишвар бо эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба қувваи корӣ сурат гирифтааст. Тавозуни захираҳои меҳнатӣ аз ду қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: қисми аввал - инъикоси захираҳои меҳнатӣ, дуюм - тақсимот ва истифодаи онҳо аз рӯйи намуди шуғлро фаро мегирад. Илова бар ин, тақсими захираҳои меҳнат аз рӯйи соҳаҳои татбиқи меҳнат, бахшҳои хоҷагии халқ ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ сурат мегирифт. Чунин доираи васеи нишондиҳандаҳои тавозуни захираҳои меҳнатӣ имкон дод, ки « ... равандҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамаҷониба ва амиқ таҳлил карда шуда, тағйирот ва таносуби сохторӣ дар асоси вазифаи таъмини такрористеҳсоли васеи қувваи корӣ ба нақша гирифта шавад « [207, 1141-1145]. « ... Рушди мутавозуни иқтисод серамалиётии ҳамоҳангшудаи унсурҳои сохтории онро ифода менамояд, ки ба рушди иқтисод ҳамчун як низоми ҷудонашаванда тобеъ аст» [39, с 56-61].

Ҳамин тавр, мутавозинӣ рушди ҳамоҳангшудаи равандҳои иқтисодиро тавсиф мекунад. Ҳамзамон, ҳолати мутавозинии пурраи тақозо ва арзаро ба қувваи корӣ ноил гардидан ғайриимкон аст, зеро ҳамеша баъзе номувофиқатиҳо дар ин раванд мушоҳида хоҳанд шуд, гарчанде, ки онҳо ба сатҳи устувории рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои мухталифи корфармоён ва аҳолии қобили меҳнат, ки мехоҳанд тариқи кироя кор кунанд, аз рӯи иттилооте, ки дар шакли тағйирёбии нархи меҳнат ва дигар шартҳои иқтисодӣ ба даст омадаанд, амалӣ мешавад. « ... Ин ҳамоҳангсозӣ дар бозори меҳнат тавассути механизми мутавозуни меҳнат ба вуҷуд меояд, ки унсурҳои

асосии он талабот ба меҳнат, пешниҳоди қувваи корӣ, нархи меҳнат ва рақобат» мебошанд.

Ба таври амиқтар, механизми бозори меҳнат на танҳо ба мувозинат расонидани пешниҳоди қувваи корӣ ва талаботи кор дар байни корфармоён ва коргарон кӯмак мекунад, балки таъсироти дурусти нархи меҳнатро, ки вобаста ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ метавонад тағйир ёбад, ба танзим медароранд.

Ҳангоми муваффақ шудан дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳо, ки тавассути бозори мутавозуни меҳнат дар шакли рақобат ва арзишнокии меҳнат амал мекунад, бозорҳои меҳнат дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ метавонанд самараноктар ва устувортар ба амал оянд. Аз ин рӯ, таҳлил ва пешгӯии таъсироти нархи меҳнат ва дигар омилҳо, ки ба ҷараёни он таъсир мерасонанд, барои дастёбӣ ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, дар зери мафҳуми мутавозинии бозори меҳнат бояд таносуби мақсадноки унсурҳои асосии бозори меҳнат фаҳмида шавад.

Тавозуни бозори меҳнат баробарии тақозо ва арзаро барои ҳар як унсури сохторӣ пешбинӣ мекунад, ки ин шарти идеалии тавозун ба ҳисоб рафта, онро танҳо аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Аз сабаби он ки пешниҳоди қувваи корӣ асосан ба раванди такрористеҳсоли он вобаста аст, метавонем дар бораи мавҷудияти робитаи мустақими байни такрористеҳсолӣ ва тавозун сухан ронем. Барои ноил шудан ба бозори мутавозуни меҳнат ба раванди такрористеҳсоли қувваи корӣ таъсир расонидан зарур аст. Дар шароити мураккаби иқтисоди муосир, ноил шудан ба баробарии комили байни пешниҳод ва талабот дар бозори меҳнат, ба таври назариявӣ имконпазир буда, дар амал тақрибан ғайримумкин мебошад. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии сиёсати танзими бозори меҳнат бояд наздик кардани параметрҳои пешниҳод ба талаботи воқеӣ, ё баръакс, мутобиқсозии талабот ба имкониятҳои мавҷудаи пешниҳод бошад. Барои расидан ба ҳолати тавозун

дар бозори меҳнат, нақши калидӣ ба иҷрои функсияҳои як қатор ҷанбаҳои муассир вобаста аст.

Якум, тавозуни сохторӣ, ки дар натиҷаи номувофиқии ҷараёнҳои дохилии бозори меҳнат аз ҷумла, фарқият дар тақсимоти касбӣ, минтақавӣ ва соҳаҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд, бояд тавассути таҳлили мунтазам ва ислоҳоти ҳадафнок ҳифз гардад.

Дуюм, мувозинати муваққатӣ ҳамчун натиҷаи ҷараёнҳои давраии таъминот ва талабот, аз қабили хатми таҳсилоти касбӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, рухсатии модарӣ ва дигар ҷараёнҳои табии чархаи меҳнат, низ бояд дар низоми сиёсати шуғл ба таври фаъол ба инобат гирифта шавад. Таъмини мутавозинии бозори меҳнат метавонад тавассути чанд равиш амалӣ гардад:

- таҳрики ҳаракати уфуқии қувваи корӣ (миёнасоҳаӣ ва минтақавӣ), ки тавассути муҳоҷират ва кӯчиши меҳнатӣ сурат мегирад; мутобиқсозии низоми маориф бо талаботи бозори меҳнат, ки дар он таҳсилоти касбӣ, тахассус ва омодагии амалӣ бояд ба шароити бозорӣ равона карда шавад;

- истифодаи моделҳои назариявии чандирии бозори меҳнат, ки имкони мутобиқшавии сохторҳои меҳнатиро ба тағйироти зуд ва тағйирёбандаи иқтисодӣ фароҳам меоранд;

- Идоракунии муассири равандҳои бозори меҳнат дар заминаи усулҳои илмӣ ва принсипҳои мутобиқгардонӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати макроиқтисодӣ қарор дошта бошад.

Ба андешаи мо, механизми бозори меҳнат - ин ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои мухталифи корфармоён ва аҳолии қобили меҳнат мебошад, ки мехоҳанд ба таври кироя кор кунанд. Ин ҳамоҳангсозӣ дар асоси маълумоте, ки аз тағйирёбии арзиши қувваи корӣ ва шартҳои марбут ба он ба даст омадааст, амалӣ мегардад. Бозори меҳнат бо ин роҳ механизме барои мувозинат дар байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ таъмин мекунад, ки бо гузариш аз нархи меҳнат, рақобат ва шароити иқтисодӣ муносибат мекунад.

Тавозуни бозори меҳнат яке аз асосҳои устувори рушди макроиқтисодии давлат маҳсуб мешавад, зеро он ба самаранокии истифодаи қувваи корӣ, суботи иҷтимоӣ ва афзоиши истеҳсолот таъсири бевосита мерасонад. Дар шароити муосир, ин тавозун зери таъсири маҷмӯи омилҳои мураккаб ва ба ҳам алоқаманди иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул меёбад, ки табиати бисёрҷанба ва динамикӣ доранд. Омилҳои асосии таъсиргузор ба тавозуни бозори меҳнат дар зинаи зерин гурӯҳбандӣ мешаванд:

1. ***Омилҳои иқтисодӣ*** - ба ин гурӯҳ таносуби байни талаботи маҷмӯӣ ва пешниҳоди меҳнат дохил мешавад, ки зери таъсири якчанд зеромилҳо қарор дорад, аз ҷумла:

- мутобиқати сохтории касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ ба талаботи бозор;

- сатҳи музди меҳнат ва қобилияти ҳавасмандгардонӣ;

- равандҳои муҳоҷиратӣ ва шиддати ҷараёни ихроҷи кадрҳо;

- сатҳи таваррум, нишондиҳандаҳои бекорӣ ва имкониятҳои бозомӯзии кадрҳо.

2. ***Омилҳои иҷтимоӣ*** - ин гурӯҳ таносуби байни ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо ва кафолатҳои меҳнатии субъектҳои бозор корфармоён ва корҷӯёнро дар бар мегирад. Дар ин замина, сатҳи рушди муносибатҳои меҳнатӣ, фарогирии иҷтимоӣ ва сатҳи иштироки аҳолӣ дар меҳнати расмӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои калидӣ баромад мекунанд.

3. ***Омилҳои маъмурӣ*** (танзимкунанда) – ин нақши сиёсати давлатӣ ва сатҳи мудохилаи он ба танзими бозори меҳнат дар ин гурӯҳ ҷойгир аст. Ин равандҳо иборатанд аз инҳо иборат мебошад:

- мавҷудият ва самаранокии қонунгузории меҳнатӣ;

- механизмҳои дастгирии шуғл ва таъсиси ҷойҳои кор;

- сиёсати андоз ва ҳавасмандсозии корфармоён ба ҷалби кадрҳо.

4. **Омилҳои институтсионалӣ** - ин гурӯҳ сатҳи ташаккули зерсохторҳои дастгирии бозори меҳнатро фаро мегирад, аз ҷумла:

- фаъолияти иттифоқҳои касаба ва созмонҳои ҷамъиятии коргарон;

- мутобиқати низоми маориф ба талаботи бозори меҳнат;

- мавҷудияти марказҳои касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ.

5. ***Омилҳои иттилоотӣ.*** - ташаккули низоми самараноки иттилоотӣ оид ба бозори меҳнат, аз ҷумла:

- дастрасӣ ба маълумоти боэътимод дар бораи талабот ва пешниҳод;

- воситаҳои рақамӣ барои таҳлили ҷараёнҳои меҳнатӣ;

- тарзи коркарди маълумоти оморӣ ва пешгӯии динамикаи бозор.

Таъмини тавозуни бозори меҳнат на танҳо талаботи иқтисодӣ, балки таҳкими заминаҳои институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотиро низ дар бар мегирад. Танҳо дар шароити амалисозии сиёсати ҳамгироёна ва байнисоҳавӣ метавон ба ташаккули бозори меҳнати устувор ва рақобатпазир ноил гардид.

Омӯзиш нишон дод, ки бартараф намудани нуқсонҳои бо бозори меҳнат алоқаманд буда, тавассути ташаккули механизми таъмини мувозинати он имконпазир аст. Дар чунин ҳолат аҳамияти мушкилоти мазкур меафзояд ва масъалаҳои шуғли аҳолӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ, таъмини саривақтии музди меҳнат ва кам кардани қарзи музди меҳнат дар соҳаи истеҳсолот, тавсеаи доираи шуғли муваққатӣ, мубориза бо шуғли «соягӣ», афзоиши таносуби талабот ва пешниҳоди меҳнат вазифаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ҳалли худро меёбад.

Бо дарназардошти мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, механизми таъмини тавозуни бозори меҳнатро метавон ҳамчун низоми муташаккил ва бисёрҷанбаи сохторӣ фаҳмид, ки он маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва идоракуниро фаро мегирад. Мақсади асосии ин механизм мутобиқсозии самараноки талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад, ки бояд дар муҳити иқтисодиву иҷтимоӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва давраии бозор амалӣ гардад.

Ташаккули механизми мазкур дар чаҳорчубаи сиёсати давлатии бозори меҳнат пеш аз ҳама, ба принсипҳои модели идеалӣ ва барномавӣ танзимкунандаи мудохилаи давлатӣ асос меёбад. Дар ин модел на танҳо ҳамоҳангсозии манфиатҳои корфармоён, кормандон ва давлат, балки

амалисозии функсияҳои калидии бозори меҳнат, аз ҷумла вазифаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- ***тақсимотӣ*** - таъмин кардани тақсимоти оқилонаи қувваи корӣ дар соҳаҳо, касбҳо ва минтақаҳо вобаста ба талаботи воқеӣ;

- ***танзимкунанда*** - истифодаи абзорҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ҷиҳати назорат ва ҳидоятсозии ҷараёнҳои меҳнатӣ;

- ***ҳавасмандсозӣ*** - ташаккули низоми ҳавасмандгардонии молиявию иҷтимоӣ барои корфармоён ва кормандон ҷиҳати ҷалб ва нигоҳдории қувваи кории босифат;

- ***такрористеҳсолӣ*** - таъмин кардани пайвастагии низоми маориф бо бозори меҳнат дар самти тайёр ва бозомӯзии кадрҳо;

- ***мутавозинсозӣ*** - бартараф кардани номутобиқатии сохтории талабот ва пешниҳоди меҳнат тавассути чорабиниҳои мақсаднок;

- ***иттилоотӣ*** - таъсиси зерсохтори самараноки иттилоотӣ барои мониторинг, таҳлил ва пешгӯии ҷараёнҳои меҳнатӣ.

Дар маҷмӯъ, механизми таъмини тавозуни бозори меҳнат бояд ҳамчун системаи адаптивӣ ва динамикӣ баррасӣ гардад, ки қодир аст ба тағйироти сохторӣ ва конъюнктурии бозор ҷавоби мутаносиб диҳад ва тавассути ҳамгироии байнисоҳавӣ ва мудохилаи институтсионалӣ ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат намояд.

Дар робита бо мушкилоте, ки мо баррасӣ мекунем, аз ҳама мувофиқтарин истифодаи усулҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошад, ки татбиқи онҳо бо ёрии абзорҳои мувофиқ имконпазир аст.

Маҷмуи усулҳо ва воситаҳо махсусан ба таносуби самараноки талабот ва пешниҳод нигаронида шудаанд ва интихоби дурусти онҳо аз муҳити иҷтимоию иқтисодии атроф, фаъолияти иқтисодии субъектҳои бозори меҳнат, сифати зиндагии аҳолии минтақа, манфиатҳо ва намунаҳои рафтори одамоне, ки ба муносибатҳои муайяни иқтисодӣ ворид мешаванд, сахт вобастагӣ дорад.

Дар байни омилҳое, ки ба нобаробарии нишондиҳандаҳои тақозо ва арза дар бозори меҳнат оварда мерасонанд, таъсири таълим ба сохтори шуғли мутахассисони ҷавон боиси қайд аст. Дар як давраи тӯлонӣ ҷомеаи илмӣ ба мушкилоти номувофиқатии муассисаҳои таълимӣ бо эҳтиёҷоти бозори меҳнат таваҷҷуҳ зоҳир кард, ки ин ба равандҳои тағйирёбии соҳавӣ ва ғайрикасбӣ будани қувваи корӣ, афзоиши шумораи хатмкунандагон ва қонеъ нашудани талаботи хоҷагии халқ вобаста аст. Мушкилии масъалаи мазкур ба як қатор омилҳои таъсиррасон вобастагии зич дорад, аз ҷумла аз интихоби муассисаи таълимӣ аз ҷониби довталабон то ҷустуҷӯи ҷои кор аз ҷониби хатмкунандагон. Дар аксар мавридҳо ҳангоми интихоби ихтисос довталабон на таҳлили эҳтиёҷот дар бозори меҳнат, ба балки афкори ҷамъиятӣ дар бораи эътибори касб ва муассисаи таълимии интихобшударо эътибор медиҳад, ки ин дар навбати худ боиси аз ҳад зиёд шудани мутахассисонро дар баъзе соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои омӯзиш ва каср дар минтақаҳои талабнашуда ба вуҷуд меорад.

Омилҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати бозори меҳнат таъсири назаррас мерасонанд, зеро аҳолии мамалакат мунтазам афзоиш меёбад, хусусан шумораи кӯдакони синни мактабӣ ва пас аз синни мактабӣ, ки дар навбати худ боиси афзоиши шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мегардад, ки дар ниҳоят воридоти захираҳои меҳнатии иловагиро ба бозори меҳнат зиёд мегардонад.

Дар натиҷа, ҳиссаи аҳолии зери синни қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолӣ, ки арзаи қуваи корӣ дар оянда ба шумор мераванд, афзоиш меёбад. Агар дар соли 2014 аҳолии зери синни қобили меҳнат 2892,1 ҳазор нафар бошад, пас, ин шумора дар соли 2022 ба 3600,0 ҳазор нафар баробар шуда, 24,4% афзоиш ёфтааст. Дар ин давра шумораи синну соли корӣ 17,8% афзудааст. Ҳамин тариқ, вазъи демографӣ афзоиши параметрҳои умумии миқдории арзаро ба қувваи корӣ муайян мекунад, ки мо онро дар ҷадвал баррасӣ хоҳем кард (Ҷадвали 5.1.1.).

Ҷадвали 5.1.1.– Динамикаи нишондиҳандаҳои демографи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/2015 (+/-)
Аҳолӣ, млн.нафар	8,6	8,7	8,9	9,1	9,3	9,7	9,8	10	10,28	1,68
Таваллуд аз ҳисоби ҳар 1000 нафар истиқоматкунанда	28,1	26,6	25,4	25,6	25,4	28,5	22,1	23,2	21,2	- 6,9
Ҷавонтар аз синни қобили меҳнат: (ҳазор нафар)	2938	3009	3060	3129	3191	3258	3565	3600	3698	760
Қобили меҳнат: (ҳазор нафар)	5175	5273	5379	5473	5567	5664	5601	5703	5918	743
Аҳолии машғул: (ҳазор нафар)	2380	2380	2407	2426	2463	2506	2534	2545	2565	185

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 53].

Вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таъсиси ҷойҳои нави корӣ пеш меояд ва теъдоди ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат дар муқоиса ба афзоиши аҳолӣ ҳамчунон паст боқӣ мемонад. Масалан, гарчанде аз соли 2015 то 2023 аҳолии кишвар тақрибан 1,68% афзуда бошад ҳам, шуғл дар бахши расмӣ ҳамагӣ 6,7% афзоиш ёфтааст.

Аз соли 2015 инҷониб талабот ба захираҳои меҳнатӣ дар бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмии иқтисод ҳамасола қариб 2,84% афзоиш ёфтааст, дар ҳоле ки шумораи аҳолии қобили меҳнат низ ба андозаи 13,16% зиёд шудаааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ барои қонеъ гардонидани талаботи афзоянда ба захираҳои меҳнат хеле нокифоя мебошанд. Дар даҳсолаи охир дар Тоҷикистон тақрибан 1 миллион ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, шумораи одамоне, ки дар иқтисодиёт кор мекунанд, 6,7% афзоиш ёфтааст. Мавриди зикр аст, ки дар ин давра шумораи аҳолии Тоҷикистон боз ҳам тамоюли афзоиш дорад, ки ин нисбат ба шумораи одамоне, ки дар иқтисод кор мекунанд, бештар мебошад.

Мушкилоти дигаре, ки бо шуғл рӯ ба рӯ мешаванд, паст будани маоши ҷойҳои нави корӣ, шароити кор ва паст бурдани рӯҳияи хатмкунандагон мебошад.

Қисми зиёди қувваи корӣ барои пайдо кардани ҷойи кор таваҷҷуҳ надоранд. Ин нобоварӣ дар он аст, ки хатмкунандагони мактабҳои олӣ бовар надоранд, ки аз рӯйи ихтисоси худ кори сердаромад пайдо кунанд.

Новобаста аз талошҳои ҳукумат барои гузаштан аз иқтисоди модели аграрию-саноати рушд ба модели иқтисоди саноатию-аграрӣ рушд, кор дар бахшҳои воқеии иқтисод ҷолиб боқӣ наемонад ва мутахассисон даромади кам ба даст меоранд. Дар баробари ин, тадқиқот нишон дод, ки дар пасманзари ихтисори ҷойҳои корӣ дар соҳа мутахассисони ҷавон ё ба кор қабул намешаванд ё аз кор озод карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои миқдории талаботи иқтисодиёт ба қувваи корӣ дар бозори меҳнатро баррасӣ мекунем. Дар соли 2019 талабот ба қувваи кории эълоннамудаи корфармоён 11,2 ҳазор ҷойҳои кории холиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 20153 9,6% кам гардидааст. Аз ин талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ аз рӯйи ихтисосҳои корӣ 4975 нафар ва аз рӯйи вазифаи хизматӣ 5226 нафарро ташкил медиҳад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар 5 соли охир тақозои корхонаҳо ба кормандон аз рӯйи ихтисосҳои корӣ 21, 44% кам гардида, талабот ба кормандон аз рӯйи вазифаҳои хизматӣ 5,32% зиёд шудааст.

Қисми асосии талаботи эълоншуда ба ҷойи кор ба соҳаи саноат 2396 нафар, тандурустӣ 2133 нафар, маориф 992 нафар ва сохтмон 528 нафарро ташкил медиҳад. Камтарин эҳтиёҷот ба кадрҳо ба дар соҳаи илм ва хизматрасонии илмӣ – 10 нафар, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ 142 нафар ва дар фарҳанг ва санъат 136 нафар рост меояд (Ҷадвали 5.1.2. ва 5.1.3).

Ҷадвали 5.1.2. - Талаботи корхонаҳо ба кормандоне, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ мурочиат намуданд

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**Муқоиса 2023/ 2015 (+/-)**
Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон	7275	9224	7998	8982	10201	9416	12667	19042	15945	8670
аз рӯи ихтисосҳои корӣ	3184	2870	3496	3873	4975	4021	4985	9461	8187	997
Аз рӯи вазифаҳои хизматӣ	4091	6354	4502	5109	5226	5395	7682	9581	7758	3667
-дар саноат	1713	1094	1382	1622	2396	1906	1754	2922	2674	961
- дар хоҷагии қишлоқ	669	536	489	308	372	497	473	433	575	-124
- дар нақлиёт ва алоқа	177	460	569	617	274	500	347	430	366	189
- дар сохтмон	124	191	279	509	528	455	648	3002	1820	1696
- дар савдо	277	83	121	68	302	225	333	1137	224	-53
- дар хоҷагии манзилию коммуналӣ	208	198	233	360	593	511	654	894	996	788
дар сохаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ	67	801	56	25	142	208	313	226	311	244
- дар илм ва хадамоти илмӣ	1	10	23	1	10	8	3	10	-	-1
- дар тандурустӣ	2126	2797	1879	1965	2133	1988	2058	1828	1819	-307
- дар маориф	674	1632	736	869	992	816	1914	1096	993	319
- дар фарҳанг ва санъат	87	32	126	141	138	204	156	223	260	173
- дар мақомоти роҳбарикунанда	93	50	85	100	352	300	300	303	448	355
- дар соҳаҳои дигар	1023	1340	2020	2398	1669	1798	3711	6373	5459	4436

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 147].

Дар соли 2020, 831 корхона ба хадамоти шуғли аҳолӣ барои эҳтиёҷоти меҳнатӣ мурочиат кардаанд, ки аз он 652 ё 78,4% ба корхонаҳои давлатӣ ва 179 (21,6%) –и он ба корхонаҳои ғайридавлатӣ рост меояд [41, с 342].

Ҷадвали 5.1.3.– Шумораи корхонаҳое, ки маълумотро дар бораи зарурати қувваи корӣ барои ҷойҳои кории холӣ тартиб додаанд ва ба хадамоти шуғли аҳолӣ аз рӯйи соҳаҳо (воҳидҳо) пешниҳод шудаанд.

Номгуи корхонаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Муқоиса 2023/2015 (+/-)
Ҳамагӣ корхонаҳо	714	690	795	852	969	831	1113	1214	1346	632
давлатӣ	560	516	608	648	665	652	832	682	982	422
ғайридавлатӣ	154	174	187	204	304	179	281	532	364	210
-саноат	66	70	75	77	100	71	86	120	206	140
- хоҷагии қишлоқ	36	33	44	32	38	45	45	34	45	9
- нақлиёт ва алоқа	20	19	23	24	20	11	23	24	31	11
- сохтмон	20	23	25	20	28	19	22	46	45	25
- савдо	20	6	15	28	29	23	27	28	21	1
Хоҷагии манзилию коммуналӣ	41	39	46	44	56	52	81	77	94	50
Хизматрасони и маишии аҳолӣ	13	7	14	8	26	31	50	34	31	18
илм ва хадамоти илмӣ	1	1	4	0	1	1	3	3	-	-1
- тандурустӣ	194	196	195	190	204	164	195	188	272	78
- маориф	78	85	99	114	103	127	221	189	165	87
- фарҳанг ва санъат	17	19	25	19	23	27	20	33	44	27
- мақомоти идоракунӣ	27	18	41	36	59	29	68	79	13	14
-соҳаҳои дигар	181	174	189	260	282	221	272	359	379	198

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 148].

Норасоии кадрҳои соҳибихтисос дар корхонаҳои давлатӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки дар муқоиса бо корхонаҳои хусусӣ музди меҳнат дар корхонаҳои давлатӣ кам аст. Масалан, дар соли 2020 музди миёнаи ҳармоҳаи ҳисобшудаи номиналии кормандони корхонаю ташкилотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 1393,78 сомониро ташкил медиҳад. Дар соҳаи саноат, ки дар он ҷо нарасидани кадрҳо хеле зиёд ба назар мерасад, музди миёнаи ҳармоҳа ҳамагӣ 2546,63 сомониро ташкил додааст [40, с 375]. Таҳлил нишон дод, ки маҳз музди ночиз талабот ба қувваи кориро дар корхонаҳои давлатӣ ҳавасманд намекунад.

Мушкилоти дигар, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, ба шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ марбут аст. Тибқи омори расмӣ, соли таҳсили 2020 - 2021 аз 42395 ҳазор нафар мутахассисон, ки мактабҳои олии кишварро хатм кардаанд, нисбат ба соли 2013 25,9% зиёданд. Дар ин давра муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро 23678 ҳазор нафар хатм намуда, ба бозори қувваи корӣ ворид гардиданд 11436 ҳазор нафар [41, с 341- 362], (Ҷадвали 5.1.4).

Ҷадвали 5.1.4. - Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**Муқоиса 2023/2015 (+/-)**
Шумораи умумии хатмкардагон: (ҳазор нафар)	50,9	62,7	69,4	78,4	75,7	77,4	89,8	76,7	69,8	18,9
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: (ҳазор нафар)	29,5	33,2	38,5	44,6	43,2	42,4	56,6	44,8	40,9	11,4
Бо % нисбат ба шумораи хатмкунандагон	57,9	53	55,4	56,8	57	54,7	59,6	58,4	58,9	1
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ: (ҳазор нафар)	11,8	14,0	17,8	20,8	20,8	23,65	25,1	23,7	21,6	9,8
Бо % нисбат ба шумораи хатмкунандагон	23,3	22,3	25,8	26,5	27,6	30,6	27,6	30,8	30,9	7,6
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, (ҳазор нафар)	9,6	15,5	13,1	13,0	11,7	11,4	11,1	8,2	7,3	2,3
Бо % нисбат ба шумораи хатмкунандагон	18,8	24,7	18,8	16,7	15,4	14,7	12,3	10,6	10,4	8,4

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 55 - 62].

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2022 аз шумораи умумии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ 3,8 ҳазор нафар мақоми бекорро гирифтанд. Гарчанде, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2014, 1 ҳазор нафар зиёд мебошад, яке аз мушкилоти ҷиддиро дар бозори меҳнат ифода менамояд. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки на ҳама

хатмкунандагон аз рӯйи ихтисоси худ кор ёфта метавонанд. Аксарияти хатмкунандагон ё берун аз ихтисоси худ кор мекунанд ё дар ҷойҳое кор мекунанд, ки чунин ихтисоси баландро талаб намекунанд (Ҷадвали 5.1.5).

Ҷадвали 5.1.5. - Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023 мақоми бекорро гирифтаанд.

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**Муқоиса 2023 / 2015 (+/-)**
Шумораи умуми хатмкардагоне, ки мақоми бекорӣ доранд:	26,1	26,0	25,9	26,0	26,2	23,0	16,9	24,9	22,4	-3,7
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: (ҳазор нафар)	29,5	33,2	38,5	44,6	43,2	42,4	53,6	44,8	41,0	11,5
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мақоми бекорӣ доранд: (ҳазор нафар)	4,1	3,7	3,2	3,1	3,2	3,8	0,9	3,6	3,7	-0,4
Бо % нисбат ба хатмкунандагон	13,9	9,9	8,3	7,0	7,4	9,0	1,7	8,0	9,1	-4,8
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ: (ҳазор нафар)	11,8	14,0	17,8	20,8	20,8	23,6	25,1	23,7	23,9	12,1
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мақоми бекорӣ доранд: (ҳазор нафар)	5,5	5,0	4,6	4,1	3,4	3,7	2,6	3,8	4,1	-2,4
Бо % нисбат ба хатмкунандагон	21	19,3	17,7	15,7	12,9	16	15,3	15,2	18,7	-2,3
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, (ҳазор нафар)	9,6	15,5	13,1	13,0	11,7	11,4	11,1	8,2	9,1	-0,5
Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, мақоми бекорӣ доранд: (ҳазор нафар)	4,7	5,1	4,8	4,9	4,9	4,7	3,5	4,5	4,7	0
Бо % нисбат ба хатмкунандагон	48,9	32,9	36,6	37,7	41,8	41,2	31,5	54,8	64,3	15,4

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40, с 146].

Дар асоси маълумоти дар ҷадвалҳо зикршуд ва тамоюли афзоиши талаботи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мо бо истифодаи усулҳои эконометрикӣ дар барномаи компютерии Ewies ояндабинии тақозо ба қувваи коргарӣ вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба роҳ монда шудааст, ки натиҷаи он дар ҷадвали 5.1.6. оварда шудааст.

Ҷадвали 5.1.6. - Ояндабинии тақозо ба кормандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар барои солҳои 2023-2030

Нишондиҳандаҳо	*2023*	*2024*	*2025*	*2026*	*2027*	*2028*	*2029*	*2030*
Изҳороти корхонаҳо дар умум	20727	20861	16548	18227	17935	19751	19881	15569
Аз рӯйи ихтисосҳои корӣ	6324	6238	4593	4501	5524	6500	6414	4768
Аз рӯйи вазифаҳои хизматӣ	4039	4192	3681	4612	3444	3375	3528	3017
-дар саноат	1649	1609	1122	291	684	865	825	338
- дар хоҷагии қишлоқ	196	330	414	246	251	114	248	332
- дар нақлиёт ва алоқа	641	542	588	796	788	799	699	745
- дар сохтмон	1276	1258	77	144	232	1276	1258	1277
- дар савдо	69	238	248	51	187	52	222	231
- дар хоҷагии манзилию коммуналӣ	701	823	762	805	885	953	1074	1014
- дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ	324	374	412	901	502	507	556	594
- дар илм ва хадамоти илмӣ	12	16	15	25	32	19	23	22
- дар тандурустӣ	1543	1686	1377	1909	1130	978	1120	812
- дар маориф	596	663	622	1110	592	431	498	457
- дар фарҳанг ва санъат	302	388	367	366	493	530	616	595
- дар мақомоти роҳбарикунанда	314	412	328	331	342	375	473	390
- дар соҳаҳои дигар	2741	2092	1942	2139	2849	2977	2327	2177

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Мувофиқи ояндабинӣ дар сурати якранг идома ёфтани тамоюли тақозои иловагӣ ба кормандон дар даҳсолаи минбаъда дар соли 2030 дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи корхонаҳо ва ташкилотҳо 15569 изҳорот оид ба дархости қувваи каргарӣ ба роҳ монда хоҳад шуд, ки 5158 нафар кам аст. Камшавии изҳороти кормандон дар соли 2030 мувофиқи таҳлили гузаронидашуда ба он алоқаманд аст, ки ҳамасола шумораи хатмкунандагони макотиби олӣ зиёд гардида, талаботи корхонаҳо ба қувваҳои корӣ беҳтар қонеъ хоҳад гардид. Ҳамзамон, барномаҳои давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисос то ин давра натиҷаҳои худро хоҳад дод.

Мувофиқи пешгӯйии назарраси тақозо ба кормандон дар соҳаи саноат (69,32%), сохтмон (34,7%), дар хоҷагии манзилию коммуналӣ (83,33%), дар савдо 44,7% афзоиш меёбад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо, ки набудани ҳамкории муассир байни бозори хизматрасонии таълимӣ ва бозори меҳнат боиси нобаробарии тақозо ва арза дар бозори меҳнат мегардад. Ин нобаробарӣ, пеш аз ҳама, аз яктараф бо нарасидани кадрҳои баландихтисос ва аз тарафи дигар ба бекории аҳолӣ алоқаманд мебошад.

Барои ҳалли чунин мушкилот, бо дарназардошти ҳамкории зичи ҳамаи иштирокчиёни бозор самаранокии ҳамкории бозори ташкилоту корхонаҳои корфармо ва муассисаҳои таълимӣ зарур аст. Таъсиси раванди ҳамкорӣ бо низоми таҳсилоти касбӣ бо ниёзҳои бозори меҳнат ниҳоят муҳим мебошад. Сарфи назар аз он ки кадрҳои баландихтисос дар кишвар зиёданд, масъалаи кадрҳо дар ояндаи наздик хеле мубрам боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, зарур аст, ки барои ташкили ҳамкории байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва корфармоён дар сатҳи хеле баланд чораҳои дахлдор андешида шавад. Ин ба он оварда мерасонад, ки корфармоён барои мутахассисоне, ки дар охир онҳоро дар муассисаи худ дидан мехоҳанд, фармоиш тартиб медиҳанд ва раванди хатми мутахассисони нолозим дар донишкадаву донишгоҳҳо нигоҳ дошта мешавад.

Вобаста ба таҳқиқоти гузаронидашуда, дар самти зарурати рушди ҳамгироӣ байни корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар дар самти омода намудани кадрҳо механизми

ҳамоҳангсозии тақозо ва арзаро дар бозори меҳнат дар асоси мустаҳкамгардонии робитаҳо байни муассисаҳои омодакунандаи захираҳои кадрӣ ва корхонаю ташкилотҳои таъминкунандаи ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоем. Механизми мазкур дар расми 5.1.1. пешниҳод мегардад.



Расми 5.1.1.– Механизми ҳамоҳангсозии бозори меҳнат ва бозори таҳсилотӣ дар ҷараёни омодасозии қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Барои мутавозинии тақозо ва арзаи кувваи корӣ дар кишвар ва мутаносибан қонеъ кардани эҳтиёҷоти корхонаҳо ба кадрҳо, талабот ва пешниҳод бояд аз ҷиҳати миқдорӣ ва сохторӣ ба ҳам мувофиқ бошад. Ҳатман бояд ҷузъи ҳавасмандкунӣ ба назар гирифта шавад, яъне манфиатҳои корфармоён ва кормандон набояд ба якдигар мухолифат дошта бошанд.

Аз ин рӯ, вазъи номувозинии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо дарназардошти бисёр омилҳо танзим карда шавад, ки муҳимтаринашон вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳолат ва дараҷаи истифодаи имкониятҳо ва захираҳои омилҳои иҷтимоию демографӣ, сохтори техникӣ ва технологии иқтисодиёти кишвар, мавҷудияти талаботи қонеънашуда ба қувваи корӣ, ҳаҷм ва сохтори тахассусии касбӣ, тафриқабандии дараҷаи музди меҳнати миёна дар кишвар вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт, сатҳи бекорӣ, дараҷаи рушди фаъолияти хоҷагидории аҳолӣ ва худмашғулшавӣ, омодагии аҳолӣ барои пур кардани ҷойҳои холии корӣ, ки талаботро қонеъ намекунад, ҳолат ва сатҳи кафолатҳои иҷтимоӣ ва пешгирии паҳншавӣ ва имкониятҳои гуногуни рушди шаклҳои ғайристандартии шуғл мебошанд.

Ҳамзамон, шаклҳои гуногуни танзими эҳтиёҷоти кадрии корхонаҳоро якҷоя кардан зарур аст: бозорӣ, давлатӣ ва муҳимтар аз он корпоративӣ. Сиёсати оқилонаи кадрҳои корхона ва ташкилотҳо аз омӯзиши ба тартиб даровардашудаи вазъи бозори меҳнат дар кишвар ва пешгӯиҳои тағйироти он иборат аст, то барои сари вақт пур кардани ҷойҳои кори холии ҷойдошта чораҳо андешида шаванд.

Дар як қатор соҳаҳо ва муҳитҳои иқтисодӣ имкони пур кардани норасоии кадрӣ тавассути истифодаи расмии меҳнати муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ аҳамияти калон пайдо мекунад.

Вобаста ба таҳқиқоти гузаронидашуда модели таъмини ҳолати мувозинии тақозо ва арзаро дар бозори меҳнат вобаста ба хусусиятҳои захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем.

Модели таъмини ҳолати тавозунии бозори меҳнат - ин низоми нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманди талаботи эҳтимолии қувваи корӣ ва пешниҳоди эҳтимолии он дар бозори меҳнат, таркиб ва тақсимоти онҳо аз рӯйи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, шаклҳои моликияти ташкилотҳо, сатҳи таҳсилот, касбҳо ва тахассусҳои қувваи корӣ, ки барои тавсиф кардани ҳолат, таҳлили фаъолият ва пешгӯии тавозуни бозори меҳнат дар мамлакат истифода мешаванд, ҳисобида мешавад.

« ... Моделҳои боэътимод ва иҷрошавандаи бозори меҳнат дар иқтисоди муосири кишвар на танҳо як омили сифати идоракунӣ, балки ҳамчун як пайванди зарурӣ дар занҷири арзиши низоми устувору рақобатбахши иҷтимоию иқтисодӣ» амал мекунанд. Истифодаи васеи чунин моделҳо дар таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ мавҷудияти моделҳои тавозуни пешбинишавандаи захираҳои меҳнатиро дар кишвар пешбинӣ мекунад. Ҳамин тариқ, омӯзиш нишон дод, ки тадқиқоти пешниҳодшуда аз рӯйи моделсозии индикативии тавозуни захираҳои меҳнатии кишварҳо дар илм ва амалияи рушди дарозмуддат талаботи зиёд дорад.

Дар шакли умум таъмини мувозинии бозори меҳнат барои бартарафсозии нобаробарии тақозо ва арза дар бозори меҳнат асос мегирад, ки онро дар шакли график чунин тасвир кардан мумкин аст.



Расми 5.1.2. - Нобаробарӣ дар бозори меҳнат

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [290].

Дар кағҳаттаи мазкур нобаробарии тақозо ва арза дар бозори меҳнат оварда шудааст. Миқдори тақозо ва арзаро ба қувваи корӣ бо формулаҳои зерин тағассум намудан мумкин аст:

$$Q_{mt}^{D} = X_{mt}^{D}\beta^{D} + \varepsilon_{mt}^{D}$$

$$Q_{mt}^{S} = X_{mt}^{S}\beta^{S} + \varepsilon_{mt}^{S}$$

Дар ин ҷо Q^D ва Q^s миқдори умумии тақозо ва арзаро ба қувваи корӣ дар бозорӣ меҳнат ифода менамояд. Нишондиҳандаҳои X^D ва X^s маҷмуи омилҳеро ифода менамоянд, ки ба ҳолати тақозо ва арза ба қувваи корӣ таъсир мерасонанд ва дар байни онҳо омили аз ҳама муҳимтар сатҳи музди меҳнат ба шумор меравад. Дар ҳолати мутавозинӣ $Q^d=Q^s=Q$ мебошад.

Агар бозори қувваи корӣ дар ҳолати нобаробарӣ қарор дошта бошад, мо мувозинии тақозо ва арзаро ба қувваи корӣ мушоҳида намоем ва дар ин ҳолат танҳо ҳадди ақали тақозо ва арза ба қувваи корӣ таъмин карда мешавад. Дар ҳолати $Q^d < Q^s$, зиёдатии тақозо мушоҳида гардида, таҳқиқот нишон меҳдиҳад, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин нобаробарӣ ҷой доранд. Омилҳое, ки бештар ба ҳолати бозори меҳнати кишвар таъсир менамоянд, ба хусусияти умумии захираҳои меҳнатӣ дар кишвар ва нишондиҳандаҳои ифодакунандаи ҳолати умумии иқтисодиёт ва сиёсати давлатӣ дар ин самт ба шумор мераванд. Омилҳои ифодакунандаи хусусияти умумии захираҳои меҳнатӣ ҷинси қувваи коркарӣ, дараҷаи таҳсилоти онҳо, синну сол ва минтақаи зист ба шумор меравад.



Расми 5.1.3. - Омилҳои таъсиррасон ба тақозо ва қувваи корӣ дар бозори меҳнат

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Чунонки дар расми 5.1.3. оварда шудааст, ба омилҳои гурӯҳи дуюм сатҳи маблағгузорорӣ ва савдо дар соҳаҳои иқтисодиёт, прогресси илмӣ

технологӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва вазъи савдо дар давлати шарик ва тағйирёбиии сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл дохил мешаванд. Муҳимтарин омилҳое, ки ба бозори меҳнат таъсир мерасонанд, дар расми мазкур оварда шудааст. Пеш аз ҳама таҳсилот, таркиби синну солии аҳолӣ ва дурии минтақаи аҳолинишин аз марказҳои маъмурӣ ба дараҷаи шуғли аҳолӣ таъсиргузор мебошанд. Прогресси илмӣ техникӣ низ дар навбати худ ба дигаргуншавии тақозо ба қувваи корӣ таъсир расонида сохтори онро тағйир медиҳад. Дар натиҷаи рақамикунонии иқтисодиёт гузариш аз истеҳсолоти дастӣ, механикӣ ба низоми автоматикунонидашуда тақозоро ба қувваи корӣ тағйир медиҳад. Яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасонанда ба дараҷаи шуғл дар бозори дохилии меҳнат, ин таъминнамоии рушди иқтисодӣ мебошад. Хусусияти таъсири омилҳои зикргардида ба бозори меҳнат инъикос карда шудааст.

Ҳамин тавр, тавозуни бозори меҳнатро аз ҳисоби чандирии бозори меҳнат ба даст овардан мумкин аст. Вале чандирии бозори меҳнат дар баробари ҷанбаҳои мусбати мавҷудияти он як қатор камбудиҳоро низ дорад ва ин дар ноустувории коллективи меҳнатӣ, дар афзоиши хароҷоти корхона ифода меёбад.

Дар баробари ин, зарур аст нақши сиёсати давлатӣ ҷиҳати ноил гардидан ба мувозинати бозори меҳнат дар алоҳидагӣ арзёбӣ карда шавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рафъи норасоӣ ва изофаи меҳнат дар бозори меҳнат инҳо ба ҳисоб мераванд: такмили қонунгузорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, такмил додани низоми арзёбӣ ва пешгӯии вазъ дар бозори меҳнат, таъмини тавозуни таҳсилоти касбӣ ва талабот ба меҳнат, рушди бозори меҳнат ва афзоиши ҳаракати ҳудудии қувваи корӣ, рушди захираҳои инсонӣ, самаранокгардонии раванди ҷалби қувваи корӣ аз хориҷи кишвар, ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ дар байни аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати кор.

Сиёсати таъмини иқтисодиёти кишвар бо захираҳои меҳнатӣ унсури муҳимми танзими равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб

меравад. Нақши хадамоти танзимкунандаи соҳаи маориф дар таъмини воридшавии устувори захираҳои меҳнатӣ ва тақсими онҳо дар иқтисодиёт торафт муҳимтар мегардад, зеро қисми зиёди қарорҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва сармоягузории дорои хусусияти стратегӣ доранд ва дар ҳудуди кишвар қабул карда мешаванд, бо ҳамоҳангии ин хадамотҳо амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳо модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамоем. Модели пешниҳодшаванда се марҳилаи муҳимро дар бозори меҳнати кишвар вобаста ба ҳолати иқтисодиёт, вазъи демографии кишвар ва қувваи корӣ, номувозинии тақозо ва арза дар бозори меҳнат, ҳолати номувозинӣ ва наздикшавӣ ба ҳолати мувозинии тақозо ва арза дар бозори меҳнат арзёбӣ менамояд.



Расми 5.1.4. - Модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Ҳамзамон, дар он сарчашмаи арза ба қувваи корӣ аз бахши таҳсилот, бахши таълими касбӣ ва таълими техникӣ иборат мебошанд.

Тақозо ба қувваи корӣ аз рӯйи талаботи ҷорӣ ва ояндаи иқтисодиёт ба захираҳои кадрӣ, дараҷаи рушди соҳаҳои иқтисодиёт, тахассуснокии кормандон дақиқ карда шудаанд. Дар баробари ин, модели мазкур унсурҳои танзими бозори меҳнат, танзими бозорӣ, танзими давлатиро фаро мегирад, ки ҳавасмандгардонии шуғл ба воситаи таъсиси ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани ҳамоҳангӣ байни муассисаҳои таҳсилотӣ ва таъминкунандагони ҷойҳои корӣ, муайян кардани малакаҳое, ки ба бозори меҳнат ниёз доранд, коркарди стратегияи мусоидат ба шуғл ва ғайраро ифода менамояд.

Моҳияти модели пешниҳодшуда - табиати ҳамаҷонибаи он ба ҳисоб рафта, дорои маълумот роҷеъ ба ҳамаи иштирокчиёни бозори меҳнат ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, имкон медиҳад, ки тасвири возеҳи омилҳои манфӣ ва мусбатеро, ки ба номутавозунии бозори меҳнат таъсир мерасонад, муайян карда шавад.

Модели пешниҳодшуда воситаи арзёбии тавозуни бозори меҳнат ва манбаи иттилоот барои мақомоти давлатӣ, ҳокимиятҳои иҷроия дар ноҳияҳо мебошад, ки онро дар таҳияи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва арзёбии самаранокии он истифода мебаранд. Модели мазкур имкон медиҳад, ки самтҳои дурнамои рушди бозори меҳнат бо назардошти стратегияи миллии рушди кишвар ва тараққиёти соҳаҳои иқтисод, бо назардошти намудҳои нави шуғл, категорияҳои коргарон, сатҳи бекорӣ, шаклҳои муҳоҷират ва дигар омилҳое, ки ба равандҳои фаъолият таъсир мерасонанд, муайян карда шавад.

Барои сиёсати самараноки шуғли аҳолӣ пешниҳод карда мешавад, ки модели мазкур ба таври алоҳида барои шаҳрҳо ва деҳот бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти ин бозорҳо, инчунин таҳияи тавозуни байнисоҳавӣ, соҳавӣ, маҳаллӣ ва касбии пешгӯии қувваи корӣ истифода бурда шавад.

« ... Модели таҳияшуда барои арзёбии нишондиҳандаҳои асосии тавозуни захираҳои меҳнатӣ имкон медиҳад, ки монеаи норасоӣ ё зиёдатии кадрҳоро паси сар кунем ва мушкилоти инъикоси равандҳои ташаккул»,

нигоҳдорӣ ва рушди захираҳои меҳнатиро дар сатҳи корхона, ноҳия, вилоят ва иқтисодиёти миллӣ ҳал намоем. Истифодаи маълумоте, ки дар асоси натиҷаҳои татбиқи модел пешниҳод шудааст, имкон медиҳад, ки муносибатҳои сабабу оқибатҳои падидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар ҳудуди кишвар, дар ҷанбаҳои гуногуни таъсири мутақобилаи онҳо мегузаранд, муқарар карда шаванд.

Истифодаи амалии силсилаи як қатор намунаҳои маълумот ба мақомоти давалатӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ ва тактикӣ ҳам дар соҳаи ҳамоҳангсозии бевоситаи бозори меҳнат ва ҳам дар идоракунии иқтисодиёт маълумоти зарурӣ медиҳад.

Маълумоти зарурӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар бораи нишондиҳандаҳои тавозун метавонад барои мониторинги шуғли ғайрифаъол ва таҳияи дурнамои барномаҳои рушди кишвар ҳамчун асос хизмат кунад. Албатта барои инъикоси воқеияти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда миқёси назарраси ҳаракати ҳаррӯзаи коргарони байнисоҳавӣ, ки барои аксари минтақаҳо хос аст, муҳим мебошад. Таъсири омили мазкурро айни замон, танҳо бо як қатор аломатҳои ғайримустақим мушоҳида кардан мумкин аст, ин зарурати ба модели индикативии тавозуни захираҳои меҳнатии кишвар дохил кардани унсурҳои навро нишон медиҳад, ки ба ҳисоб гирифтани омили муҳоҷирати меҳнатии мавсимӣ мусоидат мекунанд.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Модели пешниҳодшаванда се марҳилаи муҳимро дар бозори меҳнати кишвар вобаста ба ҳолати иқтисодиёт, вазъи демографӣ ва қувваи корӣ, номувозинатии тақозо ва арза дар бозори меҳнат, ҳолати номувозинатӣ ва наздикшавӣ ба ҳолати мувозинатии тақоза ва арза бозори меҳнат арзёбӣ менамояд.

Барои паст намудани дараҷаи шиддатнокии бозори меҳнат ва кам кардани фишори зиёдшавии қувваи корӣ чунин чораҳо роҳандозӣ карда шавад:

- фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ барои рушди ташаббусҳои соҳибкорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои кории сердаромад дар тамоми самтҳои фаъолият нигаронида шудааст;

- ҳавасмандгардонии рушди бахшҳо ва кластерҳои дорои дараҷаи технологии баланд, на танҳо ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, балки то андозае ба афзоиши субъектҳои соҳибкорӣ, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ ва инчунин ба шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад;

- бо дарназардошти пешрафти технологияи иттилоотию иртиботӣ зарурати таҳия намудани механизми рушди бозори виртуалии меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, ки ҳузури фаъоли коркардо дар давраи муайян тақозо наменамояд.

- такмил додани механизми фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ муҳим аст, зеро дараҷаи рушди бозори меҳнат аз бисёр ҷиҳат ба сифати зиндагӣ дар минтақаҳои кишвар ва сатҳи татбиқи қонунгузории давлатӣ дар маҳаллҳо вобаста аст. Барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат дар ин соҳа, зарур аст, ки мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ ҳамоҳанг ва ҳамкории муассир дошта бошанд, то раванди рушди бозори меҳнат ва беҳтар шудани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо таъмин гардад.

- ҳавасмандгардонии афзоиши шуғли аҳолӣ, татбиқи барномаҳои махсуси давлатӣ, ки ба бозомӯзӣ ва ташкили ихтисоси кормандон нигаронида шудаанд, инчунин барномаҳои баланд бардоштани ҳаракати неруи меҳнатӣ бо мақсади ҷалби онҳо ба бахшҳои ояндадори иқтисодиёт.

5.2. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва коркарду амалисозии сиёсати дурусти муҳочиартӣ мебошад, ки аз як тараф барои идоракунӣ ва танзими раванди муҳоҷират ва аз тарафи дигар барои танзими бозори дохилии меҳнат нигаронида шудааст. Равандҳои муҳоҷират солҳои охир тағйир ёфта истодааст. Аммо, худи иштирок дар муҳоҷирати меҳнатӣ аз давлатҳои вазъи иқтисодии пастдошта ба давлатҳои иқтисодиёти тараққикарда хеле афзоиш дорад. Вобаста ба ин масъала такмили низоми идоракунӣ ва танзими муҳоҷирати аҳолӣ саривақтӣ мебошад. Давлат ҷиҳати такмили механизми идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хусусятҳои миллӣ, амнияти иқтисодӣ, арза ва тақозо дар бозори дохилии меҳнатро бояд ба инобат гирад.

Такмили идоракунӣ ва танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ омузиши амиқи таҷрибаи давлатҳои дигарро тақозо менамояд. Зеро давлатҳои тараққикарда дар ин самт таҷрибаи кофӣ доранд. Истифодабарии таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Россия барои коркарди дурусти сиёсати муҳоҷиратӣ метавонанд мусоидат намоянд. Бо назардошти афзоиши шумораи аҳолӣ, зиёдшудани аҳолии синну соли қобилияти меҳнатидошта муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ як ҷузъи хоҷагии ҷаҳониро ташкил медиҳад. Тоҷикистон асосан давлате ба шумор меравад, ки қувваи кориро ба хориҷи кишвар содирот менамояд. Исботи он фарқият дар шумораи шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар фаъолияткунанда мебошанд. «Дар шароити имруза барои Тоҷикистон идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, роҳ надодан ба муҳоҷирати меҳнатии ғайриқонунӣ ва муайян намудани таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ба иқтисоди миллӣ хеле муҳим мебошад».

Самти асосии муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз ҳам Россия боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, бояд ҳангоми таҳлил ва омузиши

масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ қонунгузории муҳоҷиратии Россия ба назар гирифта шавад. Федератсияи Россия яке аз давлатҳои пешсаф дар қабули муҳоҷирони меҳнатии давлатҳои пасошуравӣ маҳсуб меёбад. Ин пеш аз ҳама бо он алоқаманди дорад, ки байни Россия ва давлатҳои пасошуравӣ низоми раводид вуҷуд надорад.

Гузашта аз ин шаҳрвандони Тоҷикистон имкони мустақилона ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин давлат сафар намуданро доранд. Асоси сиёсати муҳоҷиратии давлатҳоро усул ва воситаҳои инфиродии танзими давлатии ин раванд ташкил менамоянд. Чи тавре, ки Тютерова А.Р., Кузнетсова М.М. қайд менамоянд: «... сиёсати муҳоҷиратии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ на назорати муҳоҷират балки, идоракунии раванди муҳоҷиратро дар бар мегирад».

Дар ин давлатҳо пайваста бозори меҳнат омухта мешавад ва тақозо ба ҷойҳои корӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад. Ин амал имкон медиҳад, ки талаботи бозори меҳнат ба кормандони мавсимӣ ва доимӣ муайян карда шуда нафароне, ки дархост барои ҷустуҷуи кор равон менамоянд дақиқ аз санҷиш гузаранд. Дар ин давлатҳо сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ барои ҳавасмандгардонии қувваи кории тахасуснок нигаронида шудааст.

То ҷое дуруст ҳам ҳаст зеро ин давлатҳо нуқтаи ҷалбнамоии мутахасисон ба ҳисоб мераванд. Мутахасисони касбу кори гуногун аз ҷумла олимон, инженерон ва табибон, ки дар давлати худ музди кори паст мегиранд ба давлатҳои тараққикарда сафар намуда ба муҳоҷирати меҳнатӣ мепайванданд ва кору фаъолият менамоянд. Давлатҳои тараққикарда низ ин усули ҷалбсозии мутахасисони баландихтисосро идома медиҳанд. Таҷрибаи Британияи Кабир низ дар идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ назаррас мебошад. Онҳо дар интихоб, иҷозатномадиҳӣ ва қабул ба кор асосан аз руйи низоми холгузорӣ амал менамоянд. Ин тарзи баҳогузорӣ донистани забон, касбият, синну сол ва нишондиҳандаҳои дигарро дар бар мегирад.

Таҷрибаи ин давлатро дар рафти қабули шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Инчунин, саҳми институтҳои ғайридавлатиро дар таҳким ва танзими шуғли аҳолӣ аз ҷумла муҳоҷирати

меҳнатӣ нодида гирифтан лозим нест. Ин ташкилотҳо солҳои охир дар таъмини шуғли аҳолӣ махсусан сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба самтҳои нави муҳоҷират саҳми назаррас доранд. Асосан ин ташкилотҳо шаҳрвандони кишварро ба давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Аморати Араб, ИМА, Кореяи ҷанубӣ, Хитой ва ғайра сафарбар менамоянд, ки дараҷаи музди кор нисбати Россия баландтар ва шароити корӣ беҳтар мебошад.

Дар Британияи Кабир «Кумитаи машваратии муҳоҷират» амал менамояд, ки мутахасисонро вобаста ба бозори меҳнати дохилӣ интихоб ва ҷобаҷогузорӣ менамояд. Ин ниҳод пайваста маҳзанҳои иттилоотиро дар бораи бозори меҳнати дохилӣ таҳлил намуда оид ба мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ, тақозо ба қувваи корӣ, музди кор тадбирандешӣ менамояд. Омузиши бозори меҳнат, муайянсозии талаботи воқеии корфармоёне, ки муҳоҷирони меҳнатиро ба кор қабул менамоянд имкон медиҳад, ки давлат Квотаи шаҳрвандони хориҷиро муайян намуда қарори дахлдорро барои интихоб ва қабули онҳо қабул намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи кории изофӣ дорад ва барои дар дохили кишвар бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани онҳо пурра имкон надорад. Гарчанде дар кишвар тадбирҳои зиёди судманд оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар аз ҳисоби рушди соҳаҳо ва бахшҳои муайяни иқтисоди миллӣ андешида шуда истода бошад, ҳам афзоиши босуръати аҳолӣ барои расидан ба таъмини шуғли пурраи аҳолӣ имкон намедиҳад. Вобаста ба ин шаҳрвандони Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун ба равандҳои муҳоҷират шомил мегардаднд. Бояд қайд намуд, ки таҳияи сиёсати муҳоҷиратии аҳолӣ бо назардошти вазъи бозори меҳнати дохилӣ сурат гирад. Дар давлатҳое, ки норасоии қувваи корӣ ба назар мерасад, бояд сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ҳавасмандкунанда бошад. Норасоии қувваи корӣ дар Аврупо барои коркарди барномаҳои гуногуни ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ сабаб мегардад.

Дар ин давлатҳо агар корфармоён муҳочирони меҳнатии маълумоти олидоштаро ҷалб намоянд имтиёзҳои иловагӣ дар шакли имтиёзи андозӣ ё озод намудани онҳо аз як қатор андозҳо пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла донишҷуёне, ки дар Иттиҳоди Аврупо таҳсил менамоянд метавонанд озод ба фаъолияти

меҳнатӣ машғул гарданд. Ин таҷрибаро дар Тоҷикистон низ истифода намудан мумкин аст. Зеро дар Тоҷикистон низ шаҳрвандони хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили механизми идоракунии муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ « ... Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамкории худро бо ташкилотҳои ғайрирасмии дар хориҷи кишвар амалкунанда, ки вазифаашон омузиши бозори меҳнати дохили кишварашон аст ҷоннок намояд». Зеро омузиши бозорҳои нав, самтҳои нави муҳочирати меҳнатӣ ба диверсификатсияи муҳочирати меҳнатӣ оварда мерасонад. Самтҳои дигари муҳоҷирати меҳнатӣ имкон медиҳад, ки ба ғайр аз Россия шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба дигар давлатҳо низ қонунӣ сафар намуда ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд.

Махсусан, сафарбар намудани қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии аз Россия депортшуда ба Иттиҳоди Аврупо ё давлатҳои дигар. Ин имкон медиҳад, ки вазнинии бозори меҳнати дохилӣ аз ҳисоби зиёд будани аҳолии қобили меҳнат камтар гардад. Дар Тоҷикистон ба монанди дигар давлатҳои пасошуравӣ қарорҳои дахлдорро дар мавриди сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мақомоти дахлдор омода менамояд ва танҳо Ҳукумат онро тасдиқ менамояд. Дар амалисозии сиёсати муҳоҷиратӣ ва қабули он аҳолӣ (ҷамъият) иштирок намекунанд.

Яке аз самтҳои муҳими танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ муайян намудани квота мебошад. Квотаи шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон дар доираи 4200 нафаро ташкил менамояд, ки дар асоси дархости корфармоён ба қувваи кории хориҷӣ муайян карда мешавад. Чи тавре, ки дар боло қайд намудем Тоҷикистон давлати содиркунандаи қувваи корӣ баҳисоб меравад ва дар ин самт вазифаи мақомоти дахлдор ин зиёд намудани квотаи шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон мебошад. Квотаи қувваи корӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад. Ин як воситаи муҳими танзими сифатию миқдории муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Гузашта аз ин беҳтар мешавад, агар дар Тоҷикистон пеш аз сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ дар дохили кишвар курсҳои омузишӣ оид ба қонунгузории давлатҳо, таърих ва забономузӣ ба роҳ монда шавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба давлатҳои дигар сафар менамоянд на ҳамавақт забони онҳоро медонад ва на ҳамавақт шартҳои будубоши ин давлатро азхуд менамоянд.

Дар Австралия маҳаки асосии қабули шаҳрванди хориҷӣ ба кор ин доштани касбияте мебошад, ки дар бозори меҳнат тақозо ба он бештар бошад. Дар ин давлат муҳоҷирони меҳнатии касбияти маҳдуддошта хубтар қабул карда мешаванд. Дар Италия бошад дар қатори квота барои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ қарордодҳои байнидавлатӣ истифода карда мешавад. Дар асоси қарордодҳои байнидавлатӣ ба давлатҳои алоҳида Италия квотаи иловагиро пешниҳод менамояд. Таҷрибаи Италия низ барои Тоҷикистон хеле муфид мебошад.

Дар Ирландия барнома оид ба қабули кормандони соҳаи тиб мавҷуд аст, ки дар доираи он ба ҳамаи мутахасисони соҳаи тиб, ки иҷозатнома дар соҳаи тиб коркарданро доранд иҷозат дода мешавад. Ба ҳамин монанд барнома дар Австралия низ мавҷуд аст, ки ба кормандони соҳаи тиб имкони ба зуди гирифтани раводидро барои кор медиҳад. Дар Италия аз руи баъзе маълумотҳо варзишгарон, кормандони соҳаи тиб, тарҷумонҳо имкони гирифтани иҷозати корро берун аз квота доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбияти муҳоҷирон, донишу малакаи онҳо таваҷҷуҳ медиҳанд. Бозори меҳнатро омухта ба ҳамон касбу ҳунарҳое имтиёз медиҳанд, ки тақозо ба онҳо зиёд бошад.

Дар Испания низ барномаи махсуси ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба кор мавҷуд аст. Дар асоси омузиши бозори меҳнат ҷойҳои кории холӣ ва норасоии кормандон руйхат карда мешавад. Аммо, хусусияти миллии ин барнома дар Испания аз он иборат аст, ки корфармо пеш аз додани иҷозат бояд мутмаин

бошад, ки ҷойи кори пешниҳодшаванда аз тарафи сокини муқимии ин давлат банд карда намешавад. Яъне дар инҷо таваҷҷуҳ бештар барои бо шуғл таъмин намудани аҳолии худӣ дода мешавад. Танҳо дар он маврид шаҳрванди хориҷӣ ба кор қабул карда мешавад, агар шаҳрвандони худи давлат онро банд карда натавонанд.

Ба ҳамин монанд сиёсат дар Тоҷикистон низ мавҷуд аст. Сармоягузорони хориҷӣ, ки бо Ҳукумат шартнома мебанданд ба онҳо шартҳои муайян гузошта мешавад ва яке аз шартҳо ин дар баробари истифодабарии кормандони хориҷӣ ба кор қабул намудани шаҳрвандони маҳалӣ (Тоҷикистон) мебошад. Масъалаи дигаре, ки ба ақидаи мо ҳангоми амалигардонидани сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад ин бо манзил таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатии ҷалбшуда мебошад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Россия сафар менамоянд дар зиёд ҳолатҳо бо кор таъмин карда мешаванд, аммо бо манзил таъмин карда намешаванд. Барои назорати самараноки муҳоҷирати меҳнатӣ корфармоён агар кормандони ҷалбнамудаи худро бо манзил таъмин намоянд хубтар аст. Ин таҷриба дар як қатор давлатҳои Иттиҳоди Аврупо мушоҳида мегардад.

Дар Италия ин амал ҳатмист, дар Испания таҷрибаи сохтмони манзили иҷтимоӣ барои муҳоҷирон васеъ истифода карда мешавад. Албатта ин ҳолат хароҷоти корфармоёнро метавонад зиёд намояд. Аммо, халли ин масъала аз ҳисоби худи кормандон пурра ё қисман пардохт намудани иҷорапулии манзил мебошад. Корфармо танҳо манзили зистро пешниҳод менамояд ва коргар аз музди кор иҷорапулии манзилро пардохт менамояд. Таҷрибаи Ҳиндустон ҷиҳати ба ватан баргардонидани мутахасисони баландихтисос хеле ҷолиб мебошад. Ин давлат бо намояндагиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар дигар давлатҳо ҳамкорӣ намуда муҳоҷирони дар гузашта ба давлатҳои дигар рафта шаҳрвандии ин давлатҳоро гирифтаро ба давлат даъват менамоянд. Онҳоро барои хондани лексияҳо, иштирок дар форуму семинарҳои илмӣ даъват менамоянд. Имтиёзҳои зиёд пешниҳод менамоянд то онҳо ба ватани аҷдодии хеш баргарданд ва донишу малакаи андухтаашонро барои рушди иқтисодии давлати худ истифода

намоянд. Пешниҳоди ҳаргуна имтиёзҳо ба эмигрантҳо имкон медиҳад, ки онҳо ба ватанашон баргарданд ва корхонаҳои худро таъсис диҳанд. Ингуна барнома барои шаҳрвандони Тоҷикистон низ бояд истифода шавад, ки дар хориҷи кишвар кору фаъолият менамоянд ва таҷрибаи кории хеле зиёд низ доранд. Онҳо метавонанд тавассути сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат намоянд.

Хитой низ пайваста бо диаспораҳои хориҷии худ робитаи зич дорад ва мутахасисони хитоиро ҳамчун машваратчӣ ё эксперт дар соҳаҳои гуногун ҷалб менамояд ва тамоми хароҷоти роҳ, манзил ва ҳуҷҷатгузориро аз ҳисоби худ анҷом медиҳад. Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки тамоми давлатҳои ҷаҳон бо диаспораҳои хориҷии худ бояд робитаи зич дошта бошанд. Вазорату идораҳои дахлдори танзими шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати байналхалқӣ ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонашонро ҳимоя карда тавонанд.

Бо ташкилотҳои ғайридавлатии ба корсафарбаркунандаи шаҳрвандони кишвар ҳамкории зич дошта бошанд ва фаъолияти онҳоро низ зери назорат қарор диҳанд. Зеро наҳамаи ин ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳадафи бо кор таъмин намудани аҳолиро дар хориҷи кишвар доранд. Масъалаи дигар ин аст, ки чаро ширкатҳои хусусӣ имкони бо кор таъмин намудани аҳолиро дар хориҷи кишвар доранд аммо, мақомоти шуғли аҳолии расмӣ ин имконро надорад. Ба ақидаи мо таҷрибаи кории ташкилотҳои ба хориҷи кишвар ба корсафарбарнамоӣ дар вазорату идораҳои дахлдор мавриди омузиш қарор дода шавад. Беҳтар аз ин агар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз номи давлат баромад менамояд бо Вазоратҳои ҳамтояшон дар давлатҳои хориҷӣ ҳамкориро судманд намоянд. То ин, ки шаҳрвандони кишвар, ки тавакали зиёд намуда, маблағи зиёдро сарф менамоянд бидуни миёнаравҳо ба шуғл дар хориҷи кишвар таъмин карда шаванд. Шаҳрвандони Тоҷикистон инчунин дар бозии “Грин кард” низ иштирок менамоянд ва тавассути ин барнома ба ИМА расман сафар менамоянд ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мешаванд. Аммо, ин барнома эҳтимол дорад,

ки дар солҳои оянда маҳдуд гардад ва танҳо барои мутахасисони баландихтисос иҷозати ворид шудан ва бо кор таъмин шуданро диҳад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Ба андешаи мо, дар шароити иқтисоди гузариш ҳангоми таҳияи сиёсати танзими шуғл, ки ба муҳоҷират асос ёфтааст, дар чаҳорчӯбаи барномаи ягонаи мамлакат бояд ба ҷанбаҳои зерин диққати махсус дода шавад;

- дуруст ҷобаҷокунии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, бидуни ширкати давлат дар равандҳои ҷараёндоштаи муҳоҷират имконнопазир аст;

- самти муҳоҷирати аҳолӣ бояд на аз тариқи дахолати мустақим, балки бо истифода аз методи таъсири бавосита тағйир дода шавад;

- муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд дар шароити иқтисоди гузариш ба кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат саҳм гузоранд;

- иқтидори истеҳсолии мамлакат бояд барқарор шавад;

- таъмини музди меҳнати арзанда ба кормандони дар бахши расмии иқтисодӣ фаъолияткунанда, ки норасоии кадрҳоро барҳам медиҳад.

5.3. Роҳҳои асосии такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бозори меҳнат яке аз нишондиҳандаҳое ба ҳисоб меравад, ки вазъи он имкон медиҳад, ки некуаҳволии миллӣ, субот ва самаранокии дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ шавад. Пажуҳиш нишон дод, ки рушди бозори меҳнат дар иқтисодиёт нақши бениҳоят муҳим дорад ва маҳз бозори меҳнат тамоми захираҳоро фаъол намуда, раванди бетанаффуси такрористеҳсолро таъмин менамояд. Бинобар ин, захираи муҳимтарин – қувваи корӣ аз рӯйи касбу кор, корхонаҳо, минтақаҳо ва соҳаҳо ташаккул меёбад ва дар амал татбиқ мешавад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар фаслҳои пешинаи кори диссертатсионӣ барои муайян намудани самтҳои самараноки танзими бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки пешгӯии ҳолати тағйирёбии динамикаи нишондиҳандаҳои асосии онро барои даҳсолаи

минбаъда ба роҳ монда, дараҷаи шиддатнокии бозори меҳнатро вобаста ба зиёд шудани аҳолии қобили меҳнат ва имконияти таъсиси ҷойҳои корӣ нав арзёбӣ намоем.

Пешгӯии бозори меҳнат барои муайян кардани афзалиятҳои сиёсати минтақавии шуғли аҳолӣ дар давраи пешбинишаванда ва таҳияи тадбирҳое, ки ба паст кардани сатҳи бекорӣ ва таъмини кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон дар соҳаи шуғли онҳо нигаронида шудааст, заминаи асосӣ ҳисоб меравад.

Таҳияи ояндабинии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар асоси таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд омада, омӯзиши шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ ба роҳ монда мешавад. Пешгӯии параметрҳои бозори меҳнат барои даврaҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат ба мо имконият медиҳад, ки зарурати таъсиси ҷойҳои корӣ иловагиро дар дохили кишвар, вобаста ба зиёдшавии шумораи аҳолии қобили меҳнат асоснок намоем. Дар ин раванд зарур аст, ки дар баробари зиёд шудани захираҳои меҳнатӣ, тағйироти умумии сохтории шуғл ва равандҳои демографӣ дар кишвар мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Пешгӯии равандҳо як қисми муҳими тадқиқоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он баҳодиҳии динамикаи арзишҳо, тағйиротҳои иқтисодӣ ва таҳаввулоти бозори меҳнат муҳим аст. Аммо мушкил дар интихоби усулҳо ва моделҳои пешгӯии дуруст иборат аст, зеро усулҳои гуногун бо шароити иқтисодӣ ва мақсади таҳқиқот мувофиқат мекунанд. Ба ибораи дигар, ҳар як усул ва модел ба муҳити муайяни иқтисодӣ ё мушкилот, ки барои таҳлил интихоб мешавад, мувофиқ аст. Масалан, баъзе усулҳо барои пешгӯии кӯтоҳмуддат ва дигарҳо барои таҳлилҳои дарозмуддат беҳтар мебошанд. Барои интихоби усули дуруст барои пешгӯӣ, муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои калидӣ, шароити иқтисодии мавҷуд ва омилҳои берунӣ, ки метавонанд таъсир гузоранд, мавриди таҳлил қарор гиранд. Бо вуҷуди ихтилофи усулҳо, мутобиқ кардани онҳоро бо шароити воқеӣ ва таҷрибаи амалии онҳо метавонад пешгӯии дурусти равандҳоро дар иқтисодиёт ва дигар соҳаҳо таъмин кунад.

Гузашта аз ин, ҳар як усули миқдорӣ ва сифатӣ хусусиятҳои мусбат ва манфии худро дорад, бинобар ин, вазъияти навбатии аслӣ муносибати махсуси инфиродиро тақозо мекунад.

Бешубҳа, таҳияи пешгӯии муътамад ва дақиқи вазъи бозори меҳнат дар шароити иҷтимоию иқтисодии мураккаби кишвар наметавонад бидуни таҳлили амиқ ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи равандҳои тағйирёбанда дар тамоми сатҳҳои инфрасохтори бозори меҳнат амалӣ гардад. Танҳо дар асоси як низоми пешгӯии мукаммал ва динамикӣ, ки ҳам ҷанбаҳои макроиқтисодӣ ва ҳам хусусиятҳои минтақаӣ, сохторӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, имкони қабули қарорҳои оқилона дар соҳаи танзими шуғл ба вуҷуд меояд.

Таҷрибаи сиёсати меҳнатӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд ва гузоришҳои коршиносӣ нишон медиҳанд, ки коркарди сенарияҳои пешгӯии шуғл, бо вуҷуди аҳамияти баланди он, яке аз самтҳои заиф дар фаъолияти мақомоти давлатӣ боқӣ мемонад. Дар аксари ҳолатҳо, набудани механизмҳои мушаххас ва захираҳои институтивии мувофиқ барои таҳлили дурнамо боиси таҳияи қарорҳои ғайриинтегратсионӣ мегардад, ки тавоноии бозори меҳнатро барои мутобиқ шудан ба тағйироти иқтисодӣ ва демографӣ маҳдуд созад.

Дар ин замина, вазифаҳои калидии низоми пешгӯии бозори меҳнат метавонанд чунин гурӯҳбандӣ шаванд:

а) Таҳлили тамоюлҳои рушди бозори меҳнат ва ифшои робитаҳои сабабию натиҷавӣ байни унсурҳои таркибии он, ба мисли талабот ба касбҳо, сатҳи музди меҳнат, кӯчиши қувваи корӣ ва фишорҳои иқтисодии беруна;

б) Арзёбии устувории иҷтимоӣ ва демографӣ, аз ҷумла қобилияти гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (ҷавонон, занон, маъюбон) дар мутобиқ шудан ба бозори меҳнати тағйирёбанда;

в) Мутобиқсозии иқтидори институтсионалии мақомоти давлатӣ ва минтақавӣ дар самти таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, дастрасӣ ба бозомӯзии касбӣ ва мусоидат ба шуғли устувор барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ.

Бо ин тартиб, таҳияи механизми самараноки пешгӯии бозори меҳнат бояд ба сифати ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатии шуғл ва як абзори асосӣ

барои банақшагирии дарозмуддати иқтисод ва захираҳои инсонӣ баррасӣ гардад. Ташкили низоми инноватсионӣ ва муттаҳидшудаи мониторинг ва моделсозии бозори меҳнат дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, шарти ҳатмии баланд бардоштани устувории иҷтимоӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Пешгӯии вазъи бозори меҳнат на танҳо як ҷараёни техникӣ, балки раванди бисёрҷанбаи таҳлилию стратегӣ мебошад, ки бояд ба арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар дар марҳилаи муқаддамотӣ асос ёбад. Ин раванд, дар навбати аввал, тағйирот ва тамоюлҳои воқеии гузашта ва ҳозираи рушди иқтисодӣ, демографӣ, сатҳи шуғл, муҳоҷират, тағйироти технологӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнатро фаро мегирад. Ҳамзамон, пешгӯӣ бояд эҳтимолиятҳои рушди минбаъдаи иқтисодиётро дар шароити тағйирёбии омилҳои дохиливу хориҷӣ ба инобат гирад. Ҷузъи муҳими низоми пешгӯии бозори меҳнат таҳлили тамоюлҳои ташаккулёбандаи шуғл дар ду сатҳ мебошад:

- сатҳи миллӣ, ки тасвири умумии динамикаи шуғли аҳолиро дар иқтисодиёт, бахшҳои асосӣ ва гурӯҳҳои демографӣ фаро мегирад;
- сатҳи минтақавӣ, ки хусусиятҳои маҳаллии бозори меҳнатро дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба назар гирифта, тағйиротро дар субъектҳои алоҳидаи ҳудудӣ таҳлил мекунад.

Пешгӯии муассир бояд на танҳо нишондодҳои омори мавҷударо таҷзия кунад, балки дар асоси онҳо сенарияҳои эҳтимолии рушд таҳия намояд. Дар ин раванд, муносибати комплексӣ, ки ҳамзамон омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалиро ба ҳисоб мегирад, шарти асосии таҳияи сиёсати оқилонаи меҳнат ва шуғл хоҳад буд. Аз ин рӯ, таҳияи системаи пешгӯии илмӣ ва минтақафариҳии бозори меҳнат бояд ҳамчун абзори стратегии дастгирии сиёсати давлатии шуғл ва танзими захираҳои меҳнатӣ дар муҳити тағйирёбандаи иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардад.

Ҳамин тавр, барои пешгӯии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама интихоби усули дақиқи ба роҳ мондани

пешгӯӣ зарур аст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар таҳқиқоти иқтисодӣ барои пешгӯии ҳолати бозори меҳнат чунин усулҳо истифода мешаванд:

а) усули ибтидодӣ (экстраполяционный), ки ба пешгӯии тамоюли дар давраи ретроспективӣ барои ҷузъҳои алоҳидаи бозори меҳнат ташаккулёфта асос ёфта, содатарин усул ба ҳисоб меравад, вале бо сабабҳои нобаробарии шадиди рушди падидаҳои иқтисодӣ татбиқи он дар амалия мушкилоти муайянеро эҷод менамояд;

б) пешгӯии талабот ба қувваи корӣ вобаста ба дигаргуншавии муҳити иқтисодӣ бо истифода аз моделҳои байнисоҳавӣ. Носаҳеҳии усули мазкур дар он таҷассум меёбад, ки дар он коҳиши истеҳсолот дар соҳаҳои мухталифи саноат, чун қоида бо шумораи мутаносибона аз ҳисоби шуғл фаро гирифташударо пайгирӣ намекунад. Равандҳои регрессионӣ на танҳо ба сатҳи бекорӣ, балки ба ҳосилнокии меҳнат низ таъсир мерасонанд, ки истифодаи равиши мазкурро беқурб мекунад;

в) сохтани моделҳои мураккаби рафторӣ, ки имкон медиҳанд ба фаъолияти низоми иқтисодӣ тақлид ва вобаста ба сенарияҳои баррасишавандаи рушд, ҷараёни минбаъдаи ҳодисаҳо танҳо дар сатҳи сифатӣ муайян карда шавад.

г) усули омилӣ, яъне пешгӯӣ намудан бо назардошти омилҳои асосие, ки ба талабот ва пешниҳоди меҳнат таъсир мерасонанд, ба сифати асосӣ вазъияти демографии минтақаро баррасӣ кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар амалияи муосир усулҳои гуногуни пешгӯии шуғли аҳолӣ истифода мешаванд. Ҳамзамон, пешниҳод карда мешавад, ки таъсири шумораи зиёди омилҳо ва равандҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ба дараҷаи шуғли меҳнат ва вазъи бозори меҳнат ба назар гирифта шавад. Бешубҳа, сифати пешгӯии шуғли аҳолӣ аз интихоби омилҳои номбурда вобаста аст. Дар ин ҷо мавҷудияти заминаи зарурии омориро, ки омилҳо ва равандҳоро тавсиф мекунад, ба назар гирифтан лозим аст. Барои таҳияи пешгӯии босифат маълумотҳои оморие лозиманд, ки на танҳо тамоюлҳои бозори меҳнат, балки тамоюлҳои рушди равандҳои иқтисодиро низ ошкор намоянд.

Дар пешгӯии ҷузъҳои бозори меҳнат маҷмуи ҳамаи усулҳо нисбатан самараноктар мебошад, вале баъзан бо сабаби мавҷуд набудани иттилооти дахлдор усулҳо ва моделҳои расмӣ объективӣ ба назар намерасанд. Таҳлили вазъ дар бозори меҳнат аксаран дар амал танҳо бо ҳисобҳои оморӣ маҳдуд карда мешавад ва барои ифшои робитаи бозори меҳнат бо равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар сатҳҳои гуногун ба амал меоянд, тавсияҳои амалӣ вуҷуд надоранд. Нишондиҳандаҳои миқдории таркиби аҳолӣ ва динамикаи онҳо чун омили муҳимтарини ташаккули захираҳои меҳнатӣ хизмат мекунанд, ки ба талаботи муосири бозори меҳнат мувофиқанд, андозаи захираҳои меҳнатӣ аз шумораи аҳолӣ, яъне синну соли аҳолии қобили меҳнат вобаста аст. Нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат бо ҳамдигар алоқаманданд, бинобар ин, бо муайян намудани арзиши пешгӯии як нишондиҳанда ва коэффитсиентҳои мувофиқ, масалан, сатҳи бекорӣ, дигарҳоро низ ҳисоб кардан мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои миқдории таркиби аҳолӣ ва динамикаи рушди онҳо яке аз омилҳои асосӣ ва муайянкунандаи ташаккули потенсиали меҳнатии кишвар ба шумор мераванд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ ба талаботи бозори меҳнат робитаи зич ва бевосита доранд. Ҳаҷм ва сохтори қувваи корӣ дар навбати аввал аз шумораи умумии аҳолӣ, хусусиятҳои демографӣ ва раванди такрористеҳсоли он, инчунин таркиби синнусолии аҳолӣ вобаста мебошад. Захираҳои меҳнатии кишвар на танҳо аз шумораи аҳолии қобили меҳнат (шахсони дар синну соли меҳнатӣ қарордошта), балки ҳамчунин аз гурӯҳҳои демографие иборатанд, ки берун аз синну соли расмии меҳнат қарор доранд, вале қобилияти ҷисмонӣ ва малакаи корӣ доранд аз ҷумла, наврасони синни 15-17 ва шахсони синну соли нафақа, ки фаъолона дар бозори меҳнат иштирок мекунанд. Таҳлили таносуби байни категорияҳои мухталифи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ имконият медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки ташаккули қувваи корӣ, равандҳои ҷойгиршавӣ ва тақсимоти онҳо аз рӯи бахшҳои иқтисоди миллӣ ва намудҳои фаъолият, инчунин хусусиятҳои минтақаии бозори меҳнат муайян карда шаванд. Ин таносубҳо, дар навбати худ, воситаи

муҳими банақшагирии стратегӣ ва таҳияи сиёсати муассири меҳнатӣ мебошанд, ки метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои инсонӣ ва таъмини мутавозини бозори меҳнат мусоидат намоянд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои сохторӣ ва навсозии иқтисодиёт, ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ бо дарназардошти рушди демографӣ ва иқтисодии кишвар мебошад. Ҳалли мушкилоти шуғл дар доираи рушди демографӣ ва иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ҳамзамон бо таъмини ҷойҳои кор ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, низоми иҷтимоии кишвар устувор ва самаранок ба амал ояд. Бояд тазаккур дод, ки маҳз омилҳои демографӣ дар ташаккули бозори меҳнат дар Тоҷикистон нақши махсусро мебозанд, зеро ҷумҳурӣ дорои неруи бузурги инсонӣ буда, шумораи аҳолии кишвар босуръат меафзояд ва аз рӯйи пешгӯии анҷомдодашуда дар соли 2035 беш аз 13,1 млн нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2025 20,67% зиёд хоҳад буд. [199, с 702]. Дар ин давра шумораи аҳолии қобили меҳнат ба 7840,422 ҳаз. нафар баробар хоҳад шуд, ки ба 59,6% хоҳад расид. Бинобар афзоиши баланди шумораи аҳолии қобили меҳнат дар кишвар фишори демографиро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, ҳар сол бозори меҳнати кишвар аз ҳисоби 150 ҳазор мутахассисони ҷавон пурра мегардад, ки таъмини шуғли онҳо яке аз вазифаҳои таъхирнопазир дар назди давлат ба ҳисоб меравад (ҷадвали 5.3.1.)

Ҷадвали 5.3.1. - Пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2035

Нишондиҳандаҳо	2025	2026	2027	2028	2029	2030	2031	2032	2033	2034	2035
Аҳолӣ, млн. нафар	10600,9	10834,	11073,3	11317,3	11566,7	11821,6	12081,6	12347,3	12618,9	12896,5	13180,2
Ҷавонтар аз синни қобили меҳнат, ҳазор нафар	3624,478	3704,348	3785,979	3869,409	3954,677	4041,824	4130,7	4221,528	4314,336	4409,236	4506,244
Қобили меҳнат, ҳазор нафар	6305,99	6444,952	6586,977	6732,13	6880,483	7032,105	7186,806	7344,915	7506,503	7671,646	7840,422
Аҳолии машғул	2767,129	2828,107	2890,429	2954,124	3019,222	3085,755	3153,641	3223,021	3293,927	3366,393	3440,453
Коэффитсети шиддатнокӣ дар бозори меҳнат	13,125	13,4145	13,710	14,012	14,321	14,637	14,959	15,288	15,624	15,967	16,318

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [199, с 702].

Дар соли 2035 шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт 3440,453 ҳазор нафарро ташкил дода, аҳолии ҷавонтар аз синни қобили меҳнат, ба 4506,2 ҳазор нафар хоҳад расид.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили асосҳои консептуалии бозори меҳнат хулоса чунин аст, ки ҳадафи стратегии рушди устувори бозори меҳнат ташаккули шароити объективии иқтисодӣ барои ниёз ба иқтидори меҳнатӣ, ҳавасмандгардонӣ ба қувваи корӣ ва мусоидат ба рушди босуботи бозори меҳнат, афзоиши музди кор ва даромади аҳолии кобили меҳнат нигаронида шудааст.

Яке аз нишондиҳандаи муҳимми муайянкунандаи ҳолати бозори меҳнат коэффитсиенти шидатнокӣ дар бозори меҳнат ба шумор меравад. Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби шумораи аҳолии дар ҷустаҷӯи кор қарор дошта, нисбат ба ҷойҳои кории холии эълоншуда ҳисоб карда мешавад. Таҳлили нишондиҳандаи коэфитсиенти шиддатнокӣ нишон медиҳад, ки дар 8 соли охир аз 6,31 воҳид ба 10,99 воҳид дар соли 2020 расидааст ва агар тамоюли зиёдшавии аҳолӣ тибқи пешгӯии ба анҷом расонидашуда сурат гирад, дар соли 2030 ба 14,65 воҳид мерасад, ки фишори иловагиро дар барои меҳнат ҷиҳати дарёфти ҷойи кори мусоид хоҳад расонид. Натиҷаи чунин таҳлил ифодакунандаи он аст, ки вобаста ба зиёдшавии шумораи қувваи корӣ сатҳи таъсиси ҷойҳои кории нав бо дараҷаи пасттар рушд менамояд, ки қобилияти қонеъсозии тақозои афзояндаи аҳолиро нахоҳад дошт.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки нишондиҳандаи миқдори ҷойҳои кории эълоншуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамеша ҳолати дақиқи мавҷудияти чунин ҷойҳои кории холиро ифода менамояд. Зеро аксари корхонаҳо ва ташкилотҳо имрӯз барои қабул ба кор тариқи озмун муваззаф шудаанд, ки ҳатто ҳангоми аз як кор ба кори дигар гузаронидани кормандони худ ё аз нав таъин намудан ба вазифаи хизматӣ, вобаста ба итмом расидани муҳлати иҷрои вазифа оид ба мавҷудияти ҷойи корӣ холӣ дархост эълон менамоянд, воқеан аллакай барои кормандони дохилӣ банд карда шудааст.

Диаграммаи 5.3.1.– Динамикаи тағйирёбии коэффитсиенти шиддатнокӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2030



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [40].

Дар баробари ин, гузариш ба таъмини устувори зиндагии аҳолии қобили меҳнат тавассути рушди сифатан устувори бозори меҳнат ду марҳилаи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: марҳилаи эҷоди алгоритми мутобиқшавӣ, ки бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ ва механизмҳо имкон фароҳам меоварад «харитаи роҳ»-и рушди ояндаи бозори меҳнат ва татбиқи тамоми тадбирҳо бо дарназардошти сари вақт муайян ва мутобиқ намудани воҳидҳои минтақавии иқтидорҳо ва омилҳое, ки сифати истифодаи неруи меҳнатиро паст мекунанд ва рушди иҷтимоию иқтисодиро бозмедоранд, таҳия карда шавад.

Рушди устувори бозори меҳнат, ки ба таҳкими пояҳои низоми таъмини иҷтимоии аҳолии қобили меҳнат нигаронида шудааст, бояд на танҳо дорои самти ҳадафманд бошад, балки хусусияти комплексӣ ва байнисоҳавӣ дошта бошад. Таъмини чунин рушди фарогир маънои онро дорад, ки ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ новобаста аз сатҳи рақобатпазирии онҳо бояд ба таври мутавозин рушд ёбанд, то ки имкониятҳои баробар барои ташаккули ҷойҳои кории гуногуннамуд фароҳам оварда шавад. Ин равиш на танҳо ба тағйироти сифатии сохтори шуғл ва баланд бардоштани қобилияти мутобиқшавии бозори меҳнат мусоидат менамояд, балки заминаи воқеӣ барои таъсиси ҷойҳои нави

кори сердаромад дар бахшҳое фароҳам меорад, ки ҳаҷми иштирокашон дар иқтисоди миллии кишвар маҳдуд аст, вале дорои потенсиали рушди назаррас мебошанд. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи бозори меҳнат бояд ба ҳамгироии воситаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ асос ёфта, барномаи рушди шуғли фарогир ва фаъолии иҷтимоиро дар доираи иқтисодиёти миллӣ ба роҳ монад.

Дар ин замина зарур мешуморем, ки барои паст намудани дараҷаи шиддатнокии бозори меҳнат ва кам кардани фишори зиёдшавии қувваи корӣ ба он чораҳои зерин роҳандозӣ карда шавад:

– фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ барои рушди ташаббусҳои соҳибкорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои кории сердаромад дар тамоми самтҳои фаъолият нигаронида шудааст;

– ҳавасмандгардонии рушди бахшҳо ва кластерҳои дорои дараҷаи технологияи баланд, на танҳо барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, балки то андозае ба афзоиши субъектҳои соҳибкорӣ, афзоиши миқдори ҷойҳои корӣ ва инчунин ба шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад;

– бо дарназардошти пешрафти технологияи иттилоотию иртиботи таҳия намудани механизми рушди бозори виртуалии меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар зарур аст, ки ҳузури фаъоли коргарро дар давраи муайян тақозо наменамояд;

– такмили механизмҳои фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ, зеро дараҷаи рушди бозори меҳнат аз бисёр ҷиҳат аз сифати зиндагӣ дар минтақаҳои кишвар, аз сатҳи татбиқи қонунгузории давлатӣ дар маҳаллҳо вобаста аст ва ин аз сатҳи салоҳияти мақомоти шаҳрвандӣ вобастагӣ дорад;

– квотакунонии ҷойҳои корӣ ҳамчун шакли афзалиятноки мусоидат ба шуғли мутахассисони ҷавон, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, шахсони саломатиашон маҳдуд, модарони танҳо ва дигар гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ татбиқ карда шаванд. Қонунгузории мавҷуда бояд ба ташкилотҳо ва соҳибкорон имтиёзҳои андозӣ ва дигар намудҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод кунанд, ки ин метавонад боиси

ҳавасмандии соҳибкорон барои ҷудо кардани квотаҳои ба ҷойҳои корӣ барои категорияҳои номбурдаи шаҳрвандон гардад;

– ҳавасмандгардонии афзоиши шуғли аҳолӣ, татбиқи барномаҳои махсуси давлатӣ, ки ба бозомӯзии кормандон нигаронида шудаанд, инчунин барномаҳои баланд бардоштани ҳаракати неруи меҳнатӣ бо мақсади ҷалби онҳо ба бахшҳои ояндадори иқтисодиёт;

– такмил додани барномаҳои давлатӣ оид ба суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ, пешгирии бекорӣ дар мамлакат, инчунин ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ дар муқобили иқтисодиёти соягӣ.

Давлат метавонад мушкилоти норасоии захираҳои меҳнатиро дар бозори меҳнат ба таври ғайримустақим, тавассути баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ, ки ҳамаи онҳо дар маҷмуъ барои баланд бардоштани сифати қувваи корӣ мусоидат менамояд. Тадбирҳои мазкур самарабахш ва дарозмуддат мебошанд.

Рушди бозори виртуалии меҳнат бо оқибатҳои паҳншавии васеъи технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ ва платформаҳои рақамӣ, коҳиши арзиши онҳо, инчунин ташаккули фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба таври объективӣ муайян карда мешавад. Асосҳои нави иттилоотӣ-технологӣ корро бо мундариҷаи иттилоотӣ пур намуда, рушди шаклҳои сифатан нави ҳамкории мутақобилаи объекту субъектро ҳавасманд мегардонад. Шаклҳои принсипан гуногуни муносибатҳои байни субъектҳои бозор, инчунин маҷмуи шартҳое, ки ба шарофати онҳо бо ҳам алоқаманд мешаванд, имкон медиҳанд, ки пайдоиши бозори виртуалии меҳнат тасдиқ карда шавад.

Бозори маҷозии меҳнат метавонад таъсири ихтилофи рақамисозии иқтисодро дар бахшҳои кор коҳиш диҳад. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз бартариҳои рақобатӣ, неруи мутобиқшавии он бесамар истифода мешавад. Сабаби монеаҳое мебошад, ки хароҷоти транзаксиониро барои субъектҳои он афзоиш медиҳанд ва мавқеи рақобатпазирии онро дар бозори миллии меҳнат заиф мекунанд. Онҳо то андозае рушди сусти унсурҳои алоҳидаи бозори меҳнати виртуалӣ, тафовути дастрасӣ ба Интернет аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ

ва минтақаҳо, раванди ибтидоии консептуализатсияи муносибатҳои меҳнатии виртуалиро инъикос мекунанд.

Бо дарназардошти хатарҳо ва маҳдудиятҳо дар оянда ва тағйироти куллӣ дар рушди бозори меҳнат, зарур аст, ки ба рушди худкифоии минтақавӣ, такя ба захираҳои дохилӣ ва иштироки баробари шарикии давлат, соҳибкорӣ ва аҳолии қобили меҳнат диққат дода шавад. Ин равиш кӯмак мекунад, ки рушди устувор ва самаранок дар бозори меҳнат таъмин шавад, ки дар он ҳама ҷонибҳо ба таври муассир ва ҳосилнок ҳамкорӣ мекунанд, барои эҷоди ҷойҳои кор ва беҳтар кардани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо.

Ҳамин тавр, вазъияти кунунии ба амаломадаи демографӣ ба ташаккули динамикаи мусбати фаъолияти иқтисоди кишвар мусоидат мекунад. Дар давоми даҳ соли оянда тамоюли афзоиши солона дар соҳаҳои иқтисоди кишвар низ бояд мушоҳида карда мешавад: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар саноат ва аксар соҳаҳо он, аз ҷумла ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар сохтмон ва саноати сӯзишворӣ ба таври динамикӣ хеле афзоиш хоҳад ёфт ва то андозае шиддатнокиро дар бозори меҳнат коҳиш хоҳад дод.

Тибқи пешгӯиҳои мо, дар солҳои наздик талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он дар бозори меҳнат аз ҷиҳати миқёс ва сохтори он мувофиқат нахоҳанд кард. Иқтисодиёт то ҳол ба иқтидори кофии пурра ноил нашудааст, ки ҷойҳои кориро ҳаматарафа таъмин намояд. Дар баробари ин, ҳалли мушкилоти марбут ба бекорӣ ва шуғли нопурра, қисман бекорӣ, андешидан ва татбиқи маҷмуи тадбирҳои сиёсати макроиқтисодӣ, инчунин тадбирҳои иҷтимоию сиёсӣ дар бозори меҳнатро тақозо мекунад.

Тадқиқотҳое, ки барои муайян кардани вазъи ояндаи бозори меҳнат гузаронида шуданд, баёнгарди он аст, ки бозори меҳнатро метавон ҳамчун як низоми дорои сохтори иерархӣ муаррифӣ кард. Низоме, ки ҷузъҳои функсионалии он аз омилҳои зиёд, аз қабили омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва технологӣ вобаста аст, дар навбати худ бо бисёр меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, маълумотҳо ва ғайра тавсиф карда мешавад. Дар баробари ин, бисёр нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва омилҳое, ки унсурҳои

сохтории бозори меҳнат ва манбаъҳои ташаккули онҳоро тавсиф мекунанд, аксар вақт хусусияти сифатӣ ва нобаробарӣ доранд, на ҳатман микдорӣ. Ин нишондиҳандаҳо ба таври аниқ ва мувофиқ барои арзёбӣ ва баён кардани эҳтимолоти пешбинишаванда, тафсири натиҷаҳо ва фаҳмидани муносибатҳо байни омилҳо ва структураҳои бозори меҳнат истифода мешаванд. Далели мазкур зарурати ҷалби коршиносонро (мутахассисони баландихтисосро) ба раванди пешгӯии вазъи бозори меҳнат ва интихоби дастгоҳи расмӣ барои ба расмият даровардан ва моделсозии донишҳои экспертӣ, асосноккунӣ ва баҳодиҳии мутахассисон муайян мекунад.

Вобаста ба таҳқиқоти гузаронидашудачунин самтҳои стратегии танзими бозори меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем.

1. Тақвияти таъминоти институтсионалии танзими рушди бозори меҳнат, бо дар назардошти кам кардани ҳаҷми фаъолиятҳои танзимнашаванда ва миқдори ҷойҳои кории ғайрирасмии таъсисдодашуда.

Дар ин раванд зарур аст, субсидияҳои махсуси давлатӣ барои музди меҳнати ҷавонони бо кор таъминшуда, бекорон ё шахсони синни то нафақа ба андозаи муайяни хароҷоти корфармо барои таълими касби онҳо ва ташкили соҳибкории хурд ҷудо карда шавад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ аст, ки тачрибаи аврупоии квотакунонии ҷойҳои корӣ барои категорияҳои коргарони ғайри қобили рақобат тавассути таҳияи нақшаи умумии чорабиниҳо бо мақсади ҷудо намудани квотаҳо барои шуғли шаҳрвандони онҳо дар доираи татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ амалӣ карда шавад. Тақвият додани қонунигардонии ҷойҳои кории ғайрирасмӣ тавассути кам кардани хароҷоти пулӣ ва ғайрипулии корфармоён, ки бо қабул ва аз кор озод кардани коргарон алоқаманд аст, мусоидат ба ҷорӣ намудани навъҳои инноватсионӣ ба монанди «қарордодҳои иҷтимоӣ», ва таҳияи шаклҳои навтарини шуғли ғайрирасмӣ, дар кишвар зарур аст. Ин тадбирҳо метавонанд кӯмак кунанд, ки бозори меҳнат барои шаҳрвандон бештар қонунигард ва устувор шавад, дар ҳоле ки ҳамзамон барои корфармоён шароити осон ва самаранок барои таъсиси ҷойҳои кории қонунии ғайрирасмӣ фароҳам оварда мешавад.

Диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар бо мақсади таъмини шуғли пурсамар, баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва даромади аҳолӣ, ташкили худмашғулиятӣ ва ба тартиб даровардани фаъолияти соҳибкории инфиродии бақайдгирифтанашуда дар минтақаҳо ва деҳоти кишвар.

Дар ин раванд зарур аст, ки рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши ғайрикишоварзӣ ҳамчун самти асосии диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар ҳавасманд гардонида шаванд ва коркард ва амалисозии лоиҳаҳо дар самти рушди соҳибкории ва савдо дар минтақаҳои кишвар ба роҳ монда шавад. Фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ барои некуаҳволии мардуми деҳоти кишвар дар минтақаҳои кӯҳсор, ки имконияти рушди сайёҳӣ ва коркарди маъданҳои кӯҳиро доранд, зарурати коркарди механизми иқтисодии маблағгузории онҳоро тақозо менамояд. Фаъолгардонии рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он, рушди коркарди дастии тилло дар минтақаҳо, такмили кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо оид ба ҷалби сармоягузорӣ дар самти рушди сайёҳӣ, дастгирии ҳаматарафаи соҳибкорӣ объектҳои навро барои таъмини шуғл фароҳам оварда метавонад.

3. Татбиқи механизми ташкилии беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозорҳои хурди меҳнат ва фаъол кардани фаъолияти соҳибкории аҳолӣ барои рушди иқтисод ва кӯмак ба ташкилотҳои хусусӣ ва мутахассисони маҳаллӣ муҳим аст. Механизми мазкур метавонад тавассути рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар минтақаҳо, таъсиси муассисаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ, аз ҷумла ширкатҳои машваратӣ ва аудиторӣ, паркҳои технологӣ, марказҳои тиҷоратӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои лизингӣ, ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ, сармоягузорӣ ва фондҳои инноватсионӣ амал кунад. Ин ташаббусҳо барои эҷоди имкониятҳои нави корӣ, дастгирии ширкатҳои хурд ва миёна ва боиси беҳтаршавии муҳити иқтисодӣ дар кишвар мешаванд.

4. Таъсиси низоми самараноки муҳити маъмурӣ ва иттилоотию иртиботӣ бо мақсади васеъ намудани пешниҳодҳои такрористеҳсолии сифатӣ ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат зарур аст. Ин низом кӯмак мекунад, ки рушди

бозори меҳнат бо баён кардани талаботи сифатии коргарон ва мувофиқ кардани онҳо бо эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодӣ бештар самаранок ва устувор шавад.

Дар ин раванд таҳия ва татбиқи барномаи омодасозии кадрҳои баландихтисос, зиёд намудани ҳаҷми фармоишҳои давлатӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои илмию педагогӣ ва тахассусӣ, таҳияи методологияи муайян намудани эҳтиёҷоти дурнамои бозори меҳнати ноҳияҳо зарур аст. Ҳамзамон, ба роҳ мондани корҳои марказҳои омӯзишӣ ва машваратӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои таълим ва такмили ихтисоси соҳибмулкон ва ҳайати кормандони онҳо, то дараҷае истифодаи самараноки захираҳои меҳнатиро таъмин менамояд.

5. Такмили таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ ва баланд бардоштани миқёси шуғли аҳолӣ дар бозорҳои дохилӣ.

Таъсиси муассисаҳои махсуси шуғли аҳолӣ бо мақсади таъмини шуғл ва рушди ҳамкориҳои байни корфармоёни хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи шуғли доимӣ ва таҳияи таъмини кадрҳо самаранокии равандҳои муҳоҷиратро дар кишвар баланд бардошта метавонад. Ҷиҳати пурзӯр намудани ҳимояи ҳуқуқӣ ва пешниҳоди кафолатҳои иҷтимоӣ ба муҳоҷирон дар хориҷи кишвар, расонидани кумак дар ҳифзи манфиатҳо дар ҳалли муноқишаҳои меҳнатӣ бо корфармоёни хориҷӣ барои муҳоҷирони меҳнатии ватанӣ, ҳангоми будубоши онҳо дар хориҷа, барои ин дар заминаи намояндагиҳои дипломатӣ кушодани марказҳои машваратӣ, ҳамкорӣ бо марказҳои диаспораҳо, таҳияи нақшаи чорабиниҳо роҷеъ ба татбиқи сиёсати муҳоҷират бо таваҷҷуҳ ба имкониятҳо ва манфиатҳои шуғли аҳолӣ дар кишвар мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар баробари чораҳои дар боло зикршуда барои мукамалгардонии низоми фаъолияти бозори меҳнат чораҳои иловагиро пешниҳод намудан мумкин аст. (ҷадвали 5.3.2).

Ҷадвали 5.3.2.- Самтҳои асосии дахолат ба шуғл дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

	ЧОРАБИНИҲО	МАҲСУЛНОКӢ	НАТИҶАҲОИ ИНТИЗОРӢ
ТАШКИЛИ ТРЕНИНГҲО ОИД БА РУШДИ МАЛАКАҲОИ КАСБӢ	1. Ташкили курсҳо оид ба омӯзиши малакаҳои техникӣ ва соҳибкорӣ. 2. Ташкили тренингҳо оид ба саводноккунии кормандон. 3. Ташкили таҷрибаомӯзӣ дар истеҳсолот. 4. Такшили корҳои волантёрӣ. 5. Таъмини ҳавасмандгардонии моддӣ ба шуғли ҷавонон ба таълимот фаро гирифташудаанд.	1. Такмили салоҳиятҳои касбӣ дар соҳаи мушахха.с 2. Такмили малакаҳои идоракунӣ ва фаҳмиши механизмҳои пешбурди соҳибкории. 3. Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ. 4. Такмили малакаҳои ҳисобдории кормандон. 5. Такмили малакаҳои равонӣ, қабули қарор, муошират ва кори дастаҷамъӣ. 6. Баланд бардоштани худдидоракунӣ ва худбаҳодиҳӣ. 7. Беҳтар намудани саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ.	1. Баланд бардоштани эҳтимолияти таъминот бо шуғл. 2. Коҳиш додани вақти дарёфти кор баланд бардоштани самаранокии раванди ҷустуҷӯи кор. 3. Баланд бардоштани қобилияти нигоҳ доштани кор. 4. Сифати беҳтари шуғл. 5. Афзоиши даромад ё истеъмолот. 6. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ.
ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ СОҲИБКОРӢ	1. Омӯзиши соҳибкорӣ ва менеҷмент. 2. Хизматрасонии машваратӣ оид ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ. 3. Дастрасӣ ба бозорҳои мол ва ҳалқаҳои ташаккулёбии арзиши иловашуда. 4. Пешниҳоди қарзҳо. 5. Пешниҳоди грантҳо. 6. Рушди микрофранчайзинг.	1. Такон додани рушди соҳибкорӣ, малакаҳои соҳибкорӣ ва идоракунии аҳолӣ. 2. Фаҳмиши беҳтари амалияҳои соҳибкории, қонунҳо ва қоидаҳо. 3. Афзоиши дастрасӣ ба бозорҳо ва шабакаҳо. 4. Афзоиши дастрасӣ ба сармоя ё хизматрасониҳои молиявӣ. 5. Афзоиши ҳавасмандӣ оид ба таъсиси соҳибкори оилавӣ.	1. Баланд бардоштани эҳтимолияти шуғл ё шумораи соатҳои корӣ. 2. Афзоиши даромад ё истеъмол дар байни соҳибкорони ҷавон. 3. Оғози соҳибкории. 4. Афзоиши сармоягузории фаъолият соҳибкории, ва рақобатпазирӣ. 5. Таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ.

Идомаи ҷадвали 5.3.2.

ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР САМТИ ШУҒЛ	1.Пешниҳоди хизматрасонии миёнаравӣ. 2.Таъмини хизматрасониҳои бо кор таъмин намудани бекорон. 3.Арзёбӣ ва мувофиқ кардани корҷӯён ва иқтидори корфармоён. 4.Маркетинги одамони имконияташон маҳдуд ба корфармоён. 5.Мутобиқ намудани бекорон бо ҷои кори холӣ. 6.Машварат оид ба кор/ кумак дар ҷустуҷӯи кор.	1. Иштирок дар раванди танзими бозори меҳнат 2. Такмили малакаҳои ҷустуҷӯи кор. 3. Баланд бардоштани шиддат, ҳавасмандӣ ва самаранокии ҷустуҷӯи кор. 4. Қабули қарорҳои бештар асоснокшуда оид ба сармоягузорӣ дар бахши шуғл.	1. Баланд бардоштани эҳтимолияти шуғл ё шумораи соатҳои корӣ. 2. Афзоиши даромад ё истеъмол дар байни соҳибкорони ҷавон. 3. Оғози тиҷорат. 4. Афзоиши сармоягузории фаъолият соҳибкории, ва рақобатпазирӣ. 5. Таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ
СУБСИДИЯКУНОНИИ ШУҒЛ	1. Субсидияи музди меҳнат тавассути андоз аз музди меҳнат. 2. Пардохтпулиҳои мустақим ба ҷавонон ё корфармоён. 3. Маблағгузории корҳои камтақозо.	1. Таъсиси ҷойҳои кории мустақим. 2. Рушди робитаҳо байни иштирокчиёни бозор. 3. Баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат. 4. Ташаккули малакаҳо ё баланд бардоштани малакаҳои корӣ тавассути омӯзиш дар ҷои кор. 5. Муносибати бештар мусбат ба шуғл. 6. Ҳавасмандгардонии шуғл.	1. Баланд бардоштани эҳтимолияти шуғл. 2. Муҳлати кӯтоҳтари бекорӣ дар оянда/ҷустуҷӯи кори муассиртар. 3. Баланд бардоштани қобилияти нигоҳ доштани кор. 4. Сифати беҳтари кор. 5. Афзоиши даромад ё истеъмол. 6. Афзоиши даромад аз шуғл, аз ҷумла сармояи инсонии дарозмуддат.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Ҳамин тавр, зарурати объективии таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳо барои баланд бардоштани самаранокии танзими бозори меҳнат дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ба миён меояд. Самтҳои мақсадноки чораҳои зикршуда аз инҳо иборатанд: ташкили низоми муассири таъминоти институтсионалӣ, маъмурӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва иттилоотии танзими бозори меҳнат, тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии танзими бозори меҳнат, рушди салоҳиятнокии иттилоотӣ – иртиботии мутахассисон бо мақсади таъмини рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ, сиёсати даромад ва музди меҳнат, танзими ҳуқуқии фазои муҳоҷират ва ғ.

Дар асоси пажуҳиши гузаронидашуда хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар даҳсолаи оянда самти муҳимми танзими бозори меҳнат аз тарафи давлат бояд ба таъсиррасонӣ ба дараҷаи шуғл тавассусти таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди механизми омӯзиши касбии кормандон, мусоидати ба бекорон дар таъмини ҷои кор ва ҳифзи иҷтимоии онҳо ба шумор меравад. Қайд кардан зарур аст, ки чораҳо оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, омодасозӣ ва аз навтаълимдиҳии кормандон чораҳои танзими мустақими бозори меҳнат ба шумор меравад. Шуғли аҳолӣ воқеан, нишондиҳандаи муҳим дар баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ба шумор меравад. Барои беҳтар кардани шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ҳамчунин қабули чораҳои иловагӣ дар самти мукаммалгардонии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ зарур аст. Дар ин замина давлат метавонад чунин чораҳои иловагиро роҳандозӣ намояд:

- механизми самарабахши татбиқи муқаррароти қонунгузории меҳнат, махсусан дар соҳаи ба кор қабул шудан, аз кор озод шудан, ҳифзи иҷтимоӣ, таъсиси шароити мусоиди меҳнат ва ҳифзи меҳнати кироякоронро фароҳам оварад;

- бекории оммавиро, ки бо дигаргунсозиҳои сохторӣ алоқаманд аст, бо назардошти тағйир ёфтани арзиши аслии зиндагонӣ пешгирӣ намояд, сатҳи ҳадди ақали музди меҳнатро вобаста ба тағийироти ба вуҷудомада, то сатҳи

арзиши сабади истеъмолии ҳадди ақал баланд бардорад, ҳамчунин аҳолиро бо хизматрасониҳои зарурии пулакӣ ва ройгон таъмин намояд;

- омодасозии кадрҳои баланихтисосро вобаста ба тақозо ва арза дар бозори меҳнат, ҳамчунин бо мақсади нисбатан самаранок истифода кардани захираҳои меҳнатӣ ба роҳ монад;

- ба рушди равандҳои муҳоҷират ба кишварҳои сеюм, ки нисбатан имконияти васеъи кор ва зиндагӣ вуҷуд дорад, мусоидат намояд;

- ҷойҳои кории нав таъсис дода, ҷойҳои кории мавҷударо ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонад.

Хулосаҳо нисбат ба зербоб:

Дар маҷмуъ, вобаста ба таҳқиқи масъалаи роҳҳои асосии такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Тақвияти таъминоти институтсионалии танзими рушди бозори меҳнат, бо дарназардошти кам кардани ҳаҷми фаъолиятҳои танзимнашаванда ва миқдорӣ ҷойҳои ғайрирасмии таъсисдодашуда.

2. Диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар бо мақсади таъмини шуғли пурсамар, баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва даромади аҳолӣ, ташкили худмашғулиятӣ ва ба тартиб даровардани фаъолияти соҳибкории инфиродии бақайдгирифтанашуда дар минтақаҳо ва деҳоти икшвар.

3. Татбиқи механизмҳои ташкилии беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозорҳои хурди меҳнат ва фаъол кардани фаъолияти соҳибкории аҳолӣ хеле муҳим аст. Барои расидан ба ин мақсад, таъсиси низоми самараноки муҳити маъмурӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ зарур аст, ки ба васеъ кардани пешниҳодҳои такроистеҳсолии сифатӣ ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат мусоидат мекунад. Ин низом метавонад бо муҳити иқтисодӣ ва иттилоотии дуруст ва мувофиқ барои корфармоён ва коргарон кӯмак кунад, ки дар натиҷа ба баланд шудани самаранокии иқтисод ва рушди устувори бозори меҳнат оварда

мерасонад. Ҳамчунин такмили таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ ва баланд бардоштани миқёси шуғли аҳолӣ дар бозорҳои дохилӣ зарур аст.

4. Дар шароити рушди динамикии иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсири афзояндаи равандҳои глобалӣ ба бозори меҳнат, зарурати объективии таҳия ва татбиқи тадбирҳои фарогир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии танзими бозори меҳнат дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат пеш омадааст. Чунин зарурат натиҷаи мушкилоти мураккаби сохторӣ, номувофиқии тахассусии қувваи корӣ, равандҳои босуръати рақамикунонӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва афзоиши талабот ба малакаҳои нав мебошад. Дар ин замина, самтҳои асосии тадбирҳо бояд ташкили низоми муассири таъминоти институтсионалӣ, маъмурӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва иттилоотии танзими бозори меҳнатро дарбар гиранд. Ин тадбирҳо аз ҷумла, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии фаъолияти бозори меҳнат, такмили механизмҳои рақамии идоракунӣ, рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии мутахассисон бо ҳадафи баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар муҳити иқтисоди муосир, густариши низоми шарикии иҷтимоӣ байни давлат, бахши хусусӣ ва иттифоқҳои касаба, таҳияи сиёсати оқилонаи музди меҳнат ва даромад барои таъмин намудани ҳавасмандгардонии қувваи корӣ ба сифат, инчунин танзими ҳуқуқии фазои муҳоҷиратро дар бар мегиранд. Татбиқи ҳамоҳангшудаи ин чорабиниҳо метавонад ба ташаккули бозори меҳнати устувор, мутобиқ ва рақобатпазир дар доираи стратегияи рушди миллӣ мусоидат намояд.

Барои беҳтар кардани шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ҳамчунин зарур аст, ки чораҳои иловагӣ дар самти мукаммалгардонии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ қабул карда шавад.

ХУЛОСА

А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст, ки механизми танзими давлатии фаъолияти самараноки бозори меҳнат, маҷмӯи тадбирҳо, усулҳо ва воситаҳоеро дар бар мегиранд, ки бо истифода аз қонунҳои умумии иқтисодӣ ва стратегияҳои махсус, метавонанд таъсири муассир ба сатҳи шуғл дошта бошанд. Ин механизмҳо инчунин таҳлили қарорҳо ва фаъолиятҳое мебошанд, ки дар сатҳҳои гуногун (давлатӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ) қабул шуда, мақсади асосии онҳо ташкили шароити муносиб барои коҳиш додани бекорӣ ва баланд бардоштани самаранокии бозори меҳнат мебошад. Татбиқи чунин механизмҳо, ҳамчун воситаҳои танзимкунанда, барои эътидол овардан ва беҳтар намудани вазъи шуғл дар ҷомеа аҳамияти муҳим дорад. Танзими бозори меҳнатро метавон як намунаи заминавии низоми умумии танзими иқтисодӣ ҳисобида, он ҳамчун як навъ «механизми тавозун» дар системаи иқтисодӣ амал мекунад. Ин механизм вазифадор аст, ки барои ба эътидол овардани муносибатҳо ва равандҳои иқтисодии байни манфиатҳои гуногун ва талабот ба меҳнат кӯмак расонад, то ҳадафи асосии рушди устувор бошад [5-М].

2. Бо дарназардошти таҳқиқоти гузаронидашуда, дар асоси таҳлил ва синтези таърифҳои ҷойдошта, дар диссертатсия таърифи нави бозори меҳнат ҳамчун бозори меҳнат, ки маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷойе аст, ки дар он субъектҳои иқтисодӣ дар асоси қонунҳои бозорӣ ва унсурҳои таркибии он, яъне арзаю тақозои меҳнат, муносибатҳои меҳнатиро ба роҳ монда, амалиётҳои барои тарафҳо муфидро анҷом медиҳанд, пешниҳод карда шудааст. Ин таъриф бар хилофи таърифҳои пешина, ки бозори меҳнатро танҳо ҳамчун макон ё фазо, ки дар он коргарон ва корфармоён вомехӯранд, таваҷҷӯҳи бештар ба муносибатҳои иқтисодӣ ва механизмҳои бозорӣ, ки дар онҳо манфиатҳои тарафҳо тавассути талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат амал мекунад. Бо ин васила, бозори меҳнат ҳамчун як раванди динамикӣ ва фарогир дар шакли

умумии муносибатҳои коргарон ва корфармоён бо равандҳои қонунӣ ва иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад [4-М].

3. Аз нигоҳи муаллиф, бозори меҳнат ба ду самт тақсим мешавад; бозори давлатии меҳнат, бозори ғайридавлатии меҳнат:

а) Бозори давлатии меҳнат – ин механизмест, ки барои танзими раванди пардохти музди меҳнат ва шароити корӣ мусоидат мекунад, инчунин кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ, такрористеҳсол ва тақсимоти қувваи корӣ, тайёр кардани мутахассисон ва бозомӯзии мутахассисони соҳибихтисосро таъмин менамояд. Ин бозор инчунин ба таъмин кардани шуғли аҳолӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути амали қонунҳои талабот ва пешниҳоди меҳнат, ки барои равандҳои иқтисодии гуногун кӯмак мерасонанд, мусоидат мекунад.

б) Бозори ғайридавлатии меҳнат – ин механизмҳо ва муҳити байни коргарон (соҳибони меҳнат) ва соҳибкорон (корфармоён) аст, ки дар он равандҳои хариду фурӯш (киро) ва музди меҳнат амалӣ мешавад. Дар чунин бозор, ба ҷои дахолати мустақими давлат, муносибатҳо ва шартҳо дар асоси озодии иқтисодӣ, талабот ва пешниҳод дар соҳаи меҳнат ташкил ёфтаанд. Меҳнат дар бозори ғайридавлатӣ ҳамчун як мол ва ё хидмат фурӯхта мешавад, ки корфармоён барои он музд медиҳанд ва коргарон барои пешниҳод кардани қувваи корӣ шартҳои мувофиқро ҷустуҷӯ мекунанд.

Танзими бозори ғайридавлатии меҳнат дар асоси механизми озоди бозор амал мекунад, ки дар он амал кардани қонунҳои талабот ва пешниҳод, арзишу шартҳои бозори меҳнат ва сатҳи музди меҳнат тавассути ҷалби коргарон ва соҳибкорон мувофиқи эҳтиёҷот ва манфиатҳои дуҷониба ташкил мешавад. Дар чунин бозор, давлат на ҳамчун як омили мустақим, балки бештар ҳамчун танзимкунандаи муҳити қонунӣ ва зарурии молиявӣ барои ҳифзи ҳуқуқи меҳнат ва таъмини баробарии шартҳои меҳнатӣ амал мекунад [6-М].

4. Бар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, метавон хулоса кард, ки дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои амалӣ намудани тачрибаҳои институтсионалӣ, ки бо мақсади паст кардани шиддат дар бозори меҳнат ва беҳтар кардани вазъи шуғл равона шудаанд, тамоми шароити лозима

ва имкониятҳо мавҷуд мебошанд. Татбиқи чунин чораҳо дар минтақаҳои кишвар метавонад ба беҳтар кардани муҳити меҳнат ва афзоиши сатҳи шуғл кумак кунад. Таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки онҳо дар худ фишангҳои гуногуни таъсиргузор ба соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии худ доранд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки стратегияи ҳавасмандгардонии нигоҳдории ҷойҳои корӣ кӯҳна ва таъсиси ҷойҳои нави кориро амалӣ кунанд. Ин таҷрибаҳо ҳамчунин барои ҷалби гурӯҳҳои дорои рақобатпазирии пасти аҳолии кишварҳо, ки дар бозори меҳнат имкониятҳои маҳдуд доранд, ба фаъолияти меҳнатӣ равона шудаанд. Дар ин раванд, муҳим аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар кишвар тавассути истифодаи усулҳои муассири танзимкунӣ, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ санҷида шудаанд, рушд ёбад [10-М, 32-М].

5. Самтҳои муҳимми танзими бозори меҳнат – ин танзими равандҳои муҳоҷират мебошад. Кишварҳо бо истифода аз механизми танзими муҳоҷират метавонанд ба сатҳи шуғл дар дохили кишвар таъсир расонида, мувозинати макроиқтисодиро ба вуҷуд оваранд. Муҳоҷират, ҳамчун як ҷузъи муҳими муомилаҳои меҳнатӣ, метавонад дар тағйироти назарраси вазъи шуғл ва иқтисодии кишвар нақши муҳим бозад. Таҷрибаи баъзе давлатҳо, ки сиёсатҳои муҳоҷиратии худро бо муваффақият татбиқ кардаанд, нишон медиҳад, ки онҳо тавонистаанд барои ҳалли мушкилоти шуғл ва иқтисод дар кишвар шароити беҳтар эҷод кунанд. Барои намуна, баъзе кишварҳо муҳоҷиратро ҳамчун як манбаи муҳим барои пур кардани ҷойҳои корӣ ва таъмини қувваи корӣ дар соҳаҳои муҳим, ки дар онҳо маҳдудияти кадрӣ вуҷуд дорад, истифода мебаранд. Дар ҳолати дигар, давлатҳои дигар дар роҳҳои танзими муҳоҷират ва баён кардани сиёсати дуруст ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мешаванд. Масалан, дар баъзе ҳолатҳо, муҳоҷирати бебозгашти мардум ва набудани сиёсати устувор метавонад боиси камбуди нерӯи корӣ ва таҳдидҳо ба таҳаввулоти иҷтимоии кишвар гардад. Аз ин рӯ, барои пешгирии чунин мушкилот, муҳим аст, ки кишварҳо сиёсати муҳоҷирати устуворро амалӣ намоянд [8-М].

6. Ба андешаи мо, дар шароити иқтисоди гузариш, ҳангоми таҳияи сиёсати танзими шуғл, ки ба муҳоҷират асос ёфтааст, дар доираи барномаи ягонаи мамлакат бояд ба ҷанбаҳои муҳим диққати махсус дода шавад. Аввалан, дуруст ҷобаҷокунии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ки имконият медиҳад, ки манбаъҳои меҳнат ба таври самаранок ба соҳаҳои муҳим равона шаванд, бидуни ширкати давлат дар равандҳои ҷараёндоштаи муҳоҷират амалӣ кардан ғайриимкон аст. Давлат бояд барои танзими муҳоҷират ва роҳнамоии қувваи корӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат нақши фаъоли худро иҷро кунад. Дуюм, самти муҳоҷирати аҳолӣ бояд на аз тариқи дахолати мустақим, балки бо истифода аз методи таъсири бавосита, аз қабили таҳия ва пешниҳоди сиёсати беҳтар, тарҳрезии барномаҳои мақсаднок ва ташкили шароити муносиб барои рушди муҳоҷирати меҳнатӣ, тағйир дода шавад. Ҳадаф бояд таъсис додани муҳити дуруст барои муҳоҷирати коргарон ва ҷалби онҳо ба бахшҳои устувор ва саривақтӣ бошад. Сеюм, муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд дар шароити иқтисоди гузариш бо саҳм гузоштан дар баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар нақши муҳим бозанд. Муҳоҷирон метавонанд ба раванди иқтисодӣ ва шуғл мусоидат намоянд, ки дар натиҷа сатҳи зиндагии мардум беҳтар мешавад. Чорум, барои тавсеаи иқтисоди миллӣ ва ноил шудан ба рушди устувор, иқтидори истеҳсолии мамлакат бояд барқарор ва таҳкими ёбад. Ҳадаф бояд дар ҷалби сармоя, навоварӣ ва рушди инфрасохтор буда, ҳамаи ин омилҳо барои рушди саривақтӣ ва устувори иқтисоди кишвар зарурӣ мебошанд. Панҷум, таъмини музди меҳнати арзанда ба кормандони дар бахши расмии иқтисодӣ фаъолияткунанда, ки на танҳо бо ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳо, балки бо баланд бардоштани сатҳи шуғл ва беҳтар намудани шароити корӣ, бевосита ба рушди иқтисод ва кам кардани бекорӣ мусоидат мекунад [31-М].

7. Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, сиёсӣ, демографӣ ва ҷуғрофӣ дар кишвар алоқаманд мебошад. Рушди босамари бозори меҳнат як омили асосии баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва як нишондиҳандаи калидии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Дар

шароити муосири иқтисодӣ, омили муҳимтарини рушди бозори меҳнат решакан кардани мушкилоти бекорӣ ва кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Муҳоҷирати меҳнатӣ, ки асосан талаботи қувваи кориро муайян мекунад, на танҳо ҳамчун як ҳаракати мардум, балки ҳамчун як раванди мураккаби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Ин раванд метавонад таъсироти амиқ ба мувозинати бозори меҳнат, рушди иқтисод ва ҳолати иҷтимоии аҳолӣ дошта бошад, ки барои муваффақияти сиёсати шуғл ва рушди устувори иқтисодӣ зарур аст. Ин раванд метавонад ба бисёр паҳлуҳои ҷомеа таъсир расонад, аз ҷумла ба масъалаҳои хонавода, саломатӣ, таълим ва рушди устувори минтақаҳо. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии шуғл ва баланде шудани сатҳи шуғли аҳолӣ, ҳамчунин кам кардани бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатии номатлуб, бо истифода аз шаклҳои гуногуни ташкили меҳнат ва муҳити мувофиқ барои рушди коргарон беҳтар мегардад. Ба тариқи муқоиса, метавонад як қатор даврaҳои дарозмуддат нишон диҳад, ки самаранокии муносибатҳо дар бозори меҳнат, яъне таъсири татбиқи сиёсати дуруст дар муҳити меҳнатӣ, дар ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Дар натиҷа, барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум, бояд бозори меҳнат ҳамчун як ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ дар мамлакат эътироф шуда, ба он таваҷҷуҳ ва чораҳои муассир равона карда шаванд [18-М, 49-М].

8. Бояд қайд намуд, ки дар тӯли зиёда аз даҳ сол захираҳои меҳнатии Тоҷикистон дар аксари давлатҳои ИДМ ва дигар кишварҳои хориҷӣ истифода шуда, дар рушди иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва иқтидори зеҳнию иҷтимоии ин давлатҳо саҳми назаррас гузоштаанд. Аҳолии қобили меҳнати мамлакат, бо мустақилона бартараф кардани монеаҳои бузурги иқтисодӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ, барои дарёфти ҷойи кор ва таъмини зиндагӣ ба дигар давлатҳо сафар мекунанд. Ин раванд ба муҳоҷирон имконият медиҳад, ки дар кишварҳои хориҷӣ на танҳо ҷойи кор пайдо кунанд, балки таҷрибаи корӣ ва касбӣ низ пайдо кунанд, ки ба рушди шахсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат мекунад. Ҷанбаи мусбати муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, албатта, даромадҳои иловагӣ ва

нисбатан баланди оилаҳоест, ки яке аз аъзояшон «барои кор» ба хориҷа рафтааст. Аз ҷониби дигар, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ шиддатнокиро дар бозори меҳнат коҳиш медиҳад, зеро дар натиҷаи муҳоҷират, баъзе коргарон аз бозори дохилии меҳнат хориҷ мешаванд, ки барои фароҳам овардани ҷойҳои кории бештар барои аҳолии боқимонда мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, муҳоҷират метавонад ба сатҳи шуғл ва устувории бозори меҳнат дар дохили кишвар таъсири мусбӣ расонад, ки ба таҳкими иқтисоди миллӣ ва кам кардани сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад.

9. Муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон бо иштироки фаъолона дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва хизматрасонӣ, инчунин тавассути татбиқи малакаҳои касбӣ ва таҷрибаи амалӣ, ба пешрафти бахшҳои муҳими иқтисоди кишварҳои қабулкунанда мусоидат намудаанд. Ин раванд дорои манфиатҳои дуҷониба мебошад: барои кишварҳои қабулкунанда, муҳоҷирати меҳнатӣ имкони истифодаи қувваи кории нисбатан арзонро фароҳам оварда, ба афзоиши маҳсулнокӣ ва даромаднокии иқтисодӣ мусоидат мекунад, барои Тоҷикистон бошад, муҳоҷирати меҳнатӣ ба сифати воситаи муҳими дастгирии молиявии оилаҳо амал мекунад, зеро муҳоҷирон ба ватан маблағҳои назаррасе мефиристанд, ки дар натиҷа сатҳи даромад ва сифати зиндагии хонаводаҳои онҳо боло меравад. Илова бар ин, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар дохили кишвар таъсири устувор дошта, ба коҳиши фишор дар бозори меҳнат, махсусан дар шароити номувозинатии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ, ин раванд ҳамчун ҷузъи муҳими танзими ғайримустақими бозори меҳнат ва механизми ғайрианъанавии баланд бардоштани устувории иҷтимоии аҳолӣ арзёбӣ мешавад. [8-М].

10. Таҳлили мутаҳаррикии муҳоҷиратии аҳолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи нафароне, ки дар хориҷа фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ доранд, хеле зиёдтар аз шумораи нафаронест, ки расман тавассути мақомоти давлатӣ ба кор даромадаанд. Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташкил ва танзими муҳоҷирати меҳнатии

хориҷӣ аҳамияти бештар касб мекунад, ки барои аксари давлатҳои дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолиятдошта, хос аст [7-М].

11. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи шуғли аҳолӣ дар иқтисоди миллӣ ба таври мустақим ба ҳаҷм ва сохтори хароҷоти умумии дохилӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, дар байни чор манбаи асосии хароҷоти умумӣ истеъмоли ниҳоӣ, хароҷоти давлатӣ, содирот ва сармоягузорӣ танҳо ду унсур, яъне сарфаи давлатӣ барои сармоягузориҳои асосӣ ва сармояи хусусӣ, ҳамчун манбаъҳои калидии ташаккули иқтидорҳои истеҳсолии нав баромад мекунанд. Вале истифодаи ин манбаъҳо ба як қатор маҳдудиятҳои сохторӣ ва молиявӣ мувоҷеҳ аст. Аз як тараф, маҳдуд будани имкониятҳои буҷаи давлатӣ ва вобастагии он ба даромадҳои андозӣ, ки хусусияти ғайримустақими фишори молиявӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ доранд, метавонад ба коҳиши ҳавасмандии субъектҳои хоҷагидорӣ барои тавсеаи истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои корӣ оварда расонад. Натиҷаи ин раванд паст шудани сатҳи сармоягузории давлатӣ ва дар маҷмуъ, нокифоягии маблағгузорӣ барои дастгирии рушду инкишофи соҳаҳои истеҳсолӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ҷалби сармояи хусусӣ, хусусан дар шакли сармоягузориҳои дарозмуддат, ба омилҳои номуайян ва хавфҳои макроиқтисодӣ сахт вобастагӣ дорад. Норасоии кафолатҳо, сатҳи баланди хавфи иқтисодӣ, номукаммалии муҳити институтсионалӣ ва набудани механизмҳои устувори ҳимояи сармоягузор ба паст шудани омодагии бахши хусусӣ барои ташкили лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ боис мешавад. Дар маҷмуъ, маҳдудияти сармоягузории дарозмуддат ба яке аз монеаҳои асосии ташаккули рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул табдил ёфта, зарурати ислоҳоти институтсионалӣ, сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузориро бештар гардонад. Танҳо дар чунин шароит имкони таъмин намудани рушди шуғли устувор ва фарогири аҳолии қобили меҳнат вуҷуд хоҳад дошт. [21-М, 22-М, 23-М, 26-М].

12. Бо дарназардошти таҳқиқоти ба сомон расонидашуда, муаллиф анҷом додани корҳои зеринро дар самти танзими давлатии бозори меҳнат зарур мешуморад:

Якум, бояд истилоҳоти соҳаи меҳнат, шуғл ва бозори меҳнат муайян карда шаванд, то ҳадди дақиқи мақоми мухталиф дар бозори меҳнат фаҳмида шавад. Ин барои ба таври дуруст дарк кардани муносибатҳо ва ҳадафҳои соҳа зарур аст.

Дувум, шаклҳои қонунии муносибатҳои меҳнатӣ бояд муайян гардида, қонунгузорӣ дар ин соҳа такмил дода шавад, ки ба рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи коргарон мусоидат кунад.

Сеюм, таҳия ва ҷорӣ намудани номгуйи нави касбҳо (шуғлҳо) мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои касбӣ барои беҳтар кардани системаи коргарӣ ва мутобиқ кардани мутахассисон бо талаботи бозор зарур аст.

Чаҳорум, бо ҷалби шарикони сеҷониба Дастурамал барои корфармоён оид ба қонунгузории меҳнат ва шуғл, идоракунии захираҳои инсонӣ таҳия карда шавад, ки барои рушди самараноки сиёсати меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии коргарон муҳим аст.

Панҷум, ҳисоботи оморӣ бояд такмил дода шавад, ва дар тадқиқоти қувваи корӣ нишондиҳандаҳо барои гузаронидани таҳлили мунтазами муносибатҳои меҳнатӣ дохил карда шаванд, ки барои гирифтани маълумоти дуруст ва эҷоди сиёсати устувор дар бозори меҳнат зарур аст.

Шашум, созишномаҳои дуҷониба бо кишварҳои ИДМ вобаста ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бояд ба имзо расонида шаванд, ки принсипҳои бунёдии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи меҳнатии муҳоҷиронро, ки дар Конвенсияҳои Созмонҳои Байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, таҷассум кунанд.

Ин тадбирҳо барои рушди устувори бозори меҳнат, дурустии идоракунии захираҳои инсонӣ, ҳифзи ҳуқуқи коргарон ва беҳтар кардани сатҳи шуғл ва вазъи иқтисодӣ дар кишвар кӯмак мерасонанд [30-М].

Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

13. Ба андешаи мо, бо мақсади равиши нисбатан боэътимодтар барои муайян кардани шуғли ғайрирасмӣ, тавсия дода мешавад, ки шуғли ғайрирасмӣ ҳамчун як намуди муносибатҳои меҳнатӣ бидуни бастани шартномаи расмии меҳнатӣ байни корманд ва корфармо баррасӣ карда шавад. Ин намуди шуғл дар асоси созишномаҳои шифоҳӣ ё шартномаҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ татбиқ мегардад, ки дар он тарафҳо ба созиш расида, талабот ва шароити корӣ муайян мешаванд, вале барои гузариш ба муносибатҳои расмии меҳнатӣ шартҳои қонунии дигар амал мекунанд. Дар чунин ҳолат, назар ба шуғли расмӣ, ки бо шартномаи меҳнатӣ ва ҳуқуқи кафолати иҷтимоии мутобиқ пайванд дорад, шуғли ғайрирасмӣ нисбатан мутобиқшуда ба талабот ва вазъи конъюнктурии бозори меҳнат аст. Аммо, бо вуҷуди онро, эҳтимолияти камбудиҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии, ки метавонад коргарон ва корфармоёнро ба мушкилот мувоҷеҳ кунад, низ назаррас аст. Аз ин рӯ, барои роҳандозии самараноки чунин тартиб, зарур аст, ки механизми дуруст ва қонунигардонии шуғл дар ҳар ду қисм таҳия ва амалӣ шавад [29-М].

14. Барои решакан кардани мушкилоти мазкур, пеш аз ҳама, бояд дарк кард, ки на танҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ-психологӣ низ ба паҳншавии падидаи мазкур мусоидат мекунанд. Омилҳои зиёде мавҷуданд, ки боиси паҳншавии падидаи номбурда мегарданд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, мавҷудияти шуғли ғайрирасмӣ на ҳама вақт танҳо оқибатҳои манфӣ дорад, балки аксар вақт ба манфиатҳои коргарон ва корфармоён ҷавобгӯ аст, ки ин на танҳо баланд бардоштани сифати қонунгузории меҳнатро дар самти фароҳам овардани «шароити қонунгузорӣ барои шуғли нисбатан фасеҳтар, аз ҷумла ворид намудани категорияҳои нави коргарон дар сохтори шуғли аҳолӣ» тақозо мекунад [49-М].

15. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муваффақият дар коҳиш додани миқёси шуғли ғайрирасмиро танҳо тавассути татбиқи як сиёсати фарогири соҳаҳои гуногуни танзим, омезиши механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва таҳримҳо, аз ҷумла ҳадафҳои васеътар барои такмили институтҳо, ислоҳоти иқтисодӣ ва

тағйир додани меъёрҳои иҷтимоӣ ба даст овардан мумкин аст, ки ба коҳиши қобили қабули муносибатҳои ғайрирасмӣ оварда мерасонанд. Дар доираи тадқиқот тавсияҳо оид ба кам кардани шуғли ғайрирасмӣ ва музди меҳнати пинҳонӣ бо назардошти ҳам таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам хусусияти сабабҳои шуғли ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон ва талошҳое, ки ҳукумат дар ин самт пайгирӣ менамояд, таҳия шудаанд [29-М].

16. Дар асоси гуфтаҳои боло, бо такя ба тадқиқоти байналмилалӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашудаи роҳҳои ҳалли мушкилоти шуғли ғайрирасмии аҳолӣ, татбиқи чунин чорабиниҳои мукаммалро дар соҳаи шуғл мувофиқи мақсад мешуморем:

- татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ба манфиати шуғл, ки тақозои маҷмуӣ, сармоягузории самаранок ва тағйироти сохторӣ ба таъсиси корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст;

- такмили сиёсати андозбандӣ ва инфрасохтори соҳавӣ, ки ба афзоиши шуғли аҳолӣ, рушди ҳосилнокии меҳнат, равандҳои сабуккунандаи тағйироти сохторӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва саноат мусоидат мекунад;

- таҳияи сиёсати корпоративӣ, ки корхонаҳои устувор, аз ҷумла корхонаҳои хурд ва миёна ва фаъолияти соҳибкориро дастгирӣ мекунад, инчунин санадҳои дуруст ва шаффофи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои мусоидат ба гузариш ба бахши расмӣ ва таъмини рақобати одилонаро таъмин менамояд;

- малака ва таҳсил дар қонеъ кардани ниёзҳои доимо тағйирёбандаи бозори меҳнат ва технологияҳои нав, ҷорӣ намудани низоми омӯзиши якумрӣ, ки барои рушди устувори бозори меҳнат ва ташкили муҳити устувори шуғл кӯмак мерасонад;

- баланд бардоштани сифати низоми таълим ва ҷорӣ намудани низоми дуҷонибаи омӯзиш ва ба шуғл фаро гирифтан, ки дар доираи он корхонаҳо ҷавононро ҳамчун «донишомӯз» қабул мекунанд ва онҳоро тавассути барномаҳое, ки эҳтиёҷоти соҳибкориро инъикос мекунанд, таълим медиҳанд [29-М].

17. Тадқиқот нишон дод, ки набудани ҳамкории муассир байни бозори хидматрасонии таълимӣ ва бозори меҳнат боиси номутаносибии тақозо ва арза дар бозори меҳнат мегардад. Ин нобаробарӣ, пеш аз ҳама, бо нарасидани кадрҳои баландихтисос аз як тараф ва бекории аҳолӣ аз тарафи дигар алоқаманд хоҳад буд. Барои ҳалли чунин мушкилот, бо дарназардошти ҳамкории зичи ҳамаи иштирокчиёни бозор, самаранокии ҳамкории бозори ташкилоту корхонаҳои кофармо ва муассисаҳои таълимӣ бардоштан лозим аст. Таъсиси раванди ҳамкорӣ бо низоми таҳсилоти касбӣ бо ниёзҳои бозори меҳнат ниҳоят муҳим аст. Сарфи назар аз барзиёдатии кадрҳои баландихтисос дар кишвар, масъалаи кадрҳо дар ояндаи наздик хеле мубрам мегардад. Дар робита ба ин, зарур аст, ки барои ташкили ҳамкории байни муассисаҳои олии таълимӣ ва корфармоён дар сатҳи хеле баланд чораҳои дахлдор андешида шаванд [8-М];

18. Дар асоси ҷамъбасти натиҷаи таҳқиқот модели таъмини ҳолати мувозинӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамоем. Модели пешниҳодшаванда се марҳилаи муҳимро дар бозори меҳнати кишвар вобаста ба ҳолати иқтисодиёт, вазъи демографии кишвар ва қувваи корӣ, номувозинатии тақозо ва арза дар бозори меҳнат, ҳолати номувозинатӣ ва наздикшавӣ ба ҳолати мувозинатии тақоза ва арза бозори меҳнат арзёбӣ менамояд [9-М].

19. Зарур мешуморем барои паст намудани дараҷаи шиддатнокии бозори меҳнат ва кам кардани фишори зиёдшавии қувваи корӣ ба он чунин чораҳо роҳандозӣ карда шавад:

- фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ барои рушди ташаббусҳои соҳибкорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои кории сердаромад дар тамоми самтҳои фаъолият нигаронида шудааст;

- ҳавасмандгардонии рушди бахшҳо ва кластерҳои дорои дараҷаи технологии баланд, на танҳо ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, балки то андозае ба афзоиши субъектҳои соҳибкорӣ, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ ва инчунин ба шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад;

- бо дарназардошти пешрафти технологияи иттилоотию иртиботӣ, зарур аст, ки механизми рушди бозори виртуалии меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар таҳия карда шавад, ки ҳузури фаъоли коргарро дар давраи муайян тақозо наменамояд. Ин бозор метавонад барои коҳиш додани монеаҳои маконӣ ва вақти кории анъанавӣ ба вуҷуд ояд ва барои талошҳои самараноктар ва мусоидат ба рушди коргарон дар замони нави иқтисодии рақамӣ кӯмак кунад;

- такмил додани механизмҳои фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ, зеро дараҷаи рушди бозори меҳнат аз бисёр ҷиҳат аз сифати зиндагӣ дар минтақаҳои кишвар, аз сатҳи татбиқи қонунгузории давлатӣ дар маҳаллҳо вобаста аст;

- ҳавасмандгардонии афзоиши шуғли аҳолӣ, татбиқи барномаҳои махсуси давлатӣ, ки ба бозомӯзии кормандон нигаронида шудаанд, инчунин барномаҳои баланд бардоштани ҳаракати нерӯи меҳнатӣ бо мақсади ҷалби онҳо ба бахшҳои ояндадори иқтисодиёт, метавонад ба рушди устувори бозори меҳнат мусоидат кунад [21-М].

20. Вобаста ба таҳқиқоти гузаронидашуда чунин самтҳои стратегии танзими бозори меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем:

- тақвияти таъминоти институтсионалии танзими рушди бозори меҳнат, бо дарназардошти кам кардани ҳаҷми фаъолиятҳои танзимнашаванда ва миқдорӣ ҷойҳои ғайрирасмии таъсисдодашуда;

- диверсификатсияи иқтисодиёти кишвар бо мақсади таъмини шуғли пурсамар, баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва даромади аҳолӣ, ташкили худмашғулиятӣ ва ба тартиб даровардани фаъолияти соҳибкории инфиродии бақайдгирифтанашуда дар минтақаҳо ва деҳоти икшвар;

- татбиқи механизмҳои ташкилии беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозорҳои хурди меҳнат, баланд бардоштани фаъолияти соҳибкории аҳолӣ;

- таъсиси низоми самараноки муҳити маъмурӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ. Ин раванд кӯмак мекунад, ки бо истифода аз технологияи

муосир ва иттилооти дуруст, шахсони корӣ ба имкониятҳои беҳтари корӣ ва рушди касбӣ даст ёбанд;

- такмили таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ ва баланд бардоштани миқёси шуғли аҳолӣ дар бозорҳои дохилӣ ба эҷоди механизми устувор ва самаранок барои муҳоҷирати меҳнатӣ кӯмак мекунад. Ин тадбирҳо, ки ҳуқуқҳои муҳоҷиронро ҳифз мекунанд ва барои рушди иқтисоди дохилӣ имкониятҳои бештар фароҳам меоранд, метавонанд ба коҳиш додани бекорӣ ва таҳкими иқтисоди кишвар мусоидат кунанд [6-М].

21. Зарурати объективии таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои фарогир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии танзими бозори меҳнат дар шароити муосири рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дар дурнамои стратегӣ, бо назардошти шиддати равандҳои муҳоҷират, тағйироти сохторӣ дар иқтисоди миллӣ ва рушди технологияҳои нав, ба таври ҷиддӣ ба миён омадааст. Барои ҳалли ин масъалаҳо, амалӣ намудани самтҳои асосии ислоҳоти мақсаднок муҳим дониста мешавад. Ба ин самтҳо, пеш аз ҳама, ташкили низоми муассири таъминоти институтсионалӣ, маъмурӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва иттилоотии танзими бозори меҳнат, ки қобилияти мутобиқшавии қувваи корӣ ва иқтисодиётро таъмин менамояд, дохил мешавад. Илова бар ин, тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии низоми мавҷуда, рушди салоҳиятҳои иттилоотию иртиботии мутахассисон барои мутобиқсозии онҳо ба талаботи бозори меҳнати рақобатпазир, таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ миёни давлат, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, такмили сиёсати музди меҳнат ва даромад, инчунин танзими ҳуқуқии равандҳои муҳоҷиратӣ зарур дониста мешавад. Ҳамзамон, барои беҳсозии нишондиҳандаҳои шуғл дар кишвар, дар ояндаи наздик қабули чораҳои иловагӣ дар самти такмили сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсати дастгирии шуғли расмӣ, таҳкими бахши воқеии иқтисодиёт ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии ташкили ҷойҳои корӣ аҳамияти хос

доранд. Танҳо дар асоси чунин равиши комплексӣ ва ҳамгироёна метавон ба ташаккули бозори меҳнати устувор ва рақобатпазир ноил гардид.

Дар ин замина давлат метавонад чунин чораҳои иловагиро роҳандозӣ намояд:

- механизми самарабахши татбиқи муқаррароти конунгузории меҳнат, махсусан дар соҳаи ба кор қабул шудан, аз кор озод шудан, ҳифзи иҷтимоӣ, таъсиси шароити мусоиди меҳнат ва ҳифзи меҳнати кирояро фароҳам оварад. Ин механизм бояд барои амалисозии қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои коргарон ва таъмини муҳити меҳнатии бехавф ва адолатнок, инчунин таъмини шароити муносиб барои рушди касбӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарон кӯмак кунад;

- бекории оммавиро, ки бо дигаргунсозиҳои сохторӣ алоқаманд аст, бо назардошти тағйир ёфтани арзиши аслии зиндагонӣ пешгирӣ намояд, сатҳи ҳадди ақали музди меҳнатро вобаста ба тағийироти ба вуҷудомада то сатҳи арзиши сабати истеъмолии ҳадди ақал баланд бардорад, ҳамчунин аҳолиро бо хизматрасониҳои зарурии пулакӣ ва ройгон таъмин намояд;

- омодасозии кадрҳои баланидхтисосро вобаста ба тақозо ва арза дар бозори меҳнат ҳамчунин, бо мақсади нисбатан самаранок истифода кардани захираҳои меҳнатӣ ба роҳ монад;

